8. «**Тоҷикистони озод».** Ин ташкилот аз тарафи мухолифони давлати Тоҷикистон берун аз кишвар ташкил ёфтааст. Яке аз асосгузорони он Яраш Қурбонов аст, ки ҳоло бо гуноҳи сохтани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ дар яке аз маҳбасҳои Узбекистон қарор дорад. Яраш Қурбонов шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва узбектабор аст. Ба гуфтаи худи ӯ ин ҳизб барои ҳифзи манфиати узбекони Тоҷикистон ташкил шудааст. Прокурори генералии Тоҷикистон дар асоси омӯзиши барномаи ин ҳизб онро террористӣ эълон кардааст.

Ин ташкилот бо қарори Суди Олии ҶТ 30 майи соли 2006 террористӣ эълон шудааст.

9. **«Гурӯҳи исломӣ» («Ҷамоати исломии Покистон»)**[34]. Кӯҳнатарин ҳизби Покистон аст, ки ҳанӯз 26 августи соли 1941 дар Лаҳор аз тарафи Сайид Абдул Али Мавдудӣ (1903-1977) ташкил ёфта буд. Сайид Абдул Али Мавдудӣ аслан рӯзноманигор буд. 25 сентябри соли 1903 дар Авранг-ободи музофоти Ҳайдарободи Ҳиндустон таваллуд шудааст. Аҷдодони ӯ аз насли орифи машҳур Хоҷақутбиддин Мавдудии Чиштӣ (маҳаллае дар наздикии Ҳирот) мебошанд. Ниёкони ӯ дар асри XV ба Ҳиндустон ҳиҷрат кардаанд.Дар ибтидои солҳои 20-уми асри гузашта фаъолиятҳои сиёсии Мавдудӣ шакли ҷиддитар гирифт. Ӯ аз иттиҳомоти ҳиндиҳо, ки мегуфтанд ислом ба зури шамшер густариш ёфтааст, нороҳат шуда, ба мутолиаи васеи масоили иҷтиҳод пардохт. 25 августи соли 1941 ӯ ҳизби «Ҷамоати исломии Покистон»-ро ташкил кард, ки аъзои он аз нухбагони динии Покистон иборат буданд. Нақши ҳизби ӯ дар ташкили давлати исломии Покистон ва махсусан қабули Қонуни асосии он давлат, ки муҳтавои исломӣ пайдо кард, бузург будааст. Мавдудӣ сиёсати худ ва ҳизбашро «Худо - мардумсолорӣ» (Тео-демократӣ) меномид, ки дар он ҳама уммати мусулмон қонуни Худоро дар чаҳорчубе, ки тавассути шариат фароҳам гаштааст тафсир мекунанд. Ҳизб таъсири бештар дар иёлатҳои Панҷоб, Синд ва Иёлати Шимолу Ғарби Покистон дорад. Сохтори он аз аъзои комилҳуқуқ (дастҳо»), ҳамфикрон («муттафиқин»), («ҳамдард») ва касоне, ки зери таъсири ҳизб қарор доранд («мутассир»), иборат аст. Нуфузи ҳизб дар артиши Покистон хеле зиёд аст. «Ҷомоати исломӣ» таблиғоти худро аз рӯи чаҳор асл ба роҳ мондааст: ислом- дини давлатӣ; Кашмир ҷузъи ҷудонашавандаи Покистон; урду- забони миллӣ;

[34] Ниг. *Искандаров Қ.* Афғонистон: толибон ва ташаккули марказҳои террористӣ. Душанбе, «Ирфон», 2003, - С. 89-102.

артиши пурқувват- кафили тамомияти арзӣ ва тараққиёти Покистон. Ҳоло раҳбари ҳизб Қозӣ Ҳусайн Аҳмад мебошад.

10. **«Созмони таблиғот».** Дар бораи ин созмон маълумоти дақиқ дар даст нест. Эҳтимол меравад, ки монанди Ҷамоати таблиғ ба таблиғи ислом машғул аст.
11. **«Ҳизб-ут-Таҳрир»[35].** Номи пуррааш «Ҳизб-ут-Таҳрир-ал Исломӣ» («Ҳизби озодии исломӣ») мебошад ва таърихи ташкили он ба ҷудоӣ дар сафҳои ҳизби «Бародарони мусулмон» алоқаманд аст. Дар натиҷаи шиддат гирифтани ихтилофот дар дохили ин ҳизб дар охири солҳои 40- ибтидои солҳои 50-уми асри XX он ба якчанд ҳизбу созмонҳо ҷудо гардид. Аз ҷумла, қозии Маҳкамаи шаръии Байтулмуқаддас Тақиюддини Набҳонӣ (1909-1977) соли 1952 аз сафи ихвониён баромада, «Ҳизб-ут-Таҳрир»-ро ташкил намуд.

Мақсади «Ҳизб-ут-Таҳрир» ташкили Хилофати исломӣ ва ҷорӣ намудани қонунҳои исломӣ дар тамоми дунё мебошад, то Халифаи исломӣ «низомҳои куфрро нобуд карда, ба ҷои онҳо аҳкоми исломро татбиқ ва иҷро намояд».

«Ҳизб-ут-Таҳрир» тамоми оламро ба ду қисм-дурулислом ва дорулкуфр(ё дорулҳарб) тақсим мекунад, яъне ҷойҳое, ки дар онҳо ислом ҳукмрон аст ва ҷойҳое, ки дар он кофирон ҳукмронанд. Ба ақидаи таҳририён давлатҳое, ки дорулкуфр ҳастанд бояд ба дорулислом табдил дода шаванд. Аммо, аҷибаш ин аст, ки онҳо ҳатто тамоми низомҳои мавҷудаи исломии кишварҳои арабиро низ дорулкуфр медонанд.

Таҳририён даъвои қонунӣ намудани фаъолияти худро надорад, зеро аслан давлатҳоро эътироф намекунад, махсусан давлатҳои демократиро. Демократия дар ақидаи «Ҳизб-ут-Таҳрир» низоми куфр аст, зеро ҳокимиятро аз халқ медонад. Дар ҳоле, ки ҳокимият танҳо ҳокимияти Худованд аст.

Пайдоиши «Ҳизб-ут-Таҳрир»-ро дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Ӯзбекистон бо номи як нафар шаҳрванди урдунӣ бо номи Салоҳуддин, ки соли 1995 ба Тошканд омад, пайванд мекунанд. Ин шахс бо ёрии ду нафар узбек – Х.М. Носиров ва Н.А. Сайдаминов аввалин ҳастаи махфии ин ҳизбро дар Тошканд ташкил карда, баъдтар дар Андиҷон, Самарқанд ва дигар шаҳрҳои Ӯзбекистон ҳастаҳои ҳизб созмон дода шудаанд. Назари дигаре ҳам мавҷуд аст, ки гӯё бори аввал таълимоти ин ҳизбро Усома ном донишҷӯи урдунӣ, ки дар яке аз донишгоҳҳои Тошканд таҳсил мекард ба Ӯзбекистон овардааст.

Аввалин китобча ва варақаҳои махфии «Ҳизб-ут-Таҳрир» дар солҳои 1995-1996 паҳн гардиданд, вале ҳукуматдорон ба ин варақаҳо чандон таваҷҷӯҳе накарданд. Таъқиботи таҳририён вақте оғоз шуд, ки ташкилотҳои ин ҳизб аввал Ӯзбекистон, баъд Қирғизистону Тоҷикистонро фаро гирифтанд. То замони оғози таъқиботи густурдаи аъзои ин ҳизб (1999) дар Ӯзбекистон дар ҳудуди 10 ҳазор нафарро ташкил мекарданд.

«Ҳизб-ут-Таҳрир» дар таблиғоти худ бештар ба эътирози иҷтимоӣ таваҷҷӯҳ мекунад, яъне ин ё он амали худро на бо муқарраротӣ динӣ, балки омилҳои иҷтимоӣ, сиёсати ғайриодилонаи ҳокимияти мавҷуда асоснок менамоянд.

Ҳастаҳои махфии «Ҳизб-ут-Таҳрир» охирҳои солҳои 90 асри XX аввал дар вилояти Суғд пайдо шуданд, баъдтар дар ноҳияҳои атрофи Душанбе ва Кулоб низ пайравони ин ҳизб ба фаъолият пардохтанд.

Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон садҳо нафарро барои узвият ва фаъолият дар ин ҳизб ба маҳкама кашидаанд.

Баъд аз вафоти Тақиуддини Набҳонӣ (1977) раиси ҳизб Абдулқадими Залум таъин гардид. Аз соли 2003 баъд аз вафоти ӯ Шайх Ато Абурушта роҳбарии ҳизбро ба ӯҳда дорад.

[35] Ниг. *Ғоибов Ғ.* Ҳизби тахрир чӣ мехоҳад. Душанбе, 2004, - С.34-42.

12. **«Салафия»[36]. Ҷараёни «Салафия» (аслгароӣ**) унвони умумии афрод ва ё фирқаҳои мусулмонон таҷаддудхоҳ, махсусан дар Миср ва Ҳиндустон аст, ки ба пайравӣ аз «Салафи солиҳ» (пешиниёни некӯкор), ба қавли худашон, мусулмононро аз он чи хурофот ва бидъати мутаахир мехонанд барҳазар мекунанд. Аҳли салаф бинобар иҷмои уламои ислом насли се қарни аввали таърихи ислом аст. Пайдоиши «Салафия» таърихи қадим дорад ва дар ибтидои асри X ба вуҷуд омадаст, ки пайравони Ибни Ҳанбалро муттаҳид мекард. Дар охири асри XIII – ибтидои асри XIV дар асоси осори олими суриягӣ Ибни Таймия аз нав эҳё гардид. Замони зиндагии Ибни Таймия замони рушди идеяҳо ва ҳар гуна гурӯҳҳои суфия шинохта мешавад, ки бо парастиши ҷойҳои муқаддас алоқаманд буданд. Ибни Таймия ду шарт барои яккахудоӣ ва парастиш ҷудо мекунад:

1) эътирофи офаридагории Аллоҳ инсонро аз бисёрхудоӣ наҷот намедиҳад, агар ӯ дар парастиш касеро ва ё чизеро бо Ӯ ҳамроҳ кунад. Зеро мушрикини Макка Офаридагорро дар забон эътироф мекарданд, вале ҳамзамон қисме аз ситоиши худро ба бутҳо мебахшиданд.

2) парастиши Аллоҳ бояд танҳо ба тавре амалӣ гардад, ки дар шариат аз забони Паёмбар бо назардошти итоат ва шукргӯӣ нишон дода шудааст.

Марҳилаи нави рушди салафия бо номи Мухаммад ибни Абдулваҳоб (1703-1781) дар асри XVIII алоқаманд аст. Аз ин давра ба ин ҷараён истилоҳи «ваҳобия» илова гардид. Гарчанде байни ин ду ҷараён фарқиятҳои зиёде мавҷуд аст. Салафия дар мубориза бо суфия ва мӯътақидон ба зиёрати мақабараҳо, ки онҳоро «қубуриюн» меноманд шабоҳате бо ваҳобиён доранд. Вале дар бисёр масоили дигар бо онҳо мухолифанд. Ишораи доимӣ ба авоили ислом яке аз хусусияти асосии наҳзати салафия аст ва аз ҳамин ҷост, ки муҳаққиқин салафиёнро мутаҳам ба «иътиёд ба гузашта» кардаанд.

Истилоҳи «салафия» аслан нав пайдо шудааст. То ҳол салафиҳоро бо номҳои «Аҳли ҳадис», «Аҳли асар», «Ҳанбалӣ», ки дар ҳалли масоили динӣ дар фарқият аз аҳли раъй танҳо ба ҳадисҳо такя мекарданд, меномиданд.

Ҳоло ҷамъияти салафиҳоро ба чанд гурӯҳ тақсим мекунанд:

1. сururитҳо-ихвониён.
2. салафиҳои албанӣ, ки пешвояшон шайх Носириддин ал- Албанӣ мебошад. Баъзе муҳаққиқон ба ин назаранд, ки Албанӣ пайравони худро аз пойбандӣ ба ин ё он мазҳаб манъ мекунад. Албанӣ аслан моҳияти мазҳабҳоро инкор намекунад, балки ба муқобили пайравии куркурона аз онҳо мебарояд, махсусан ба муқобили чизҳое, ки баъд ба мазҳабҳо дохил шуда, ба Суннати Паёмбар ихтилоф доранд;
3. салафиҳо-ҷамъиятиҳо(ҷомиюн) ё мадхалиҳо. Пешвояшон шайх Рабеъ ибни Ҳодии ал- Мадхалӣ мебошад .

Салафиҳоро дар маҷмӯъ ба се ҷараён тақсимбандӣ мекунанд:

1) такфириҳо,

2) ҷиҳодиҳо – ҷиноҳи радикалӣ, ки созмони террористии «Ал-Қоида» ба он шомил мешавад ва

3) салафиҳои бунёдгаро.

Дар Тоҷикистон салафиҳо аз ибтидои солҳои 2000 пайдо шуданд. Дар ибтидо ҳукуматдорон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ кадом хатареро барои амнияти кишвар аз ҷониби онҳо эҳсос намекарданд, вале баъдҳо ихтилофот байни онҳо ва руҳониёни анъанавӣ, пайравони мазҳаби Имоми Аъзам зиёд шуд. Баланд гуфтани омин, баланд бардоштани дастҳо дар ҳар такбири намоз, гузоштани дастҳо дар болои сина дар вақти намоз, аз ҳадд зиёд кушод доштани пойҳо дар намоз, нахондани Қуръон дар сари қабр барои арвоҳи гузаштагон, мухолифат бо барпо кардани мавлуди Паёмбари

---

[36] Ниг.: *Назиров Д.* Проблемы терроризма и религиозного экстремизма в условиях глобализации. Ч.2.- Душанбе: Ирфон, 2009, - С.70-72.

ислом ва хайру садақаҳои маъмулии мусулмонони кишвар ба тадриҷ норизоиятӣ ва эътирози кушоду равшани пайравони мазҳаби ҳанафиро афзоиш дод. Ин вазъият метавонист боиси сар задани низоъ байни мусулмонони Тоҷикистон гардад. Бинобар ин, Покуратураи генералӣ ба Суди олӣ барои манъ кардани фаъолияти салафиҳо муроҷиат намуд.

Роҳбари салафиҳои Тоҷикистон Муҳаммадӣ Раҳматулло мебошад.

**Роҳҳои пешгирии ифротгароӣ ва терроризм.**

Яке аз унсури муҳим ва масъулиятноки пешгирии ифротгароӣ ва терроризм муайян кардани сабабҳо ва шароитест, ки ин падидаҳоро ба вуҷуд меоварад. Ба ғайр аз таҳияи сиёсати давлатии муқобила бо терроризм, ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ, ҳамоҳанг сохтани фаъолияти мақомоти қудратӣ ва сохторҳои гражданӣ, мутаммарказ гардонидани роҳбарии фаъолиятҳои вобаста ба пешгирӣ ва муқобила бо терроризму ифротгароӣ ва ҳамчунон таъмини ҳамаҷонибаи чорабиниҳои низомӣ, махсус ва идеологӣ аҳамияти махсус доранд.

Масъулияти асосӣ дар кори мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ ба души давлат аст ва маҳз давлат бояд ташаббускори рӯи даст гирифтани ҳар гуна чораҳои зарурӣ барои ҳифзи ҷомеа бошад.

Чорабиниҳо оид ба мубориза бо ифротгароӣ ва терроризм бояд ба характер ва вусъати таҳдидҳо мутобиқат намоянд.

Дар ин ҷо ҳам бояд ба ифроту тафрит роҳ дода нашавад.

1. **Чораҳои ниҳодию ҳуқуқӣ** доир ба такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ташхиси ифротгароии диниро аз рӯи 3 самти асосӣ муайян намоянд: таҳдид ба асосҳои конститутсионии давлат(принсипи тамомияти арзӣ), таҳдид ба манфиатҳои миллии кишвар, таҳдид ба ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон.

Ҳукумати Тоҷикистон дар ин замина корҳои мушаххасеро ба анҷом мерасонад. Чуноне дар боло ишора рафт 30 марти соли 2006 дар натиҷаи ташхиси падидаҳои ифротгароӣ ва терроризм Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Прокурори генералӣ 10 созмонро террористӣ эътироф намуда, фаъолияти онҳо дар Тоҷикистон манъ кард.

11 марти соли 2008 Суди Олӣ» - «Ҳизбу-т-таҳрир»-ро ва январи соли 2009 «Салафия»-ро созмони террористӣ эътироф намуд.

Таҳия ва қабули қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба мубориза ва пешгирии терроризм ва ифротгароӣ идома дорад.

2. **Чораҳои сиёсию ташкилӣ**. Мӯҳтавои онҳо бояд ба дастгирии сохторҳои анъанавии исломӣ равона шуда бошад. Кӯшиш бояд намуд, ки онҳо таҳким ёбанд. Ба ташкили конфронсу маҷлисҳо дар бораи мубориза бо ифротгарорӣ ва хатари он бо ҷалби қишрҳои васеи аҳолӣ гузаронида шавад.

Дар ин замина ҳам Ҳукумати Тоҷикистон чорабиниҳои зиёд рӯи даст гирифтааст. Яке аз ин чорабиниҳо ҷашнгирии 1310 солагии Имоми Аъзам ва соли 2009-ро эълон намудани Соли бузургдошти ин фақеҳи бузург ва пешвои мазҳаби ҳанафӣ мебошад.

Аз ин тариқ рӯҳониёни анъанавӣ, пайравони мазҳаби Имоми Аъзам пуштибонӣ мешаванд. Гузаронидани конференсия ва семинару машваратҳои гуногун дар бораи Имоми Аъзам, чопи мақолаю китобҳо бешубҳа, як навъ дастгирии сохторҳои анъанавии исломӣ мебошад.

3. **Маҷмӯи чораҳои иҷтимоию иқтисодӣ**, ки моҳияти онҳо аз байн бурдани асосҳои иқтисодии ифротгароён, ҳам сарчашмаҳои дохилӣ ва хориҷӣ иборат аст.
4. **Чораҳои маъмурию зӯроварӣ.** Чораҳои маъмурию зуроварӣ бояд **ба** он равона гардад, ки:

- сарчашмаҳои молиявии созмонҳои ифротгаро ва террористӣ ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи кишвар муайян ва нест карда шаванд;

-террористон аз сарчашмаҳои ҷалби маблағ, яроқу аслиҳа, воситаҳои моддӣ ва ғайра маҳрум карда шаванд;

- марказҳои таъминоти идеологӣ ва дастгирии террористон, марказҳои тарбияи онҳо мушаххас ва аз байн бурда шаванд;

- маҳдуд намудани имконияти истифодаи террористон ва ифротгароён аз ВАО.

Маълум аст, ки васоити ахбор яке аз воситаҳои дастраси таъсиргузорӣ мебошанд, ки террористонро ҳамроҳӣ мекунанд. Онҳо бисёр манфиатдоранд, ки аз ВАО истифода намоянд, то ки аз як тараф имиджи худро ҳамчун «муборизон барои озодӣ» ташаккул диҳанд ва идеяҳои худро паҳн намоянд ва аз тарафи дигар аҳамият ва ҳайсияти худро нишон дода аҳолиро ба тарсу ваҳшат биёранд.

5. **Чораҳои пешгирӣ.** Корҳои таблиғотӣ, тарбиявӣ, чопи китобҳо, тарбияи динӣ ва ғайра.

Ҷойи муҳимро дар пешгирии ифротгароӣ ва терроризм пешгирии паҳншавии идеологияи ифротгароӣ дар байни табақаҳои гуногуни аҳолӣ, махсусан ҷавонон ва навҷавонон мебошад, ки ба таблиғоти ифротгароён тезтар дода мешаванд. Имрӯз давлат ва ҷомеа ба ин масъала диққати ҷиддӣ намедиҳанд, ки аз ин камтаваҷҷӯҳи нерӯҳои дигар истифода мекунанд. Лозим аст, ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот якҷо бо созмонҳои ҷамъиятӣ кумитаҳои маҳаллӣ, аҳли ҷомеа барои пешгирии ҷалби ҷавонон ба созмонҳои ифротӣ корҳои амалиро анҷом диҳанд.

Ҳамин тариқ, ифротгароӣ, террор ва терроризм бо номҳои гуногун ва шаклҳои гуногуни зуҳур намуда инсониятро аз давраҳои қадим таъқиб мекарданд. Авҷгирӣ ин падидаҳо дар шароити муосир, ин натиҷаи рушди тамаддуни худи инсоният аст, ки аз тариқи шӯришу қиёмҳо, ҷангҳои хунин, инквизитсия, инқилобҳо ва шоҳу раҳбаркушиҳо гузаштааст.

Моҳияти терроризм иборат аст аз ба таври фаъол истифода намудани шеваҳои тарсу ваҳшат ба хотири маҷбур намудани қабули шартҳои террористон аст.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ мамолики мусулмон арзишҳои миллӣ ва динии худро, анъаноти худро зери хатар мебинанд. Ғарб ба ин халқҳо на танҳо арзишҳояшро таҳмил мекунад, балки аз роҳи низомӣ фишор моварад. Аз ин рӯ, сабабгори авҷи ифротгароӣ аз бисёр ҷиҳат равандҳои афзояндаи ҷаҳонишавӣ мебошанд.

Шеваҳои ифротгароӣ дар тамоми динҳо истифода мешаванд, гарчанде мо мӯътақидем, ки ифротгароӣ ва терроризми динӣ буда наметавонад, балки терроризм ва ифротгароие мавҷуд буда метавонад, ки шиорҳои диниро ниқоб менамояд. Барои ҳамин ҳам вақте дар ин ҷо сухан дар бораи ифротгароии(экстремизми) динӣ ва терроризм сухан меравад муаллиф танҳо экстремизм ва терроризмеро дар назар дорад, ки зери пӯшиши ғояҳои динӣ баромад мекунанд.

Имрӯз мусаллам аст, ки танҳо бо роҳи зурӣ решакан намудани терроризм номумкин аст. Бояд бо омилҳои барангезандаи терроризм мубориза кард.

Таҷрибаи Тоҷикистон нишон медиҳад, ки аз тариқи музокирот ва муколимаи байни давлат ва созмонҳои динӣ ва аҳзоби сиёсии исломӣ метавон масоили мушкили сиёсӣ ва иҷтимоиро ҳал карда, ба низоъҳо хотима бахшид. Имрӯз Тоҷикистон дар қаламрави собиқ Иттиҳоди шӯравӣ ягона давлатест, ки ҳизби хислати динӣ дошта («Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон»)-ро расман ба қайд гирифтааст ва бо он ҳамкорӣ мекунад.

## Правовые основы борьбы с экстремизмом и терроризмом: мировой опыт

Данная статья является четвертой, заключительной частью статей, посвященных экстремизму и терроризму, как направлениям преступной деятельности. В статье речь идет об опыте мирового сообщества в борьбе с проявлениями экстремизма и терроризма, законодательной основе Республики Таджикистан и других государств в этом направле-

нии. Авторами представлен список некоторых экстремистских и террористических организаций, деятельность которых на территории суверенного Таджикистана запрещена.


### Legal framework for combating extremism and terrorism: A Global Perspective

This article is the fourth and final part of the articles devoted to extremism and terrorism as the areas of criminal activity. The article tells about the experience of the world community in the fight against extremism and terrorism, the legal basis of the Republic of Tajikistan and other countries in this regard. The authors present a list of some extremist and terrorist organizations, whose activities in the territory of sovereign state of Tajikistan banned.


## Информационная сущность взаимодействия правоохранительных органов в сфере противодействия терроризму в Таджикистане


**Шарипов Ф.Р.***
**Одинаев А.Ш.****


В современном обществе роль информационного взаимодействия всех ветвей власти в целях повышения эффективности их деятельности при решении общих задач имеет важное значение. В сфере правоохранительной деятельности информационное обеспечение взаимодействия государственных органов в Республике Таджикистан является одним из средств в борьбе с антиобщественными проявлениями в современной социально-политической и экономической обстановке.

Можно сказать, что за последние несколько лет Таджикистан достиг заметных успехов в политической, экономической, социальной и культурной жизни. Эти достижения являются той базой, на основе которой возможно укрепление государственности, продолжение экономических реформ и обеспечение неуклонного развития всех отраслей жизни таджикского общества. Вместе с тем, на пути развития Таджикистана имеется немало препятствий, свойственных любой стране, переживающей переходный период. Как отметил наш Президент уважаемый Эмомали Рахмон: «Мы, таджики, на своем горьком опыте знаем, к каким страшным последствиям может привести война. Для того, чтобы больше ни один член нашего общества не испытывал беспокойства, мы должны избавиться от террористических и авантюрных сил и защитить страну от их пагубного влияния»[37].

Специфика современной таджикской действительности заключается в том, что в условиях построения качественно новой модели государства усиливаются тенденции террористического плана в области информационного взаимодействия.

За последние два года на фоне общего количества зарегистрированных преступлений практически на треть возросло число преступлений террористического и экс-


[*] *Шарипов Ф.Р.* - начальник кафедры Оперативно-розыскной деятельности ОВД Академии МВД Таджикистана, кандидат юридических наук, подполковник милиции

[**] *Одинаев А.Ш.* - начальник кафедры Государственно-правовых дисциплин Академии МВД Таджикистана кандидат юридических наук, подполковник милиции


[37] Борьба с преступностью – общенародное дело (сборник выступлений и статей Президента Республики Таджикистан Э. Рахмона): Учеб. пособие. Академия МВД РТ 2003. С. 70-71.

тремистского характера. Терроризм в условиях современности угрожает не только национальной безопасности Республики Таджикистан, но и безопасности сильнейших мировых держав, таких как США, Китай, Россия и др[38]. Ограниченные возможности Таджикистана по разрешению социальных проблем, слабая разработанность государственных концептуальных основ борьбы с организованной преступностью, националистическим и региональным сепаратизмом, неадекватность национальной и региональной политики обуславливают существование причин возникновения и расширения масштабов террористических проявлений.

Деятельность террористических организаций и группировок в настоящее время продолжает оставаться серьезным фактором дестабилизации социально - политической ситуации. Это крайне негативно сказывается как на замедлении процессов эволюции таджикского общества, так и на состоянии правопорядка.

Впрочем, эти проблемы стали широко обсуждаемыми среди многих специалистов, не только в Республике Таджикистан, но и за её пределами. С момента образования Содружества Независимых Государств (СНГ) на территории бывшего СССР в числе приоритетных вопросов государств все большую значимость приобретает решение вопросов правоохранительной деятельности, связанных с проявляющимися вспышками терроризма[39]. По данным МВД России, на современном этапе в Российской Федерации насчитывается порядка шести тысяч религиозных объединений, деятельность значительной части которых носит террористический, экстремистский, деструктивный характер[40]. В большей степени они имеют националистическую и религиозную окраску, хотя специалисты полагают, что, скорее всего, это те же причины, временно скрытые от внешних взломов налетом еще не остывшей эйфории от «свалившейся на голову» независимости[41].

В ежегодном Послании Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан отмечается, что для дальнейшего укрепления законности и правопорядка, обеспечения стабильности и спокойствия в обществе мы должны вести решительную борьбу с современными опасными преступлениями -

---

[38] *Сафаров Х.С.* О проблемах координационной деятельности правоохранительных органов Республики Таджикистан в борьбе с терроризмом //Труды Академии. 2010, №2. (14) , - С.37.

[39] Терроризм рассматривается как насилие или угроза его применения в отношении физических лиц, принуждение или угроза его применения в отношении юридических лиц, а также, уничтожение (повреждение) или угроза уничтожения (повреждения) имущества или иных материальных объектов физических или юридических лиц, создающие опасность гибели людей, причинение значительного имущественного ущерба либо наступление иных общественно-опасных последствий, осуществляемые в целях нарушения общественной безопасности, устрашения населения или оказания воздействия на принятие органами власти решений, выгодных террористам, или удовлетворение их неправомерных имущественных и (или) иных интересов; а также посягательство на жизнь государственного или общественного деятеля с целью ослабления основ конституционного строя и безопасности государства, а равно с целью прекращения государственной деятельности либо другой политической деятельности или совершено как месть за эту деятельность; а также покушение на жизнь, причинение телесного повреждения государственному или общественному деятелю или представителю власти, совершенное в связи с их государственной или общественной деятельностью, с целью дестабилизации обстановки или воздействия на принятие решений государственными органами либо воспрепятствования политической или общественной деятельности; а также нападение на представителя иностранного государства или сотрудника международной организации, пользующегося международной защитой, или проживающих с ним членов семьи, а равно на служебные или жилые помещения либо транспортные средства лиц, пользующихся международной защитой, если эти действия совершены в целях провокации войны или осложнения международных отношений (См. Закон Республики Таджикистан «О борьбе с терроризмом» // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан 1999 год, №11, ст. 275; 2005 год, № 3, ст.116; 2007год, №5, ст. 355; 2008 год, №10, ст.802).

[40] См.: *Поздняков В.М., Бокараев С.Н.* О повышении межкультурной компетентности руководителей органов внутренних дел // Экстремальные ситуации, конфликты, согласие/ Материалы четвертой научно-практической конференции 27 ноября 2002г. М.: Академия управления МВД России, - 2002, - С. 76.

[41] *Пластун В. Н.* Эволюция идеологии и тактики экстремистских движений в странах востока. Новосибирск: «Сибирский хронограф», 2002, - С. 46.

терроризмом, экстремизмом, контрабандой наркотиков, торговлей людьми и другими проявлениями транснациональной преступности[42].

Глубокие, кардинальные преобразования социально-экономических основ общественной и государственной жизни современного общества в Республики Таджикистан, столкнулись с огромными трудностями. Этапы пройденного пути для республики были не совсем гладкими и спокойными. Возникали различные осложнения, связанные с местничеством, национализмом, борьбой за власть, религиозным терроризмом и борьбой за сферу влияния. Как показывает опыт противодействия террористическим организациям, наиболее опасным для таджикского общества и целостности его государства является терроризм, основанный на религиозной идеологии, признающий допустимость, возможность и желательность достижения поставленных целей путем крайних силовых методов, а нередко преступлений, представляющих опасность для многих людей и посягающих на права, свободы человека и гражданина, а также на национальные, религиозные и другие социальные общности людей. Ученые-правоведы отмечают, что основным принципом религиозного терроризма является спекуляция на религии определенными политическими силами ради достижения политической, экономической, социальной, материальной выгоды. По мнению Л.Млечина, терроризм классифицируется в зависимости от преступной мотивации на политический, национальный, религиозный. ***Религиозный терроризм*** – это самый опасный вид терроризма, основанный на религиозном фанатизме, так как основная часть населения, как Таджикистана, так и всей Средней Азии является глубоко верующей, и ислам в их жизни занимает ведущее место-это образ жизни. Не смотря на это, многие мусульмане данного региона обладают весьма скудными религиозными познаниями, что приводит к неправильному представлению об исламе. Именно на эти скудные религиозные познания рассчитывают лидеры террористических и экстремистских организации при реализации своих корыстных преступных целей.

Так, согласно статистическим данным, представленным УБОП МВД РТ, на территории Республики в период с 2000 по 2010 годы было зарегистрировано 57 преступлений террористического характера, из них было раскрыто только 31 преступление. Исходя из этого, подобные действия ведут к подрыву общественной безопасности, а нередко и к государственной целостности. Они направлены, прежде всего, на срыв проводимых социально-экономических реформ, расшатывание конституционных устоев государства. Террористические силы пытаются дестабилизировать общественно - политическую обстановку, посеять национальную и религиозную вражду, постоянно оказывая давление на те или иные государственные структуры, запугивая людей, прибегая к другим насильственным действиям для достижения криминальных замыслов и целей, а также политических амбиций и экономических выгод[43]. Рост насильственной преступности в условиях межнациональных противоречий, как верно отметил Ю.М. Антонян, представляет собой весьма пеструю картину, обусловленную содержанием, причинами и особенностями противоборствующих сторон, однако во всех случаях проявляются одни и те же качества: насилие или угроза его применения, принуждение или угроза его применения в отношении юридических лиц, создающие опасность гибели людей, причинение значительного имущественного ущерба либо наступление иных общественно-опасных последствий, почти полное непонимание сторонами подлинной природы возникшей вражды и неумение самостоятельно выйти из нее[44]. Проанализируем ситуацию в Таджикистане.

Распад союзного государства, гражданская война в Республике Таджикистан и ее последствия, растущая безработица привели к резкому миграционному оттоку части населения страны. За его пределы выезжали русские, узбеки, украинцы, казахи,

---

[42] Послание Президента Э. Рахмона Маджлиси Оли (Парламенту) Республики Таджикистан. Душанбе, 2011.

[43] См.: *Сафиуллин Н.Х., Кофман Б.И., Миронов С.Н.* Из опыта противодействия исламистским религиозно-экстремистским организациям в современной России // информационный бюллетень по внедрению и распространению передового отечественного и зарубежного опыта. Вып.4. Казань: МВД РТ, 2005, - С.33.

[44] *Антонян Ю.М.* Насилие. Человек. Общество. М.: ВНИИ МВД России, 2001, - С. 74.

белорусы, армяне, азербайджанцы, грузины, корейцы, немцы, татары и другие. Государству оказалось сложным сочетать решение национального вопроса и экономического восстановления. По данным Р.Г.Ланды, если за пределами Казахстана проживает 19,7% всех казахов, а за пределами Узбекистана - 15,3% всех узбеков, то таджиков за пределами своей страны еще больше - 24,7%. И это - без учета афганских таджиков, которых намного больше, чем во всем СНГ. Поэтому регионализм, клановость и традиции практически везде играют роль не менее значительную, чем ислам и даже национализм, что также становится источником проявления терроризма в стране[45]. Таджикистан - государство, где огромную роль играет исламский фактор. Этот фактор могут использовать террористические организациии для достижение своих целей. В этих условиях органам внутренних дел приходится отслеживать национально-религиозные проявления в регионах, активно их предупреждать и оперативно ликвидировать.

Органы внутренних дел страны, располагая наибольшими среди иных правоохранительных структур возможностями по противодействию террористическим проявлениям, предпринимают значительные усилия, направленные на оздоровление криминогенной ситуации. Основными условиями указанных мероприятий являются создание и обеспечение эффективной системы противодействия терроризму, разработка и принятие мер, позволяющих поддерживать высокую готовность к выявлению, предупреждению и пресечению фактов терроризма, а также ликвидации их последствий, своевременному раскрытию и расследованию подобных преступлений.

Одним из приоритетов становится обеспечение руководителей качественной информацией в сфере противодействия терроризму. Не секрет, что в настоящее время, несмотря на принимаемые меры, этому участку работы уделяется недостаточное внимание[46]. Руководством МВД Республики Таджикистан отмечается, что не всегда обеспечиваются своевременный сбор анализа информации о процессах и явлениях, влияющих на организацию как общей антитеррористической профилактики, связанной с динамикой конфликтности в обществе, так и специальной, рассчитанной на контроль за террористической средой, предупреждение террористических действий в конкретных ситуациях, противодействие процессом подготовки и совершения противозаконных деяний. Также нормативно-правовыми актами точно не определено, какую информацию и в какие органы следует направлять[47]. Все ведомственные нормативные акты лишь указывают на необходимость интеграции усилий в борьбе с антиобщественными проявлениями на территории республики[48]. Тем не менее, до настоящего времени не разработан организационный механизм информационного обеспечения совместной деятельности, который должен стать основой выработки управленческих решений, не создана сама система информационного обеспечения сотрудничества, адекватная предъявляемым требованиям, в лучшем случае имеются отдельные, разрозненные элементы этой системы. Слабое обеспечение полной, достоверной и своевременной информацией взаимодействующих сторон затрудняет принятие

---

[45] *Пластун В.Н.* Указ раб. - С 550-551.

[46] Рассматривая понятие информации, используемой в системе органов внутренних дел, следует учитывать ее специфику, в частности, неполноту и недостоверность некоторых поступающих данных. А также особенности поиска и сбора информации, что связано как с сознательным сокрытием факта противоправного поведения и появлением латентных правонарушений, так и с дезинформацией, касающейся характера совершенного деяния. Учет указанных моментов важен не только при организации борьбы с террористическими проявлениями, но и в управленческой деятельности органов внутренних дел.

[47] См.: Конституционный закон Республики Таджикистан «О местных органах государственной власти» // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан 2004 год, №5, ст. 339; 2006 год, №11, ст 472; Закон Республики Таджикистан «Об информации» // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан 2002 год, №4, ч- 2, ст. 320; Указ Президента Республики Таджикистан от 11 апреля 2001 г. № 548 «Об утверждении Положения «О координации деятельности правоохранительных органов по борьбе с преступностью».

[48] См.: Положение о Министерстве внутренних дел Республики Таджикистан, Утверждено Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 28 декабря 2006 г. № 592.

обоснованных решений в сфере правоохранительной деятельности[49]. Можно привести простой пример, когда затруднено получение информации о финансовых операциях (движениях денежных средств по счетам) подозреваемых в финансировании террористических организаций физических и юридических лиц. Эти сведения могут представить банки и иные финансово-кредитные учреждения. Однако получение справок о движении денежных средств на счетах коммерческих структур и граждан по запросам органов внутренних дел возможно лишь при выявлении, предупреждении ими налоговых преступлений. Но поскольку во многих органах внутренних дел отсутствуют специализированные подразделения по борьбе с налоговыми преступлениями, то, следовательно, нет и доступа к данным, содержащим банковскую тайну.

Накопленный опыт позволяет сформулировать основные требования готовности сил и средств органов внутренних дел по предотвращению и пресечению террористических проявлений, основанных на религиозной и межнациональной розни. При этом следует отметить, что в каждом конкретном случае следует учитывать комплекс факторов, оказывающих влияние на формирование криминальной ситуации – особенности оперативной обстановки, связанной с недостатками религиозного воспитания молодого поколения страны, наличие и степень террористической угрозы, реальные возможности обеспечения общественной безопасности.

Из этой совокупности видно, что управление силами и средствами органов внутренних дел при участии в предотвращении террористических проявлений, основанных на религиозной и межнациональной розни, предполагает соблюдение следующих требований: осуществление системного комплексного подхода; взаимодействие с общественными и религиозными объединениями в участии по широкомасштабной ликвидации религиозной безграмотности, обеспечение этой линии работы квалифицированными кадрами; использование имеющегося положительного опыта; улучшение информационной, нормативной и материальной базы.

Изучение литературы и опыта работы органов внутренних дел[50] дает основания утверждать, что основными направлениями деятельности в сфере противодействия терроризму являются:

- разработка ведомственной концепции борьбы с религиозным и этническим терроризмом. Данная концепция должна быть составной частью единой стратегии борьбы с терроризмом, экстремизмом, незаконным оборотом наркотиков[51];

- поиск путей оптимизации участия в противодействии терроризму посредством международного полицейского сотрудничества[52];

- построение эффективного механизма организационно-практического информационного взаимодействия между правоохранительными органами и силовыми структурами, а также налаживание взаимодействия и активного обмена информаци-

---

[49] См.: Методика информационной безопасности. М.: Издательство «Экзамен», 2004, - С. 25.

[50] См.: *Петрищев В.Е.* Заметки о терроризме. М.: Эдиториал УРСС, 2001; *Шарипов Х.Х.* Действия личного состава МВД РТ при проведении специальной операции (Операция «Молния»). Тактика специальной подготовки: Учебно-практическое пособие. Душанбе: Академия МВД РТ, 2003; *Сафиуллин Н.Х., Кофман Б.И., Миронов С.Н.* Из опыта противодействия исламистским религиозно-экстремистским организациям в современной России // Информационный бюллетень по внедрению и распространению передового отечественного и зарубежного опыта. Вып.4. Казань: МВД РТ, 2005; *Устинов В.* Создать общегосударственную систему предупреждения и пресечения экстремизма // Российская юстиция. № 1. 2003; *Поминов С.Н.* Принципы организации деятельности ОВД в сфере противодействия религиозному экстремизму // Закон и право. 2007. №5.

[51] См.: Борьба с преступностью – общенародное дело (сборник выступлений и статей Президента Республики Таджикистан Э.Ш. Рахмонова): Учебное пособие. МВД РТ, 2003. С. 79.

[52] Эта задача может быть конструктивно решена при условии устранения двойных стандартов и конъюнктурных политических интересов тех или иных стран в решении глобальных проблем противодействия экстремизму и терроризму (см.: *Гордиенко В.В.* Международное полицейское сотрудничество в условиях глобализации криминальных процессов / Материалы Международной научно-практической конференции «Противодействие криминальным угрозам при обеспечении глобальной безопасности: организация, управление, подготовка кадров»)// Труды Академии управления МВД России. 2007 №2, - С.9-10).

ей со всеми органами, государственными и негосударственными организациями, противодействующими терроризму. Создание эффективной системы сбора первичной информации и ее анализа, несущей в себе даже незначительный объем признаков террористической деятельности в силу того, что, по мнению российских и зарубежных экспертов, актам терроризма обычно предшествуют менее насильственные формы протеста и конфликта;

- осмысление передового опыта в области превентивной практики с целью разработки методик по выявлению признаков террористической деятельности и путей получения значимой информации. Однако до настоящего времени система раннего предупреждения не создана. Поэтому в целях предупреждения терроризма и вообще насильственных конфликтов социально-политической (а также военно-политической) направленности должна быть создана государственная информационная система выявления и разрешения таких конфликтов на ранней стадии. Ее задача-осуществление многоуровневого мониторинга и прогноза развития конфликтов как потенциальных угроз безопасности, а также - в перспективе – реализация на данной основе действенного механизма ответственности органов власти различных уровней за принятие не просчитанных по своим последствиям либо умышленных политических, кадровых и административных решений, послуживших причиной социально-политических конфликтов;

- планирование мероприятий из единого центра по противодействию терроризму с ориентацией, в первую очередь, на раннее предупреждение и только потом на жесткие силовые методы решения проблем;

- совершенствование разнообразных информационных систем обнаружения, контроля и защиты, направленных на сокращение доступа террористов к оружию, а также другим средствам поражения живой силы;

- подбор, подготовка и воспитание кадров. Констатируя важность указанного направления деятельности, можно отметить, что на современном этапе уровень подготовки сотрудников МВД и, прежде всего, руководящего состава в сфере межкультурных связей остается крайне низким. При подготовке кадрового состава органов внутренних дел значительное время должно отводиться раскрытию национальных особенностей, религиозных обычаев и нравов различных групп населения на основе квалифицированных программ обучения с привлечением не только светских специалистов, но и духовенства. От умений и навыков начальствующего состава зависит сохранение жизни и здоровья, как сотрудников, так и граждан;

- организация информационно-пропагандистского обеспечения антитеррористической деятельности, связанная с мерами по смягчению социальной напряженности и конфликтности в обществе, информирование населения о деятельности террористических организаций и мерах противодействия;

- воспитательная и разъяснительная работа органов внутренних дел, создание положительного имиджа всех правоохранительных структур.

Таков ряд неотложных мер правоохранительных органов по противодействию терроризму. В связи с этим являются несостоятельными и бесперспективными попытки возложить функцию борьбы с опасными криминальными явлениями на силовые структуры и правоохранительные органы. Как отметил Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон, здесь требуется мобилизация общественных и политических сил на более эффективную борьбу с преступностью и коррупцией, терроризмом и экстремизмом, незаконным оборотом наркотиков, укрепление законности и правопорядка, иными словами, обеспечение верховенства закона и безопасности граждан[53]. И чем дальше будет отодвигаться решение всего комплекса проблем (политических, этнических, идеологических, региональных, кадровых), тем больше будет опасность проявлений терроризма. Достижение существенных успехов в проти-

[53] См.: Борьба с преступностью – общенародное дело (сборник выступлений и статей Президента Республики Таджикистан Э.Ш. Рахмонова): Учеб. пособие. МВД РТ, 2003. С.75.

водействии терроризму в Таджикистане – в интересах не только Таджикского государства, но и всего мирового сообщества.

**МОҲИЯТИ ИТТИЛООТИИ ҲАМКОРИИ МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ ДАР САМТИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ТЕРРОРИЗМ ДАР ТОҶИКИСТОН**

Дар мақола моҳияти ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти мубориза бар зидди терроризм ва таъмини иттилоотии онҳо баррасӣ гардидааст. Муаллифон ақидаҳои илмии худро оид ба тақвият додани ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бар зидди терроризм баён намудаанд.

**INFORMATION ESSENCE OF THE INTERACTION LAW-ENFORCEMENT ORGAN IN SPHERE OF THE RELUCTANCE TERRORISM IN TAJIKISTAN**

In article is considered essence interaction law-enforcement organ of the Republic of Tajikistan on fight with terrorism and its data ware. The Authors said their own scientific standpoint on improvement of the interaction of law-enforcement organ Republic of Tajikistan in fight with terrorism.

## ТАШАККУЛИ НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ ДАВЛАТИ СОМОНИЁН

**Сафаров И.Д.**[*]

Яке аз сафҳаҳои муҷаллои таърихи халқи тоҷик ин охири асри IX ва аввали асри X аст, ки дар натиҷаи раванди умумии пошхӯрии сиёсии хилофати араб ва муборизаи озодихоҳонаи мардуми Осиёи Миёна, сари ҳокимияти Хуросону Мовароуннаҳр сулолаҳои таҳҷоӣ ҷо гирифтанд ва давлати аввалини асримиёнагии тоҷикон ташаккул ёфт, ки бо номи давлати Сомониён маъруф аст. Сулолаи Сомониён сулолаи мусулмонии форсӣ буд, ки ҳукмаш дар Хуросону Трансоксания, қисман дар Форси Ғарбӣ аз соли 874 то 999 низ раво буд. Давлатдории онҳо мисли монархияи Сосониён идора мешуд ва забони расмии коргузорӣ забони форсӣ буд[54].

Пойтахти Сомониён Бухоро буд ва дар ин давра фарҳанги Осиёи Миёна давраи эҳёи худро аз сар мегузаронид. Аҳолии бумӣ на танҳо аз зулми сиёсию иқтисодии истисморгарони араб озод шуд, балки аз таъсири забони ҳокими арабӣ низ баромад ва забони адабии тоҷикӣ (форсии нав) ташаккул ёфт[55].

Ҳарчанд ташаккули забони адабии тоҷикӣ дар давраҳои ҳокимияти Тоҳириён ва Саффориён дар Хуросон ба шумор меравад, аммо вусъати бештар дар замони Сомониён ёфт, ки ин омилҳо сабаб шудаанд;

1) Сомониён нисбат ба феодалҳои дигар нерӯмандтар буданд ва истиқлоли онҳо аз хилофати араб комилтар буд, ки аз ин рӯ, имкони бештари тавсеаи фарҳанги бумиро доштанд;

2) пойтахти Сомониён - Бухоро нисбат ба пойтахти Тоҳириёну Саффориён аз маркази хилофат дуртар буд;[56]

3) хилофати араб дар давраи Сомониён заифтар гашта буд, ки ин ҳолат барои ташаккули фарҳанги бумӣ, муттаҳидсозии халқҳою минтақаҳои пароканда ва истеҳкоми ҳокимият созгор буд.

---

[*] *Сафаров И.Д.* – дотсенти кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ.

[54] Ниг. *Бартольд В.В.* Сочинения. – М., 1964. – Т. 2. Ч. 2. – С. 278

[55] *Гафуров Б. Г.* История таджикского народа. - М. 1955. – Т.- С. 161-163

[56] *Тахиров Ф. Т.* Правовая система Таджикской АССР (1924-1929 гг.). – Душанбе, 1988. – С.7.

Тарзи маълум, сулолаи Сомониён дар замоне сари қудрат омад, ки нерӯҳои ватанхоҳу зиддиарабӣ гирди ҳокимияти муттамаркази давлатӣ ҷамъ омада буданд[57].

Пайдо шудани мафҳуми ҳуқуқ, аз рӯи замони пайдоиш, нисбат ба давлатҳои дигар пештар буд. Ин ҳам дар нисбати глобалию умумиинсонӣ ва ҳам дар таносуби давлатҳои мушаххас пештар аз ҳама буд.

Чунин аст ҳолати пайдоиши ҳуқуқ дар давлати аввалини муттамаркази динии феодалии Сомониён, ки аз ҷиҳати сиёсӣ аз хилофати араб озод буд[58].

Аммо бояд дар хотир дошт, ки то ташаккули давлати Сомониён дар ин марз меъёрҳои ҳуқуқӣ вуҷуд доштанд ва аз табодули ҳуқуқ гуфтан бамаврид аст.

Бояд махсус қайд кард, ки дар илми таърихи ҳуқуқ нисбат ба таърихи давлат ва ҳуқуқи тоҷикон фикри боризе ҳаст, ки системаи ҳуқуқии давлати Сомониён маҳз исломӣ буд. То солҳои охир ин нуқтаи назар интиқод намешуд, ҳарчанд дар ибтидои асри XX академик Бартолд норизоии худро баён карда буд[59].

Масоили системаи ҳуқуқии давраи Сомониёнро омӯхта, бо итминон гуфтан мумкин аст, ки системаи ҳуқуқии давлати Сомониён ҳеҷ гоҳ наметавонист пурра сирф исломӣ бошад. Чунки аз як ҷониб нақши системаи ҳуқуқии авастоӣ шартан мушоҳида мешавад, аз ҷониби дигар элементҳои меъёри маъмулӣ-ҳуқуқӣ, ки ба расму оин вобастагӣ дорад. Аз ҷониби сеюм маъмул аст, ки дар минтақаҳои гуногуни империяи паҳновари Сомониён сохторҳои макотиби дигари ҳуқуқӣ амал мекарданд, аз ҷумла буддоӣ, конфутсианизм ва дар таркиби худи ислом бошад шиа ва ғ. Ҳатто дар дохили худи системаи ҳуқуқии ислом сохторҳои гуногуни ҳуқуқӣ амал мекарданд. Масалан, агар дар Бухоро ҷонибдорони исломи ҳанафӣ – суннӣ ҳоким буданд, дар минтақаҳои дигар ҷонибдорони мазҳабҳои дигар.

Омӯзиши осори сарчашмашиносии пайдоиш ва ривоҷи системаи ҳуқуқии давлати Сомониён, ки аз ҷониби мо зери таҳлили амиқ қарор гирифт ва ба мо ҳуқуқ медиҳад, ки нуқтаи назари охиринро пурра асоснок шуморем.

Ҳалли ин ва дигар мушкилоти ҳуқуқ, бегуфтугӯ, ҷалби сарчашмаҳои гуногуни юридикӣ ва дигар осорро тақозо мекунад, ки аз ҷониби муаллифони зиёд ба забонҳои форсии тоҷикӣ ва дигар таълиф шуда, ба русӣ тарҷума шудаанд. Миёни осори адабӣ китоби муаррихи маъруфи асри X Абӯбакр бинни Ҷаъфари Наршахӣ «Таърихи Бухоро», ки ба таърихи давлати Сомониён дар Мовароуннаҳр, Хоразм, Хуросон ва Балх бахшида шудааст, қурби махсусан баланд дорад[60].

Чунин моҳиятро осори ҳуқуқшиносон ва муаррихони дигари давраи Сомониён мисли Бурҳониддин Абулҳасан Алӣ бинни Абӯбакри Фарғонӣ ал-Марғинонӣ – асараш «Ҳидоя» ба забони арабӣ; Мавлоно Ҳусайн ал-Воиз ал-Кошифӣ – асараш «Тафсири Ҳусайния» ба забони тоҷикӣ; Шайх ал-Саид Муҳаммад Ризвон Мадинӣ – асараш «Далоил – ул -хайрот» ба забони тоҷикӣ; Ал-Мавлоно Шамсиддин Муҳаммад ал – Хуросонӣ ал-Каҳистонӣ – асараш «Ҷомеъ ал-рамуз» ба забони арабӣ; Шайх Масъуд бинни Маҳмуд бинни Юсуфи Самарқандӣ – асараш «Салоти Масъудӣ» ба забони тоҷикӣ; Ибодулло Муҳаммад бинни Муҳаммад Рукниддин Абдуҳамид ал-Амиди Самарқандӣ – асараш «Иршод ат-толибин» ба забони тоҷикӣ; Абдулҳасан Мавлоно Абулхайр Муҳаммад Юсуф ал-Лакҳнавӣ – асараш «Шарҳи ҳидоя» ба забони арабӣ, ки раҳнамои асари хуқуқшиноси асримиёнагии фарғонӣ Марғинонӣ мебошад ва бисёри дигарон, ки дар осорашон вазъияти сиёсӣ-иҷтимоӣ ва нуқтаи назари

---

[57] *Гафуров Б. Г.* Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. – Душанбе, 1989 – Кн. 2. – С 3 – 104.

[58] *Азимов Ш.* Государство и право Саманидов. Дисс. канд. юрид. Наук. - Сталинабад, 1953. – С. 391.

[59] *Периханян А. Г.* Общество и право Ирана в парфянский и сасанидский период. – М., 1983. – С. 381.

[60] *Абӯбакр Муҳаммад бинни Ҷаъфар Наршахӣ.* Таърихи Бухоро. – Душанбе, 1979. – С. 80.

ҳуқуқшиносон - пайравони мактаби ҳуқуқии мазҳаби ҳанафӣ таҷаллӣ ёфта аст, ки барои ташаккули системаи ҳуқуқии давлати Сомониён хизмати арзанда кардаанд[61].

Яке аз осори бағоят муҳим, ки таҷаллии сохтори ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии тавсияшавандаи мактаби фиқҳи ҳанафӣ мебошад, ин асари ҳуқуқшинос ва муаррих Абдуҷаъфар Муҳаммад Ҷарир ал-Язид ат-Табарӣ «Тафсири Табарӣ» ба забони арабӣ аст, ки васеъ паҳн шуда, дар давлатдории Сомониён истифода мешуд.

Барои таҳқиқи системаи ҳуқуқии давлати Сомониён осори ҳамасрони Сомониён, ки ҳамзамон мансабҳои давлатӣ ва судиро ишғол карда, мушкилоти ҳуқуқиро бевосита ҳал мекарданд ва дар рушди илми фиқҳи ҳанафӣ саҳмгузор буданд, аҳамияти махсус доранд. Аз марзи Сомониён нобиғагони улуми тафсиру ҳадис, фиқҳу калом, мисли Абдураҳмон Насоӣ (вафоташ - ибтидои асри X), Абӯҳотам Муҳаммад ибни Ҳаббали Самарқандӣ (вафотааш соли 965), Абӯбакр Муҳаммад ибни Мунзири Нишопурӣ (вафоташ – соли 929), Муҳаммад ибни Алӣ Қаффоли Ҷағӣ (вафоташ – соли 976), Абӯзайд Аҳмад ибни Саҳлии Балхӣ (вафоташ – соли 941), Имом Абӯмансур Мотурӯдӣ (вафоташ – соли 814) ба арсаи таърих қадам ниҳода, осори бузургеро дар ин соҳа таълиф кардаанд. Онҳо на танҳо дар қаламрави Сомониён, балки дар кулли марзи хилофат ва олами ислом машҳур буданд[62].

Сиёсати ғосибони арабро ҷорӣ карда, аксари ҳуқуқшиносон дар рисолаҳои ҳуқуқии худ, ки аз онҳо дар боло ёдовар шудем, ба тавсеаи юриспруденсияи мазҳаби ҳанафӣ хидмат мекарданд, азбаски ғосибони минтақаҳои гуногуни Осиёи Миёна асосан сунниҳо буданд, ки дар мазҳаби ҳанафӣ ба сар мебурданд.

Дар ин маврид аз сарчашмаҳои ҳуқуқ ёдовар шуда, бояд дар хотир дошт, ки махсусияти сарчашмаҳои юридикии системаи ҳуқуқи исломӣ, пеш аз ҳама, аз тарзи иҷро ва моҳияти меъёрҳои ҳуқуқӣ вобаста аст.

Агар дар ҳуқуқи континенталии аврупоӣ зери мафҳуми меъёри ҳуқуқ ё қонун қонунгузории сохтори қонунгузор ифода шавад, аммо дар ҳуқуқи исломӣ зери ин мафҳум қоидаҳое ифода мешаванд, ки дар китоби муқаддаси Қуръон сабт мебошанд ва ба ҷомеаи мусулмонон аз ҷониби Аллоҳ нозил шудаанд. Чунин мадрак на ба хулосаҳои мантиқӣ такя мекунад, балки ба догмаҳои ирратсионалии динӣ, ки чунин ҳолат дар нисбати меъёрҳои ҳуқуқии аз ҳадис асосёфта низ мушоҳида мешавад[63].

Ҳамин тариқ, мутобиқи ҳуқуқи исломӣ ҳокимияти қонунгузор танҳо дар идораи Худо ва Пайғамбар аст, ки мувофиқати ҳатмии қонун бо Қуръону Сунна аз ин ҷо бармеояд.

Махсусияти аз ҳуқуқи аврупоӣ фарққунандаи меъёрҳои ҳуқуқии исломӣ аз моҳияти онҳо бармеояд, ки на характери ҳақдиҳанда, додани ҳуқуқ барои иҷрои амалҳои алоҳида доранд, баръакс, характери вазифадоркунандагӣ ва манъкунӣ низ доранд. Яъне дар асоси онҳо ӯҳдадорӣ, вазифадории иҷрои амалҳои шоиста ва мақбули Худо меистанд.

Маншаи сарчашмашиносии ташаккул ва рушди системаи ҳуқуқии Давлати Сомониён ба ин сарчашмаҳо такя мекунад:

а) меъёрҳои ҳуқуқ ва сохторҳои давраи тоисломии Осиёи Миёна; б) меъёрҳои ҳуқуқ ва сохторҳои дар минтақаҳои фатҳкардаи Сомониён; в) расму одатҳои мардуми бумии империя ва дигар халқҳои дар ин марз зиндагикунанда;

г) меъёрҳои динии ин мардум, ки аз ҳамдигар хеле фарқ мекарданд; императиви оинҳои сиёсии мардуми гуногун дар давлат;

д) махсусан ҳуқуқи исломӣ;

ж) ҳуқуқэҷодкунии сарвари Давлати Сомониён, ки бо иштироки уламо ва ҳокимону амалдорони воҳидҳои марзӣ – идорӣ сурат мегирифт;

з) таҷрибаи судӣ ва идорӣ ва ғайра.

---

[61] *Бартольд В. В.* Арабское завоевание и Туркестан при Саманидах // Сочинение – М. 1963. - Т 2, ч. 1. – С. 119.

[62] *Мирзоев А.М.* Рудаки: жизнь и творчество – М., 1968. – С. 40-41.

Важно подчеркнуть, что реформирование судебной системы в республике повысило роль и авторитет суда в жизни государства и общества. Граждане республики получили возможность защищать свои права и разрешать практически все споры в суде и чаще стали обращаться в суд с исками. Подтверждением этому служит, возросший за годы реформы в несколько раз объем выполняемой судами работы, особенно по гражданским делам.

Кроме того, в целях повышения профессиональных навыков и уровня знания судов и работников аппарата судов республики и отбора кандидатов строго на конкурсной основе 31 марта 2003 года было принято Постановление Правительства Республики Таджикистан «О создании учебного центра при совете Юстиции Республики Таджикистан»[145]. Так же в целях расширения демократических начал при подборе, определении степени подготовленности кандидатов, обеспечении выдвижения достойных кандидатов на должность судьи, расстановки кадров судей и на основании ст. 103 Конституционного закона Республики Таджикистан «О судах Республики Таджикистан», была создана Экзаменационная комиссия Совета юстиции Республики Таджикистан[146].

Закрепленные в правовых нормах положения о судебной власти, как государственно-правовом институте, позволяют более эффективно осуществлять правосудие, обеспечивать соответствующий режим законности в обществе.

Этому, в частности, способствует и внесение в некоторые законодательные акты Республики Таджикистан ряда изменений и дополнений. Так, например, 21 ноября 2003 года, 29 апреля 2004 года, 24 февраля 2006 года были внесены изменения и дополнения в Конституционный закон Республики Таджикистан «О судах Республики Таджикистан». Наряду с этим 28 февраля 2004 года и 24 февраля 2006 года были внесены изменения и дополнения в Конституционный закон Республики Таджикистан «О Конституционном суде Республики Таджикистан»[147], которые призваны повысить роль судебных органов в Таджикистане.

3 декабря 2009 года был принят новый Уголовно-процессуальный Кодекс Республики Таджикистан[148], ст.35 которого гласит, что только суд правомочен:

- постановить приговор и назначить наказание;

---

[145] Постановление Правительства Республики Таджикистан № 150 «О создании учебного центра при Совете юстиции Республики Таджикистан» от 31 марта 2003 г. / Энциклопедия таджикского права. Адлия. Апрель (часть 2), 2006 г.

[146] Указ Президента Республики Таджикистан № 693 «Об экзаменационной комиссии Совета юстиции Республики Таджикистан» от 22 октября 2001 г. / Энциклопедия таджикского права. Адлия. Апрель (часть 2), 2006 г.

[147] См. подробнее Энциклопедия таджикского права. Адлия. Апрель (часть 2), 2006 г.

[148] Уголовно - процессуальный Кодекс Республики Таджикистан от 3 декабря 2009 года / Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 2009 г. № 12, ст. 816, 2010 г. № 7, ст. 551.

- постановить принудительные меры медицинского и воспитательного характера;

- разрешить произвести арест и домашний арест, а также продлить его срок;

- отменить или изменить решение, принятое нижестоящим судом;

- о помещении подозреваемого, обвиняемого, не находящегося под стражей, в медицинский или психиатрический стационар для производства соответственно судебно-медицинской или судебно-психиатрической экспертизы;

- о производстве осмотра жилища при отсутствии согласия проживающих в нем лиц;

- о наложении ареста на корреспонденцию, разрешении на ее осмотр и выемку в учреждениях связи;

- о наложении ареста на имущество;

- о принятии решения о временном отстранении подозреваемого или обвиняемого от должности в соответствии со статьей 114 настоящего Кодекса;

- о принятии решения на дачу разрешения записи телефонных и иных переговоров;

- в случаях, предусмотренных законом, возбуждает уголовное дело и направляет по последовательности для проведения предварительного расследования и т.д.

В результате в настоящее время судебная власть оформилась, именно, как власть, а не как простая сумма полномочий судебных органов. Это является одним из реальных достижений в процессе формирования гражданского общества в республике.

Вместе с тем, анализируя ход судебной реформы в Таджикистане, необходимо признать, что по ряду принципиальных позиций она продвигается не так быстро, как этого требует время. Если исходить из того факта, что в правовом государстве и гражданском обществе только суд может вершить правосудие, то само государство, контролируемое судом, обязано поднимать на максимальную планку его социальную значимость, гарантировать полную независимость осуществления правосудия.

По мнению А.И. Александрова, правосудие следует рассматривать как особую сферу государственной деятельности, осуществляемую специально подготовленным и организованным аппаратом. В самом широком смысле к органам юстиции следует отнести суды, прокуратуру, адвокатуру и другие учреждения. Однако, стержнем всей этой системы является суд, в организации и деятельности которого отражаются все основные проблемы правосудия и состояния законности в обществе. На правосудие, прежде всего, возложена задача решения возникающих в обществе споров о праве, включая правовую оценку поведения лиц, обвиняемых в уголовно – наказуемых деяниях. Именно эта роль своеобразного эксперта по вопросам права, наделенного правомочьями выносить окончательное суждение, обязывающее граждан, организации, учреждения и органы государства, придает правосудию особый общественный авторитет, вызывает к жизни основные, связанные с его осуществлением, проблемы[149].

Защищая конституционные свободы, формальное равенство всех перед законом, суд фактически ставит себя в положение посредника между государством и личностью, между физическими и юридическими лицами. Но посредническая роль может быть эффективной только в том случае, если реальны независимость, профессионализм, неподкупность суда и судей. При этом судебная система призвана обеспечить стабильность приговоров и решений, возможность исправления судебных ошибок, строгое соблюдение процессуальных правил на всех уровнях[150].

С учетом необходимости укрепления законности в процессе формирования гражданского общества механизм судебной защиты прав и свобод личности должен

---

[149] Конституционное право России и зарубежных стран: Учебник. – М.: ЦОКР МВД России, 2006. С. 309.

[150] Право XXI века в условиях формирования в России правового государства и гражданского общества: проблемы реализации и перспективы развития / Право XXI века: взгляд в будущее. – М., 2001. С. 36.

носить комплексный характер, который определяется следующими взаимосвязанными направлениями судебной деятельности:

- восстановление уже нарушенных прав и свобод;

- признание несоответствующих Конституции положений нормативных актов, в результате применения которых имело место нарушение законных прав и свобод личности;

- возмещение имущественного и морального ущерба (вреда) личности, причиненного в результате неправомерного решения;

- привлечение к юридической ответственности субъекта (субъектов), по вине которого имело место нарушение законных прав и интересов личности[151].

Однако самым сложным и ключевым моментом развития судебной системы, на наш взгляд, является проблема обеспечения независимости судов и судей, которая связана с процедурами назначения и снятия их с должности, финансовой зависимостью судебных органов, а также ролью прокуроры в правоприменительной практике.

В современных условиях для формирования гражданского общества важно осуществить комплекс мер по дальнейшему совершенствованию процесса строительства судебной власти, а именно:

- в части судопроизводства – введение института присяжных заседателей, наделение Верховного Суда Республики Таджикистан правом официального толкования законов;

- в части организации деятельности судов – обеспечить повышение эффективности исполнения судебных решений, улучшение материально - технического и кадрового обеспечения судов;

- в части судоустройства – обеспечить развитие института специализированных (экономических, административных, ювенальных) судов.

Принимая это во внимание, следует заметить, что, по мнению С.С. Алексеева, «правосудие – это не механическое претворение в жизнь писанных юридических предписаний, а само живое право, право в жизни»[152].

Это означает, что суды при решении конкретных дел могут и должны применять принципы и нормы международного права, которые, в соответствии со ст. 10 Конституции Республики Таджикистан, являются составной частью правовой системы Таджикистана. Они также должны ориентироваться и на фундаментальные правовые ценности прав человека, которые закреплены в принципах и нормах международного права. Это в определенной степени, например, отражено в статье 18 Конституции Российской Федерации: «Права и свободы человека и гражданина являются непосредственно действующими. Они определяют смысл, содержание и применение законов, деятельность законодательной и исполнительной власти, местного самоуправления и обеспечиваются правосудием»[153].

С учетом вышеизложенного важно отметить, что Конституция Республики Таджикистан установила широкий круг новых и уточнила известные раннее права граждан в области судопроизводства: право каждого человека на судебную защиту (ст. 19), без ущемления равноправия (ст. 17), право на обращение в государственные органы по защите прав и свобод человека (ст. 25, 31), право на получение квалифицированной юридической помощи, право пользоваться помощью адвоката (защитника) с момента задержания, заключения под стражу или до вступления в силу приговора суда (ч. 2 ст. 19) и возмещение нанесенного ему ущерба (ст. 21) и др.

С точки зрения укрепления законности в условиях становления основ гражданского общества важное значение имеет и способ формирования судов (выборность либо назначение). Наибольшую популярность в юридических кругах получила идея «судьи, назначаемого правительством пожизненно». Именно с пожизненным его

---

[151] Право XXI века в условиях формирования в России правового государства и гражданского общества: проблемы реализации и перспективы развития / Право XXI века: взгляд в будущее. – М., 2001. С. 36 - 37.

[152] *Алексеев С.С.* Теория права. – М., 1995. С. 256.

[153] См. Конституции Российской Федерации. – М., 1993. – 62 с.

назначением подавляющее большинство юристов связывает максимальную судейскую независимость[154].

При этом серьезное значение имеет решение вопроса об установлении предельных сроков работы судей по критерию возраста. В частности, установленный предельный возраст для занятия должности судьи в Республике Таджикистан - 65 лет (ст. 85 Конституции Республики Таджикистан), на наш взгляд, не вполне обоснован. При существующем остром дефиците судейских кадров в стране именно такие возрастные ограничения вряд ли оправданы.

По мнению Л.А.Окунькова, большинство действующих сейчас судей в 65 лет вполне трудоспособны и по уровню профессионализма выше многих молодых коллег. Юридический профессионализм в любом его измерении и качестве прогрессирует не до определенного возраста, а до того, пока человек находится в своем уме и здравии. Практика работы показывает, что наиболее квалифицированные кадры на юридической ниве - это лица, которые достигли достаточно зрелого возраста. Никто не ставит вопрос о том, что необходимы предельные сроки для нахождения в должности, т.к. вопрос о выходе в отставку решен в действующем законодательстве. Над всеми этими вопросами нужно думать основательно, ибо неточности здесь стоят очень дорого[155].

С точки зрения укрепления законности острую полемику вызывает и проблема дисциплинарной ответственности судей. Учитывая национальные традиции, многие страны выработали разные способы решения вопросов, связанных с такой ответственностью. На наш взгляд, важно, чтобы меры ответственности судей устанавливались и применялись не только исполнительной властью, но самим судейским сообществом.

В этой связи дальнейшее проведение в Республике Таджикистан судебной реформы требует решения комплекса взаимосвязанных проблем, которые связаны: - с обеспечением судебной защиты конституционных прав и свобод граждан (особенно тех конституционных гарантий, которые до сих пор остаются нереализованными); - с улучшением организационного, кадрового и материально - финансового обеспечения судов; - с дальнейшем развитием судебной системы (совершенствованием статуса судей);

Сложно не согласиться с мнением В.Б. Боровикова о том, что «стабильное существование государства, общественных институтов, гармоничное развитие физических и духовных качеств личности, реализация законных прав и интересов людей возможны только при наличии определенного уровня защищенности этих ценностей. Поддержание такого уровня зависит от комплекса социальных, организационных, технических и правовых мер, обеспечивающих безопасные условия жизнедеятельности населения, государственных и общественных структур»[156].

При этом понимание того, что общественная безопасность предполагает безопасность всех членов гражданского общества, должно рассматриваться, как один из важных факторов в сфере укрепления законности.

Таким образом, на формирование гражданского общества в Таджикистане могут влиять механизмы судебного реформирования. В настоящее время необходимо вести речь об их дальнейшем совершенствовании. С достаточной уверенностью можно отметить, что направления развития процесса формирования гражданского общества в Таджикистане должны быть связаны не только с совершенствованием права, но и с повышением уровня правового сознания граждан, в том числе, за счет

---

[154] Там же. С. 426.

[155] *Окуньков Л.А.* Судебная реформа и проблемы развития процессуального законодательства // Судебная реформа в России: проблемы совершенствования процессуального законодательства: по материалам научно - практической конференции. - М., 2001. С. 7 – 8

[156] *Боровиков В.Б.* Преступления против общественной безопасности. Лекция. – М.: ЦЦИ и НМОКП МВД России, 1999. С. 3.

создания эффективных механизмов судебного реформирования, влияющих на укрепление законности в обществе.

**ҚОНУНИЯТ ВА ИСЛОҲОТИ СИСТЕМАИ СУДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН ШАРОИТИ ТАШАККУЛЁБИИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ**

Дар мақолаи мазкур дар бораи қонуният ҳамчун омили асосии ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъзе ҷанбаҳои ислоҳоти системаи судӣ ҳамчун мақомоте, ки адолатро барқарор намуда, ҷараёни ташаккулёбии чунин ҷомеаро таъмин менамояд, баррасӣ шудааст.

**LEGALITY AND REFORM IN JUDICIAL SYSTEM IN REPUBLIC OF TAJIKISTAN AS CONDITION SHAPING CIVIL SOCIETY**

In given article is considered legality as factor shaping civil society in Republic of Tajikistan and some aspects reform in judicial system as organ restoring fairness and providing shaping such society

## ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР СОҲАИ МУҚОВИМАТИ КОРРУПСИОНӢ

🗁

**Умаров Х.А.***

Самти мубориза бар зидди ҷинояткорӣ бениҳояд васеъ буда ҷанбаҳои гуногунро дар бар мегирад. Ҳамкории байналмилалӣ низ ба ин ҷанбаҳо дохил мешавад. Аксари олимон қайд мекунанд, ки самти мазкур беҳамкории байналмилалӣ бесамар эътироф мешавад. Соҳаи муқовимати коррупсия низ самти байналмилалиро пешбинӣ мекунад. Супоридани коррупсионерҳо аз як давлат ба дигар, гузаронидани чораҳои тафтишотӣ, баргардонидани активҳо ва ғ. беҳамкории байналмилалии дуруст ба роҳ монда шуда дар амал татбиқ шуда наметавонанд, ки ин ба контроли босифат ба субъектони муқовимат бар зидди коррупсия дар амалия имконият намедиҳад.

Дар асоси моддаи 6[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон дар соҳаи мубориза бар зидди коррупсия дар асоси принсипҳои ҳамкории байналмилалии ҳуқуқӣ бо мақсадҳои пешгирии коррупсия ва мубориза бо он ҳамкориро бо давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ амалӣ менамояд[157].

Моддаи тафсиршаванда ду низоми ҳамкории байналмилалиро пешбинӣ мекунад – дар асоси шартномаҳои байналмилалӣ ва бе онҳо (дар асоси принсипи мутақобил). Бинобар ин, мавҷуд набудани шартномаи байналмилалӣ ҳамчун монеъ дар иҷрои дархост оиди ёрии ҳуқуқӣ баромад карда наметавонад.

Дар асоси м.3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳти мафҳуми шартномаи байналмилалӣ шартномае фаҳмида мешавад, ки аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон (шартномаи байнидавлатӣ), Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (шартномаи байниҳукуматӣ) ва ё вазорат, кумитаи давлатӣ ё мақоми дигари идоракунии давлатӣ (шартномаи байниидоравӣ)

---

* *Умаров Х.А.* - сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Академияи ВКД Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, майори милитсия.

[157] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2005, №7, мод. 402; соли 2007, №7, мод. 660; соли 2008, №10, мод.800; Қонуни ҶТ аз 26.12.11г., №772.

*бо розигии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон* бо давлатҳои хориҷӣ ё созмонҳои байналмилалӣ дар шакли хаттӣ баста шудааст, сарфи назар аз он ки чунин шартнома дар як ҳуҷҷат ва ё якчанд ҳуҷҷати ба ҳам алоқаманд зикр ёфтааст[158].

Аз ин лиҳоз, асосҳои ҳамкории байналмилалӣ тамоми конвенсия, шартнома ва дигар созишномаҳое, ки аз ҷониби Тоҷикистон ба имзо ва тасвиб расонида шудаанд, ба ҳисоб меравaнд.

Бояд зикр кард, ки дар доираи ИДМ як қатор ҳуччатҳо дар соҳаи муқовимати зидди коррупсия мавҷуд мебошанд. Масалан, Конвенсия дар бораи ёрии ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ[159] ё ин ки Шартнома дар бораи муқовимати қонунӣ гардонидани даромадҳо аз ҷиноят ва маблағгузории терроризм[160].

Умуман, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақил дар ҷомеаи байналмилалӣ узви созишномаҳои гуногуни байналмилалӣ ба ҳисоб меравад, ки дар сатҳи СММ, САҲА, СҲИ ва ғ. ба имзо расидаанд.

Нисбати конвенсияҳои зиддикоррупсионие, ки манбаи асоси ҳамкории байналмилалиро ташкил мекунанд, қайд намудан зарур аст, ки амалӣ намудани онҳо ёрии ҳуқуқии мутақобилро пешбинӣ мекунад. Ҳамин тавр, Конвенсияи Созмони Милали Мутаҳид зидди коррупсия, ки 31 октябри соли 2003 дар сессияи 58 Ассамблеяи Генералии СММ қабул карда шудааст ва аз ҷониби давлати Тоҷикистон 16 апрели 2008 с. ба тасвиб расонида шудааст, дар б.13 м.46 ҳар як давлати иштирокчиро вазифадор мекунад, ки барои гирифтани дархост оид ба ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ ё барои иҷрои он ё ҳамроҳӣ кардани он ба мақомоти ваколатдор, мақомоти марказӣ таъин намояд.

Дар замони ҳозира санади мазкур дар соҳаи муқовимат бар зидди коррупсия нақши муҳимро мебозад. Омӯзиши конвенсия ва ақидаҳои олимони соҳавӣ ба мо имкон медиҳад, ки чор самти асосиро дар татбиқи ин санад ҷудо намоем:

- самти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ;
- самти ҳуқуқӣ-мурофиявӣ;
- самти огоҳӣ-криминологӣ;
- самти ҳамкории байналмилалӣ.

Давлатҳое, ки Конвенсияи мазкурро эътироф намудаанд дар пешбурди тафтишот, таъқиби ҷиноятӣ ва муҳокимаи судӣ оид ба ҷиноятҳои, ки Конвенсия онҳоро дар бар мегирад, ба ҳамдигар ёрии васеи мутақобилаи ҳуқуқӣ мерасонад.

Ёрии дар боло зикр шуда тибқи қ.3 м.46 Конвенсия танҳо барои яке аз мақсадҳои зайл дархост мегардад:

а) гирифтани нишондоди шоҳид ё аризаҳо аз шахсони алоҳида;

б) супоридани ҳуччатҳои судӣ;

в) гузаронидани кофтуков ва ба ҳабс гирифтани молу мулк, инчунин боздоштани фаъолият;

г) азназаргузаронии иншоот ва қитъаҳои маҳал;

д) пешниҳод намудани маълумот, далелҳои шайъӣ ва баҳодиҳии коршиносон (экспертҳо);

е) пешниҳоди асли ҳуҷҷат ё нусхаҳои тасдиқгардидаи ҳуҷҷатҳо ва маводи дахлдор, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои ҳукуматӣ, бонкӣ, молиявӣ, корпоративӣ ё тиҷоратӣ;

ё) ошкор намудан ё таъқиби даромад аз ҷиноят, амвол, воситаҳои содир намудани ҷиноят ё дигар предмет бо мақсади исбот;

ж) мусоидат ҷиҳати ихтиёрӣ омадани шахсони дахлдор ба мақомоти Давлати иштирокчии дархостшаванда;

---

[158] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999, №12, мод.348; соли 2001, № 7, мод. 484; соли 2005, № 12, мод. 654.

[159] Дар ш.Кишинев (Молдова) 7 октябри с.2002 ба имзо расидааст.

[160] Душанбе, 5 октябри с.2007.

з) расонидани дигар намуди кӯмак, ки хилофи қонунгузории дохилии Давлати иштирокчии дархосткунанда намебошад;

к) ошкор намудан, боздоштан ва таъқиби даромад аз ҷиноят мутобиқи муқаррароти боби V Конвенсияи мазкур;

л) ситонидани активҳо мутобиқи муқаррароти боби V Конвенсияи мазкур.

Боби IV Конвенсияи СММ зидди коррупсия «Хамкории байналмилалиро» дар бар гирифта масъалаҳои зеринро ба танзим медарорад:

- ҳамкории байналмилалӣ (м.43);
- супоридан (м.44);
- баргардонидани шахсони маҳкумшуда (м.45);
- ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ (м.46);
- таҳвили истеҳсоли ҷиноятӣ (м.47);
- ҳамкорӣ байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (м.48);
- тавтишоти муштарак (м.49);
- усулҳои махсуси тафтишот (м.50).

Тартиби кор бо дархостҳо бошад дар амалияи ҳуқуқтатбиқунӣ оид ба масъалаҳои ёрии ҳуқуқӣ дар қонунгузоприи дохилӣ - КМҶ ҶТ пешбинӣ шудааст. Дар асоси м. 470 КМЧ «Равон кардани супориш доир ба гузаронидани амалиёти мурофиавӣ» суд, прокурор, муфаттиш, мақомоти таҳқиқ ҳангоми зарурати гузаронидани пурсиш, муоина, ёфта гирифтан, кофтуков, экспертиза ва амалиёти дигари алоҳидаи мурофиавии пешбининамудаи кодекси мазкур дар қаламрави давлати хориҷӣ гузаронидани онҳоро ба мақомоти дахлдори давлати хориҷие, ки ба доир ба расонидани кӯмаки мутақобили ҳуқуқӣ шартнома ё созишномаи байналмилалӣ мавҷуд аст, супориш медиҳад.

Дархостҳо оиди гузаронидани амалҳои мурофиавӣ бо воситаи:

1) Прокурори Генералии Ҷумҳурии Тоҷкистон – дар ҳолатҳои гузаронидани амалҳои тафтишӣ;

2) Раиси Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – дар ҳолатҳои гузаронидани амали судӣ.

Агар дархостҳои мазкур тавассути муовинони онҳо сурат гирад,дар ҳолатҳои зарурӣ барои мусоидат ба Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат мекунанд.

Тибқи б.3 м.470 КМҶ ҶТ ҳангоми ба расмият даровардани супориш, бо шарте, ки дар шартномаи байналмилалӣ ҳолати дигар пешбини нашуда бошад, забони ҳамон давлате татбиқ мегардад, ки супориш бо он равон карда мешавад.

Дигар душворие, ки амалияи муосир бо ӯ вохӯрд супоридан (экстрадитсия) меобошад. Конвенсия мазкур масъалаҳои супориданро (экстрадитсия) пурра ҳал кард. Масалан, тибқи м.44 Конвенсия агар давлати иштирокчӣ барои супоридан (экстрадитсия) тибқи шартнома қайду шарт мегузорад аз давлати иштирокчии дигар дар бораи супоридан, шартнома дар хусуси супоридан надорад, дархост мегирад, новобаста аз ҷиноятe, ки нисбати он моддаи мазкур татбиқ мегардад, метавонад ҳамин Конвенсияро ба сифати асоси ҳуқуқӣ ҷиҳати супоридан баррасӣ намояд.

## Международное сотрудничество в сфере противодействия коррупции

В настоящей статье автор рассматривает международное сотрудничество в сфере противодействия коррупции, проводит соотношение международного и национального законодательства в названной сфере. Подвергаются детальному анализу нормы Конвенции ООН против коррупции, имеющие теоретическое и практическое значение.

## International Cooperation In Combating Corruption

In this article the author examines international cooperation in combating corruption, carries out the relationship of international and for the National Legislation in the named area. Subjected to detailed analysis of the norms of the UN Convention against Corruption, with theoretical and practical importance.

## НАЗАРИЯИ ИТТИЛООТИ ОПЕРАТИВӢ- ҶУСТУҶӮӢ

**Маҷонов М.К.***

Таърихи таҳқиқи моҳият ва мазмуни мафҳуми иттилооти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ тамоман шавқовар ва ибратомӯз мебошад. Дар назарияи ФОҶ дар ибтидо ба мафҳуми «иттилоот» рӯ оварда онро аксиомавӣ меҳисобиданд.

Таҳти мафҳуми иттилоот «маълумот», «нишондиҳандаҳо», «далелҳо», «ҳодисаҳо», «вазъияте», ки дар таҷрибаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ба вуҷуд меоянд, фаҳмида мешаванд[161]. Дар таърифи иттилоот бошад усулҳои номбар кардани онро истифода мебурданд.

Масалан, Д.В.Гребельский иттилооти оперативӣ-ҷустуҷӯиро ҳамчун маҷмӯи маълумотҳои ибтидоӣ ва коркардашуда оиди шахсиятҳои ба омодасозӣ ва содирнамоии ҷиноят дахлдор, далелҳои зуҳуроти ҷиноятӣ, ҳолати қувваҳо ва воситаҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва инчунин шароитҳое, ки дар он фаъолият - мубориза бар зидди ҷинояткорӣ амалӣ гардонида мешавад, дида мебаромад[162]. Ин таъриф зиддиятро ба миён овард. Дар баробари ин зиддият берун аз ҳудудҳои фаҳмиши мафҳуми «маҷмӯи маълумот» ба вуҷуд омад. Аз чунин нуқтаи назар иттилооти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ночор маълумотҳоро оиди шароитҳои иқтисодию демографӣ ва ғайра, ки ҳангоми омӯзиши вазъияти оперативӣ ва ташкили мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд, фаро мегирад.

Ҳамин тариқ, хусусиятҳои усулҳои тактикии ба даст овардани иттилоот, иттилооти оперативӣ-ҷустуҷӯиро аз дигар намуди иттилооти иҷтимоӣ фарқ менамояд.

Дар кибернетика ва илмҳои табиӣ бисёрҷиҳатии иттилоот ҳамчун зуҳуроти оперативӣ ба миён омадааст:

- назариявӣ - инъикоснамоӣ, ки нақши иттилоотро дар ҷараёни тасвири ҳақиқати объективӣ муайян менамояд;
- гносеологӣ, ки тасаввуротро оиди иттилоот ҳамчун воситаи даркнамоӣ мекушояд;
- семантикӣ, ки мазмун ва моҳияти иттилоотро мефаҳмонад;
- аксиологӣ, назарияҳои гуногуни иттилоотро дар доираҳои гуногуни фаъолият ташаккул медиҳад;
- миқдорӣ, ки ҳангоми муайяннамоӣ, масалан, ғунҷоиши «хотираи системаҳои иттилоотӣ - ҷустуҷӯӣ» барои қабули қарорҳо аҳамияти калон пайдо менамояд;
- комуникатсионӣ, ки табиати мураккаби ташкилию техникӣ алоқаи иттилоотиро кушода мегардонад.

Ҳамаи ин кӯшишҳои зиёди муайяннамоии иттилоотро ҳамчун мафҳуми илмӣ асоснок менамояд.

Ҳар як чунин таъриф, агар он дар доираи амали худ истифода гардад, ин ё он тараф ва ё хусусияти иттилоотро дуруст инъикос менамояд. Аммо ҳамаи кӯшишҳои умумигардонии таърифи хусусие, ки як ё якчанд ҷиҳати иттилоотро мекушояд, чи хеле ки дар адабиёт дуруст қайд гардидааст, ба натиҷаҳои номуваффақ меоранд.

Дар корҳои файласуфон ва кибернетикон аз ибтидои солҳои 1960-ум кӯшишҳои дуршавӣ аз таҳлили миқдорӣ ва омории иттилоот ба назар мерасанд. Тамоили кушодани моҳият ва мазмуну мундариҷа ва арзиши иттилоот ба миён омадааст, яъне гузариш ба омӯзиши нисбатан амиқ ва босифати он, чунки барои ҳалли вазифаҳои иҷти-

---

* *Маҷонов М.К.* - муаллими калони кафедраи назарияи идоракунии Академияи ВКД Тоҷикистон, полковники милитсия.

[161] *Голубовский В.Ю.* Теоретические и правовые аспекты информационного обеспечения оперативно-розыскной деятельности.- СПб.:Санкт-Петербургский университет МВД России, 2000.

[162] Теория оперативно-розыскной информации: Учебник / Под ред. К.К. Горяинова, В.С. Овчинского, Г.К. Синилова.- Москва.: ИНФРА-М, 2007, -Х.832 с.-стр. 614

моӣ дарк намудани иттилоот, кушодани хусусиятҳои сифатии он зарур мебошад, ки таҳти он мазмуну моҳият ва арзиши амалии иттилоотро мефаҳманд.[163]

Дар вобастагӣ ба вазифаҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ таърифи итиллоотро дида мебароем, ки, ба ақидаи мо, ба даркнамоии таъиноти мундариҷавӣ ва коммуникатсионии иттилооти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мусоидат менамояд. Таҳлили адабиёт имконияти марказонидани диққатро дар таърифҳои зерин медиҳад:

- иттилоот ин ифодаи мазмуну мундариҷавие мебошад, ки аз ҷаҳони беруна ба даст оварда мешавад;
- иттилоот ин инкори энтропия;
- иттилоот ин аслият мебошад;
- иттилоот ин ченаки мураккабӣ мебошад;
- иттилоот ин эҳтимолияти интихоб мебошад.

Таърифҳои зерин таъиноти хизматии иттилоотро ифода менамоянд – гирифтани ягон хабар аз ҷаҳони берунӣ, бартараф намудани номуайянӣ, муайян кардани робита байни далелҳо, воқеаҳо, ва инчунин робитаи бевосита ва бавосита байни унсурҳои идорашаванда ва идоракунандаи низомҳои гуногун.

Ҳамаи ин функсияҳо ба иттилооти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ низ хос мебошанд. Он миқдори номаҳдуди далелҳо, зуҳурот, ҳодисаҳо, тавсифҳои гуногунро дар бар мегирад. Ин вазъият на танҳо бо он шарҳ дода мешавад, ки ҷиноятҳо дар бисёр соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси муносибатҳои тасодуфан ва ё қонунан байни одамон ба вуҷуд омада бо гуногунии сабабҳо тавсиф меёбанд.

Мазмун ва мундариҷаи иттилооти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо гуногунии васеи маълумоте, ки инчунин ба тавсифи вазъияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, қувваҳои асосии ФОҶ, баҳодиҳии натиҷаҳои истифодабарии он дахл дорад, фарқ менамояд. Иттилооти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ на танҳо он зуҳурот, ҳодиса, вазъият, тағйиротро дар муҳит, ки дар натиҷаи ҷиноятҳо ба вуҷуд меоянд, ифода менамояд. Иттилооти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ инчунин доираи васеи зуҳуроту вазъият ва ҳодисаҳои ба рафтори ҷинояткоронаи шахсони алоҳида таъсиррасонандаро инъикос менамояд.

Хусусияти объективиро соҳиб буда, иттилооти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар натиҷаи амалҳо (ҷиноятӣ, тоҷиноӣ, зиддиҷамъиятӣ) ба миён меояд, аз ҷумла гуфтаҳо (масалан, мазмуни ғайриахлоқӣ, фасодангез), ошкорнамоии шароитҳои ба таври объективӣ ва қасдан фароҳамовардашуда, ки метавонанд бо мақсадхои ҷиноятӣ истифода бурда шаванд.

Ба сарчашмаҳои иттилоотии оперативӣ- ҷустуҷӯӣ рӯ меорем. Дар ҷараёни ҷустуҷӯи иттилоот, амалиёти иктишофӣ ва дигар амалиётҳои оперативӣ- тактикӣ ташаббус аз қабулкунанда ва истифодабарандаи иттилоот бармеояд. Қабулкунӣ ва истифодабарии иттилоот, чун қоида, ба якдигар мувофиқанд. Одатан қабулкунандаи иттилооти оперативӣ- ҷустуҷуӣ ҳамкори махфӣ мебошад. Лекин ҳамзамон ӯ истифодабарандаи иттилоот низ мебошад, агарчи ӯ наметавонад онро аз худ нанамояд, ки ин таъсири худро мегузорад, якум, ба рафтори ҳамкори махфӣ (мисол, дар муҳити коркардашавандагон), дуюм, ҳангоми пешниҳод намудани иттилоот ба коргари оперативӣ, вақте ки хоҳ -нохоҳ ба иттилоот тобиши эҳсосотӣ дода фикру ақидаҳои баҳодиҳандаи худро илова менамояд. Агар ба назар гирем, ки истифодабарандаи иттилоот шахсест, ки иттилоотро ба манфиати худ истифода мебарад. Барои ҳамкори махфӣ ин чиз хос аст.

Ҳамин тариқ, корманди оперативӣ ба сифати қабулкунандаи иттилоот баромад мекунад, лекин барои ӯ аломатҳои истифодабарӣ дар дараҷаи баланд хос мебошанд.

Хусусияти кирдори ҷинояткорон ва дигар шахсон, ки барои руйпӯшнамоии ҳаракатҳои худ, ҳодисаҳову далелҳои ба онҳо муайян манфиатдор мебошанд, ҷобаҷогузории фаъолонаи қабулкунандаи иттилоотро талаб менамояд (сарчашмаҳои фаъол)-ро, ки бо ташкилкунӣ ва усули тактикӣ ба даст оварда мешаванд. Аммо ин чорабиниҳо пайдошавии сарчашмаҳои ғайрифаъолро бартараф карда наметавонанд:

---

[163] *Овчинский С.С.* Оперативно-розыскная информация. – М.: ИНФРА-М, 2000, - С.34.

шаҳрвандони хабардор, ашёҳои партофта, фаромӯшшуда, дар ягон ҷо нигоҳ дошташаванда, ҳуҷҷатҳои дорои маълумотҳои махсус.

Оқибат, фаъолӣ ва нофаъолии шахс, ҳамчун сарчашмаи иттилоотӣ, бо ташаббус додани иттилоот алоқаманд мебошад: агар ташаббус аз вай барояд, вай сарчашмаи фаъоли иттилоотӣ ба ҳисоб меравад, агар вай мақсади додани иттилоотро надошта бошад, дар ин ҳолат, агар вай ҳатман бо ташаббуси шахси дигар иттилоотро диҳад, вай сарчашмаи нофаъол мебошад.

Аз ин мебарояд, ки агар ҳар як шахс бо ташаббуси худаш маълумотро диҳад, вай моҳияти иттилооти оперативӣ-ҷустуҷӯиро пайдо менамояд, фаъол мешавад, гарчанде ки сарчашмаи пешакӣ ташкилнашудаи иттилоот бошад. Ҳамин тариқ, аз нуқтаи назари сарчашма иттилооти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аслан маҳдудият надорад.

Маҷмӯи талаботҳои асосӣ ба иттилоотҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ инҳоянд:

а) Ба ҳалли самараноки вазифаҳои оперативию тактикӣ танҳо дар асоси иттилооти банизомдаровардашуда ва пурра, ки дар худ маълумотҳои гуногуни аз сарчашмаҳои гуногун ба дастовардашуда ва мантиқан алоқамандро дар бар мегирад, ноил гардидан мумкин аст.

б) Талаботи муҳим комилан мувофиқ будани сатҳи воридшавии иттилооти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба салоҳияти коргарони оперативии қарорқабулкунанда мебошад. Инро шарҳ додан мумкин: чи қадаре ки иҷроиш аз лаҳзаи барои гирифтани иттилооти зарурӣ мусоид дур бошад, ҳамон қадар хатари гирифтани иттилооти нодуруст зиёд аст ва дар натиҷа имконияти роҳ додан ба хатогиҳо ҳангоми қабули қарор. Ин талабот марказонидани иттилооти «маҳаллӣ»-ро дар назар дорад. Иттилооти банизомдаровардашуда, азхудкардашуда ва барои истифода дар сатҳи идоракунии мақомоти корҳои дохилии маҳаллӣ омодашуда ва марказонидашуда иҷрои вазифаҳои хусуси оперативӣ-тактикӣ ва пешгиринамоиро таъмин менамояд.

Чи қадаре ки низоми минтақавии ва сохтори мураккаб дошта бошад, ҳамон қадар миқдори зиёди дастгоҳҳои сатҳи поёни онро истифода мебаранд. Алоқамандии баръакс низ вуҷуд дорад: чи қадаре ки аз мақомоти корҳои дохилии сатҳи поён ба низоми минтақавии иттилоот маълумотҳои манфиатбахш бисёртар ворид гардад, ҳамон қадар таъсири он ба самаранокии мубориза бар зидди ҷинояткорӣ фаъолтар мегардад.

в) Талаботи ҳатмӣ ба иттилооти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ муносиб ва пурра будани он мебошад. Мушкилияти таъмин намудани ин талабот дар он ифода мeёбад, ки дар амалияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ нишондиҳандаҳои ягонаи пуррагӣ дар бисёр масъалаҳои ба салоҳияти мақомоти корҳои дохилӣ дохилшуда, кор карда баромада нашудаанд. Махсусан, дар ин ҳолат камбудиҳо ҳангоми пешниҳоди асос барои гузоштани шаҳрвандон ба намудҳои гуногуни бақайдгирӣ ҷой доранд; ҳудудҳои омӯзиши шахсони дар ин ё он намуди қайд буда; ҷамъоварии маълумот барои муайян кардани лаҳзаи амалигардонии парвандаҳои баҳисобгирии оперативӣ зарур мебошад. Дуршавии назарраси моделҳои илман коркардашуда (ҳудудҳои маълумотдорӣ дар бораи шахсони қаблан ҳабсшуда, дар бораи қонунвайронкунандагони ноболиғ, дар бораи омилҳои криминогени омӯзишро талабкунанда дар бораи хусусиятҳои шахсияти шахсони аз ҷиҳати оперативӣ санҷидашаванда) аз тасаввуроти кормандони оперативӣ оиди муносиб будани иттилоот диққатҷалбкунанда мебошад.

г) Талаботи дигар дақиқ будани иттилоот мебошад. Ин талабот сатҳи муфассалнокӣ ва ба асл наздик будани иттилоотро тавсиф медиҳад. Дақиқияти иттилоот бо дурустии он, таҷассуми объективию аниқи ҳодисаҳо, зуҳурот, ҳолати объект, муҳити атрофи он алоқаманд мебошад. Муфассалнокӣ, дақиқият ва пуррагии иттилоот бо ҳамдигар алоқаманд мебошанд. Аммо ҳар яке аз ин хусусиятҳои иттилоот ҳудудҳои худро дорад. Лаҳзае фаро мерасад, ки хароҷотҳои вақт ва кӯшишҳо барои гирифтани иттилооти пурра ва муфассал аз нуқтаи назари мақсадҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ беасос мешаванд. Дар назарияи идоракунӣ ҳолате қайд карда мешавад, ки дар он иттилоотикунонии нисбатан пурра ва муфассал назар ба надоштани иттилоот қиммат меистад.

Дар таҷрибаи истифодаи иттилооти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ моҳияти масъала на дар барзиёдӣ ва муфассал, балки дар арзишнок будани маълумотҳои бадастоварда-шаванда, амиқ будани тавсифи зуҳурот ва равандҳои иҷтимоии дахлдор мебошад.

Чи қадаре ки иттилоот пурра бошад, ҳамон қадар зиёд кӯшишҳо ва вақт сарф мешавад барои гирифтан, коркард ва таҳлили он, ки дар як вақт сатҳи оперативӣ будани иттилоотро паст мекунад.

Қайд кардан зарур аст. ки барзиёдии иттилоот ҳам ҷиҳатҳои манфӣ ва ҳам ҷиҳатҳои мусбӣ дорад. Дар адабиёт мафҳумҳои барзиёдии бефоида ва барзиёдии фоиданокро фарқ менамоянд.[164] Барзиёдӣ сатҳи пуррагӣ ва дурустии иттилоотро паст менамояд. Дар ин ҳолат вай бефоида ҳаст. Аммо барзиёдии иттилоот метавонад барои пурранамоии иттилоот, кори оянда ва инчунин барои ислоҳи камбудиҳо ва хатогиҳо истифода бурда шавад. Аз ин нуқтаи назар вай фоиданок ҳаст. Дар амалия бо дигар ҷиҳати барзиёдии иттилоот дучор гардидан мумкин аст. Масалан, зиёдшавии маълумот рафти зиёдшавии ҷиноятро душвор гардонида зарар мерасонад. Ба даст омадани маълумоти зиёди иттилоотӣ аз сарчашмаҳои гуногуни криминогенӣ дар шароити банизомдарории онҳо, бешубҳа, манфиати зиёд мебахшад.

д) Талаботи муҳиме, ки ба иттилоотию ҷустуҷӯӣ пешниҳод карда мешавад, мухтасар будани маълумот ҳангоми зиёд будани сарбории он мебошад. Мухтасарии иттилоот пуррагии онро таъмин намуда вақти интиқол ва азхуднамоии онро кам мекунад. Аммо мухтасарӣ набояд ба пуррагӣ, дурустӣ ва муфассал будани иттилоот зарар расонад. Маълумоти хислати умумӣ дошта, ки қайди он барои парвандаҳои баҳисобгирии оперативӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо хос аст, мухтасар, аммо бефоида мебошад. Самти афзалиятноки бартарафнамоии ин камбудӣ коркарди илмии барномаҳои интихоб ва таҷассуми иттилооти ниҳоят пурра, аниқ ва муфассал, ки сарбории зиёди маънавӣ дорад, мебошад. Ҳамин тариқ, ифодаи дастрас ва мутамарказонидашудаи мазмуни мураккаби зуҳурот ва равандҳои иҷтимоӣ ба даст оварда мешавад, ки мақсади таҷассум ва дарки онро иттилооти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ амалӣ мегардонад.

е) Баёни мантиқӣ – шарти ҳатмии иттилооти матнӣ. Ин шарт паиҳамӣ, тасдиқнамоӣ, эътимоднокӣ, мавҷуд набудани ҷузъҳои нолозим, таносубнокии мавқеи дар иттилоот ба ин ё он масъала додашаванда, аҳамиятнокии ин масъала, муайян будани мақсади маълумотро дар назар дорад. Мантиқноки якмаъногии иттилоотро мефаҳмонад: дар системаи мақомоти гуногуни ҳифзи ҳуқуқ иттилоот бояд мазмун, маъно ва шаклҳои ифодаёбии худро барои якхела аз тарафи кормандони оперативӣ дарк гардидан нигоҳ дорад. Барои муайян намудани мазмуни мафҳумҳои гуногун ба як шакл даровардани онҳо зарур аст, ки гуногун хондашавии он истисно карда шавад.

ж) Яке аз талаботҳои муҳим –арзишнокӣ (манфиатнокӣ)-и иттилооти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад. Аз ҳама гуногунии аломатҳои иттилоотӣ низоми оперативӣ-ҷустуҷӯӣ маҳз иттилооти арзишнок, манфиатбахшу гуногунро, ки номуайяниро бартараф намуда расиданро ба мақсади мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ таъмин менамояд, ҷудо карда мегирад. Дар тадқиқотҳои кибернетикӣ якчанд нуқтаи назар оиди баҳодиҳӣ ба арзишнокии иттилоот оварда мешавад. Хамин тарик, дар яке тадқиқотҳо бузургии арзишнокии иттилоот дар эҳтимолияти расидан ба мақсад то ва ба баъди ба даст овардани иттилоот таҷассум меёбад. Мувофиқи ин назария арзишнокӣ ва манфиатнокии иттилоот аз нуқтаи назари таъсири маълумот ба рафтори ин ё он системаи иттилоотӣ, дониши «иттилоотқабулкунанда», ба ҳалли вазифаҳои муайян аз тарафи он муайян карда мешавад.

Арзишнокии иттилоот, моҳиятан, тавассути миқдори он баҳо дода мешавад, ки номуайяниро кам ё бартараф менамояд. Моҳияти иттилооти бардуруғро А.П. Инакян кушода мафҳумҳои иттилооти «фоиданок» ва «зарарнок»-ро ҷорӣ намуда-

---

[164] *Овчинский А.С.* Информация и оперативно-розыскная деятельность. - Москва.:ИНФРА-М, 2002, - С.56.

аст.[165] Нуқтаи назари арзишнокии иттилоот тавассути дараҷаи истифодабарии иттилоот дар дарки зуҳурот ва ҳодисаҳо ифода ёфта қайд карда мешавад, ки маълумоти дақиқ доимо фоиданок буда маълумоти бардуруғ, ки ҳамчунин шуморида намешавад, бешубҳа зарар мерасонад. Аммо маълумоти бардуруғ ҳангоми дуруст баҳо додан ва муайян намудани хусусияти бардуруғии онҳо манфиатбахш мегардад. Дар ҳама нуқтаҳои назар мафҳуми арзишнокии иттилоот ҳатман ба мафҳуми мақсад алоқаманд мебошад. Мақсадҳои асоси ва тобеъ вуҷуд доранд. Маҷмӯи онҳо зинаи мақсаднокро ба вуҷуд оварда, чун қоида, дар таҷрибаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ афзалият ба амалигардонии мақсадҳои асосӣ дода мешавад. Ин нуқтаи назар наметавонад ҳангоми рӯ овардан ба масъалаҳои иттилооти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ истисно карда шавад.

Ба қадри назаррас эҳтимолияти рафтори ҷиноятиро пешгӯӣ намуда, мақсад талаботи чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиҳои ба даст овардани иттилоотро ифода менамояд. Бинобар иттилооти ба амалигардонии мақсадҳои асосӣ ва тобеъ оваранда иттилооти пурарзиш мебошад. Агар ба сифати мақсад тасдиқ ва инкор намудани ин ё он ривояти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ кифоя бошад, иттилоот пурарзиш мебошад.

Агарчи мақсади асосӣ ба даст оварда нашавад ҳам, бартарафшавии яке аз ривоятҳо ба маҳдудшавии доираи вазъиятҳои тадқиқшаванда ва ё ба миён омадани фарзияҳои нав, ки дар байни онҳо фарзияи дуруст мебошад, мусоидат менамояд.

Ба сифати мақсад метавонад омӯзиши муҳити хурд ва одамони муайян баромад намоянд. Дар ин ҷо мақсад мазмуни дигар дорад, бинобар ин арзишнокии иттилоот бо нишондиҳандаҳои дигар баҳо дода мешавад, ба монанди сатҳи баланд намудани донишҳо, гузариш аз надонистан ба донистан. Дар ин ҳолат низ мақсадҳои асосӣ ва тобеъ ҷудо карда мешавад. Масалан, мақсади асосӣ ба даст овардани маълумот оиди таъсироти манфӣ ба шахси тафтишшаванда мебошад. Мақсади тобеъ бошад омӯзиши муносибатҳои ташаккулёфтаи байнишахсӣ барои интихоби қарорҳои тактикӣ оиди бартарафнамоии ин таъсирот мебошад.

Дар вобастагӣ аз зинаҳои мақсадҳо низоми сарчашмаи иттилоот сохта мешавад. Хусусан, ба даст овардани чунин сарчашма дар муҳити ба тафтишшаванда наздик метавонанд дар кутоҳтарин вақт расидан ба мақсадҳои асосиро таъмин намояд: гирифтани маълумот оиди омилҳои фаъоли таъсири манфӣ ва нишондодҳои шахсӣ тафтишшаванда.

Ҳангоми баҳодиҳии сифатии иттилооти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз ченаки шартии арзишнокии иттилоот истифода бурдан зарур аст. Ба сифати чунин ченак на танҳо баҳсталаб будани вазъияти хусусии проблеманок, балки таъиноти имконпазири иттилоот баромад мекунад.

Гап дар сари он аст, ки воситаҳои автоматикунонидашудаи коркарди иттилооти оперативӣ-ҷучстуҷӯӣ ҳаҷмҳои калони иттилоотро, ки ҷамъшавии маълумоти зиёди фоиданокро барои пешгиринамоии инфиродӣ, ошкорнамоии ҷиноят ва кофтукови ҷинояткорон таъмин менамояд, ташкил менамоянд.

Дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ чунин мафҳумҳои иловагӣ, ки мундариҷа ва воқеияти иттилоотиро тавсиф менамоянд, ба вуҷуд меоянд. Дар баробари ин зуҳуроти алоҳида (масалан, усулҳои амалҳои ҷиноятӣ, намуди зоҳирии инсон, ашёҳо, изҳо) нишонаҳои аниқи пуррагии тасвирнамоиро соҳиб мебошанд.

Арзишнокии иттилооти оперативӣ ва ҷустуҷӯӣ дар таҷриба дар вобастагӣ ба вазъияти муайян баҳо дода мешавад. Истифодаи усули оморӣ барои ҷамъоварӣ ва таҳқиқи маълумотҳои иттилоотӣ қонунияти дар илм маълумотро ба миён меоварад: арзишнокии маълумот ба миқдори чунин намуди маълумот дар маҷмӯи умумии иттилооти якхела мутаносиби чаппа мебошад. Ба суханҳои дигар чи қадаре ки камтар

---

[165] Теория оперативно-розыскной информации: Учебник / Под ред. К.К. Горяинова, В.С. Овчинского, Г.К. Синилова. - М.: ИНФРА-М, 2007, С. 624.

дар чараёни маълумот ин ё он ақида ошкор карда шавад, ҳамон қадар арзишнокии прагматикии он зиёд мебошад.

**ТЕОРИЯ ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНОЙ ИНФОРМАЦИИ**

В статье исследуется сущность и содержание оперативно-розыскной информации, рассматривается множественность акспектов информации как объективного явления, что позволяет определить её как научное понятие. Также анализируются источники оперативно-розыскной информации и требования, предъявляемые к ней. Раскрываются критерии ценности и полезности оперативно-розыскной информации.

**THE THEORY OF OPERATIONAL AND INVESTIGATIVE INFORMATION**

This article examines the nature and content of operational and investigative information. We consider the multiplicity of aspects of information that allows defining information as a scientific concept. Also it is analyzes the sources of operational and investigative information and requirements applicable to it. It is reveals the criteria of value and usefulness of operational and investigative information.

## ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА МУРОФИАВИИ АҲДИ СОМОНИЁН

🗁

**Сафаров И.Д.***

Мисли соҳаҳои дигари ҳуқуқ - ҳуқуқи ҷиноии давлати Сомониён асосан ба сарчашмаҳои ҳуқуқи исломӣ такя мекард. Дар ин сарчашмаҳо масоилҳои ҷиноят то тадбиқи ҷазо дида баромада шудаанд.

Ҷиноят тибқи меъёрҳои исломӣ ба се намуд тақсим мешавад:

1) ҷиноятҳое, ки хатари шадиди ҷамъиятӣ доранд ва ба ҳаққи Худо даст меёзонанд, ки ҳадди ҷазояшро Қуръон муайян кардааст;

2) ҷиноятҳое, ки мақсадашон саломатӣ ва ҳаёти шахсият мебошанд (масалан, куштор, зӯроварӣ);

3) ҷиноятҳои дигар, ки бо нақзи ҳуқуқҳои динӣ ва шахсӣ марбутанд.

Ҳар кадоми ин гурӯҳҳо зергурӯҳҳо доштанд, ки кори қозиёни давраи Сомониёнро осон мекарданд.

Мутобиқи меъёрҳои исломӣ фаъолият ва бефаъолиятии ҷиноятӣ як хел шуморида мешуд. Ҷиноятҳои гурӯҳӣ якумро ҳадд – ҳудуд муайян мекунад, ки инҳо - зино, шароб, дашному газоф, сирқат – дуздӣ ва роҳзанӣ мебошанд.

Ҳадд ва ҷазо бар ин гуноҳҳоро Аллоҳ муайян кардааст ва касе наметавонад онро сабук ё вазнин кунад.

Барои мисол, агар марди зандор ё зани шавҳардор зино кунад, ҷазои он қатл ба тариқи сангсор аст. Ва агар яке аз иштирокчиёни зино кофир бошад, ин ҷазо ба ӯ татбиқ намешавад[166].

Махсус бояд қайд кард, ки тибқи меъёрҳои исломӣ шӯриш муқобили ҳокимони мусулмон ҷинояти вазнин ҳисоб шуда, ҷазои эъдом ба тариқи сангсор муқаррар шуда

---

* *Сафаров И.Д.* – дотсенти кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳукуки факултети № 1 Академияи ВКД Тоҷикистон, номзади илмхои ҳуқуқ.

[166] *Сафаров И.Д.* Особенности становления правовой системы государства Саманидов // Государство и право. – 1998. - № 1. - С. 1-6

аст. Агар ҳолатҳои сабуккунанда вуҷуд медоштанд, қатл ба чӯбзанӣ ва зиндон иваз мешуд, ки таҷрибаи чӯбзанӣ аз меъёрҳои зардуштии муҷозот гирифта шудааст.

Ба категорияи ҷиноятҳои махсусан вазнин зино ва бачабозӣ медаромаданд.

Ҷинояти дигар шаробхорӣ аст, ки барои он аз 40 то 80 дарра муқаррар шудааст. Л.Р. Сюкияйнен меорад, ки Пайғамбар шахси мастеро шахсан бо шохи хурмои аз барг тозашуда 40 дарра мезанад. Муносибати тунди ислом бо шаробро муҳаққиқони муосир дар он мебинанд, ки алкогол ба интеллект – яке аз муқаддасоти зерҳимояи ислом зиён меорад ва бе интеллект имон чӣ гуна метавонад бошад?

Ба гурӯҳи якуми ҷиноятҳо дуздӣ – сирқат низ ворид мешавад. Меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ таърифи аниқи дуздиро намедиҳанд. Қонун чунин ҷазо муқаррар мекард, ки агар арзиши моли дуздида аз 10 дирҳам беш бошад, дасти дуздро мебуриданд ва агар ин ҷиноятро такроран содир кунад, дасти дуюмашро низ мебуранд.

Ҷинояти дигар ин ғасб аст, ки таърифи махсус надорад ва ҷазо дар салоҳияти қозӣ аст.

Ҳангоми дида баромадани гурӯҳи дуюми ҷиноятҳо бояд дар назар дошт, ки он ду таркиб дорад: 1) қатл ва 2) ҷароҳати ҷисмонӣ. Пеши қозӣ вазифа меистод, ки сабаби ҷиноят амдан ё саҳван содир шуданашро муайян кунад. Агар куштор аниқ мешуд, ки қасдан содир шудааст, шариат талаб мекард, ки ҷазо баробарвазн бошад - қасос ё фидия. Дият ё фидия нархи хунбаҳо буд, ки баъдан барои ҷароҳати ҷисмонӣ низ муқаррар мешуд. Фидия дар ҳолати содиршавии куштор дар натиҷаи беэҳтиётӣ ва саҳван муқаррар мешуд[167].

Барои куштор бо мақсади худҳимоя қотил ҷавобгарӣ надошт. Ҳангоми ёфтани ҷасади мақтул аз мавзеи аҳолинишин, ҳамаи сокинони маҳалла вазифадор буданд, ки фидияро диҳанд.

Барои намояндаи ҳар табақаи ҷамъиятӣ нархи гуногуни тобеон вуҷуд дошт. Барои мисол, нархи марди озод 10 000 дирҳам буд, нархи зан ними нархи мард ва нархи хунсо 1/3 нархи мард, нархи ғулом аз рӯи сифаташ.

Тибқи шариат қасоси хунӣ эътироф мешавад ва ин расм аз қабилаҳои тоисломии араб мерос омадааст[168].

Ҷазоҳое, ки дар Давлати Сомониён муқаррар мешуданд, чунин буданд:

1) қатл, сангсор, ба дор кашидан, зери девор мондан, сар буридан, аз гуруснагӣ дар зиндон маҳв кардан, зери об кардан;

2) бо дарра ё чӯб задан;

3) буридани даст ё по;

4) зиндонӣ кардан;

5) кафорат – ҷарима.

Мақоми асосии судии Давлати Сомониён қозӣ буд, ки аз ҷониби шоҳ таъин мешуд, вале тибқи ҳуқуқи исломӣ зинаи олии ҳокимияти судӣ шоҳ ҳисоб мешавад, ки номаш дар хутба хонда шудааст.

Қозӣ танҳо наметавонист дар мурофиае, ки падар ё писараш иштирок доштанд, қазоват кунад, дар ҳолатҳои боқимонда вазифадор буд, ки дар мурофиаҳо раисӣ кунад.

Қозӣ мувофиқи меъёрҳои марзӣ – маъмурӣ таъин мешуд: қозии вилоят, шаҳр, лашкар. Дастгоҳи қозӣ аз як ё якчанд ноиб, мирзо, котиб, мулозимон ва тарҷумон иборат буд. Ҳуқуқи қозӣ хеле доманадор ва ҳатто бештар аз салоҳияти судӣ буд[169].

Дар салоҳияти қозӣ амалиёти нотариалӣ, тасдиқи васиқаҳо, назорат аз болои мерос, назорати олии вақф ва ғайра медаромад[170].

---

[167] Ниг.: *Азизкулова Г.С.* Понятие и виды преступлений по уголовному законодательству Афганистана. Душанбе, 2006, – С. 726

[168] Ахмад аш-Шарбасти. Ал-кисас фи-л-ислам. - Каир,1954. - С. 17.

[169] Ниг.: *Азизкулова Г.С.* Цикл лекций по истории государства и права Республики Таджикистан. – Душанбе, 1995. - С. 72

[170] Ниг.: *Сафаров И.Д.* Суд и процесс в государстве Саманидов. - С.167

Дар ҳуқуқи мурофиавии Сомониён:
1) фарқи байни ҳуқуқи ҷиноӣ ва шаҳрвандӣ набуд;
2) миёни даъвогар ва айбдоркунанда фарқ набуд;
3) коргузории хаттӣ вуҷуд надошт;
4) принсипи мурофиаи бетанаффус амал мекард;
5) мурофиа дар масҷид мегузашт;
6) бори исбот ба дӯши даъвогар ва ҷавобгар буд.

Мурофиа, аз рӯи шариат бо ширкати айбдоркунанда, шифоҳӣ ва кушода (оммавӣ) мегузашт.

Исботи судӣ иқрори айбдоршаванда, шаҳодати гувоҳҳо ва қасам буд. Нақши асосиро иқрор мебозид ва амалан ҳукм буд. Барои ҷиноятҳои категорияи якум иқрори чорбора лозим буд ва аз иқрор мункир шудан иҷозат буд.

Шаҳодати гувоҳҳо дар дараҷаи дуюм буд. Инҳо наметавонистанд ҳамчун шоҳид баромад кунанд: маҳкумшудагон, намояндагони дини дигар дар мурофиаи мусулмонон, хатнанашудагон, навозандагон, раққосаҳо, сарояндагон, паррандабозон…

Шаҳодати ду зан баробари як мард қувваи юридикӣ дошт. Ҳуқуқи исломӣ қасамро ҳам дар мавриди ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва ҳам ҷиноӣ эътироф мекунад.

Ғайри қозиҳо боз судҳои ҳакамӣ амал мекарданд, ки онҳо намояндагони обрӯманди аристократияи дунявӣ буданд ва вазифаи онҳо аз обрӯи судя вобастагӣ дошт.

## Уголовное право и уголовный процесс в эпоху Саманидов

В статье разговор ведется о том, что уголовное право, как и уголовный процесс, впрочем как любое другое право, в эпоху Саманидов опиралось на нормы исламского права. Именно поэтому, в зависимости от тяжести совершения преступления делились на три части, которые в свою очередь, разделялись еще и на категории, что делалось, по мнению автора, для облегчения принятия козием законного решения. В статье речь идет также и о принципах уголовного процесса, рассмотрения судом различного рода судебных процессов и решений, принимаемых судом, участниках судебных разбирательств.

## Criminal Law And Criminal Procedure In The State Of The Samanids

The article is talking about what the criminal law, as well as criminal proceedings, however, like any other right in the era of the Samanids was based on the rules of Islamic law. That is why, depending on the severity of committing, offenses were divided into three parts, which, in turn, divided into categories, and even that was done, in of opinion, to facilitate the adoption of kozi legal solutions. The article is also on the principles of criminal proceedings, adjudication of various lawsuits and decisions taken by the court, parties to litigation.

## Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва Қуръони карим: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ

🗁

**Саидов З.А.[*],**
**Хайруллоев Ф.С.[**],**
**Шарипов Б.М.[***]**

Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (минбаъд Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар») дар таърихи 14 декабри соли 2010 ба рушди афкор ва маърифати ҳуқуқии мардуми Тоҷикистон пояи устувор гузошт. Илова бар ин, мардуми Тоҷикистон дарк намуданд, ки масъалаҳои муҳими ҷомеаи имрӯза бо иштироки фаъолонаи онҳо сурат мегирад ва набояд дар ҳалли онҳо касе бетараф бошад.

Бояд ёддовар шуд, ки дар муҳокимаи Қонуни дар боло зикргардида бархе аз намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва сиёсӣ норозигӣ баён намуданд ва ҳатто аз минбарҳо арз мешуд, ки гӯё «Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар» ба табиати онҳо мувофиқ нест».

Аз ин лиҳоз, бо андешаи мо, дар арафаи муҳокимаи ҷамъиятии лоиҳаи Қонуни нав «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», ки он аллакай дар муҳокимаи Кумитаи маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон қарор дорад[171], муқоисаи муқаррароти Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар» бо муқаррароти Қуръони карим ба маврид мебошад, чунки мо боварии комил дорем, ки наврасон ва ҷавонони имрӯза, ва дар баъзе ҳолатҳо, падару модарон низ ниёз ба омӯзиш ва баланд бардоштани маданияти ҳуқуқӣ ва маърифати динӣ доранд, чунки Қуръони карим ин панд аст: «**Ин он Китоб аст. (ки) дар он ҳеҷ шубҳа нест; роҳнамо барои парҳезгорон аст,**» (сураи Бақара:2) ё «**Ин (Қуръон) ҷуз панде барои оламиён (чизе) нест**» (сураи Сод:87) [172] ва зарур аст фаҳмем, ки то чӣ андоза Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар» ба ин арзишҳои олии инсонӣ мухолифат намекунад ва як навъи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ низ ҳисоб мешавад.

Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар» дар таърихи 2 августи соли 2011 қабул шуд ва ҳашт моҳ аст, ки мавриди амал қарор дорад. Бояд фаромӯш накунем, ки милитсия яке аз мақомоти ҳуқуқтадбиқкунанда ба шумор меравад ва дар кори тадбиқи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар» дар байни дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар сафи пеш меистад, хусусан, дар мавриди анҷом додани корҳои профилактикиву фаҳмондадиҳӣ, ки аз ҷониби ҷузъу томҳои ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ фаъолиятбурда, амалӣ мегардад. Бояд қайд кард, ки дар панҷ моҳи аввали татбиқи қонуни номбурда мақомоти корҳои дохилӣ зиёда аз 60 ҳолати аз ҷониби падару модарон вайрон кардани талаботи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар»-ро ошкор намуда, нисбати онҳо чораҳои муайян андешидааст, аз ҷумла 47 ҳолати монеъ шудани падару модарон ба фарзандон барои гирифтани таълим ва 15 ҳолати аз ҷониби падару модарон духтарони ноболиғи худро ба шавҳар додан.[173]

Дар ин радиф, кормандони масъули мақомоти милитсия барои дуруст ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳиву профилактикӣ бояд дониши кофӣ дошта бошанд.

---

[*] *Саидов З.А.* - сардори факултети № 3 Академияи ВКД Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, полковники милитсия.

[**] *Хайруллоев Ф.С.* - сардори кафедраи фанҳои ҳуқуқии граждании Академияи ВКД Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, подполковники милитсия.

[***] *Шарипов Б.М.* - муаллими калони кафедраи фанҳои муҳандисӣ-техникии Академияи ВКД Тоҷикистон, подполковники милитсия.

[171] Ҷумҳурият//№29 (22 010) аз 3 марти соли 2012. С.1

[172] Дар ҳамин ҷой ва дар дигар ҷойҳо матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти Муҳаммадҷон Умаров истифода бурда шудааст – ниг.: Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ). – Душанбе, «Ирфон», 2007.

[173] http://news.tj/ Душанбе. 20 января 2012. Агентство «Азия-Плюс».

Дар акси ҳол, хусусан, дар ҳолати надонистани арзишҳои олии дини Ислом ва Қуръон ва мавҷуд будани эроди диндорон нисбати Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар» дар ҷараёни анҷом додани корҳои дар боло зикргардида, мушкилиҳои бисёр ба миён омада метавонанд. Аз ҷониби корманди мақомоти милитсия донистани арзишҳои олии Қуръон, ва дар ҷамъбаст дини Ислом, аз талаботи Барномаи давлатии мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2007 таҳти №543 тасдиқ шудааст, бармеояд.

Аввалан, Қуръон ***ваҳдатро*** яке аз талаботи зарурии ҷомеа эълон мекунад ва манъ мекунад, ки дар ҷомеа мардум бо ҳар хел баҳонаҳо ба гурӯҳҳо ва фирқаҳои мухталиф тақсим шаванд. Дар сураи Рум оятҳои 31-32 фармуда мешавад: «…**аз мушрикон мабошед – аз онон, ки дини худро пароканда сохтанд ва гурӯҳ-гурӯҳ шуданд**». Зиёда аз ин, дар Тафсири Мухтасари Хатлонӣ[174] дар шарҳи ояти 2-и сураи Рум, яъне «**(Қавми) Рум мағлуб шуданд**» омадааст, ки мусулмонон аз фаҳмидани ин хабар ғамгин шуданд, чунки румиҳо насоро ва аҳли Китоб буданд (*яккахудоанд - аз муаллифон*) ва дар ҳамон лаҳза ба форсҳои оташпараст бохтанд. Агар ин ақидаро тақвият диҳем, пас барои мусулмон аз оташпараст дида қавми яҳуд ва насоро наздик бояд бошад, аз оташпараст дида намояндагони мазҳабҳои мухталифи дини исломро наздик ҳисобидан лозим аст ва бо ҳамаи онҳо соз бояд гирифт, чуноне ки дар ояти 8 сураи Мумтаҳанаи Қуръон омадааст: «**Худо шуморо аз некӯӣ кардан ва инсоф намудан дар ҳаққи касоне, ки бо шумо дар амри дин ҷанг накардаанд ва шуморо аз хонаҳоятон берун накардааст, манъ намекунад**».

Дар ҳамин радиф бояд қайд намуд, ки дар Қуръон дар боби фармонбардорӣ намудан ба ҳокимон чунин гуфта шудааст: «**Эй мӯъминон, Худоро фармонбардорӣ кунед ва Пайғамбару фармонравоёнро (яъне амирони мусулмон)…фармонбардорӣ кунед!**» (сураи Нисо:59). Ин ояти Қуръони карим як навъ нишонаи давлати ҳуқуқбунёд мебошад, ки волоияти қонун ва ҳуқуқ, риояи онҳо ва масъулияти тарафайни давлат ва шаҳрвандро дар ҷараёни бунёди ҷомеаи адолатпарвар пешбинӣ мекунад. Ҳукумати имрӯзаи Тоҷикистон танзими муносибатҳои ҷамъиятиро ба ӯҳда дорад ва ҳамчун фармонраво баҳри ҳифзи дини мусулмонони кишварамон бисёр чорабиниҳои муҳимро ҷомаи амал пӯшидааст ва пӯшида истодааст, ки дар поён доир ба ин андешаҳо баён мегарданд.

Дуюм, барои муайян кардани андозаи мухолифати Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар» ба Қуръони карим зарур аст, ки таҳлили мушаххаси ҳар ду сарчашмаи ҳуқуқӣ гузаронда шавад, то ин ки имконият ва шароити аз байн бурдани нофаҳмиҳо ва тундравиҳо дар ҷараёни танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ба вуҷуд оварда шавад.

Таҳлили арзишҳои олии дини Ислом, хусусан, сарчашмаи асосии он – Қуръони карим, нишон медиҳанд, ки Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар» дар доираи чорчӯбаи талаботи арзишҳои дини Ислом қарор дорад. Хулосабарории зайл бо далелҳои зерин тасдиқ мешавад, масалан:

- Муқаррароти қисми 1 моддаи 10 Қонуни мазкур пешбинӣ мекунад, ки фарзанди болиғу қобили меҳнат вазифадор аст, ки падару модари худро нигоҳубин ва таъмин намуда, онҷоро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ дастгирӣ намояд.[175] Дар ин бобат дар Қуръон, хусусан, дар сураи Аҳқоф, ояти 15 омадааст: «Ба одамӣ дар ҳаққи падару модараш некӯкориро амр кардем». Бояд қайд кард, ки ба ҳамин мазмун, инчунин дар ояти 14 сураи Луқмон ва оятҳои 23-24 сураи Исро ва дигар низ амр омадааст, ки аз ҷиддияти масъалаи баррасишаванда дар Қуръони карим шаҳодат медиҳад. Дар ҳамин ҷода қайд кардан лозим аст, ки ӯҳдадарии муомилаи нек кардан дар ҳаққи падару модар бояд дар зери хатари дар назди Худованд зиёну гунаҳгор нашудан ва

---

[174] Тафсири Мухтасари Хатлонӣ. Китоби 3. Муҳаммадҷони Садриддин. Душанбе, 2006, - С.53.

[175] Асоси муқаррароти мазкур моддаи 34 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар он чунин меояд: «…фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъмини падару модар масъуланд».

гирифтори азоб нагардидан,[176] ичро шавад. Шахсе, ки даъвои мӯъминӣ ва мусулмонӣ мекунад амри мазкурро бояд шиори зиндагӣ кунад. Барои ҳамин талаботи қисми 1 моддаи 10 Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар» барои имони мӯъмин ва мусулмони ҳақиқии Тоҷикистон зиён намеорад, баръакс аз даъват бар арзишҳои олии дини Ислом иборат аст.

- Падару модар ӯҳдадоранд, ки ба таълим фаро гирифтани фарзандро таъмин намуда, ба таҳсили ӯ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ монеъ нашаванд (сархати 2 моддаи 9 Қонун). Ислом бо тамоми вуҷудаш тарғиби илму донишро пеша мекунад ва ин дигар масъалаи ҷиддии Қуръони карим мебошад, ба монанди: «Ҳамчунин Худо бар дилҳои онон, ки намедонанд (аз доноӣ бебаҳраанд – аз муаллифон), мӯхр мениҳад!» (сураи Рум, ояти 59). Аз ояти мазкур бармеояд, ки илмомӯзӣ ва донишандӯзӣ шарти муҳими дини Ислом аст, ки Қуръони карим ва инчунин Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар» бар он даъват мекунанд. Қуръон бисёр осонбаён ва фаҳмо аст ва одам дар татбиқ ва дарки он на барои худ ва на барои дигарон набояд мушкилӣ эҷод кунад. Дар ин радиф бояд қайд кард, ки дар сураи Қалам дар ояти 1 Худованд «ба қалам ва ба он чи менависад», инчунин дар дигар ҷойҳо «ба китоб»[177] (Қуръон, сураи Зухруф: 2 ё ки сураи Ё син: 2 ва дигар оятҳо) савганд мехӯрад. Пас қалам ва китоб ашёҳое ҳастанд, ки арзиши олӣ доранд, ки бо онҳо Худованд қасам ёд мекунад ва онҳо дар ҷараёни таълим неъмати бебаҳоанд, лекин сад афсӯс, ки аз ҷониби шахсони масъул дар мактабу масҷидҳо ба ин масъала начандон аҳамият дода мешавад, хусусан, дар боби фазилати қалам ва китоб (ба маънои маҷозӣ: тамоми китобҳои таълимӣ ва барои донишандӯзӣ лозимбуда – аз муаллифон) дар омӯзиши илм ва дониш ва эҳтироми ин асбобҳои таълимӣ. «Надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад»[178] ва ба ҳамин мазмуни принсипи конститутсионӣ дар ояти 36 сураи Исрои Қуръони карим гуфта шудааст: «Ва паи чизе марав, ки туро дониши он нест; ба дурустӣ ки аз ҳар яке гӯшу чашм ва дил пурсида хоҳад шуд!». Пас дониш барои роҳи рост ва бунёди ҷомеаи адолатпарвар, наҷот ва хушбахтӣ, осудаҳолӣ ва тинҷиву амонӣ ҷузъи муҳим аст, ки Қуръони карим ва Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар» онро тарғибу ташфиқот мебаранд.

- Падару модар ӯҳдадоранд, ки барои фарзанди то бистсола истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ (аз ҷумла, пиво), воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, маҳсулоти тамоку (аз ҷумла, нос) ва маводи сахттаъсирро манъ намоянд (сархати 15 моддаи 8 Қонун). Дар боби масъалаи мазкур дар сарчашмаи асосии дини Ислом омадааст: «Эй мӯъминон, ҷуз ин нест, ки хамр ва қимор… аз кирдори Шайтон аст; пас аз вай дурӣ кунед, то бувад, ки растагор шавед!» (сураи Моида, ояти 90). Талаботи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар» мақсад дорад, ки падару модарон ва фарзандони онҳо растагор шаванд, лекин барои бархе аз намояндагони созмонҳои ҷамъиятӣ ва сиёсӣ ин амри Худованд, афсӯс, ба «табиаташон» мувофиқ нест.

- Сархати 7 моддаи 8 Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар» падару модарро ӯҳдадор мекунад, ки шаъну шарафи фарзандро эҳтиром намоянд ва ба муомилаи бераҳмона нисбат ба ӯ роҳ надиҳанд ва Қуръони карим низ муқаррар мекунад, ки «Ҳамоно Худо ба инсофу некӯкорӣ ва ато кардан ба хешовандон мефармояд ва аз беҳаёӣ ва кори нописандида ва бедодӣ манъ мекунад; шуморо панд медиҳад, то бувад ки шумо пандпазир шавед» (сураи Наҳл:90) ё «Ва фарзандони худро аз тарси тангдастӣ макушед» (сураи Исро:31), ки куштор яке аз оқибати бераҳмию эҳтиром накардани ҳаққи фарзандон мебошад.

- Падару модар ӯҳдадоранд, ки кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ, муомилаи дағалона бо атрофиён, халалдор намудани оромӣ, истифодаи суханҳои қабеҳ, рафтори дағалона дар кӯчаҳо, хиёбонҳо, майдонҳо, муассисаҳои фароғатӣ, дохили нақлиёт, хобгоҳҳо, манзили зист, дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва муносибати тахрибкоронаи фарзанд-

[176] Қуръон, сураи Аҳқоф, оятҳои 17-18
[177] Калимаи «Китоб» дар Қуръон барои ифода кардани тамоми китобҳои аз ҷониби Худованд нозилшуда - Забур, Таврот, Инҷил ва Қуръон, истифода бурда мешавад.
[178] Моддаи 42 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.Душанбе: «Қонуният», 2004, - С.23.

ро ба муҳити зист пешгирӣ намоянд. Ӯҳдадории мазкуреро, ки сархати 10 моддаи 8 Қонуни «Дар бораи масъулияти падару модар» муқаррар кардааст дар ояти 90 сураи Наҳли Қуръони карим низ ҳамчун фарз аз мусулмон талаб карда шудааст: «Ҳамоно Худо … аз беҳаёӣ ва кори нописандида ва бедодӣ манъ мекунад». Боварии комил дорем, ки ин ҳукми Худованд бар мусулмон басандааст, ки Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар»-ро ба табиати хеш зид надонад. Бояд хотирасон кард, ки дар 5 моҳи аввали татбиқи қонуни баррасишаванда аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 2 ҳазору 716 тафтиши ногаҳонӣ (яъне, рейд) гузаронида шуд, ки дар рафти онҳо 5 ҳазор кӯдакон ва наврасон дар содир кардани ҳуқуқвайронкуниҳо айбдор карда мешаванд.[179] Ин рақамҳо боиси нигаронист ва барои падару модарон барои андеша аст, ки барои ҷомеаи ояндаи демократии Тоҷикистон киҳоро тарбия карда истодаанд?!.

Магар номи некро ба фарзанд гузоштан ё ба фарзанд тамошои филмҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ, зӯроварӣ, экстремистӣ ва террористиро манъ кардан аз арзишҳои дини Ислом нест?!, ки Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар» низ падару модаронро бар ин даъват мекунад, чунончи, «падару модар вазифадоранд, ки ба фарзанд тибқи арзишҳои миллӣ номи нек гузоранд» (сархати 1 моддаи 8 Қонуни мазкур) ё « падару модар ӯҳдадоранд ба фарзанд тамошои филмҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ, зӯроварӣ, экстремистӣ ва террористиро манъ намоянд (сархати 12 моддаи 8 Қонун).

Албатта, намояндагони созмонҳои ҷамъиятӣ ва сиёсӣ эрод ба он доранд, ки дар Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар» дар сархати 14 моддаи 8 падару модарро ӯҳдадор мекунад, ки барои иштироки фарзанд дар фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, ба истисноӣ фарзандоне, ки ба таври расмӣ дар муассисаҳои динӣ ба таълим фаро гирифта шудаанд, иҷозат надиҳанд, ки ин, ба андешаи онҳо, ҳам ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам ба дини Ислом мухолиф аст.

Аввалан, муқаррароти баёншуда аз иҷрои яке аз фарзҳои асосии шаръӣ, яъне намоз, манъ намекунад. Зиёда аз ин, фарзандоне, ки ба таври расмӣ дар муассисаҳои динӣ ба таълим фаро гирифта шудаанд аз иштирок дар фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ боз дошта намешаванд.

Сониян, дар дини мубини Ислом мураккаб сохтан ва тезутунд кардани ҳар амал, хусусан муносибатҳои ҷамъиятӣ, манъ аст, чунки Худованд дар Қуръони карим мефармояд: «Худо барои шумо осониро мехоҳад ва барои шумо душвориро намехоҳад ва (мехоҳад, ки) шуморро тамом кунад» (сураи Бақара:185) ё «Бигӯ: «Эй қавми ман, бар вазъи худ амал кунед.» (сураи Зумар: 39) ё «Ва (роҳи) осонро ба ту муяссар гардондем» (сураи Ториқ:8) ва бо ҳамин бар бандааш ба андозаи тавоноиаш вазифа бор мекунад ва осонии корро талаб мекунад.

Баъдан, дар дини мубини Ислом фикру андеша ва гумони нек кардан аз нишонаҳои мусулмонист ва вазифаи ҳар як мӯъмин ва мусулмон аст, ки талаби муқаррароти ояти 12 сураи Ҳуҷуроти Қуръони каримро иҷро кунад: «Эй мӯъминон, аз гумони бисёр дурӣ ҷӯед, ҳароина баъзе аз гумонҳо гуноҳ аст;». Барои ҳамин муқаррароти сархати 14 моддаи 8 Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар» ягон ҳуқуқи ибодат кардани шаҳрвандонро маҳдуд намекунад ва мақсад дорад, ки таълими нодуруст ва фаъолияти ғайрирасмии дину мазҳабҳои тундраву ифротгароро пешгирӣ намояд,[180] ки ин ҳам барои оромӣ ва танзими мӯътадили муносибатҳои ҷамъиятӣ пешбинӣ шудааст ва асос барои андешидани чораи мазкур дар шароити ҳозира мавҷуд аст. Бояд хотирасон кард, ки дар қаламрави Тоҷикистон созмонҳо ва ҷараёнҳои тундраву ифротгар, ба мисли ҳизбу-ут-таҳрир, салафия ва дигар, амал мекунанд ва сад афсӯс, ки дар пеш гирифтани роҳи онҳо иттиҳодияҳои динӣ «амалан ва маънан» қобил нестанд, гарчанде ки олимони машҳури ҷаҳони муосири исломӣ, аз

---

[179] http://news.tj/ Душанбе. 20 января 2012. Агентство «Азия-Плюс».

[180] Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Раҳимов М.З. Душанбе: «Империал-Групп», 2011, - С.77.

ҷумла Юсуф Қарзовӣ содир кардани таркишҳо, нооромии ҷамъиятӣ, худкафонӣ, ба гарав гирифтани одамон, фурӯши одамон, вайрон кардани моли ҷамъиятӣ ва дигар кирдорҳое, ки дар натиҷаи амалҳои тундраву ифротгар содир мешаванд, такя ба арзишҳои олии исломӣ дар фатвоҳои худ манъ кардаанд.

Илова бар ин, дар тафсири расмии Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар»,[181] ки аз ҷониби Маркази Миллии Қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст, ишора бар он карда мешавад, ки талаботи қисми 15 моддаи 4 ва қисми 5 моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» аз 26 марти соли 2009-ро ҳеҷ кас манъ накардааст ва он бо риояи тартиби муқарраршуда қобили татбиқ аст, яъне «ҷалб кардани ноболиғон ба фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, ба ноболиғон додани таълими динӣ бе иҷозати хаттии падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда манъ аст» ва «Таълими динии кӯдакон аз синни 7 то 18-солагӣ бо ризояти хаттии падару модар ва ё шахсони онҷоро ивазкунанда дар вақтҳои берун аз дарс ва берун аз барномаи таълимии таҳсилоти давлатӣ иҷозат дода мешавад».

Бо андешаи мо, ҳар гуна баромадҳои шахсоне, ки Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар»-ро ба «табиати хеш» номуносиб медонанд ва онро «Аз Ислом нест!» гуфта, низ маънидод мекунанд ва бо ҳамин дар ҷомеаи тоҷик байни мардуми тоҷик (мусалмонон) ҷудоӣ ва тафриқа меандозанд, ба арзишҳои олии дини Ислом мувофиқ нестанд. Аз ин рӯ, мо ба тамоми намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва сиёсие, ки ба Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар» муносибати носазо мекунанд, гуфтанием, ки ояти 70 сураи Аҳзоби Қуръони каримро иҷро намоянд: «Эй мӯъминон, аз Худо битарсед ва сухани устувор (дуруст – *аз муаллифон*) бигӯед» ё Худованд барои тасдиқи дурустии Қуръони карим дар оятҳои 11-14 сураи Ториқ чунин гуфтааст: «Қасам ба осмони боборон; ва қасам ба замини дорои шикофтан, ки ба дурустӣ, Қуръон сухани ҷудокунанда аст; ва он сухани беҳуда нест» ва ҳамеша мусулмон бояд, тибқи гуфтаҳои Худованд, ки дар ояти 10 сураи Ҳуҷурот амр мекунад: «Ҷуз ин нест, ки мӯъминон бародарони якдигаранд, пас, миёни ду бародари хеш сулҳ кунед ва аз Худо битарсед, то бар шумо раҳм карда шавад!», амал намояд ва набояд дар вақти сухангӯӣ аз паси нафс ва манфиатҳои шахсӣ рафт, балки талоши ваҳдат, адолат, сулҳу субот ва ҳамдигарфаҳмӣ бояд кард. Зарур аст, ки мусулмонон ба тамоми муқаррароти Қуръони карим як хел назар бикунанд ва аз нафароне набошанд, ки суханҳои маъқулро гиранд ва барои худ суханҳои ба худ номаъқулро интихоб накунанд, чунончи дар сураи Бақара ояти 85 омадааст: «Оё ба порае аз Китоб имон меоред ва ба порае кофир мешавед».

Ҳамин тариқ, мақсади Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар» пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд мебошад, ки он бар арзишҳои олии дини Ислом зид набуда, баръакс ҳалли масъалаҳои диниро, ба монанди, таълим, тарбия, инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ (дини Ислом низ яке аз арзишҳои миллӣ ҳисоб мешавад), умумибашарӣ ва фарҳангӣ ва дигарро осон мекунад. Бояд фаҳмид, ки ӯҳдадории падару модар оид ба иҷозат надодани гаштугузори фарзанди то шашсола бе ҳамроҳии шахси аз чордаҳсола боло дар кӯча ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ (сархати 6 моддаи 8 Қонун) бо мақсади пешгирии дуздӣ ва фурӯши одамон, хусусан кӯдакон, пешбинӣ шудааст. Чунки, чи тавре ки дар маърӯзаи Департаменти давлатии ИМА оид ба фурӯши одамон дар соли 2011 гуфта шудааст, Тоҷикистон яке аз давлатҳо-манбаи фурӯши занон ва кӯдакон ба ҳисоб меравад, ки онҳоро асосан бо мақсади истисмори тиҷоратии шаҳвонӣ истифода мебаранд. Занҳои Тоҷикистон (асосан духтарони то 20- сола)-ро ба ғуломии шаҳвонӣ ба

[181] Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»/зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Раҳимов М.З. Душанбе: «Империал-Групп», 2011, - С.77.

давлатҳои АМА, Россия, Арабистони Саудӣ, Қазоқистон ва дар дохилӣ давлат мефурӯшанд.182 Аз ин лиҳоз зарур аст, ки номуси миллии халқи Тоҷикистон бедор шуда, ҳар як фарди ҷомеа ҳушёрии оддиро аз даст надиҳад.

Имрӯз бо дастгириву ташаббуси Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дини тоҷикон ва умуман мусулмонони кишварамон пурра ҳифз карда мешавад, аз ҷумла, сохтмон ва ба истифода додани масҷидҳо аз рӯзи аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва то ҳол идома ёфта истодаанд, Қуръони карим, асарҳои маъруфи олимони дини Ислом, ба мисли ал-Бухорӣ, ал-Ғазолӣ, ат-Тирмизӣ, Муслим ва дигарон ба забони тоҷикӣ нашр гардида, дастраси мардуми тоҷик шуда истодааст, барои қаноат кардани талаботи мардум дар ҷодаи омӯзиши донишҳои исломӣ Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Абӯҳанифа ташкил шудааст, соли 2009 дар Тоҷикистон соли бузургдошти Имоми Аъзам Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит эълон гардид ва ғайра, ки ҳамаи ин бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ ва шуурнокии динии мардуми тоҷик аст. Ҳар як фарди ҷомеа бояд ин самараи бебаҳоро ҳамчун неъмат қабул намояд ва носипос набошад. Шукр, ки Худованд моро ба ин рӯзҳо насиб гардонид!

Ҳамин тариқ, Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар» бо назардошти арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ ва ахлоқии халқи Тоҷикистон ва бо мақсади устувор кардани пояҳои давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи адолатпарвар ба тасвиб расонида шудааст. Яке аз усулҳои шаръӣ ин аст, ки дар сурати мавҷуд будани афзалияти фоиданокӣ нисбат ба зарарнокӣ дар ягон ашё (масалан, оҳан (ҳадид), амал (масалан, ҷашни Наврӯз дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва Миёна) ва ғайра, истеъмоли ашё ва содир кардани амал ҷоиз, раво, дуруст ва қонунӣ мегардад. Аз ин нуқтаи назар Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар», дар шароити муосир ба маврид ва фоидабахш аст, чунки вазифаҳои муҳимро, яъне таълим ва тарбияи фарзанд ва канораҷӯӣ ва даст кашидан аз содир кардани гуноҳи кабира (масалан, гӯш накардани волидон, майнӯшӣ, фоишагарӣ ва ғайра), ки дар дини Ислом ҳукми фарзиро доранд, иҷро мекунад.

Дар баробари ин таклиф кардан ҷоиз аст, ки сархати 14 моддаи 8 Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар» бо таҳрири зайл баён шавад: «иштироки фарзандро дар фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ дар вақти таълим дар муассисаҳо ва дигар ташкилотҳое, ки кӯдак дар таълиму тарбияи онҳо қарор дорад, ба истисноӣ фарзандоне, ки ба таври расмӣ дар муассисаҳои динӣ ба таълим фаро гирифта шудаанд, иҷозат надиҳанд». Таклифи мазкур бо мақсади мувофиқ кардани қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳури Тоҷикистон пешниҳод мешавад, хусусан, мувофиқ кардани сархати 14 моддаи 8 Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар» ба муқаррароти қисми 15 моддаи 4 «ҷалб кардани ноболиғон ба фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, ба ноболиғон додани таълими динӣ бе иҷозати хаттии падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда манъ аст» ва қисми 5 моддаи 8 «Таълими динии кӯдакон аз синни 7 то 18-солагӣ бо ризояти хаттии падару модар ва ё шахсони онҳоро ивазкунанда дар вақтҳои берун аз дарс ва берун аз барномаи таълимии таҳсилоти давлатӣ иҷозат дода мешавад»-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ». Таклифи мазкур баҳри иҷрои ояти 10 сураи Ҳуҷуроти Қуръони карим, яъне, «Ҷуз ин нест, ки мӯъминон бородарони якдигаранд, пас, миёни ду бародари хеш сулҳ кунед ва аз Худо битарсед, то бар шумо раҳм карда шавад!» пешниҳод мегардад.

### Закон Республики Таджикистан «Об ответственности родителей за обучение и воспитание детей» и Коран: сравнительно-правовой анализ

В статье авторы попытались проанализировать Закон Республики Таджикистан «Об ответственности родителей за обучение и воспитание детей» с точки зрения его соответствия высшим ценностям и принципам, закрепленным в Коране. Целью проделанной ав-

[182] http://news.tj/ Душанбе. 8 июня 2011. Агентство «Азия-Плюс».

торами работы является определение соответствия положений указанного закона предписаниям Корана и определение роли Правительства Республики Таджикистан, Президента республики в обеспечении конституционных гарантий и защите прав и свобод, интересов граждан в сфере вероисповедания, их сочетания с развитием и процветанием общества и государства в целом.


**LAW OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN "ON THE PARENTS' RESPONSIBILITY FOR TRAINING AND EDUCATION OF CHILDREN" AND THE KORAN: A COMPARATIVE LEGAL ANALYSIS**

The authors tried to analyze the law of the Republic of Tajikistan "On the parents' responsibility for training and education of children" in terms of its compliance with the highest values and principles enshrined in Koran. The aim of the authors carried out the work is to determine compliance with the provisions of the Act the Koran and the role of the Government of the Republic of Tajikistan, President of the Republic to provide constitutional guarantees and protection of the rights and freedoms of citizens' interests in the sphere of religion, and their combination with the development and prosperity of society and the state as a whole.


## ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВО ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН О БОРЬБЕ С РЕЛИГИОЗНЫМ ЭКСТРЕМИЗМОМ


**Абдухамитов В.А.***


В современных условиях реальную угрозу национальной безопасности в мире, конституционным правам человека представляет усиление экстремизма в различных его формах.

Само понятие экстремизма можно рассматривать в широком и специальном юридическом смыслах. В широком смысле экстремизм (от лат. extremus - "крайний") определяется как "приверженность к крайним взглядам, мерам (обычно в политике)", как "идеология, предусматривающая принудительное распространение ее принципов, нетерпимость к оппонентам и насильственное их подавление"[183].

В последние десятилетия все более широкий размах приобретают такие экстремистские явления, которые имеют связь с религиозными постулатами. Данное явление получило наименовние "религиозный экстремизм".

Активизация деятельности фундаменталистских мусульманских течений на территории Узбекистана, Таджикистана и Кыргызстана, а также действия международных террористических организаций на территории Афганистана не исключают возможности создания незаконных вооруженных формирований и ведения боевых действий на границе.

Следует принять во внимание и то, что постоянно расширяется информационная, техническая и взаимная поддержка террористов, экстремистов и сепаратистов. Происходят сращивание политического и уголовного терроризма, слияние легальных и нелегальных террористических вооруженных формирований экстремистского толка с религиозными, националистическими, сепаратистскими и другими преступными сообществами. И не случайно 28 сентября 2001 года Совет Безопасности ООН принял Резолюцию 1373 о

---


* *Абдухамитов В.А.* - доцент кафедры Уголовного права и криминалистики Российско-Таджикского (славянского) университета.


[183] Политические отношения и политический процесс в современной России / Авт.-сост. Н.А.Баранов. - СПб, 2007. С. 147.

борьбе с международным терроризмом, в которой предусмотрел широкий набор конкретных мер на национальном, региональном и международном уровнях, выполнение которых обязательно для всех государств[184].

Религиозный экстремизм - это религиозно мотивированная или религиозно камуфлированная деятельность, направленная на насильственное изменение государственного строя или насильственный захват власти, нарушение суверенитета и территориальной целостности государства, на возбуждение в этих целях религиозной вражды и ненависти[185].

Среди причин, способствующих усилению религиозного экстремизма в Таджикистане, на наш взгляд, можно "назвать нарушения прав религиозных и этнических меньшинств, допускаемые должностными лицами, а также деятельность зарубежных религиозных миссионеров, нацеленная на разжигание межконфессиональных противоречий"[186].

Экстремизм на религиозной основе тесно связан с политикой и национализмом, представляя единое целое, поэтому часто в научной литературе используется термин "религиозно-политический экстремизм"[187].

Сегодня, когда отчетливо просматривается тенденция к расширению масштабов акций террористического характера, борьба с терроризмом как формой проявления экстремизма становится глобальной международной задачей.

Масштабы экстремизма, его межгосударственный характер сделали необходимым совершенствование системы противодействия ему, координацию усилий различных государств на долгосрочной основе.

Большой интерес представляют международные правовые акты, а также законодательная база зарубежных государств по противодействию экстремизму, которые могут оказаться полезными в современных условиях Таджикистана.

В большинстве зарубежных стран существуют законы, запрещающие расистские выступления, пропаганду и провокационные заявления, выражающие ненависть или презрение к лицам или группам лиц на основании их расовой или этнической принадлежности, вероисповедания, цвета кожи, национальности.

По мнению исследователей, опыт применения законов, запрещающих возбуждение религиозной вражды и оскорбления религиозных чувств верующих (в ряде стран эти действия называются hate speech - «враждебная речь»), в Канаде, Дании, Франции, Германии и Нидерландах сходен - везде эти законы ориентированы на необходимость защиты человеческого достоинства и активно применяются, предусматривая как уголовную, так и гражданскую ответственность[188].

Законы Канады, Франции, Дании и Нидерландов обеспечивают защиту членов религиозных групп наравне с группами, объединяющими признаками которых являются общность расы, национального или этнического происхождения. Закон об уголовной ответственности за оскорбление религиозных чувств существует в Канаде[189], Нидерландах.

В Канаде данное правонарушение предусмотрено общим правом, и для привлечения к ответственности за оскорбление религиозных чувств необходимо представить доказательства того, что оно угрожает общественному спокойствию.

Во Франции неправительственные организации, в чьи задачи входит борьба с расизмом, имеют право возбуждать не только гражданские, но и уголовные дела по

---

[184] Резолюция 1373 СБ ООН о борьбе с международным терроризмом // ДВ. 2001. №10. С. 88.

[185] *Бирюков В.В.* Еще раз об экстремизме // Адвокат. 2006. № 12. С. 29.

[186] *Шаракшанэ С.* Ислам и политический экстремизм // Религия и право. 2007. № 4. С. 26.

[187] Там же.: С. 27.

[188] Предупреждение и борьба с терроризмом: российский и зарубежный опыт законодательного регулирования // http://www.antiterror.ru.

[189] Уголовный кодекс Канады 1955 г. М., 2005. 287 с.

фактам расистских выступлений. Большинство дел возбуждается антирасистскими организациями. В настоящее время к антирасистским организациям относятся уже 60 неправительственных организаций из 29 государств Центральной и Восточной Европы, СНГ, Западной Европы и Северной Америки. Одним из крупнейших является Антирасистский комитет Совета Европы.

Канада, Германия и Нидерланды не предусматривают столь широких возможностей участия частных организаций в уголовных делах.

В Германии с середины 80-х годов существуют специальные поправки к Конституции, запрещающие любую деятельность экстремистских организаций. В Основном Законе Федеративной Республики Германии подчеркивается, что никому не может быть причинен ущерб или оказано предпочтение по признакам вероисповедания, религиозных или политических взглядов; свобода вероисповедания, совести и свобода религиозных убеждений и мировоззрения неприкосновенны; государство гарантирует беспрепятственное отправление религиозных обрядов; запрещаются объединения, цели и деятельность которых противоречат уголовным законам или направлены против конституционного строя или против идей взаимопонимания между народами; пользование гражданскими и политическими правами, доступ к государственным должностям, как и права, приобретенные на государственной службе, не зависимы от исповедуемой религии (ст. 3, 4, 9, 33) [190].

В Уголовном кодексе ФРГ предусматривается наказание на срок до трех лет лишения свободы или денежный штраф за оскорбление вероисповедания граждан и религиозных обществ, а также за воспрепятствование отправлению религиозных обрядов, культов, если такие действия вызывают нарушение общественного порядка (ст. 130, 166, 167)[191].

В США борьба с различными проявлениями экстремизма объявлена одной из важнейших задач обеспечения внутренней безопасности государства. Вооруженный экстремизм определяется при этом как незаконное использование или угроза силой, вооруженное насилие над людьми или собственностью для принуждения или устрашения правительства и общества, достижения политических, религиозных или идеологических целей[192].

В 1988 г. был издан новый Уголовно-процессуальный кодекс Италии, где подчеркивается необходимость соблюдения конституционных принципов правосудия и защиты прав личности. В новом УПК Италии запрещено создание и деятельность организаций, пропагандирующих идеи национальной или религиозной вражды, дискриминации, установлены меры наказания для организаторов, участников и содействующих им лиц, а также уголовная ответственность за демонстрацию в общественных местах и на митингах запрещенных эмблем и символов[193].

В Индии еще в 1898 г. Уголовный кодекс был дополнен ст. 153А, установившей ответственность за разжигание вражды или ненависти между "различными классами индийских граждан"[194].

В Конституции Японии подчеркивается, что все люди равны перед законом и не могут подвергаться дискриминации в политическом, экономическом и социальном отношениях по мотивам расы, религии, пола, социального положения, а также происхождения; свобода мысли и совести не должна нарушаться и гарантируется для всех; ни одна из религиозных организаций не должна получать от государства никаких привилегий и не может пользоваться политической властью; никто не может принуждаться к участию в каких-либо религиозных актах, празднествах, церемониях или

---

[190] Конституция Германии (Основной Закон) 1949 г. М., 2003. - 88 с.

[191] Уголовный кодекс ФРГ / Пер. с нем. А.В. Серебренникова. М., 2001. - 358 с.

[192] *Камышев Д.* Борьба с экстремизмом вышла из моды // http://www.kommersant.ru.

[193] Уголовно-процессуальный кодекс Италии / Под ред. А.Н. Козырина. М., 2006. - 320 с.

[194] *Никифоров Б.С.* Уголовное законодательство Республики Индии. М.: ГИЮЛ, 2006. - 256 с.

обрядах; государство и его органы должны воздержаться от проведения религиозного обучения и какой- либо религиозной деятельности (ст. 14, 19, 20).

С точки зрения международного права, все формы экстремизма рассматриваются как антиправовые действия в том случае, если они способны нанести вред и представляют угрозу международному миру и безопасности, одинаково опасны и требуют в равной степени усилий государств в противодействии данному злу. Отсюда четко прослеживается необходимость актуализации международно-правового сотрудничества государств в сфере противодействия экстремизму как угрозе международной, коллективной и национальной безопасности.

Активизация усилий государств в борьбе с международным экстремизмом в последние годы выразилась в принятии ряда международно-правовых актов, направленных на противодействие экстремизму, сепаратизму, международному терроризму в аспекте регионального сотрудничества государств. В этой связи особо следует отметить Декларацию о создании "Шанхайской организации сотрудничества" (ШОС) (подписана в Шанхае 15 июня 2001 г. главами государств Республики Казахстан, Китайской Народной Республики, Кыргызской Республики, Российской Федерации, Республики Таджикистан и Республики Узбекистан)[195]. Целями ШОС являются укрепление между государствами-участниками взаимного доверия, дружбы и добрососедства, поощрение эффективного сотрудничества между ними в политической, торгово-экономической, научно- технической и иных областях, совместные усилия по поддержанию и обеспечению мира, безопасности и стабильности в регионе, построение нового демократического, справедливого и рационального политического и экономического международного порядка.

По вопросам реализации Шанхайской Конвенции 5 июля 2005 г. в г. Астане принята Концепция сотрудничества государств - членов ШОС в борьбе с терроризмом, сепаратизмом и экстремизмом, которая определяет базовые цели и принципы сотрудничества государств в данной области в соответствии с общепризнанными принципами и нормами международного права, что прямо отражено в разд. 1 "Общие положения".

Концепция рассматривает терроризм, сепаратизм и экстремизм как антиправовые явления, которые не могут быть оправданы ни при каких обстоятельствах, независимо от их мотивов, а лица и организации, виновные в совершении таких действий, согласно Конвенции должны быть привлечены к ответственности. Концепция подчеркивает свою приверженность Уставу ООН.

В целях развития сотрудничества по вопросам противодействия терроризму и другим проявлениям экстремизма 26 августа 2005 г. Совет глав государств СНГ принял "Решение о концепции сотрудничества государств - участников Содружества Независимых Государств в борьбе с терроризмом и иными насильственными проявлениями экстремизма". Документ указывает, что государства - участники СНГ принимают Концепцию сотрудничества в борьбе с терроризмом и иными насильственными проявлениями экстремизма в соответствии с принятыми на себя международными обязательствами и национальным законодательством в данной области.

Так, государства - участники СНГ рассматривают борьбу с терроризмом и экстремизмом как одну из важнейших задач обеспечения своей национальной безопасности и выступают за дальнейшее усиление взаимодействия на данном направлении.

Таким образом, рассматривая борьбу с экстремизмом, как приоритетную стратегическую задачу, международное сообщество расширяет сотрудничество по предупреждению и пресечению экстремистских акций, совершенствует механизм

---

[195] *Каширкина А.А.* Международно-правовое сотрудничество государств в борьбе с экстремизмом // Журнал российского права. 2007. № 12. С.17.

координации взаимодействия по укреплению международно-правовых основ по их противодействию.

Особое беспокойство вызывает активизация движений религиозно-экстремистской направленности. Как известно, сегодня особую опасность представляют такие международные террористические организации, как «Братья - мусульмане», «Хизб – ут – Тахрир аль - Исломи», «Ал-чихад-интернейшнл», «ИДУ» и другие, тесно связанные с печально известной «Аль - Кайдой». И такие проявления организованной преступности, как терроризм и экстремизм, относятся к числу самых опасных и трудно прогнозируемых явлений современности, которые приобретают все более разнообразные формы и угрожающие масштабы.

Зарубежный опыт показывает, что во многих государствах уже выработан навык противодействия такому опасному социально- политическому явлению как религиозный экстремизм. Данный опыт, безусловно, нуждается в пристальном изучении со стороны компетентных органов Российской Федерации.

В частности, особого внимания заслуживает опыт деятельности зарубежных неправительственных организаций в части профилактики и противодействия религиозному экстремизму.

**ҚОНУНГУЗОРИИ ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ ОИД БА МУҚОВИМАТ БАР ЗИДДИ ЭКСТРЕМИЗМИ ДИНӢ**

Мақола ба мафҳум ва таҳлили экстремизми динӣ бахшида шудааст. Муаллиф қонунгузории амалкунандаи давлатҳои хориҷиро дар бораи мубориза бо экстремизми диниро таҳқиқ менамояд, чораҳои таъсиррасонии ҷиноятию ҳуқуқиро нисбат ба ҷинояткории экстремизми хусусияти динӣ дошта дар қонунгузории давлатҳои хориҷӣ баррасӣ мегарданд.

**LAW ON FOREIGN COUNTRIES FIGHT AGAINST RELIGIOUS EXTREMISM**

The scientific article is devoted to the definition and the analysis of religious extremism. The author investigates the current legislation of the foreign states about fight against religious extremism, measures of criminal and legal impact on crime of religious and extremist character for the legislation of the foreign states are considered.

## ПРОАКТИВНАЯ СТРАТЕГИЯ КАК НЕОБХОДИМАЯ МЕРА ПРИ ВЫЯВЛЕНИИ ФАКТОВ ТОРГОВЛИ ЛЮДЬМИ

🗁

**Насуров П.А.***
**Пиров М.Т.****

Специфика криминалистической характеристики преступлений по торговле людьми предопределяет процессуальные и тактические особенности в стадии возбуждения уголовного дела. Данные особенности связаны с выявлением и процессу-

* *Насуров П.А.* - начальник кафедры Административного права и административной деятельности ОВД Академии МВД Таджикистана, кандидат юридических наук, подполковник милиции.
** *Пиров М.Т.* - старший оперуполномоченный Управления внутренней безопасности МВД Таджикистана, старший лейтенант милиции, аспирант Санкт-Петербургского университета МВД России.

альным закреплением юридически значимой информации об указанных преступных деяниях.

Анализ научных исследований и возбужденных уголовных дел привели нас к выводу о том, что специфика поводов для возбуждения указанных уголовных дел заключается в наличии, как правило, одного повода – сообщение о совершенном или готовящемся преступлении, полученное из иных источников. Для рассматриваемой категории преступлений заявление о преступлении, а тем более явка с повинной, не характерны в качестве поводов для возбуждения уголовного дела.

Так, Е.В.Тюрюканова, исходя из международной позиции, придерживается мнения о том, что правоохранительные органы должны придерживаться проактивной стратегии в выявлении указанных преступлений. Это связано с тем, что вероятность заявления жертвы о преступлении, дача правдивых показаний и предоставление доказательства совершенного преступления очень низка[196].

Суть проактивной стратегии при выявлении преступлений сводится к тому, что оперативные подразделения инициативно устанавливают признаки преступления, не дожидаясь инициации со стороны потерпевших или очевидцев. Данная стратегия необходима при выявлении тех видов преступлений, которые считаются наиболее латентными. Торговля людьми и использование рабского труда относятся к числу данных преступлений. Незначительное количество выявленных преступлений может свидетельствовать о том, что органы внутренних дел не в достаточной мере реализуют методы проактивной стратегии. Так как потерпевшие по рассматриваемым преступлениям в редких случаях имеют возможность обратиться в правоохранительные органы, поскольку реально лишены такой возможности из-за их эксплуатации в той или иной сфере, то правоохранительные органы должны самостоятельно выявлять данные преступления.

Исходя из этого, в случае активной реализации проактивной стратегии при выявлении данных преступлений, они будут пресекаться сотрудниками ОВД на стадии покушения и подлежать соответствующей квалификации. Наличие оконченного состава преступления будет свидетельствовать о том, что правоохранительные органы не смогли предотвратить данное преступление и оно было доведено до конца. Анализ статистических данных может свидетельствовать об эффективности работы правоохранительных органов.

Суть проактивной стратегии при выявлении указанных преступлений, при возбуждении уголовного дела сводится к следующему. Правоохранительные органы самостоятельно, без поступления сигнала о преступлении от конкретного лица, а лишь при наличии только определенной оперативной информации, самостоятельно осуществляют следующие действия:

- проверка жилых и офисных помещений в целях выявления борделей, подпольных производств;
- проверка объектов, где могут оказываться услуги сексуального характера (гостиницы, бары, клубы, массажные салоны и т.п.);
- мониторинг строек, рынков, вокзалов и других «рисковых» объектов, с точки зрения торговли людьми и использования рабского труда;
- рейды по «черным биржам труда»;
- мониторинг рекламных объявлений в СМИ и в других местах (рекламные доски на остановках транспорта и т.п.) – особенно действенно в целях выявления сексуальной эксплуатации. Среди специалистов данные объявления называются «ахиллесовой пятой» секс-торговли»[197].

---

[196] *Тюрюканова Е.В.* Торговля людьми в Российской Федерации (обзор и анализ текущей ситуации по проблеме) / Рабочая группа ООН/МОМ по проблемам торговли людьми; Представительство Постоянного координатора ООН в РФ. – М., 2006. – С. 96.

[197] *Тюрюканова Е.В.* Торговля людьми в Российской Федерации (обзор и анализ текущей ситуации по проблеме) / Рабочая группа ООН/МОМ по проблемам торговли людьми; Представительство Постоянного координатора ООН в РФ. – М., 2006. – С. 97.

После того, как рассматриваемые деяния были криминализированы, большая часть их выявлялась после обращения потерпевших или их родственников в органы внутренних дел. При этом количество выявляемых преступлений было незначительное. В настоящее время ситуация коренным образом не изменилась. При наличии экспертных оценок о значительности количества фактов торговли людьми и единицах официально возбужденных уголовных дел, можно прийти к выводу о том, что специфика возбуждения уголовных дел заключается в том, что правоохранительные органы не в состоянии эффективно выявлять данные преступления. Данные о правоохранительной деятельности применительно к рассматриваемым преступлениям в Республике Таджикистан коренным образом не отличаются от статистических данных в России. Так, в период с 2005 г. по 2008 г. в Республике Таджикистан не зарегистрировано ни одного факта торговли людьми. Это с учётом того, что Республика Таджикистан оценивается экспертами как одна из стран, входящих в канал торговли людьми. В 2009 г. был зарегистрирован 1 факт данного преступления. За 6 месяцев 2010 г. было выявлено 5 фактов торговли людьми. Таких преступлений, как вербовка людей для эксплуатации (ст. 132 УК Республики Таджикистан) и принуждение (ст. 134 УК Республики Таджикистан) в 2005 г. было выявлено 71 и 1 соответственно; в 2006 г. – 40 и 1; в 2007 г. – 13 и 5; в 2008 г. – 6 и 4; в 2009 г. – 0 и 1; за шесть месяцев 2010 г. – 3 и 0[198]. Как видим, результаты правоохранительной деятельности в Республике Таджикистан по противодействию данным преступлениям также низкие.

Исходя из того, что большая часть уголовных дел по рассматриваемым составам преступлений возбуждается не в ходе реализации проактивной стратегии, а иным путем, необходимо привести комплексный анализ источников информации, из которой поступают сведения об указанных преступных деяниях. Анализ научной литературы[199] приводит к следующим выводам:

1. Обращение жертвы преступления (которая ранее находилась в состоянии жертвы преступления);

2. Обращение «третьей стороны» с сообщением о предположительно имевшем место преступлении (данной стороной может быть неправительственная организация, социальный работник, представитель образовательного учреждения, родственники или друзья жертвы);

3. Публикация в СМИ;

4. Рекламные объявления (журналы, газеты, Интернет), предлагающие работу за границей без указания ее характера, с неправдоподобно выгодными условиями;

5. Объявления об оказании сомнительных услуг по обеспечению свободного времяпрепровождении в саунах, массажных салонах, развлекательных клубах;

6. Базы данных отделов виз посольств или консульств, а также фирм, занимающихся трудоустройством за границей;

7. Представители данных фирм, посольств и консульств;

8. Работники саун, массажных салонов, гостиниц, баров, клубов, рекламных агентств, агентств по трудоустройству, сдаче жилья в наем.

Обращение жертвы преступления возможно лишь в случае побега эксплуатируемого[200]. Иные ситуации, как нам представляется, исключаются, так как лица, использующие рабский труд или эксплуатирующие секс-услуги, не отпускают добровольно раба. Это связано с тем, что данные лица осознают, что в случае, когда лицо перестанет быть подконтрольным, может распространить информацию о работор-

---

[198] Данные получены при обращении с запросом в ГИЦ МВД Республики Таджикистан.

[199] *Тюрюканова Е.В.* Торговля людьми в Российской Федерации (обзор и анализ текущей ситуации по проблеме) / Рабочая группа ООН/МОМ по проблемам торговли людьми; Представительство Постоянного координатора ООН в РФ. – М., 2006. – С. 98.; *Журавлев С.Ю. Пигаев А.М.* Торговля людьми: механизм преступной деятельности, методика расследования. Научно-практическое пособие. – М.: Издательство «Юрлитинформ», 2006. – С. 59.

[200] *Журавлев С.Ю. Пигаев А.М.* Торговля людьми: механизм преступной деятельности, методика расследования. Научно-практическое пособие. – М.: Издательство «Юрлитинформ», 2006. – С. 48.

говле, которая представляет, как правило, отлаженный механизм преступной деятельности. Это, в свою очередь, повлечет разоблачение и привлечение к ответственности лиц, причастных к торговле людьми.

Достаточно распространенными источниками получения информации о торговле людьми являются сообщения в средствах массовой информации, освещающие различные аспекты жизнедеятельности людей. Однако в данном случае следует пояснить, что в СМИ, как правило, публикуются сообщения о фактах, предшествующих или следующих за торговлей людьми.

В указанных случаях необходимо немедленное реагирование на информацию, поступающую из этих источников. В юридической литературе установление признаков рассматриваемых видов преступлений подобным образом называется реактивной стратегией выявления. При реализации такой стратегии признаки преступления могут быть выявлены в ходе проведения «проверочной закупки», хотя, как отмечают практики, в ходе этого вида оперативно-розыскной деятельности установить эти признаки проблематично. Это обусловлено тем, что использование рабского труда завершается в подпольны цехах, в полях и на дачах, удаленных от населенных пунктов. Доставление потерпевших в эти места происходит в несколько этапов и в течение определенного промежутка времени. Таким образом, как отмечают практики, основной способ выявления данных преступлений, это сообщения соседей тех лиц, которые используют принудительный труд.

Как отмечают практики, сложность выявления рассматриваемых видов преступлений обусловлена тем, что до сих пор, несмотря на имеющиеся отдельные рекомендации, касающиеся методики расследования указанных преступных деяний, отсутствует четкое понимание и представление о механизме данного преступления, его причинах, юридически значимых признаках, отображаемых в следах преступления и установлении самих следов. Характеризуя ситуацию с выявлением рассматриваемых преступлений в период с 2004 по 2005 г.г., Е.В. Тюрюканова отмечала, что они выявлялись в ходе расследования иных составов преступлений (торговля контрафактной продукцией, содержание притонов, вовлечение в проституцию)[201].

Таким образом, можно прийти к выводу, что данное преступление в процессе его совершения может граничить с другими видами преступлений. Кроме того, оно может являться отдельным самостоятельным преступным деянием в сложном преступном механизме.

[216] Ниг: Таърихи инқилоби Бухоро. Душанбе: Адиб, 1987 , - С.29-203; *Ҷаллодони Бухоро*. Акнун навбати қалам аст, Ҷилди 2. Душанбе: «Ирфон», 1978, - С. 9-22; Еддоштҳо. Энсиклопедияи насри муосири тоҷик. Душанбе: «Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик», 2009, - с. 203-210; 214-219 ва ғ.
[217] *Ҷаллодони Бухоро*. - С.14.
[218] *Ҷаллодони Бухоро*. - С.16.

дигар бо номи Қурбон-девона. Ба ин саволи гузоштаи ҳампешаашон ҷаллоди дигар Рӯзӣ сарпосӣ дарҳол чунин посух медиҳад:

Вақте ки калон ва сардори duздон миршаб бошад, ки онҳоро кор мефармояд, калон ва сардори ҷаллодон амир мешавад, ки онҳоро кор фармуда истодааст»[219].

Ҳамин тариқ, чуноне ки аз сӯҳбати қаҳрамони асосии асар бармеояд, нависанда ҷаллоди №1 худи амир ва сарвари дуздони аморат бошад, худи миршабро медонад, ки воқеан ҳам ҳамин хел буд.

Устод С.Айнӣ барои исбот ва боварибахш гардидани он, ки миршабҳо дузди асосӣ ва сарвари дуздҳост дар бобби «Миршаббобо»-и «Ҷаллодони Бухоро» аз саргузашти яке аз қаҳрамонҳо - Ҳайдарча чунин меорад. Аз рӯи нақли Ҳайдарча дар тумани онҳо Пешкӯҳ як миршаби муйсафед буд. Як рӯз миршаб ӯро ба наздаш даъват намуда, аз душвориҳои зиндагӣ, хароҷоти зиёд доштану маблағи дуруст пайдо карда натавонистанаш гилаву шикоят намуда, дар охир супориш додаст, ягон кор кун, то ки ба ман ягон пули чой рӯяд[220].

Вале Ҳайдарча гӯё худро ба нодонӣ зада чи кунам, гуфта аз миршаб тагпурсӣ кардааст ва дар ҷавоб миршаб чунин фаҳмондааст:

«Масалан, дар миёни ҳамин ҳафта аз ҳамин туман ягон аспи нағз гум мешавад, касе ки он аспро ба даст даровардааст, ба як ҷои дурдаст бурда фурухта пулашро нӯши ҷонаш мекунад. Бо шарофати ҳамин кор ман ҳам аз худи ҳамин туман насибаамро ёфта мегирам»[221].

Аз давоми нақли Ҳайдарча маълум мегардад, ки воқеан ҳам ӯ аспи бойи деҳаро duздида мефурӯшад ва аз ин амал миршаб низ фойдаи муайяне ба даст даровардааст:

Ҳайдарча баъди дуздиаш бо миршаб вохӯрданашро чунин нақл мекунад: «миршаб маро мисли «ҳоҷиро» дида бошад, аз ҷояш ҷаста хеста маро дар бағал кашида аз сару рӯям бӯсида:

- Хушомадӣ, писарам, гуфта ва маро паҳлуи худ ҷой дода як табақ палави ош ба пеши ман гирифт ва аз ҳар су гап зада гуфт:

Корро ба хубӣ ба анҷом расонидӣ писарам. Шукр худоро, ки ба ман ҳам чойпулӣ аз умедам зиёдтар рӯид. Миршаббобо ба ман ҳазор танга дода маро гусел кард»[222].

Аз хазинаи давлат маош нагирифтани амалдорон аз ҷумла миршабҳо ва дар ин замина ривоҷу равнақ ёфтани ришвахурӣ дар мамлакат нависандаро ба изтироб овардаю нороҳат месохт.

Нависанда дар аксарияти асарҳояш ба ин масъала дахл намуда, ҳатто роҳҳои ноаёну аз назари омма пинҳони мардумтороҷкунии «Аркони давлати амир- қозикалон, раиси калон ва миршаб»-ро фош намуда, сахт ба зери тозиёнаи танқид гирифтааст. «Дар дасти тамоми маъмурони ҳукумат, - менависад С.Айнӣ,- ҳатто ба дасти вазир низ, ки ҷонишини амир мебошад, қуввате нест, зеро қонуне вуҷуд надорад, ки ба мавҷиби он амал карда шавад. Фақат барои пул ҷамъ кардан ба ҳама маъмурони ҳукумат ҳуқуқи номаҳдуде дода шудааст»[223]. Дар ҷойи дигар муаллиф боз ҳам кушодатар карда мегӯяд:

«Қозихонаҳо манбаи зулму ғадр, моли сағиру кабир ба таври ногузир дар дасти ин ҳомиёни шариат», мадрасаҳо маркази як туда мутағаллиба* (зурдастон)-инҳо, мо мулобача гуфта ба ҷон, ба номуси ҳар кас таарруз** мекунанд, барои дод гуфта рафтан аз дасти онҳо ҷое нест; миршаби шаҳр шарики дуздон, ба замми ин ба номуси ҳар кас таарруз карда, пул мегирад[224].

Баъд аз табадуллоти октябрии соли 1917 дар Россия Аморати Бухоро як навъ худро мустақил ҳисобида бошад ҳам, ба ободию таъмири мамлакат иқдом накард.

---

[219] Ҳамон ҷо. - С. 23.
[220] Ҳамон ҷо. - С.24.
[221] Ҳамон ҷо.
[222] *Ҷалодони Бухоро.* – С.34.
[223] Инқилоби Бухоро. - С.73.
[224] Инқилоби Бухоро. - С. 150.

Маҳз, дар ҳамин давра Низомиддини Урганҷӣ ба мансаби қушбегигӣ (сарвазирӣ ба маънои имрӯзааш) расида, зулму ситам ва ваҳшониятро ба арши аъло расонид. «Ҳамаи маъмурони ҳукумати Бухоро,- менависад устод Айнӣ,- ваҳшӣ ва хунхор буданд. Лекин Мирзои Урганҷӣ аз ҷиҳати ваҳшонияту хунхорӣ дар мавқеи махсусе меистод. Ин одам агар ягон рӯз касеро ҷазо надиҳад ва хуне нарезад, девона мешуд. Бо даҳшати томом аз рӯи қонуни Бигир! Бизан! Бикуш! ҳукмравоӣ карда, ба тамоми нукоти кишвар одамонашро фиристода, шахсони бегуноҳро «ин дузд, ин бадгашт, ин айғоқ» гуфта дастгир намуда, дар қозихонаю миршабхонаҳо ба дасту пояшон кунда, ба гарданашон кишан зада ба зиндонҳо мепартофтанд.

Баъдан «молдор ва мулкдори ин бечораҳо ҳасту несташонро ба қозӣ, ба миршаб ва ба одамони қушбегӣ, дода халос мекунанд ва дар сояи ин сиёсат маҳрамони амир одамони қушбегӣ қозӣ, раис ва миршабҳо миллионҳо пул ҷамъ карданд»[225].

Устод С.Айнӣ дар «Қозиҳои пеш аз октябр» ном мақолаи публисистиаш, ки 5-уми феврали соли 1949 дар газетаи «Болшевики Ғарм» чоп шудааст, дар бораи ба воситаи ришва ба мансабҳо интихоб шудани шахсони алоҳида ишора мекунад. Нависанда бо овардани саргузашти Мирзониёз ном шахсе аз Самарқанд, ки хатту саводи оддӣ дошту дар ҷавониаш дар дари маҳкамаҳо нишаста аризанависӣ мекард, чи тавр ба мансаби миршаб расидану баъдан қозӣ шудани ӯро таъкид карда, ибораи маъмули «Пул бошад дар ҷангал шӯрбо мешавад»-ро собит месозад. «Вақте ки ин одам,- мегӯяд С.Айнӣ,- аз ин кор (яъне аз аризанависӣ - А.Р.) маблағе пасандоз кард, бо сарфи он маблағ ба миршаби шаҳри кӯҳнаи Самарқанд интихоб ёфт. Баъд аз он ки аз ин мансаби сердаромад, маблағи калоне ба даст даровард, ба қозикалонии шаҳри Самарқанд «интихоб шуд»»[226].

Барои ишғоли мансаби қозигӣ мадрасаро хатм кардани интихобшаванда шарт буд, вале Мирзониёз хатм кардан он тараф истад, ҳатто - дар ягон мадраса таҳсил накарда буд. Вақте ки аз ӯ мепурсанд, ки чи тавр ба ин мансаб интихоб шудед, ӯ чунин чавоб додаст: «Ман, ки аз миршабӣ пули бисёре захира карда будам, он пулро харҷ карда, номзади худро дар интихоботи қозигӣ мондам ва дар он вақт ягон интихобкунанда ҳам мадрасаро тамом карда ё тамом накарда будани маро напурсид. Ана ҳамин тариқа шуда, ба қозикалонии шаҳри Самарқанд «интихоб шудам», ки даҳ баробари миршабӣ даромад дорам»[227].

Дар замони амирӣ амалдорон ҳамеша тифоқу даст ба даст буданд ва дар талаву тороҷ кардани мазлумон аз садҳо ҳиллаву найранг истифода мекарданд. С.Айнӣ дар қисмати сеюми «Ёддоштҳо»- яш дар бораи тақдири талхи Шукур ном як деҳқоне аз деҳаи Косагарони Вобканд нақл мекунад, ки аз дасти бедодгарии амлокдор, қозӣ ва миршаб бехонумон гардида, занаш ва духтараш дар сахтӣ ҷон доданд. Аз рӯи нақли нависанда Шукурбек дар аввал як деҳқони осудаҳоле буд, вале баъдан рафта-рафта бо сабаби зулми ҳокимон аз заминҳо, асбоби деҳқонӣ ва ҳатто аз ҳавлии нишасташ ҳам маҳрум гардида, ба дасти Хидир ном судхур ботрак шуда мемонад. Азбаски занаш бемор буд ба зиндагии сахт тоб наоварда аз олам мегузарад ва духтару худаш хизматро дар ҳавлии бой идома додаст. Бой ба духтари Шукур, ки хеле соҳибҷамол буд талабгор гашта дастдарозӣ мекунад.

Духтар ба падараш аз ин кирдор шикоят мекунад. Шукур аз деҳаи дурдасте кулбае ёфта мехоҳад аз хизмати бой баромада бо духтараш равад. Вале Хидирбой ту аз беморӣ ва аз мурдаи занат аз ман ҳазор танга қарздор ҳастӣ гуфта, духтари Шукурро надодааст. Шукур ба қозихонаи Вобканд шикоят бурда, гирифтани духтараш ва музди дусолаи хизматашро талаб кардааст. Қозӣ ба масъала диққат дода, барои ҳалли он ҳамроҳи мулозимаш миршаби туманро низ ҳамроҳ карда, супориш медиҳад, ки масъаларо дар ҷояш ҳал кунанд. Хидирбой ба мулозим ва миршаб зиё-

---

[225] Инқилоби Бухоро. - С.200-201.

* - зурдастон.

** - калимаи арабӣ, маънояш зурӣ, дастдарозӣ, ҳуҷум, ҳамла.

[226] *Айнӣ С.* Қозиҳои пеш аз октябр // Акнун навбати қалам аст, Ҷ.2, Душанбе: Ирфон, 1977, - С.411.

[227] Ҳамон ҷо.

фати калон ва хизматонаи аз чашмдошташон зиёдтар дода, ҳаққи қозиро низ фиристода, масъаларо ба фоидаи худ ҳал мекунад. Вале Шукур ба ин розӣ нашуда, доду фиғон бардошта талаб мекунад, ки дар хонаи бой мондан ё номондани духтараш дар шоҳидии одамони ҳоким аз худи ӯ пурсида шавад. Амлокдор - Абдусаттор, ки дар бораи ҳусну ҷамоли ин духтар бисёр шунидаю дар пайи ба даст оварданаш гашта буд, тарафи Шукурро гирифта мегӯяд: дар бораи як духтари ба балоғатрасида аз худаш напурсида ҳукме баровардан хатост ва дар назди ҳама фикри худашро мепурсем. Бой, мулозими қозӣ ва миршаб дигар ноилоҷ духтарро ба меҳмонхона дароварда пурсиданд, духтар дар ҷавоб гуфтааст маро аз дасти ин палид халос кунед гуён ба домани падараш часпидааст. Аз ин ҳолати рух дода амлокдор истифода намуда, ҳамчун одами холис иброз кардааст, ки то як вақти муайян духтарро ба хонаи худ барад. Бой дигар далеле надошт ва Шукур низ амлокдорро шахси хайрхоҳ пиндошта розӣ мешавад. Баъди як ҳафта Шукур ба талаби духтараш ба назди амлокдор меравад, вале амлокдор духтарро ба падараш надода, Шукурро ту «дузд» гуён зада пеш кардаст. Шукур аз пушти амлокдор ба раис шикоят бурдааст, вале раис, ки бо амлокдор дар зиддият қарор дошт, ба Шукур аз дасти ман коре намеояд ва ҳар кас бояд давои дарди худро худ кунад. – гӯён маслиҳат додааст.

Бо ҳамин Шукур аз пайи интиқомгирӣ меафтод ва аввал сари Хидирбойро бо санг куфта кори ӯро тамом карда аз пайи нест кардани амлокдор мегардад. Дар ин давраҳои оворагардӣ ва рустшавиҳояш рӯ ба муҳтоҷӣ овард ва ягона роҳи таъмини зиндагиаш дуздӣ буд. Вале ӯ ба ҳамин кори дуздиаш низ як мазмуни махсус, яъне интиқомгирӣ аз ҳокимону золимонро часпонд. Моли арбобу аркони ҳукумат, бойҳои калон ва золимонро дуздида, чизе, ки аз худаш зиёдатӣ мекард, ба камбағалону бечорагон тақсим карда медод. Амалдорони ҳукумати туманҳо аз дасти Шукур ҳамеша дар таҳлука буданду аз тарс шабона ба ҷое намебаромаданд ва бойҳои калон ҳатто рӯзона низ аз ӯ ибо мекарданд. Мардуми оддӣ ҳокими асосии туманҳо ӯро дониста, ба номаш калимаи «бекро» ҳамроҳ карда, ӯро Шукурбек мегуфтагӣ шуданд, вале амалдорон ӯро дузд мегуфтанд ва бо ҳамин ӯ дар тамоми ҷо бо номи «Шукурбеки дузд» машҳур мегардад.

Азбаски Абдусаттори амлокдор ба мақсадаш нарасида духтари бечораро бо азоб ба ҳалокат расонид, Шукурбек аламаш зиёдтар гашта, аз пайи қасос гирифтан шуд. Дар ин миён амлокдор аз вазифааш рафт ва ба Бухоро кучид ва Шукурбек низ фаъолияти интиқомҷуёнашро ба шаҳр кӯчонид. Акнун аз номи Шукурбек бойҳои шаҳр ба ларза меомаданд. Баъди ин амир ба миршаб супориш дод, ки Шукурбеки туздро дастгир намояд. Миршаб дар тамоми шаҳр эълон мекунад, ки касе Шукурбекро кушад 5 ҳазор ва касе ӯро зинда дастгир кунад 10 ҳазор танга инъом мегирад, вале касе ҷуръат намекард, ки ба ӯ рӯ ба рӯ шавад. Дар ниҳояти кор Шукурбек дар як мавриди мувофиқ Абдусаттори амлокдор, - гунаҳкори марги духтарашро дастгир намуда корашро тамом мекунад[228].

Бедодгарӣ, тороҷгарӣ ва мардумфиребии миршабҳо ҳадду канор надошт. Устод С.Айнӣ дар қисмати чоруми «Ёддоштҳо» дар бораи тороҷгарию ифлоскориҳо «Абдураҳимбек» ном миршаби Бухоро бисёр чизҳоро нақл мекунад, ки хеле аҷиб аст. Ба гуфтаи муйсафедон ва солхурдаҳо такя карда, устод Айнӣ мегӯяд: «ки Бухоро аз ӯ (яъне Абдураҳимбек А.Р) бадтар миршабро надида буд, балки ӯ бадтарини миршабҳо буд»[229]

«Миршабҳо, - мегӯяд нависанда;- ягон даромади рӯйрост надоштанд, вазифаи аввалини онҳо дуздонро дастгир кардан буд, лекин бо дуздон шарик шуда, мардумро тороҷ мекарданд, …

Абдураҳимбек, ки аз понздаҳ сол зиёдтар дар Бухоро миршаб шуда буд, барои тороҷ кардани мардум ҳар рӯз усулҳои нав ба нав мебаровард.[230] Ҳатто ӯ аз иҷро

---

[228] Муфассалтар ниг.: *С.Айнӣ*. Ёддоштҳо // Энсиклопедияи насри муосири тоҷик. Душанбе, 2009, - С.307-314.
[229] Ёддоштҳо. - С.478.
[230] Ҳомон ҷо. - С.478.

кардани баъзе корҳои норавою носавоб ҳам рӯй намегардонд. Аз ҷумла ӯ бо як русиёҳӣ ба одамони худ супориш медод, ки шабона ба дарвозаи одамони баномӯс мурдорӣ (чизи ифлос, нопоку бадбӯй) моланд, ва баъдан соҳибони онро ба ҳабс мегирифту дӯғу пуписа мекард:- агар ту, ё зану духтарат пок мебудед, ҳеҷ гоҳ ба дарвозаат мурдорӣ намемолиданд, «туро ба зиндон фиристодан даркор» гӯён метарсонид. Дар ин ҳолатҳо он бечора барои аз шармандагӣ ва аз дасти миршаб халос шудан тамоми дороиашро (ҳатто лозим шавад ҳавлиашро) мефурӯхту худро халос мекард.

Нависанда рубойи шоири ҳамзамонаш Мирзо Абдулвоҳиди Мунзимро, ки маҳз ба ҳамин маврид гуфта шудааст меорад, ки чунин аст:

***Эмин ҳамаро ҳақ аз асас* гардонад,***
***В-аз бӯи бади ӯ, ки нафас гардонад;***
***Гар г-ҳ набувад асос, чаро ин миқдор,***
***Дарвозаи халқро наҷас гардонад?***

Чи гунае ки, устод Айнӣ тасвир мекунад: «Абдураҳимбеки миршаб як одами кутоҳқомати фарбеҳ буд, ки гардану шикаму ронаш қариб ҳамвор ва баробар буданд, бинобар ин мардум ӯро «ғуладинг» мегуфтанд ва дар пеши одамонаш ва ҷосусонаш ӯро ба ин «унвон» ном бурда ва дашном мекарданд»[231].

Писараш Давронбек бошад, аз худаш ҳеҷ монданӣ надошт, ҳатто аз худаш ҳам бадтар, сахтдилтар ва золимтар буд. «Ӯ шабу рӯз маст шуда,- мегӯяд Айнӣ- бо ҷилавдорони себанд (калтак) - дораш савора мегашт ва одамони бечораи ба сабабе ба дасташ афтодаро ба баҳонае ва гоҳо бе ҳеҷ баҳона мефармуд, ки одамонаш даст гирифта истода калтаккорӣ мекарданд ва худаш дар болои асп истода ба сари онҳо бо тозиёна мезад ва дашномҳои қабеҳ медод ва дар ҳолате, ки худаш маст буд, он гуна одамро баъд аз «чӯбкорӣ» кардан «маст ба даст афтод» гӯён ба ихтиёри падараш мефиристод ва падараш он бечораро ҳабс намуда, шиканҷа карда пул мегирифт»[232].

Устод С.Айнӣ дар ҳамин ҷо хеле ҳадафнок порчаи шеъри шоир Ҳайратро, ки дар васфи миршаб ва писараш гуфта шудааст, меорад:

***Фарёду фигони ман зи дасти писарат!***
***Вошуниам аз қадди фарасти писарат!***
***Эй шаҳна, ба манъи мо зи май кӯшӣ чанд,***
***Нокарда назар ба чашми масти писарат!***[233]

Дар бораи Абдураҳимбеки миршаб, ки дар байни аҳолӣ бо лақаби «ғуладин» машҳур гашта буд, бо ҳамин ном чор мисраъ шеъре низ гуфта шуда буд, ки руйнавис шудаю аз даҳан ба даҳан гузашта дар байни хосу ом хеле шӯҳрат пайдо карда буд. Ин қитъа маҳсули эҷоди якчанд нафар - худи устод Айнӣ, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ, Мирзо Иброҳими Субҳӣ ва дар тасҳеҳи он Ҳайрат ширкат варзидаанд. Ин ҳаҷвия, ки воқеан ҳам хеле дилчасп баромадааст, ӯ дар он миршабписар, атрофиёнашон ва тамоми кирдорҳои разилонаи онҳо бо забони тунду масхараомез ҳадафмандонаю нишонрас мазаммат шудааст, чунин аст:

***Ғуладинго! Бар сари зин менишини хуквор***[234]
***Ин аҷаб: гургони одамхор дар фармони туст.***
***Хукро фармондеҳи гургон надида ҳеҷ кас,***
***Ин «шараф» бо хислати гургонаат шоёни туст!***

---

[231] Ҳамон ҷо. - С.478- 479.

* Асас – миршаб, миршабро асас ҳам мегуфтанд.

[232] Ёддоштҳо. - С.479.

[233] Ҳамон ҷо. - С. 479.

[234] Ҳамон ҷо. - С. 479-480.

* Хукбони гургтабъе зишт – иборат аз амир аст.

** Калимаи «даврон» дар ин ҷо ҳам ба маънои муқаррариаш ва ҳам ба сифати номи писари миршаб буданаш гирифта шудааст. (Ин Даврон ҳамон Давронбек аст, ки дар соли 1918 ба муносибати воқеи Колесов бо фармони амир Олим ба Қубодиён (Шаҳритузи имрӯза) омада, шоир ва маорифпарвари машҳур Мирзо Саҳборо кушт ва дар куштани ӯ аввалин шамшери худро зад).

***Хоҳ бошӣ хук, хоҳӣ гург, моро шуд яқин:***
***Хукбони гургтабъе зишт пуштибони туст*.***
***Дуздковӣ чанд? Эй сардастаиduздон, бишарм!***
***Ин ҳама толон, ки мебинем, аз дуздони туст!***
***Баъд аз ин як хонаи ободнатвон ёфтан,***
***Давр агар даври тую «даврон» агар «даврони» туст! ***

Нависанда дар ҳамин қисмати «Ёддоштҳо»-яш дар бораи мубориза Абдураҳимбеки миршаб ва Махдум ном ҷавони ҷасуре нақл мекунад, ки аз он буздилию, аблаҳӣ ва бесаводии миршаб низ маълум мегардад.

Азбаски падари ин ҷавон дар вақти худаш муллои машҳур будааст, ба ҳамин муносибат ӯро ҳама «Махдум» ном мебурданд. Аз ҳикояти устод бармеояд, ки Махдум ҷавони ҷасуру нотарс ва кушодагӯй, ба гуфти мардуми Бухоро « пуртакигӯй» будааст ва сухани ҳақро, танқидро ба касе ки бошад, рӯи рост мегуфтааст. Аз ҷумла ӯ натарсида ба миршаб ҳам гапашро дар рӯяш мегуфт ва ҳар қадар ки бадкирдориҳои миршаб зиёд мешуд, ҳамон қадар нисбат ба ӯ пуртакигӯии Махдум авҷ мегирифт[235].

Махдум барои аз Абдураҳимбеки миршаб эмин нигоҳ доштан худро раияи Русия эълон карда буд. Зеро тибқи созишномаи байни Россия ва аморати Бухоро ҳукумати амирӣ ҳуқуқ надошт, ки шахсони раияи Россия бударо бо ҷурме ва айбе таъқиб ва дастгир намояд. Бинобар ин Абдураҳимбеки миршаб ҳарчанд аз Махдум қасос гирифтани бошад ҳам ба раияи Русия будан - и ӯ бовар карда ибо мекард ва фурсати муносибро пойда мегашт.

Дар Бухоро ҳамасола дар омад-омади фасли баҳор дар чорбоғи подшоҳӣ бо номи Ширбадан, ки бо ҳамин ном деҳа низ буд, сайри Наврӯзӣ ташкил карда мешуд. Дар айёми ин рӯзҳо миршаб дар даруни Қавола ном дарвозаи шаҳр менишаст, то ки равандагони сайрро назора кунад. Одамони миршаб касеро медиданд, ки рӯяш сурх асту аз одамони калоншаванда нест, маст гӯён ӯро дастгир карда ба миршабхона мефиристоданд. Дар мавриди дарo барои мардум одатан миршаб дар айвони дарвозахона менишаст ва барои «ҳурмати» ӯ саворагонро пиёда мекарданд ва он шахс ба миршаб таъзимкунон салом дода, аз дарвоза гузашта баъд боз савора мешуду роҳашро идома медод. Ана дар яке аз ҳамин рӯзҳо Махдум фойтунсавор бо як рафиқаш аз дарвоза мегузарад ҳарчанд дар ин ҳолат пиёда шудани онҳо ҳатмӣ набуд, вале одамони миршаб барои ҷанҷол бардоштан ва дастгир кардани Махдуми пуртакигӯй, ки дар ҳақи миршаб гапҳоро рӯи рост мегуфт, пеши роҳи фойтунро мегиранд. Вале Махдум ба одамони миршаб сар нафаровaрда меравад ва писари миршаб Даврон, ки он ҷо буд, аз фойтунчи, ки райяи Россия будааст ҳазар мекунад. Миршаб баъди ин воқеа ба одамонаш фармон медиҳад, ки поида истанд, ҳамон лаҳза, ки Махдум аз фойтун пиёда шуд, ӯро дастгир карда ба миршабхона биёранд.

Одамони миршаб ҳамин тавр ҳам карданд ва вақте ки Махдум бо рафиқаш аз фойтун фуромаданд, одамони миршаб дарҳол онҳоро дошта ба миршабхона оварда, дар рӯ ба рӯи миршаб шинонданд. Миршаб Махдум ва рафиқашро бо дашномҳои кучагӣ бо алфазҳои қабеҳе, ки дар овони бачагӣ ва миршабии худ омӯхта будааст, ҳақорат додаст.

Баъди носозиҳо гуфтан миршаб фармон медиҳад, ки онҳоро бурда маҳкам карда, ба гарданашон банд ва ба пойҳояшон ишкел зананд ва баъдан ӯ аз амир иҷозат гирифта онҳоро ба зиндон хоҳад фиристод. Махдум то ин муддат хомӯш меистод ва баъди ин гуна супориш додани миршаб аз бағалаш ду қоғазро бароварда, ба миршаб таҳдидкунон мегӯяд: «Мо райяи давлати Русия мебошем, ана ин қоғазҳо поспурти мост. На шумо ва на амиратон ҳад надоретон, ва ҳақ надоретон, ки моро дастгир кунетон. Аммо барои он беҳурматие, ки одамонатон ба мо дар вақти дасгир кардан ва

---

[235] Ҳамон ҷо. - С. 480.

овардани мо кардаанд ва барои ин дашномҳое, ки шумо моро додед, дар пеши суди Русия ҷавоб хоҳед дод»[236].

Миршаб бо дидани он ду қоғаз ва шунидани таҳдидҳои Махдум рангаш канда, ларзида-ларзида ба узру тавбахоҳӣ даромада, худро шогирди падари Махдум хонда, ваъда медиҳад ки одамонашро ба зиндон равон мекунад ва худро ғуломи хонадони Махдум ва ғайра гуфта илтиҷо мекунад, ки аз гуноҳаш гузарад. Вале дар ҷавоб Махдум гуфтааст: Дурӯғ мегӯи ту, беимони бевиҷдони беинсофи тарсончак! Ту падари маро, пайғомбари Алиро ба як пули сиёҳ намегирӣ. Магар ба падари ман шогирд буданат баъд аз дидани поспурти давлати Русия ба ёдат омад, ту беимон, аз ҳукумати Русия тарсида, ин гапҳои дурӯғро гуфта истодаи. Ту дар пеши амир ва ҳукумати Русия хар ва ба сари одамон хук ва гург мебошӣ[237].

Миршаб дигар ба суханҳои нешдори Махдум тоб наоварда, хеста аз дари дигар ба ҳавлии дарун рафта ба Махдум ва рафиқаш ҷомаи шоҳии ҳисорӣ тухфа фиристодааст, вале Махдум ҷомаҳоро ба замин партофта туфу лағаткуб карда бо дашному ҳақоратҳо аз миршабхона бадар рафтааст.

Устод С. Айнӣ дар давоми ин нақл чунин меорад, ки баъдҳо ӯ ва рафиқонаш аз Махдум талаб кардаанд, ки паспорти Россиашро нишон диҳад. Махдум ҳамон ду қоғазро ба нависанда нишон додаст. «Мо мегӯяд, - Айнӣ,- он қоғазҳоро аз назар гузаронидем, ки ҳар дуи онҳо ҳам қоғазҳои собунпечонӣ будаанд. Дар он вақтҳо собунҳои хушбӯи қиматбаҳоро дар заводҳои собунпазӣ барои хубтар ҷалб кардани назари харидорон дар қоғазҳои сафеди ғафси пурнақшу нигор печонида ба бозор мефиристоданд. Азбаски он завод аз тарафи давлат мукофотонида шуда будааст, ба он қоғазҳо фармони дар бораи мукофот содир шударо бо хати ҷалии русӣ чоп карда, бар болои он фармон герб «тамға» -и давлатро ҳам нақш карда буданд. Миршаб, ки хати арабиро ба зӯр мешинохт ва ҳарфҳои русиро ҳеҷ намедонист, паспурти давлати Россия будани он қоғазҳои пурнақшу нигор бовар кардааст, одамони ӯ бошад, тамоман бесавод буданд, ки ҳарфи русӣ он тараф истад, ҳарфи арабиро ҳам намешинохтанд»[238].

Нависанда дар боби ««Дуздии» Ҳоҷӣ махдум»-и «Ёддоштҳо»-яш оқибати зиддият ва интиқомҷӯйии миршабу Махдумро ботафсил ҳикоят намудааст. Аз нақли устод Айнӣ маълум мегардад, ки райяи Руссия будани Махдум бофтаю сохтакориҳои ӯ будааст. Миршаб баъди фаҳмидани фиреб хурданаш сахт ба ғазаб омада, дар пайи бераҳмона аз Махдум ниқор гирифтан мешавад. Махдум низ аз ошкор гаштани сирраш ба миршаб огоҳ мешавад, мефаҳмад, ки ин дафъа аз дасти миршаб халос нахоҳад шуд ва бо маслиҳати дӯстон аз Бухоро фирор намуда, якчанд сол ба Арабистону Ҳиндустон панаҳ бурда, ба сахтӣ рӯз бурдааст.

Дар ин миён Остонақул қушбегӣ таъин шуд ва воқеаҳои муборизаи байни Махдум ва миршаб низ кӯҳна гардида аз хотиру суҳбати байни омма дур гашт. Ба ин хотир хешовандон ва дӯстони Махдум ба ӯ мактуб навишта ба Бухоро баргаштанашро хоҳиш намуданд. Махдум, ки дар мусофират азоб кашида гашта буд, баробари гирифтани мактуб ба Бухоро баргашта бо унвони «Ҳоҷӣ Махдум» зиёфатхурӣ карда мегашт, вале баҳудаю беҳуда ба кӯча намебаромад, ба базмҳо низ намерафт. Вале баъди ду се моҳ Махдум боз маҷбур гаштааст, ки бо миршаб ва одамонаш дар ҷангу ҷанҷол шавад. Зеро яке аз муйсафедони гузаре, ки  Махдум он ҷо иқомат мекард, тӯй карда базм оростааст. Дар ин тӯй одамони миршаб иштирок ва майнушӣ карда, бо ҷавонони дар базм буда ҷангталабӣ кардаанд. Соҳиби туй мефаҳмад, ки одамони миршаб мехоҳанд як ошӯб хезонда чанде аз ҷавонони гузар ва меҳмононро дастгир карда ба миршабхона бурда, пули бисёре руёнанд, аз касе пул нарӯяд, ба сарбозии амир ё ба зиндон фиристонанд.[239]

---

[236] Ҳамон ҷо. - С. 483.
[237] Ҳамон ҷо. - С.484.
[238] Ҳамон ҷо. - С.484.
[239] Ҳамон ҷо. - С.486.

Соҳибтӯй, ки як кафшдузӣ оддӣ буд ва аз моҷарои байни Махдум ва миршаб огаҳӣ дошт ба ӯ аз ин ҳол арз карда, ёрӣ хостааст, ки аз ин бало ӯро ва писарашро, ки нав домод шуданӣ аст, раҳо намояд. Махдум одамони миршабро дар рӯи гуноҳашон масту аласт дарёфта онҳоро аз тӯйхона зада-зада пеш мекунад ва шишаҳои араҷи онҳоро ҳамчун далел бо худ мегирад. Миршаб бо одамонашон ҳарчанд хостанд ба Махдум ҳамчун «дузд» тӯҳмат зананд вале дар назди Останақул-қушбегӣ Махдум миршаб ва одамонашро бо гуноҳашон муттаҳам сохта ин дафъа низ ғолиб омад. Аз ин баъд низ Махдум миршабро масхара кардаю носазо гуфта баробари бо ӯ дучор омадан ҳамон ҳаҷвияи «Ғуладинго»- ро бо овози баланд дар байни мардум хонда медод ва миршаб ҳамеша аз ӯ дар гурез буд. Вале ин маънои онро надошт, ки миршаб аз корҳои бад ва мардумозориаш даст кашида бошад. Ӯ дар ҳама ҷо корашро мисли пештара давом медод, вале на дар гузари Махдум.

Миршабҳо барои фойдаи кисаи худ ва пули нақд ба даст даровардан аз ягон кор ибо намекарданд ва ҳатто шахсеро, ки ба қатлаш ҳукми амир баромадааст, пул гирифта ӯро озод мекарданд ва ба ҷойи ӯ як каси бечораю бекасу кӯйро ба куштан медоданд. Устод С.Айнӣ дар боби «Ба ҷои як бечора бечораи дигар»-и «Ёддоштҳо» дар ҳамин мавзӯъ як нақли аҷиберо овардааст. Нависанда дар вақти таҳсилаш дар Бухоро бо Мурод пахтакаш ном марди посбон ҳамсӯҳбат шуда аз ӯ чи тавр аз қатл раҳо ёфтани ҳамдеҳааш Насими Хархӯрро шунидааст. Насими Хархур яке аз ҳамдеҳагони Муродпахтакаш будааст ва аз рӯи нақлаш бо хар кирокашӣ мекардааст. Як вақт роҳзанҳо як роҳгузарро дошта, даруни замини Насим дароварда, тамоми сару либос ва дороиашро рӯёнида, худашро кӯшта танашро дар ҳамон ҷуворимакказор мепартоянд. Миршаб дӯздҳоро нокофта Насимро ҳабс мекунад. Бародари Насим дар муддати як сол харҳо ва ҷувориашро фурӯхта барои халосиаш ба миршаб додаст, вале Насимро халос карда натавонистааст. Миршаб аз бародари Насим ду ҳазор танга талаб кардааст. Ӯ зуд ба деҳа рафта ҳавлӣ, замин, ҷуфти гов ва гови ҷӯшоашро бо ҳамаи асбоби хонааш, ки ҳамааш якҷоя камаш ба даҳ ҳазор танга меарзид, ба бойи деҳа ба ду ҳазор танга нақд фурӯхта оварда ба миршаб додаст. Миршаб ба ӯ гуфтааст «ҳукми Насим аз тарафи Ҷаноби олӣ мӯҳр шуда ба дасти мири қушбегӣ расид. Акнун ӯро рӯирост сар додан мумкин нест. Ман имрӯз мефармоям, ки рӯзона ягон банди кӯҳнаи бекасро ба ҷои ӯ ва бо номи ӯ аз зиндон ба обхона барои кушта шудан фиристонанд ва ту бояд баъд аз шом пеши зиндон рав. Зиндонбон дар торикӣ додаратро бароварда ба дасти ту медиҳам ва саломат гирифта ба хонаат бар» ва ҳамин тавр ҳам шуд[240].

Яке аз амалҳои дигари бади миршабҳо, ки симои онҳоро дар назари омма манфур гардонида буд, ин ба қиморбозҳо кӯш будани миршабҳо ба ҳисоб мерафт. Аз рӯи вазифа миршаб мебоист пеши роҳи қиморбозиро мегирифт ва бар зидди онҳо чора меандешид. Вале баръакс азбаски аз даромади қимор «... кам-кам ба номи чӯтал ба кисаи одамони миршаб меравад ... ин корро миршаб барои фоидаи худ ривоҷ медиҳад»[241].

Устод С. Айнӣ дар қисмати сеюми «Ёддоштҳо» дар боби «Шарифҷон Махдум ва ҳамсӯҳбатони ӯ» дар бораи худи Шарифҷон махдум, ки бо номи Садри Зиё низ маъруф аст ва шахсоне, ки дар ҳавлии ӯ ҷамъ мешуданду аз ҳаёти замона, шеъру шоирӣ сӯҳбатҳо меоростанд, ёдовар мешавад. «Шарифҷон Махдум, .... мегӯяд С. Айнӣ, - одами баландқомат, сафедруй, мешчашми хурмориш буда, дар хушхатӣ, хушсаводӣ, шеърфаҳмӣ ва маорифдӯстӣ дар байни муллозодагони Бухоро қариб ягона буд. Хонаи Шарифҷон махдум дар ҳафтае се шаби таътил сешанбе, чоршанбе ва панҷшанбе одатан ранги анҷумани шоирон, шеършиносон, латифагӯён ва ширинкоронро мегирифт»[242].

---

[240] Муфассалтар ниг.: Ёддоштҳо. – С.231-232.
[241] Ҳамон ҷо. - С. 504.
[242] Ҳамон ҷо. - С. 271.

Дар вақте, ки шоир ба хидмати Шарифҷон махдум даромада буд ӯ 27 сол дошт ва Айнӣ барҳақ таъкид мекунад, ки: «Ман он гуна шабҳо ҳамеша дар даруни меҳмонхона буда, аз он гуна сӯҳбатҳои адабӣ озодона истифода мекардам, материалҳои ибтидоӣ, лекин муҳимми адабии худро аз он ҳавлӣ гирд овардаам[243].

Ба қавли нависанда дар шабнишиниҳои хонаи Шарифҷон- махдум дар баробари танқиди замона, шикоят аз бадкирдориҳои роҳбарони ҳукумат ва калонони ҳамон давра. «... инчунин хубиҳои баъзе касони намоён ҳам зикр меёфт, ки ман, - мегӯяд, Айнӣ,- ғоибона ба он гуна одамҳо муҳаббат пайдо карда будам»[244]. Дар байни ин гуна касон устод Айнӣ, Аҳмади Дониш, Шамсиддин Шоҳин ва Мирзо Ҳаит Саҳборо ном мебарад. Нависанда номҳои ин шахсиятҳоро дар муқобили он амалдороне меорад, ки мардум ба онҳо лаънату нафрин мехонданд, вале ба инҳо бовуҷуди дар хидмати дарбор қарор доштанд соҳиби ин ё он мансаб буданашон дар байни аҳолӣ соҳибэҳтиром буданду хурду калон ба онҳо муҳаббат доштанд. «Назар ба қавли иштироккунандагони маҷлисҳои Шарифҷон-махдум, - таъкид мекунад Айнӣ, - Саҳбо ҳамеша камбудиҳои дарбори амирро фош мекардааст, ҳатто баъзан дар ҳузури амир (Абдулаҳад - *А.Р*) ҳам аз ҳамгӯӣ бознамеистодааст»[245]

Саҳбо дар Вобканд тавлид шуда, дар Бухоро таҳсили илм кардааст. Дар давраи дар Кармина ҳоким будани Абдулаҳад Саҳбо ба дарбори ӯ ҷалб шуда буд ва дар вақти амириаш дарбони ҳузури амир буд. Аз танқиду ҳақгӯиҳои Саҳбо амир на ҳамеша розӣ буд. Вақте, ки амир аз ӯ ранҷид ӯро ба вазифаи миршабии Шаҳрӯдҷӯйбори асосии Бухоро таъин намуд. Зеро Саҳбо дар назди амир ҳамеша миробҳоро ба обфурӯшӣ ва хиёнат дар ҳақи деҳқонон мутаҳам мекард. Миробӣ маоши муайян ва даромади рӯи рост надошт ва мебоист Саҳбо низ барои таъмини зиндагиаш ба обфурӯшӣ даст мезад. Баръакси чашмдошти амир Саҳбо ба ин пастӣ нарафт ва ба ин кори разилона даст назада, ба сахтиҳо тоқат карда ду сол ба деҳқонон холисона меҳнат кард ва обрӯи ӯ дар байни аҳолӣ бештар гардида, муҳаббати деҳқонон нисбаташ зиёдтар гардид. Амир аз вазифаи миробӣ ӯро барканор карда, ба мансаби миршаби Бухоро таъин намуд. Аммо мансаби миршабӣ, таъкид мекунад Айнӣ, аз миробӣ ҳам бадтар буд. Чунки агар мироб аз деҳқон пора хӯрда, таъмини маишат намояд, миршаб бояд бо дуздон ва қиморбозон шарик мешуд, ва аз ҳамин кори мурдор таъмини маишати худ намуда, ба амир ҳам соле чанд бор пешкаш мефиристод[246]

Вале Саҳбо ба ин роҳ нарафта, дар ин мансаб низ аз рӯи виҷдон ва «бо камоли покӣ хизмат кард, тамоми ашёи хонааш ва асбоби зинати занашро фурухта, факирона зиндагӣ намуд, аммо бо дуздон ва қиморбозон шарикӣ накард ва ба амир ҳам пешкаш нафиристод. Дар замони миршабии вай шаҳр ва атрофи он осуда гашта, ҳодисаи дуздӣ ҳеҷ воқеъ нашуд, ба замми ин ӯ аҳолии гузарҳоро вазъу насиҳат намуда, ба харҷи ихтиёрии онҳо шаҳрро – шаҳреро, ки аз аввали бино шуданаш боз шабона торикистон мешуд, чароғон кард»[247].

Чун амир дид, ки Саҳбо ин ҷо низ ғолибият пайдо карду аз ӯ интиқоми маънавӣ гирифта натавонист, ӯро аз корҳои давлати тамоман дур сохта, ба андак маоши амалдорӣ ҳабси хонагӣ намуда, ба хонашинӣ маҷбур кард.

Вале баъдтар ҳукумати амирӣ сабаби ҳамраоияш ба инқилоби феврали соли 1917-и Россия Сахборо дар арки Бухоро ба ҳабс гирифта, баъд аз чанд рӯз ба Қабодиён бадарға намуда, дар ҳамон ҷо соли 1918 бо дасти гумоштаҳои худ ба ҳалокат расонида. Аз рӯи маълумоти худи нависанда Саҳбо бо фармони амир Олимхон бо дасти Даврон, писари миршаби Бухоро Абдураҳимбек ба қатл расонида шудааст.[248]

Устод С. Айнӣ воқеан ҳам шахсе буд, ки тамоми зиндагии пасипардагии амалдорони давр аз амир сар карда то хурдтарин хизматгоронашро хуб медонист ва

[243] Ҳамон ҷо. - С. 271.
[244] Ҳамон ҷо. - С. 271.
[245] Ҳамон ҷо. - С. 281.
[246] Ҳамон ҷо. - С.282.
[247] Ҳамон ҷо. - С.282.
[248] Ҳамон ҷо. - С.480.

чуноне, ки худаш мегӯяд: «Оре, ман солхурда мебошам, оре, ман пурдидаам, хусусан аҳволи замони амириро хеле хуб медонам»[249].

Аз ин ҷост, ки нависанда тамоми амалдорони ҳукумати амириро, ки миршабҳо низ аз зумраи онҳо буд як машинаи тороҷгарӣ номида, онро аз номи қаҳрамонаш Ҳамро – гавбоз дар Ҷаллодони Бухоро чунин шарҳ медиҳад: Машинаи ҳар чиз ба худи он мувофиқ мешавад. Як машинае, ки барои тороҷ кардани як мамлакат ба кор меравад, ба андозаи калонии он мамлакат калон мешавад. Қозиҳо, раисҳо, амлокдорҳо миршабҳо ва амлокдорони дигар бар болои онҳо муллоҳо, эшонҳо, арбобҳо, оққсақолҳо ва ҳатто мо барин ҷаллодҳо – ҳамаашон дар як ҷой машинаи мардумтороҷкунӣ буда, ҳар кадоми онҳо як қисми он машинаанд[250].

Устод С. Айнӣ натанҳо ба миршабҳо, балки ба политсияи рус дар Бухоро низ таваҷҷӯҳ зоҳир карда, нисбати фаъолияти он фикру мулоҳизаҳои хешро иброз намудааст. Бояд таъкид кард, ки нависанда ба фаъолияти ин идора ва намояндагонаш назари нек надошт, зеро аз риёкорӣ, манфиатҷӯйӣ бо амлокдорони маҳаллӣ ҳаткосаю шарик будани онҳо хеле хуб огоҳ буд.

Дар вақтҳои охир, - менависад Айнӣ, - дар тахти дарвозаи Бухоро, дар майдони вагзал идораи политсияи рус кушода шуда буд, ки дар дохили Бухоро ба ҳар коре мухтор ва қодир буд. Маъмурони ҳукумати Бухоро ва фуқарои Бухоро ба ҷуз итоат ба фармонҳои ин идора чораи дигаре надоштанд[251].

Ҳукумати подшоҳии рус баъд аз оғози ҷанги якуми ҷаҳон аз давлатҳои ниммустамликавии дар ҳамсоягиаш буда ва канораҳои миллӣ хайф мебурд. Бинобар ин дар ин минтақаҳо идораҳои политсия худро таъсис дода, аз манфиатҳои хеш бештар дифоъ кардан гирифт. Ин идора дар Бухоро фаъолият намуда, бештар дар пушту паноҳ ва ҳимояи сохти амирӣ буд, зеро кормандони он ба ин манфиатдор буданд.

«Баъди он ки ба сардории ин идора Вилман ном шахс, тайин шуд,- мегӯяд Айнӣ, - амният аз шаҳр тамоман барҳам хӯрд. Ӯ ба баҳонаи ҷустуҷӯи яроқ ба ҳар хонае зада даромада, ҳар киро, ки хоҳад, беобрӯ карда метавонист. Як тӯда одамони авбош ва беномусро барои хуфиягӣ (воқеанависӣ) ба атрофии худ ҷамъ карда буд, ки онҳо шабу рӯз маст буда, кушоду ошкор ҳар фасодеро карда, аз ҳар касе хоҳанд, ришва гирифта ба духтару писарони дилхоҳашон тааррӯз мекарданд»[252].

Нависанда таъкид мекунад, ки сардори идораи политсия Вилман бо дузду роҳзанҳо ва қиморбозон шарик буда, онҳоро ҳамчун манбаи даромад истифода мебурд. Дар вакзали Бухоро, - менависад  Айнӣ, - қиморхонае буд. Ин қиморхона чун дар таҳти ҳимояи Вилман ба шумор мерафт, аз ҳар гуна тааррӯз маҳфуз буд. Тамоми фасодкор, дузд ва воқеанависҳо дар он ҷо ҷамъ мешуданд ва нақшаи тамоми фасодҳо дар он ҷо кашида мешуд. Танаффусгоҳи ҷаноби Вилман ва яке аз манбаъҳои даромади ӯ низ ҳамин қиморхона буд»[253].

Устод С.Айнӣ бо сардори идораи политсияи рус Вилман якчанд бор бархурд кардааст. «Як бегоҳ, - миёни шом ва хуфтан Акбархон ( як толибилми мадрасаи Кукалтош А.Р.) омада, маро ба ҳуҷрааш даъват кард, - менависад  Айнӣ, - «Ба ҳуҷраам як меҳмони тотор омад, ба шумо мулоқот кардан мехоҳад,» гуфт. Қабул карда рафтам. Аз дари ҳуҷра даромадан ҳамон чашмам ба чашми меҳмон афтод. Бо диққат нигаристам. Тоторафандӣ, ки ҷомаи беқасаб пӯшида рӯяшро мисли артистҳо ранг (грим) карда дар пешгоҳ менишаст, сардори политсия ҷаноби Вилман буд. Аз ин бармеояд, ки дар ҳақиқат садоқати худро ба ҳукумати амирӣ нишон дода истода ба қавли нависанда сарвари политсияи рус Вилман худаш шахсан ба фаъолият даромада, бевосита, ба ёрии ҳукумати Бухоро, ба тафтиш даромада будааст»[254].

---

[249] *С.Айни*. Интихоботи» замони амирӣ  // Акнун навбати қалам аст: Ҷилди 1, Душанбе: «Ирфон», 1977, - С. 414.
[250] *Ҷалодони Бухоро* . - С. 78.
[251] Инқилоби Бухоро. - С. 125.
[252] Ҳамон ҷо.
[253] Ҳамон ҷо.
[254] Ҳамон ҷо. - С.131.

Чуноне ки маълум гардид аз навиштаҳои устод С.Айнӣ на танҳо дар бораи ҳаёту фаъолияти миршабҳо бисёр чизҳоро омухтан мумкин, балки дар бораи вазъияти сиёсӣ-иҷтимоии он давра маълумотҳои хеле муҳимро низ ба даст овардан мумкин аст.

### ОТРАЖЕНИЕ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ С.АЙНИ ЖИЗНИ И ДЕЯТЕЛЬНОСТИ МИРШАБОВ

В статье речь идет об отображении повседневной жизни и профессиональной деятельности миршабов в произведениях основоположника современной отечественной литературы Садриддина Айни. Из произведений этого писателя можно почерпнуть знания не только в области жизни и деятельности миршабов досоветского Таджикистана, но и о социально-экономическом, культурном и религиозном развитии Бухарского эмирата.

### REFLECTED IN THE WORKS S.AYNI LIFE AND WORK MIRSHABS

In this article we are talking about displaying everyday life and professional activities mirshabs in the works of the founder of the modern national literature Sadriddin Aini. From the works of this writer's knowledge can be found not only in the life and work of the pre-Soviet Tajikistan mirshabs, but also on socio-economic, cultural and religious development of the Emirate of Bukhara.

## ҚАРОРИ РОҲБАРӢ ВА НИЗОМИ ИҶРОИ ОН ДАР САРВАРӢ

🗁

**Ғаниев Т.Б.***

Қарори аслии ҳаракатҳои касбиро инсон вобаста аз рушди нерӯи инсонии худ қабул дошта, доимо дар ҷустуҷуи донистани қонуни ягонагии рушди худ, ҷамъият ва табиату муҳит мебошад. Дар натиҷа, ҳар як фард, ҷомеа, ҷаҳон, идеали асли ҳақиқиро пайдо намуда, ба идеали мантиқии донишу фаҳмишҳо ва рафторҳои сарвариву касбу ҳунарӣ табдил мегардонанд.

Табиатан инсон наметавонад аз қабули арзишҳои шинохти оламу муҳит ва умуман кайфиятҳои моддиву маънавӣ пурра руй гардонад. Бинобар ин дар ивази як идеали ақлонӣ албатта боз идеали ақлонии навине меояд, ки бо давру замон мувофиқ буда, шакл ва мазмуни ҳаракатҳои касбии замони навинро қонеъ мегардонад.

Замоне эгоизми фардӣ ҳамчун қоидаи фаъолияти инсон дар доираи ақлонӣ ба сифати меъёри табиати ахлоқии инсон қабул шуда буд, ки ба асрҳои XVII – ҷомеаи инсонӣ мувофиқ мебошад[255]. Ин ақидаро бисёртар он файласуфоне диққат доранд, ки ба масоили иқтисодӣ сару кор доштанд (Д. Локк, Б. Мандевиль, Б. Фронклин, Д. Ю.).

Ахлоқ қувваи дохилаи ҳар як фард мебошад, ки барои хушбахт шуданаш кӯмак мерасонад. Агар донишмандони асрҳо XIV – XV табиати инсонро ҳамчун талаботи олии рушддоштаи ба эҷодкорӣ майлу хоҳишдор муаррифӣ намуда бошанд, пас ин фаҳмиши инсони оддӣ ё худ миёнае мебошад, ки талабот, хоҳиш ва ҳаракат ба рушд дорад. Яъне табиати одам нишонагирӣ ба шинохти воқеияти мавҷудбудаи арзишҳои маънавӣ доранд. Бояд гуфт, ки чунин рафтори зебогӣ (этикӣ) танҳо ба инсон дода

* *Ғаниев Т.Б.* – профессори факултети № 1 Академияи ВКД Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ.
[255] Ниг. Ба Макинтайр А. после добродетелей. Деловая книга 200г. С.56-58

шуда аст. Дар тамоми мақсадҳои этикаи динӣ (Арасту, Афлотун, Фома ва дигар намояндагони динӣ христиани) қисмати асосии мақсадҳо ва хоҳишҳои ҳақиқии инсонро ҳамчун олами ҳастии моддӣ баҳо дода, меъёрҳои ахлоқиеро кор карда баромаданд, ки инсон онҳоро иҷро карда, худро рушд диҳанд ва ба мақсаду хоҳиши олӣ бирасад. Яъне этикаи динӣ ягона роҳи ба мақсадгирии олии ҷомеаи инсонӣ муаррифӣ мешуд. Аз ин хотир рафтори одамон дар асоси меъёрҳои динӣ метавонад ҳамчун рафтори ақлонӣ ба одамон хизмат намояд, на ин ки ҳамчун рафтори табиати инсони алоҳида.

Чунин фаҳмишро файласуфаон Дидро, Руссо, Вольтер, Декард, Лок Поскаль ва дигарон тарафдорӣ намудаанд. Ин меъёрҳо барои файласуфон ҳамчун меъёрҳои ананавӣ ва заруре, ки инсон бояд аз хурдӣ омӯзад, қабул шудаанд.

Таъкид карда буданд, ки ҳар як фарди оддӣ боз дар ин меъёрҳо чизи навинеро ба худ имкони кашф карданро надоранд. Аммо баъзе аз одамони қувваи ҳокимияти баланд дошта, ки рафторашонро «**этикаи нави давлатӣ**» меномиданд, метавонанд онҳоро аз маҳдудияти ҳаракатҳо озод намояд. Аксари давлатдорони замон ва лашкаркашон қобилияти баланди эҷодӣ надоштаанд, вале аз ҳокимияти давлатӣ истифода карда, бо роҳи зӯроварӣ, ғоратгарӣ зиндагонӣ намуда, худро дар ҳаракатҳо озод меҳисобиданд. Яъне ҳокимияти худро мутлақ хисобида, рафтори худро ба мардум ҳамчун рафтори идеалӣ ва ҷомеа, иқтисод ва ахлоқ бор мекарданд[256]. Ин рафтори онҳоро ҳамчун рафтору ҳаракати қонеъ гардонии талаботи ғаразонаи фардӣ баҳо додан мумкин аст. Боигарии моддиро ин роҳбарон ҳамчун асоси хушбахтӣ ҳисоб мекарданд, ки мо онро дар менеҷмент ҳамчун зинаи пасти фаҳмиши сарварӣ шинохта, барои менеҷменти асри XXI бегона ҳисоб намудаем.

Яке аз хоҳишҳои воқеии инсонро Т.Гоббс мақсади ғаразноки худдӯстдорӣ ва ҳокимиятдӯстдорӣ меномад, ки вобаста аз имконоташ ҳар як фард амалӣ мегардонад. Бояд кайд намуд, ки арзандагӣ ё худ шоистагиро ҳеҷ фард дар алоҳидагӣ ба даст оварда наметавонад. Инсон бояд қобилияту қудрат ва тавонмандии худро ба таъмини хоҳиши дигарон равона сохта, аз тарафи онҳо баҳои худро бигирад, яъне арзиши муайяни ҷамъиятиеро соҳиб гардад. Ин арзишхоро Т.Гоббс ҳамчун нишонаи ҳурмату эҳтироми сарварӣ шинохта, менависад, ки ҳар як сарвар-шахсият вобаста аз баҳои ҷомеа шоистасолории худро муайян месозад.

Мақсади ниҳоии ҳар як инсони соҳибақл ин хушбахтӣ ё худ **«зиндагонии хуб»** мебошад. Файласуфони асрҳои миёна инро хоҳиши рӯҳи пок ё дили поки инсонӣ гуфтаанд. Ба монанди А.Рудакӣ, Аттор, Фирдавсӣ, М. Ғаззолӣ, Мавлонои Румӣ, Ҳофизу Саъдӣ, М. Бедилу А. Ҷомӣ ва дигарон.

Т.Гоббс менависад **«Аз табиат инсонҳо ба ҳама чиз ҳуқуқ доранд[257]»,** яъне, **«Озодии мутлақ»** - ро доранд. Хоҳиши одамон доимо ҳаракати гузариш аз як объект ба объекти дигарро дошта, метавонад муноқишаро ба вуҷуд биорад, бинобар ин мавҷудияти давлат зарур мебошад.

Аз рӯйи ақидаи Т.Гоббс қонуни аввалаи хоҳиши инсон, ки **«озодӣ»** мебошад, пас қонуни аввала ва асосии давлат низ бояд барои таъмини **«озодӣ»** - и шаҳрвандон бояд равона карда шавад. Аз ин нуқтаи фалсафи ақли солим ҳамонеро меноманд, ки **«озодӣ»** - и инсонро таъмин сохта, доимо ҳамчун кафолати сулҳи байни одамон баромад менамоянд.

Асрҳои XVI – XVIII дар рушди нерӯи инсонӣ илмӣ навии «иқтисоди сиёсӣ» ба майдон омад, ки асосгузаронаш А. Смит, Д. Локк, Д. Рикардо, С. Еимон, К. Маркс, Ф. Энгель, В. И. Ленин ва дигарон буданд.

Д. Локк (1632 - 1704) андешаҳои худро оиди «ҷомеаи инсон ва иқтисод» дар китоби **«Ду мафҳуми оиди идораи давлатӣ»**, ки пештар дар китоби **«Таҷрибаи қонуни рушди табиат»** оварда шуда буданд дар солҳои 60 – 80 асри XVII нависанд. Дар китоби аввала Д. Локк асоси **«ахлоқ»** - ро ҳамчун қонуни табии муаррифӣ карда, онро

---

[256] *Эмиль Огюст Шартье*. Культурные истоки французской эволюции. М.,. 2001. С 137-141.
[257] *Гоббс Т.* Указ соч.с.97

ҳамчун қувваи илоҳии бузург донист, ки шинохти ақлонӣ дорад. Аз рӯйи ақидаи Локк бе риояи қонун моликиятро ҳимоя намудан ғайриимкон мебошад.

Яъне бе риояи қонунҳои табиии иқтисодӣ, рушди муносибатҳо ва ҷомеаи инсонии «ҳушбахт» - ро таъмин кардан ғайриимкон мебошад. Дар иқтисод нуқтаи асосиро – нигоҳдорӣ ва зиёд намудани моликият мебошад. Аз ин хотир риояи қонуни ахлоқ дар иқтисод метавонад, ки инсонҳоро хушбахт гардонад.

Дар асари аввалаи хеш Локк «Таҷрибаи ақли инсонӣ» ақидаи Ф. Бэконро идома дода менависад, ки таҷрибаи ақлонии инсонӣ ҳамчун сарчашмаи дониши инсонӣ баромад карда, муҳим он аст, ки инсон дар таҷрибаи онро ҳис кунад ва шиносад. (мушоҳида кунад).

Ҳисс (дарк) карданро ҳамчун сарчашмаи аввалаи дониши олам номида, ҳамчун воқеияти аслӣ бояд шинохта шавад. Аз ин нуқтаи назар Д. Локк таҷриба ва фаҳмиши як фардро низ дар фаҳмиши қонуниятҳои оламу одам ҳамчун ақли солим, дониши зарурии доимӣ барои ҷомеа қабул нашуданро тарафдор аст.

Дар ин ду фаҳмиши, Д. Локк зиёда аз 10 – сол умри худро бахшидааст, ӯ имкони мавқеи инсонро дар ҷомеа ва табиат тадқиқот бурда менависад, ки ҳар як фард – ин мутлақо баробарии иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ дорад, аммо дар сиёсат бояд ба сардори интихобкардаи худ итоат намояд. Итоат кардан низ бояд асосӣ ақлонӣ дошта бошад. Ин ҷаҳон ақлонӣ сохта шуда, аз соҳибақлони мутлақи иллоҳӣ иборат буда, барои онҳо мавҷуд аст, ва дар зери назорати ӯ онҳо мебошанд.

Асоси моликиятдориро қонуни табиии ва адолати ахлоқӣ бояд ташкил диҳад. Ҳаракатҳои инсонӣ доимо бо мақсади аз худ намудани чизе ё худ мафҳуме оиди худ, муҳити оламу, олами асрор мебошад.

Аз ин нуқтаи назар тақсимоти ҷамъиятии меҳнат байни сарварон, инсонҳои идеали – эҷодӣ, ки боздеҳии бузург ба ҷомеа доранд ва одамони истеҳсолкунанда муҳандисоне, ки барои боигарии моддӣ кору фаъолият менамоянд, шарти олии ҳарати вақту замон ва макону имконот бошад.

Агар инсоният маҷбур бошад, ки бо мақсади боигарии моддӣ меҳнат намояд, ӯ имкони ба даст оварданро пайдо месозад. Хоҳиши баланди ба даст овардани донишмандиро дошта бошанд, низ мумкин ба даст меоранд.

Вақте, ки инсонҳо барои донишомӯзӣ сарф менамоянд, танҳо барои худрушдёбӣ ё ин ки хештаншиносӣ равона – мешавад.

Аз рӯйи ақидаи Арасту меҳнат ва ё фаъолияти касбӣ кам ҳолат барои одамони доро насиб мегарданд. Барои одамони иқтисодӣ шуғли ғайрикасбӣ ин аз даст додани музди меҳнат мебошад. Фикрҳо ва ҳаракатҳои рушди иқтисодии инсонӣ асосан дар ду паллаи тарозу санҷида бояд шавад, ки онро ихтирооти бузурги донишманд Лука Пачоли мебошад, ки дар омӯзиши фанни ҳисобдорӣ дутарафанависӣ: даромад, ва баромади ҳисобӣ (счёти) одамон номида шуда, имрӯзҳо дар тамоми дунё дар вақти омӯзиши фанни баҳисобгирии бухгалтерӣ ва дар ҳисобдории корхонаву муассисаҳо ҳамчун усули беҳтарин омӯхта ва истифода мешавад.

Баланси иқтисодӣ бояд дар ҳамаи ҳаракатҳо ва фаъолиятҳои касбӣ бурда шаванд ва баҳои мусбии худро гиранд. Мақсади ниҳоии фаъолияти иқтисодии инсонҳо низ беҳтариншави ва рушди нерӯи инсонӣ мебошад, ки барои ба мустақилият, озодӣ ва хушбахтӣ расонидан ҳаракат доранд. Аз нигоҳи иқтисодшиносон **ҳунар – зебоғӣ – озодӣ** бояд қисми (қоида) асосии мувозинатӣ ва рушди устувори сарварӣ бигардад.

Хоҷагидор ё сарвари хуб боигариро пурра дар шакли пул нигоҳ намедорад, қисман дар шакли пули нақди истифода мебараду боқимонда барои ҳаракат намуда ва судоварӣ истифода карда мешавад.

Аслан инсонҳо талош мекунад, ки ҳаракати объективии табиї ба ӯ халал нарасонида, имкон пайдо созад, ки бо мақсадаш бирасад. Маҳз мувофиқан рушди дохила ба рушди беруна имкон фароҳам меорад, ки мо мувозинати худро нигоҳ дошта ҳаракатҳо намоем.

Талаботи ҳаракати кабӣ аз рӯйи дониши махсус ва хоҳиши касбӣ сурат гирифта, низом ва шакли олии худро дорад. Расидан ба чунин низому шакл дар менеҷмент ин **«Пешвои комили касбӣ»** мебошад.

Мафҳуми худшиносӣ аз рӯйи ақидаи донишманди немис Э. Кант ин танҳо маънои шинохти оламро надошта, инчунин шинохти ҳаракатҳои инсониро низ бояд пурра дар бар бигирад, то ин ки инсон тарзу усули фаъолияти касбии худро пайваста сайқал дода, ба зинаи олӣ бирасонад.

Э.Кант менависад, ки табиат ба мо озодона фаъолият карданро дар низоми олии худаш намуда дода аст. Яъне чӣ қадар ҳодисаҳо ва дигаргуниҳову тағйиротҳо дар низоми рушди табии ба вуҷуд омада аст, ки он ба инсонҳо манфиатовар гаштааст. Ақли инсонӣ низ дар шинохту омӯзиши табиат ва худи инсон чӣ қадар заҳматҳо кашидааст ва бояд бикашад, ки баъдан ба маънои аслии оламу одам мумкин аст, ки бирасад.

Чуноне, ки мо дар вақти омӯзиши таълимоти мақотиби гуногуни дунё мафҳумҳои зиндагӣ ҳамчун ранҷ, ғуломӣ, меҳнат, мувозинати тану рӯҳ ва ғайраҳоро медонем, ки гувоҳи гуфтаҳои боло мебошанд.

Ақл дорои захираи вақти муайяни худ буда, аз вақти беруна озод буда, имконоти баландеро доро мебошад, ки ҳатто муҳити табиӣ низ кам вобастагӣ дорад. Ҳар як инсон доимо талоши хушбахтии хеш дошта, ин хислатҳо рафтори ӯро муайян месозад. Ин хоҳиш дар гирдгашти се элементи зиндагонии ӯ амалӣ мегардад; вуҷуд доштан, фикр кардан ва ҳаракат кардан. Аз ин нуқтаи назар инсон бояд, ки ҳаракатҳо ва фикрҳои худро махсус гардонида дар низоме вуҷуд дошта бошад. Аз нигоҳи мо ин маҳз низоми касбӣ, фикру ҳаракатҳои касбӣ шуда метавонад. Чунки ҳангоми характери ҷамъияти гирифтани ҳаракатҳои инсонӣ бо мақсаде, ки ӯ худро нобуд насозад, бояд дар шаклеву низоме худро устувор созад ва ҳатто пешвои комил бошад. Дар ин талабот танҳо **«Хирад-ақл»** метавонад ин талаботи инсониро қонеъ гардонад. Инсон бояд тамоми ҳаракатҳои худро ба он зина расонад ва бехатарӣ – озодии худро таъмин созад.

Мутафаккирон дар аксар ҳолатҳо ба худ меҳнати созандагиро, ки мувозинати рушди ақлонӣ, муҳити зист ва ҳаракати олами берунаро нигоҳ медорад, доранд. Яъне онҳо пайваста меҳнати мураккаби андешаронии солимиву ҳунарии ҳаёти инсониро доранд.

Аз ин хотир фикррониии ақлониро ҳамчун шакли махсусӣ фаъолияти ба инсон хоси замони муосир шинохтан зарур мебошад. Бояд гуфт, ки яке аз функсияҳои асоси, сарварӣ ё худ пешвоӣ дар менеҷменти муосир низ ҳамин қоида мебошад.

Ба назар доштани он ки фикррониии субектҳо бо ҳамдигар ҳам бархурд дошта, ҳам метавонад, ки ҳамрадифу пуркунандаи якдигар бошанд, мо бояд фикррониии пурқувватеро дошта бошем, ки дар он бархурдҳоюю нобардҳо ғалаба карда, ҳамчун фикри идеалӣ шинохта шаванд ва судоварии худро таъмин созад. Дар натиҷа мо метавонем, ки онро ба фикррониии ҷомеа табдил дода, он судовариро чандин маротиба афзун гардонем.

Маълум мегардад, ки натиҷагирии олии фикррониии ақлонӣ дар мувофиқа ба ҷомеа ва олами табиӣ сурат мегирад ва ӯ имконоти зиёдиболоравиро пайдо месозад, яъне табиат ва ҷомеа дар навбати худ ҳамчун объекти асосии муҳимсозии касбӣ даромад мекунад. Барои инсон ҷомеа ва табиат ҳарду майдони хиссаи баробардошта мебошад. Дар ин нукта аллакай талаботи дигари муҳим низ ба майдон меояд. Яъне инсон дар баробари барои рушди худ фикррониву ҳаракат кардан, инчунин бояд ҳаракат ва фикррони манфиатҳои ҷомеа ва табиатро низ дошта бошад.

Дар дигар ҳолат ӯ судоварии худашро нобуд сохта, ҳеҷ гоҳ ба мақсади олии хеш расида наметавонад.

Ҳолати хуби экологӣ, захираҳои сармоявӣ имкони рушди биологиву физиологии инсонӣ бошад, пас ҳолати хуби ҷомеа сарчашмаи руди маънавиёти инсон хоҳад гардид, ки ҳарду низ баҳрадиҳанда барои инсонҳо мебошанд. Дар ҳолати дигар ҷомеаи рушд наёфта, метавонад ҳатто инсонҳои рушдёфтаи олиро низ нобуд созад.

Очеркҳои таърихӣ ва ҳолатҳои имрӯзаи ҷомеаи сусттараққикардаи дунё гувоҳи зиёди қатли донишманду, олиму ҳунарманду пешвоёну роҳбару подшоҳону вазирон мебошанд.

Зарурати муошират махсуси касбӣ дар ҷомеа ҳангоми омӯзиши рушди иқтисодию иҷтимоӣ масоили хело муҳим мебошад. Талабот ба муошират касбӣ дар ҷараёни амалигардонии фаъолияти касбию ҳунарӣ пайдо мегардад. Ҳар як инсони соҳибҳунар бояд донад, ки талаботи одамон оиди касбу ҳунари ӯ, моли истеҳсолии ӯ чӣ мебошад. Вобаста аз талаботи истеъмолкунанда ҳунари касбии худро сайқал дода, мол истеҳсол карда, дар бозор ҷойи худро пайдо созад. Барои иҷрои самараноки он бояд забони касбӣ – **муошират касбӣ** – шакли фаъолияти асосии мутахассисин гарданд.

Одамон дар натиҷаи коммуникатсияи дуруст барои кумаки якдигар омода мешаванд ва модели муошират касбии худро пайдо мекунанд. Инсоният бояд таваҷҷӯҳ ба он фаъолияти касбие намояд, ки худаш хоҳиши баланд дошта, муносибатҳои муайянеро барпо карда, сохтори дохила ва берунаи мувозинатро барои худ ва истеъмолкунандааш бисозад.

Мазмуни муошират касбиро забони касбӣ ва муносибатҳои касбие фаро мегиранд, ки барои шахси соҳибҳунар ва ҷомеаи лаззатбар бошад. Яъне ҳамчун тарзи зиндагии солим забони муошират касбӣ мавқеъи бузургро дар ҷомеа пайдо намояд. Ин дараҷаро ҷамъияткунонии касб ва ё дараҷаи касбияту ҳунармандии ҷомеа ва хоҳиши олии одамӣ гуфтан мумкин мебошад.

Аз тарафи дигар тарбият намудан ва ба камол расидани пешвоёни комили касбӣ, ҳамчун қувваи бузурги хушбахтӣ – ҳунармандии ҷомеа буда, мақсаду мазмуни ҳаёти инсониро таҷассумгар аст.

Як қатор хислатҳои умумияти фаъолияти касбӣ ва алоқамандии он моро маҷбур месозад, ки ташкили фаъолияти дастовардҳоро ба роҳ монем, ки оиди он мо дар мавзвӯҳои пешин гуфтаем.

Ташкили дурусти менеҷменти захираҳои башарӣ ин ташкили дурусти муошират касбӣ буда, рушди ин муошират рушди ҳунару касбияти ҷомеа ва фаъолнокии ҷомеаро хело боло мебарад. Аз тарафи дигар ин роҳи ягонаи шинохти инсонӣ мебошад, ки дар ҷараён ва рушди олии он инсонҳо хушбахтона умр ба сар бурда, ҳамаи таъминоти аслии одамии худро амалӣ мегардонанд.

Зиндагонии ҳунариро зиндагии маданӣ низ гуфтан мумкин аст, ки арзишҳои олии инсониро ба худ дорад. Яъне фикрронии инсониро на бо роҳи ишкамсеркунӣ ё таъмини талаботи физиологӣ, балки бо роҳи рушди маданиии рафтори инсонҳо таъмин намудан, шарти зарурии зиндагонии инсонӣ мебошад.

Аз ин нуқтаи назар мантиқи фаҳмиши касбӣ бояд ба мантиқи муошират касбӣ мувофиқат намуда, ягона бошанд.

Фаҳмиши ҷомеаро ба сӯйи муошират касбӣ ҷалб намудан бо чунин роҳҳо сурат гирифтанаш мумкин аст:

1. тағийр додани характери меҳнати фардӣ ва дастаӣ дар корхонаву муассиса ва ташкилот;
2. аниқ намудани функсия ва вазифаи ҳар як мутахасисин дар менеҷмент;
3. тағйир додани меъёр ва шакли ҳавасмандии натиҷаи фаъолияти касбӣ;
4. ташфиқу тағриботи эҷодкориву навоварӣ ва вобаста аз он мавқегузории фардии касбӣ;
5. пешвоӣ дар сарварии фаъолияти касбӣ.

Агар ин муносибатҳо шакли устувори муносибатҳои ҷамъиятӣ гардад, дар натиҷа он ба фарҳанги ҷомеа табдил ёфта, инсонҳо хушҳолона умр ба сар мебаранд.

Бояд гуфт, ки чунин як шароити муфид имкон медиҳад, ки ҳар як фард дар худ фикрронӣ – дониши махсуси касбиро ташаккул дода, онро дар сатҳи ҷамъияти расонида, ҳамчун талаботи меъёри муошират ҷамъиятии хеш қабул менамояд.

Бо ин муоширaт одат карда, аз дигар рафторҳои носолими инсонӣ даст мекашад. Хирад – ақли касбии инсонӣ инъикосгари муносибати оллии одамӣ бо худ, табиат ва ҷамъият мебошад, дар фазо ва доираи муайяни вақт амалӣ мегардад.

Муошират касбӣ инъикосгарӣ идеалии ҳодисаҳои вобаста ба касбият буда, то андозаи дониши касбӣ ба воқеият наздик мебошанд. Аз ин хотир, онҳо метавонанд ҷомеаро ба сӯйи ҷомеаи идеалӣ даъват намоянд.

Маҳз, ҳамин шакли муносибати байни одамонро Гегел шакли мазмунӣ ё худ **«аслӣ – идеалӣ»** - и муносибатҳо номида аст. Дигар шакли муносибатҳоро ӯ рӯякӣ ё худ хаёли ноустувор номида, натоиҷи тасодуфӣ додани онро исбот намуд.

Андеша (фикррони) мантиқии ҳунарманди касбиро ҳамчун идеалӣ ва ё худ ба ҳақиқати идеалӣ наздик қабул намудан, роҳ ва равиши омӯзиши касбӣ буда, ҳар як донишманди касбӣ имкони рушди мантиқии онро дорад, ва дар муоширот ба ҳақиқати мувофиқ сӯҳбат намояд. Дар кулл ин фикррони илмии махсуси касбиро ташкил медиҳанд, ки инсонҳо метавонанд фаъолияти самаранокии касбиву ҳунарӣ намуда, барои ҷомеа муҳим гарданд.

Нуқтаи дигареро низ бояд таъкид дошт, ки ҳар як андеша ё худ фикррони идеалӣ - мантиқии касбӣ мумкин дар таърихи гузаштаи халқу миллатҳо мавҷуд бошад, ё гуфта шуда бошад ва мо бояд онро омӯзем. Аммо ин омӯзиш ва ё илми таърихии гузошта наметавонад инъикосгари пурраи рушди имрӯзаи касбӣ гарданд. Аз ин хотир, ҳар як давру замон боз қувваҳо ва муносибатҳои навинеро тавлид месозад, ки бо ақидаи иқтисодшиноси бузург К. Маркс мо бояд дар ҳаракатҳои худ онро ба инобат гирфта, дар мувофиқа ба он кору фаъолияти касбӣ дошта бошем.

Аз рӯйи ақидаи Гегел шинохти ақлонии ҳаракатҳо ин шакли аниқи махсуси фикррони мебошад, ки ба ҳақиқати идеалӣ мувофиқ мебошад. . Аз нигоҳи мо ин албатта фикррони пешвоии касбӣ аст. Дар омӯзиши таърих низ мо бояд таърихи махсуси касбиро ҷустуҷӯ намуда, омӯзем ва хулосабарорӣ намоем.

Омӯзиш ин қабул кардан, қабул кардани ин фикр доштан, фикр доштан ин қобилияти фаъолияти кабӣ – ҳунарӣ карданро дорад. Фаъолият касбӣ кардан – шакли ақлонии фикррони инсонӣ буда, дорои сохтори мураккабу мушкили эҷодӣ, табии ва моддӣ мебошад. Яъне, корманди касбӣ барои фаъолияти озоду пурсамарӣ касбӣ бояд дорои фаҳмиши – дониши баланди қонунияти рушди устуворӣ ин сохторҳову манфиатҳоро бошанд ва худро ба дараҷоти хешташиносии касбӣ расонад.

Дар ҳақиқат шинохти табии қонунияти табии, рушди ҷомеа ба рушди нерӯи инсонии фардӣ бетаъсир намемонад. Вале шакли фардии рушд ин қувваи бузурги шинохти қонунияти объективӣ буда, қобилияти фаъолгардонӣ ва ё худ бевосита судоваргардонии он қонуниятҳо ва имкониятҳоро дорад. Яъне, инсонӣ касбӣ қобилияти наққоширо дорад, ки ба ҷомеа ҳам судоварии моддӣ ва ҳам маънавӣ дорад. Аз ин хотир рушди маданияти ҷомеаро бе рушди маданияти фардӣ тасаввур кардан ғайриимкон мебошад.

**Сарварони пешвои касбӣ** – таҷассумгарии таърихии маданияти ҷомеа мебошанд. Ташаккули маданияти касбӣ оҳиста сурат гирифта, рафторҳои олии касбии пешвоёни комили касбӣ баъди аз дунё рафтани сарвар ҳамчун арзишҳои маданӣ қабулшаванд ва ё пештар. Яке аз вазифаи муҳими пешвои комили касбӣ ин ташаккули маданияти корпоративии менеҷмент мебошад, ки он оҳиста – оҳиста метавонад ва менеҷменти дигар корхонаҳову ташкилот гузашта шакли ҷамъиятиро касб намояд.

Бояд гуфт, ки истисио кардан, манъ доштани кормандон аз рушди маданияти корпоративӣ ва ё худ, аз навоварӣ, эҷодкориву ҳунармандӣ, ки асоси фарҳанги касбӣ мебошанд, ин садди роҳи фарҳангии ҷомеа будан мебошад, ки оқибати хуб надошта ба норизогӣ ва умуман аз рушд мондани ҷомеа мегарданд.

Э. Кант мавҷудияти пешвоӣ комили касбиро ҳамчун дорандаи потенсиоли фарҳангӣ ва созандаи бинои фарҳангии ҷомеа номида, дастгирии ҳаматарафа ва фаъолияти озодӣ касбиро тарафтор аст.

Аз рӯйи ақидаи донишманди ҷаҳонӣ И. Нютон **вақт** ва **фазо** дар натиҷаи қонуни тела доданӣ (кандашавӣ) ҷисмҳо пайдо гашта аст, дар қонуни Эйнштайн бошад, фазо ва вақт дар натиҷаи тавлид - пуррашавӣ пайдо гашта аст. Гардиши бонизхоми о**фтобу моҳтобу замин,** характери ҳаракати ҷисмро Эйнштейн аз дуруст тақсим намудани массаи ҷисмҳо мебинад.

Мо низ дар рушди инсонӣ ин қонуни рушдро тарфдори намуда, давъват ба он дорем, ки қудрат ва тавони инсонро ба ҷониби дониши касбӣ равона созем ва ба майдон берун баровардони он пуррашавӣ (кулл) ақлҳои касбиро таъмин месозад.

Аз нигоҳи илми физика пайдоиши замин ва фазову вақт дар натиҷаи таркиши калони кайҳонӣ пайдо гаштааст. Аз нигоҳи мо предметҳое, ки аз худуди дарки ҳақиқии ақлонии инсонӣ боло аст, ба маноиди қудрати Худованд, озодии мутлақ ва ҷовидонии биҳиштӣ низ бояд дар ин роҳи дурусти касбии инсонӣ мебошанд.

Чуноне, ки муттафакири бузурги тоҷик Мавлонои Рум «Шинохти касбро шинохти Худованд» менамонд. Ва ё шинохти инсонро Худованд дар касбӣ ӯ мебинад. Шайх Аттор низ дар ситоиши пайғомбари Худованд ҳазрати Муҳаммад (С.) менависад, ки :

***Дар талаб бар худ бигашт ӯ ҳафт бор.***
***Ҳафт паргори фалак шуд ошкор.***

Мо низ ҳаракати дурусти инсониро, ки дорои қобилияти тавлиди чизи навро дорад, пазируфта менависем, ки ин ба он қонунияти диалектики ҳаракат мувофиқ буда, шакли пуррашавӣ ё худ дар шаклу низоме дохилшавии ҷисмҳоро дорад.

Мавлонои Рум ин пайдоиши фикрронии нави касбиро қабати сеюм **«қабати рӯҳи поки инсонӣ»** - гуфта, мураккабу мушкил будани онро таъриф дода, натиҷагирии онро мусбӣ арзёбӣ намуда, тӯҳфаи худовандӣ намида аст.

Аз тарафи дигар тавлид ин натиҷаи заҳмату таҷрибаи амалии дигарон буда, дар худ табиатан хосияти тавлидгариро доранд. Бинобар ин мо эҷоду ҳунар ва рушди фикрронии касбиро ҳамчун тавлидгари ҷизи нави зарурӣ барои ҷомеа шинохта, онро бояд дастгириву тарафдорӣ намуда, кулли ҷомеаро ба он ҳидоят намоем. Яъне фарҳанги касбӣ бояд фарҳанги рушди ҷомеа гардад. Ин ҷараён ё худ ҳаракатро ҳамчун ҳаракати мувофиқ ба, қонунии табиӣ қабул кардан зарур мебошад ва ин дуруст низ аст. Ба хотири он, ки ин қонунияти ҳаракат мебошад ва ҳар замон имкони тавлиди чизи навро дорад. Пас наметавон гуфт, ки таҷрибаи гузашта пурра иникосгар ё худ ҳақиқати воқеии ин рушд бошад. Яъне навовариҳо метавонанд, ки якбора ё худ дар натиҷаи тавлиди ақидаҳо ҳатто аз шахсоне, ки таҷрибаи зиёди фаъолияти касбӣ надошта низ ба вуқӯъ бипайванданд. Имконоти тавлид дар фазо ва вақт барои ҳар як фард озод аст.

Мавлонои Рум инро таъкид карда менависад, ки **«Баъзан ҳолат кӯдакон андешае доранд, ки пири садсоларо дар хотираш хеҷ набуд».** Аз ин хотир макоми инсон, шахсиятро дар шинохти табиат, касбу ҳунарро мо бояд аз ҳама боло гузошта аз рӯйи формулаи **«Ман – касб – табиат – ҷомеа»** амал намоем.

Дар ин фаҳмиш мо метавонем дарк намоем, ки маданияти ҷомеа ин маданияти ҳар як фард дар шинохти худ, касб табиат ва одамият мебошад. Меъёрҳои рафтории худшиносӣ хело баланд буда, мо оиди он дар китоби алоҳидаи «хештаншиносии роҳбарӣ» гуфта гузоштаем.

Масоили мураккабе ки дар назди ҳар як фард пайдо мешавад ин вобастагии навъи ба он дорад, ки Шумо кадом шаклу намуд ва тарзи зиндагониро дорад. Шакл ва намуди тарзи зиндагонии Шумо оё ба талаботи хештаншиносии касбӣ мутобиқот менамояд ё ба дараҷаи он сохтори дохилаи ақлонии касбии Шумо рушд ёфта аст ё не. Агар рушд ёфта бошанд, муаммоҳо осон паси сар мешаванд ва агар рушд наёфта бошанд иҷрои мақсад ва талаботи касбӣ бароятон кӯҳи баланд буда, Шумо барои болои он баромадан қодир нестед. Аз ин хотир ин қонуниятро дар рушди инсонҳо ҳамчун роҳи наҷот аз муаммоҳои зиндагонӣ гуфтан мумкин аст, ки ҳамаи инсонҳо хоҳиши онро доранд.

**УПРАВЛЕНЧЕСКОЕ РЕШЕНИЕ И ИСПОЛНИТЕЛЬНАЯ ДИСЦИПЛИНА РУКОВОДИТЕЛЯ**

В статье речь идет о том, что во всех сферах жизни управление играет огромную роль. По мнению автора, исполнительная дисциплина представляет собой обязательное выполнение исполнителями всех своих служебных обязанностей и предполагает сознательное творческое отношение руководителя к своей работе. В статье дан анализ понятиям «управленческое решение» и «исполнительная дисциплина» руководителя с точки зрения известных ученых – философов, юристов, экономистов.

**ADMINISTRATIVE DECISION AND THE EXECUTIVE HEAD OF THE DISCIPLINE**

In this article we are talking about the fact that in all spheres of governance plays a huge role. According to the author, executive discipline is a necessary fulfillment of all the performers of their official duties and includes the head of a conscious creative approach to their work. The article analyzes the concepts of "administrative decision" and "executive discipline" leader in terms of well-known scientists - philosophers, lawyers and economists.

## НАВРӮЗ АЗ НИГОҲИ ТАМАДДУН ВА ФАРҲАНГИ ИСЛОМ

**Ҷӯраев Р.З.***

Наврӯз дар миёни аҳли башар ягона ҷашнест, ки оину суннатҳои зиндагисози он аз гузаштаҳои ниҳоят дури таърихӣ то ба имрӯз боқӣ монда, эътибору манзалати худро ҳифз намудааст, ки онро миллату халқиятҳои дигар ҳамчун дастоварди беназири фарҳанги форсу-тоҷик пазируфта, бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил менамоянд.

Ин хусусият боис гардид, ки 10-феврали соли 2011 бо кӯшиши дастҷамъонаи роҳбарияти Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон, Туркия, Озорбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон Қатъномае дар бораи ҷашни таҷлили рӯзи Наврӯз ба иди байналмилалӣ таҳия гардида, ба Иҷлосияи 64 Маҷмаи умумии СММ пешниҳод гардид.

Иҷлосия қатъномаро 26-феврали соли 2011 мавриди баррасӣ қарор дода, Наврӯзро ҷашни байналмилалӣ эълон намуд. Дар Иҷлосияи Маҷмаи Умумии СММ қайд гардид, ки «Наврӯз ҳамчун забони муштараки миллионҳо инсон дар Осиё ҳавзаи укёнуси Ҳинд, Осиёи Маркази Ховари Миёна, Қавқоз, Балкан, ҳавзаи Баҳри сиёҳ ва бисёре аз нукоти дигари ҷаҳон ворид гардидааст. Имрӯз беш аз 300 миллион нафар Наврӯзро дар саросари ҷаҳон гиромӣ медоранд. Бузургдошти Наврӯз бузургдошти решаҳо, таърих, ва арзишҳои тамаддунҳои дурахшони башарист, ки дар тӯли қарнҳо арзишҳои инсонро мунтақил сохтаанд. Тарвиҷ ва пешбурди фарҳанги зиндагии созгор бо табиат яке аз ҷанбаҳои Наврӯз аст, ки ҳамсӯи бисёре аз аҳдофи Созмони Миллали Муттаҳид аст».

Бешӯбҳа, Наврӯз ҷашнест кӯҳанбунёд, ки онро мардуми ориёнажод ҳанӯз аз даврони асотирин Пешдодиёну Зардушт таҷлил намуда, суннатҳои ҳаётбахши онро то замони мо мерос гузоштаанд.

---

* *Ҷӯраев Р.З.* – сардори кафедраи фанҳои ҷамъиятии Академияи ВКД Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, полковники милитсия.

Аз ин лиҳоз, мо гуфта метавонем, ки Наврӯз аз сапедадами рӯзгои инсонӣ оғоз гардида, ҳамзоди тамаддуни ва фарҳанги форсу-тоҷик буда, бо суннатҳои беназир ва муқаддасоти худ нақши пайвандгарро дар байни миллатҳо ва халқиятҳои гуногун бозидааст.

Лозим ба ёдоварист, ки таърих, илму фарҳанг, анъанаву урфи одатҳои тамаддуни форсу-тоҷик дар тӯли асрҳо диққати аҳли башарро ба худ ҷалб карда буд.

Дар баробари ин, тамаддуни форсу-тоҷик ҷашну маросимҳо анъанаҳои неки худро ба дигар халқу миллатҳои ҷаҳон, хусусан ба он миллатҳое, ки ба он тобеияти динӣ доштанд, меомӯхтанд. Алалхусус, ин тамаддун бо дилбастагиҳои худ ба суннатҳои Наврӯзи тавонист мақому манзалати ин ҷашнро дар тамаддуни исломӣ устувор гардонад.

Наврӯз, ки ҷашни миллии мардуми ориёнажод буд, то пайдоиш ва таҳаввули дини ислом арзи ҳастӣ дошт ва араби пеш аз ислом бо иди Наврӯз ва Меҳргон аз кӯҳан ошно буданд. Донишманди араб Олусӣ чунин нигоштааст: «Мардуми Мадина пеш аз ислом ду ид доштанд: Наврӯз ва Меҳргон» ва чун расули Акрам (с) ба Мадина омад, бар одобу русуми эшон дар ин ду ид огоҳ шуд, гуфт: «Худои таборак ва таъоло ба ҷои ин ду ид беҳтар аз онҳоро барои Шумо арзонӣ доштааст, ки » «Явмулфитр» ва «Явмуннаҳр» аст[258].

Бояд зикр намуд, ки Наврӯз вобаста ба ҳаводиси таърихиву сиёсӣ ҳарчанд таҳаввулотро аз сар гузаронида бошад ҳам моҳияту суннатҳои беназири худро тағйир надодааст, баръакс тавонист худро ҳифз кунад ва иқдомҳои дигареро дар тамаддуни исломӣ касб намуда, одоби русуми худро нигоҳдорӣ намояд. Дар ин маврид саволе ба миён меояд, ки муносибат ва нигоҳи дини ислом ба Наврӯз чӣ гуна аст? Оё ин ҷашнро барои худ бегона мешуморад, суннатҳо ва урфу одатҳои онро рад намудааст ё баръакс онҳоро таҳким бахшидааст?

Аввалан, мо дар даст ягон далел ва ё маводе надорем, ки дини ислом Наврӯзро барои худ бегона, шуморида таҷлил ва ё суннатҳои онро рад карда бошад. Ҳар чанд дар ин мавзӯъ андешаҳои мухталиф ҷой дошта бошад ҳам, вале баррасӣ ва таҳлили сарчашмаҳои даврони зуҳури ислом ва адабиёти исломӣ шаходат медиҳад, ки дини ислом баръакс одобу арзишҳо ва суннатҳои зиндагисозӣ Наврӯзро қувват ва нерӯи тоза бахшидааст. Зеро мақсади дини ислом барчидани арзишҳои миллии як қавм ё халқе нест, балки барчидани он арзишу суннатҳои волои тамоми инсоният мебошад, ки ба фитрати инсони созгор аст.

Ислом ин суннатҳои созгорро самт ба сӯи олӣ бахшида, онҳоро ҳифз намудааст. «Ойини писандидаеро барҳам марез, ки бузургони ин уммат бад-он рафтор намуданд ва ба василаи он мардум ба ҳам пайвастаанд ва раият бо якдигар созиш карданд. Ва ойине магзор, ки чизе аз суннатҳои неки гузаштаро зиён расонад»[259].

Қобили зикр аст, ки дини ислом бархе аз суннат ва одобу анъанҳои пеш аз исломиро, аз ҷумла таҷлили Наврӯзро эътироф намуда онро таҳким бахшидааст. Донишманди араб Аҳмад ибни Фаҳад дар китоби Ал маҳзаб-ул- бореъ, ки Шаъбонӣ Р., дар пажӯҳиши худ иқтибос овардааст, чунин навиштааст: «Наврӯз рузест гаронқадр. Бисёре аз урфу одатҳое дар миёни миллатҳо дар гузашта вуҷуд доштааст, монанди хатна дар шариати яҳудиён, рӯза дар шариати масеҳиён вуҷуд дошт, вале ин аҳком дар ислом ботил шуморида нашуд, баръакс аз ҷониби ислом пазируфта шудааст. Ҳарчанд, ки Наврӯз аз ҷумлаи суннати зардуштиён аст, вале ислом онро пазируфт ва муқаддасоти онро ҳифз намуд»[260].

Тамаддуни исломӣ Наврӯзро тасҳеҳ намуда ба он ҷомаи исломӣ пушонида, одобу аъмоли неки исломиро бар он илова намуд. Дар тамаддун ва фарҳанги исломӣ андешаи зерин оид ба бузургдошти Наврӯз устувор аст, ки Худованд ба Пайғомбар

---

[258] Олусӣ Булуғ-ул араб. Ҷ.1. Бағдод. 1961. –С.364

[259] *Солеҳ С.* Наҳҷ-ул балоға. - С.431.

[260] *Шаъбонӣ Р.* Одоб ва русуми Наврӯз. Душанбе. 2006. - С. 118.

(с) чунин ваҳӣ намуд. «Арзиш ва қадри Наврӯз бар ман зиёд аст ва ба худ қарор додаам ҳар муъмине дар ин рӯз ҳоҷати худро бихоҳад бароварам»[261].

А.Берунӣ нисбати ва таҷлилу мақому манзалат эҳтироми Наврӯз аз дидгоҳи ислом чунин ишорат кардааст: Овардаанд, ки «дар Наврӯз ҷоме пур аз ҳалво барои Пайғомбар (с) ҳадя оварданд. Он ҳазрат пурсид: «Ин чист»? Гуфтанд: «Имрӯз рӯзи Наврӯз аст». Пурсид «Наврӯз чист»? Гуфтанд: «Иди бузурги Эрониён аст», фармуд «Оре дар ин рӯз буд, ки Худованд Аскараро зинда кард». Он гоҳ аз ҳалво тановул кард ва ҷомро миёни асҳоб қисмат кард ва фармуд: «Кош ҳар рӯз барои мо Наврӯз буд»[262].

Дар луғатномаи Фирӯзободӣ низ чунин андешаи зайл омадааст: «Полуда(шириниест, ки аз нишоиста ё орди биринҷ, ки бо шакар ё оби мева, ки дар Наврӯз мепазанд) барои ҳазрати Алӣ (а) оварданд, суол кард муносибати ин чист? Арз шуд, ки рӯзи Наврӯз аст. Фармуд: «Ҳама рӯзҳоро агар битавонед Наврӯз қарор диҳед»[263].

Чунин андешаро ба таври дигар дар бораи эътироф ва эҳтироми суннатҳои Наврӯзӣ дар дигар сарчашмаи таърихии фарҳанги исломӣ низ дида метавонем. «Нӯъмон Ибни Марзбон (падари Абуҳанифа-Имоми Аъзам) дар рӯзи Наврӯз ба назди ҳазрати Алӣ(а) полуда овард. Ҳазрати Алӣ фармуд. Ҳама рӯзҳоро Наврӯз барои мо қарор диҳед»[264]. Эътибор ва манзалати Наврӯз, хусусан, дар давраи хилофати Аббосиёи дар тамаддуни исломӣ устувору побарҷо гардид. «Халифаи дуюми аббосиҳо Ибни Мансур менависад Иностранцев К.А., Наврӯзро ҳамчун расму таомули мусулмонӣ пазируфта, онро ҷорӣ кард, ки то конун дар ин ҷо ҷашн гирифта мешавад»[265].

Доир ба қабули суннатҳои Наврӯзӣ дар даврони хилофати Аббосиён муҳаққиқи эронӣ Ризо А чунин нигоштааст: «Тақвими шамсӣ, ки бо Наврӯз шурӯъ мешавад моҳияти онро донишманди араб Умар ибни Хаттаб (р) дар маҷлиси машваратии назди халифа барои ҳозирон шарҳ дод. Халифа он тақвимро барои умури девон ва хироҷ пазируфт»[266].

Дар тафаккури исломӣ яке аз фалсафаҳои пазириши Наврӯз он аст, ки рӯзи аввали он анҷоми офариниши олам ва офарида шудани инсон аст, ки «Худованд дар рӯзи Ҳурмузд аз фарвардии моҳ, ки ҷашни Наврӯз аст, аз кори офариниш фароғат ёфта ба осоиш гузаштааст».

Илова бар ин, дар сарчашмаҳои таърихӣ, адабиёт ва илму фарҳангӣ исломӣ оид ба бузургдошти Наврӯз ва сабаби эътироф гардидани он ривоятҳои зиёде мавҷуд аст, ки чанде аз онҳоро зикр мекунем.

Дар таҳқиқи Шаъбонӣ Р., аз мақому манзалат ва ҷойгоҳи Наврӯз дар тамаддуни ислом аз номи Муалло ибни Хунайс чунин ривоятҳо оварда шудааст. Ибни Хунайс мегуяд: «Рӯзи Наврӯз хидмати Имоми Содиқ (а) рафтам, фармуданд, оё медонӣ имрӯз чӣ рузест? Арз кардам» «Аҷам имрӯзро бузург медоранд ва барои ҳамдигар ҳадя мефиристанд. Имоми Содиқ (а) фармуданд:» Ба байти Каъба савганд мехӯрам, ки Наврӯз аз замони қадим аст. Инчунин Имоми Содиқ (а) илова намуданд, ки «Наврӯз рӯзи некӯест барои ҳама корҳо, алалхусус, барои тиҷорат ва кишту кор».

Дар тафаккури исломӣ Наврӯз ҳамчун рӯзи муқаддас эътироф шудааст. «Наврӯз рӯзест, ки Худованд аз бандагони паймон гирифт, ки ӯро бипарастанд, мушрик нашаванд ва имон биёваранд». Мусулмонон Наврӯзро рӯзе медонанд, ки «Ҷабраил ба Пайғомбар (с) нозил шуд. Рӯзест, ки» Иброҳим (а) бутҳоро шикаст.

Рӯзи Наврӯз ғусли кун ва покизатарин либоси худро бипӯш ва бо беҳтарин атр худро муаттар намо ва он рӯзро рӯза бигир. Покизатарин ғусл, ғусли рӯзи Наврӯз

---

[261] Дар ҳамин ҷо. – С.164.

[262] *Берунӣ А.* Осор-ул боқия. Тарҷ. Акбари Доносиришт. Теҳрон.1324, - С.230

[263] *Фирӯзободӣ.* Ал-қомус. Ҷ.2. - С. 279.

[264] Таърихи Бағдод Ҷ.13. - С.326.

[265] *Иностранцев К.А.* Сасанидские этюды. СПб., 1999. С.86.

[266] *Ризо А.* Гоҳшумории ҳиҷрии қамарӣ ва мелодӣ. Теҳрон. 1365, - С. 26.

аст. «Фарзанде, ки дар рӯзи Наврӯз ба дунё омад муборак аст ва сифати хубе хоҳад дошт»[267].

Ба андешаи Маҷлисӣ «рӯзи Наврӯз он аст, ки Худо бо дуои яке аз паёмбарон борон ба мардум фиристонд ва об ба эшон дод»[268]. Шояд ин андеша боиси то кунун боқӣ мондани обпошӣ ҳамчун яке аз суннатҳои Наврӯзӣ гардида бошад, ки дар байни мардуми Эрон ниҳоят маъмул аст.

Ба андешаи мо ривоятҳои оварда шаҳодати эҳтиром ва эътирофи Наврӯз дар тамаддун ва дини ислом мебошанд. Аз дигар ҷониб шояд боиси эътироф ва устувору побарҷо мондани Наврӯз дар даврони исломӣ шояд суннатҳои беназири он, ки яке аз онҳо тақдими ҳадяҳои Наврӯзӣ ё ҷамъоварии хироҷ буд, бошад.

Андешаи зеринро мо дар сарчашмаҳои таърихӣ ва тадқиқотҳои муаррихони имрӯза дида метавонем. Масалан: Ба андешаи Асадии Тусӣ менависад Шаъбонӣ Р «Сабаби асосии устувор ва побарҷо мондани Наврӯз дар давлати исломӣ ҳамон сари сол будани он буд, ки замони хироҷ қарор мегирифт»[269]. Дар Таърихи Табарӣ чунин омадааст: «Хироҷ дар давраи Аббосиён бар асоси Наврӯз танзим мешудааст»[270].

Аббосиён қисми зиёди оинҳои эрониро аз қабили девонҳои давлатдорӣ ва суннатҳои Наврӯзӣ, яке аз он додани ҳадяҳои Наврӯзӣ буд, пазируфтанд ва ҷашни Наврӯзиро баргузор мекарданд

Ҳиндушоҳи Нахҷувон аз Таърихи араб чунин нақл овардааст: «Рӯзи Наврӯз ба Холид ибни Бармаки вазир косаҳо пур аз зару нуқра ҳадя оварда буданд, яке аз шуаро байте дар васфи Холид навишт, Холид ҳарчӣ дар маҷлисӣ ӯ зару нуқра буд, ҳама ба он шоир бахшид. Чун эътибор карданд моле азим буд ва шоир аз он тавонгар шуд»[271].

Дар сарчашмаи дигари фарҳанги исломӣ Таърихи Яқубӣ омадааст, ки «Хулафои Умавӣ ва Аббосӣ ҳадяҳои Наврӯзро мепазируфтанд, ҳатто дастур медоданд, то барояшон ирсол гардад»[272].

Доир ба масъалаи зикргардида муҳаққиқи муосир К. Искандаров чунин ибрози андеша менамояд: «Аз баски Наврӯз аввали сол аст ва ногузир замони ҷамъоварии хироҷ ҳам буд, як сабаби боқӣ мондани Наврӯз дар давраи ислом ҳамон суннати ҳадя додан бо ҳокимон дар ин рӯз аст, ки фармонравоёни араб ин ҷашнро барои ҷамъ кардани ҳадяҳои Наврӯзи истифода мекарданд»[273].

Гирдоварӣ, баррасӣ, таҳлили андешаҳо ва далелҳои зикргардида ба мо пеш аз ҳама имконият медиҳад, то бигуем, ки Наврӯз ва таҷлили суннатҳои он барои дини ислом бегона нест, балки дар доираи тамаддуни ислом эътироф ва пазируфта шудааст. Омӯзиши илм ва фарҳанги исломӣ гувоҳи он аст, ки дини ислом таваҷҷуҳи бештарро баҳри гиромӣ дошти он тараннум намудааст.

Дар воқеъ, Наврӯз ва таҷлили он аз дидгоҳи ислом ва аз назари кулли мусулмонони ҷаҳон рӯзи муборак, рӯзи оромию осоиш, рӯзи бахшидани гуноҳҳо ва ҷашну шодӣ мебошад, ки дар густариш он ислом низ саҳмгузор аст.

Бояд зикр намуд, ки ин ҷашни суннатии фархунда аз зиёдатии такрор дар тӯли қарнҳо ба сурати одат, ба ҷашни бузург, ба иди соли нави мардуми мусулмон мубаддал гардида, эътибору нуфӯзи ҷаҳонӣ касб намудааст, ки бо фарорасии худ душвориҳои табиию иҷтимоӣ ва ҳатто, иқтисодиро бартараф намуда, навиди хушиву фараҳ ва некбахтӣ меоварад.

### НАВРУЗ В КОНТЕКСТЕ ИСЛАМСКОЙ ЦИВИЛИЗАЦИИ

---

[267] *Шаъбонӣ Р.* Одоб ва русуми Наврӯз. - С. 164-167.

[268] *Маҷлисӣ А.* Биҳор-ул анвор Ҷ.14. Чопи Амин-уз зарб. - С. 274.

[269] *Шаъбонӣ Р.* Одоб ва русуми Наврӯз. С.120.

[270] Таърихи Табарӣ. Лакнау 1221(ҳ).Ҷ. 9.С. 218.

[271] *Нахҷувонӣ Ҳ.* Таҷоруб-ул-салаф. Табрез. 1351. С.102.

[272] Таърихи Яқубӣ. Ҷ.2. С.306.

[273] *Искандаров Қ.* Наврӯз : таърихи пайдоиш ва маросимҳои он.// Паёми ДТИХД. 2001. №1. С.53.

В статье исследуется процесс эволюции праздника Навруз, его пути к превращению в статус международного праздника - праздника весны и пробуждения природы. Рассказано о Наврузе, как о феномене таджикско- персидской культуры.

На основе анализа исторических источников, хадисов и приданий представителей науки и культуры исламской цивилизации автором обосновывается вывод о том, что исламская религия признавала достоинство, основные обычаи и традиции праздника, хотя он и не является продуктом ее культуры. Автором доказывается идея о том, что, наоборот, ислам способствовал дальнейшему развитию Навруза.

**NOVRUZ IN THE CONTEXT OF ISLAMIC CIVILIZATION**

In this paper we study the evolution of the holiday of Navruz, its way to becoming a status of an international holiday - a holiday of spring and the awaking of nature. Talked about Navruz, as the phenomenon of the Tajik-Persian culture.

Based on the analysis of historical sources, the Hadith and giving the representatives of science and culture of Islamic civilization, the author substantiates the conclusion that Islam recognized the dignity and the fundamental customs and traditions of the holiday, although it is not a product of its culture. The author proved in the idea that Islam is contrary contributed to the further development of Navruz.

## ШАХСИЯТ ВА МАҲОРАТИ ЭҶОДИИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА

🗁

**Хокироев Р.Г.***

Устод Турсунзода, соли 1926 ба пойтахт – ш. Душанбе омада, ба педкомбинати Душанбе (омӯзишгоҳи педагогӣ) дохил мешавад. Ба пиндори академик Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ ин муассисаи таълимӣ якумин ятимхона (интернат)-и Тоҷикистон дар Душанбе будааст, ки роҳбарии онро Аббос Алиев ба ӯҳда доштааст[274]. Шояд қобилияти хуби дарсазхудкунии Мирзо боиси таваҷҷӯҳи Аббос Алиев мегардад, ки ӯро бо чанд ҷавони дигар соли 1927 барои таҳсил ба Дорулмуаллимини тоҷикии ш. Тошканд мефиристонанд. Баъди таҳсили 3-солаи Дорулмуаллимин соли 1930 Мирзо бо роҳхатти комсомол ба Сталинобод бармегардад ва нахуст фаъолияташро дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» оғоз мекунад.

Баъд аз он ки Ҷумҳурии мухтори шӯроии Тоҷикистон, соли 1929 ба Ҷумҳурии ҳафтумини сотсиалистӣ табдил дода шуд, чунин ҳаводиси тақдирсоз бозмондагони пантуркистонро ба изтироб овард ва онон дар симои Турсунзода барин ҷавони тоҷики таҳсилдода ваояндабахш рақиби фарҳангӣ ва сиёсии худро шинохтанд.

Аз нахустин рӯзҳои ба кори рӯзноманигорӣ пардохтани чунин ҷавон нотавонбинон (пантуркистон) ба сиёҳкориҳои пинҳонӣ даст заданд. Дар натиҷа ба муқобили М.Турсунзода мактубҳои ғаразноки беимзо ташкил намуда, хостанд, ки маҳкумаш созанд. Саравввал ӯро «бо хоҳиши худаш» аз рӯзномаи номбурда ронда тақдири минбаъдаи М.Турсунзодаро чунин ҳал намуданд, ки минбаъд ягон рӯзномаи дигар ӯро барои идомаи фаъолияти рӯзноманигорӣ дар Сталинобод қабул накард. М.Турсунзода ягона илоҷи халосиашро аз ин гирдоб, аз ин муҳити носолими фарҳангии пойтахт дар фирор мебинад. Ӯ соли 1934 ба ш.Хуҷанд фирор менамояд.

---

* *Хокироев Р.Г.* – сардори Шӯъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашри Академияи ВКД Тоҷикистон, номзади илмҳои филология, дотсент, подполковники милитсия.

[274] *Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ.* Озодагон. 14 майи 2009, - с.10.

Хушбахтона, ба таъбири Атахон Сайфуллоев ӯ, ки ба умеди нависанда Ҳаким Карим буд, вайро пайдо накард ба ҳукми тақдир ба нависанда Раҳим Ҷалил шинос шуд. Ниҳоят М.Турсунзодаро Р.Ҷалил ва шоири узбекзабон Аширмат Назаров, Зариф Раҷаб ва рӯзноманигор Тоҷӣ Усмон «зери қаноати худ» гирифтанд ва барояш муҳити хуби эҷодиро муҳайё намуданд.

Дар сӯҳбате бо Р.Ҷалил М.Турсунзода оид ба мавзӯи тарки пойтахт карданаш чунин менигарад: «Шумо медонед, ки ман дар идораи «Комсомоли Тоҷикистон» кор мекардам. Бо фалонӣ ошам напӯхта монд. Бинам, ҳар чизу ҳар гапро баҳона карда, айбу эродгирӣ мекунанд, ариза дода аз кор холӣ шудам. Гумонам ин буд, ки аз ягон газетаи дигар кор меёбам. Аммо вай дили газетаҳои дигарро аз манн беҳузур карда будааст. Ноилоҷ билет харидаму рост роҳи Хуҷандро пеш гирифтам» .[275]

Дар ин муҳити хуби эҷодӣ М.Турсунзода ба сифати мудири қисми адабии театри Хуҷанд пазируфта мешавад ва нахустин асарҳои драмавияшро бо номҳои «Маликаи Турандот» ва «Ҳукм» эҷод менамояд, ки дар ҳамин театр ба саҳна гузошта мешаванд. Ҳамчунин М.Турсунзода вазифаи котиби масъули рӯзномаи «Пролетари Ҳуҷанд»-ро дар ҳамин солҳо ба ӯҳда мегирад. Аз ин ҷост, ки муҳити адабии Хуҷанди солҳои сиввум ҳамчун мактаби адабии пурсамаре барои М.Турсунзода хидмат кардааст.

Сароғози эҷоди шеъри М.Турсунзода, агар ба саҳифаҳои варақаҳои девории Дорулмуаллимини Тошканд нисбат диҳем ва идомаи онро то ду соли аввали солҳои сиввум ба мушоҳида бигирем ва натиҷаи онро дар нахустмаҷмӯаи ӯ «Байрақи зафар» бубинем, пас маълум мегардад, ки марҳилаи дувуми эҷоди М.Турсунзода аз соли 1935 оғоз гардида, то айёми Ҷанги Бузурги Ватанӣ давом кардааст. Ин марҳилаест, ки М.Турсунзода як силсила шеърҳои хурду калон ва достонҳои манзуму ҳаммосавии «Офтоби мамлакат» ва «Хазон ва баҳор»-ро эҷод менамояд, ки ҳамаи ин ба инъикоси воқеияти сотсиалистӣ дар ҷумҳурӣ бахшида шудаанд.

Бояд гуфт, ки то хатми ҷанги ҷаҳонӣ шоир дар байни адибони насли комсомол аз ҳама беш маъруфият пайдо мекунад. Бо вуҷуди ҳамаи ин, чеҳраи воқеии М.Турсунзода ҳамчун адиб маҳз аз соли 1946 оғоз мегардад, ки пеш аз ҳама ба мавзӯи ба раисии Иттиҳодияи нависандагони Тоҷикистон пазируфта шудани ӯ иртибот пайдо менамояд. Дар ин ҷо нақши котиби аввали ҳизби коммунисти Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров ниҳоят бузург мебошад. Яъне Б.Ғафуров бо ин таъинот М.Турсунзодаро воқеан кашф намуд.[276]

Бо ғалабаи Давлати Шӯравӣ дар ҷанги ҷаҳонӣ лагери сотсиалистӣ аз ҳисоби давлатҳои аврупоӣ густариш ёфт ва дар назди мактаби идеологии шӯравӣ мавзӯи ҷалби кишварҳои дигаре монанди Ҳиндустон, Эрон, Покистон, Афғонистон ва ғайра ба миён омад, ки дар амалӣ сохтани ниятҳои кишваркушоии шӯравӣ М.Турсунзода барин шахсият мусоидат карда метавонист. Бесабаб нест, ки соли 1947 исми М.Турсунзода ба ҳайати вакилони шӯравӣ дохил мегардад ва дар яккумин конференсияи мамлакатҳои Осиё дар Деҳлӣ ширкат меварзад. Ин сафари нахуст як моҳ идома меёбад, то ин ки оид ба ин кишвари афсонавӣ, аммо дар ҷаҳолат қарордошта, мавод ҷамъ менамояд ва муҳити иҷтимоии онро дар ботину эҳсоси хеш ҷой бидиҳад. Натиҷаи сафари нахустини шоир ин аст, ки силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон»-ро эҷод намуд ва он шоирро ба доштани Ҷоизаи Сталинӣ соли 1948 мушарраф гардонд.

Лозим ба ёдоварист, ки М.Турсунзода аз мактаби тоҷикпарастии С.Айнӣ ва баъд Б.Ғафуров гузашта буд ва чунонки ин ду чеҳраи таърихи нави миллати тоҷик сиёсати фарҳангии Давлати Шӯравиро ба манфияти миллати тоҷик истифода менамуданд. Турсунзода низ ин анъанаро дар тӯли беш аз сӣ соли фаъолияти худ самаранок идома мебахшад. Бояд тазаккур дод, ки устод Айнӣ бо навиштани «Намунаи адабиёти тоҷик» миллатро соҳиби шиносномa гардонд ва давлатро бо исми тоҷик ба

---

[275] *Сайфуллоев А.* Мирзо Турсунзода. Душанбе: «Ирфон», 1983, - С. 25.
[276] *Асозода Х.* Воқеият, сиёсат ва С.Айнӣ. Душанбе: «Шуҷоиён», 2010, - С. 156.

расмият даровард. Б.Ғафуров дар муҳити Давлати Шӯравӣ китоби бузургҳаҷми «Тоҷикон»-ро рӯйи чоп овард. Магар ягон бузурги миллати дигар дар он айём ба чунин ибтикори таърихсоз даст зада метавонист? Ҳаргиз! Бесабаб нест, ки исмҳои С.Айнӣ ва Б.Ғафуров моҳияти рамзи Тоҷикистонро пайдо намудаанд. Б.Ғафуров мақоми сиёсии худро аз соли 1956 то поении умр аз даст надод, балки дар мансаби раиси Институти Шарқшиносии Москва вазифаи мушовириро дар дастгоҳи сиёсии Шарқи хориҷии Давлати Шӯравӣ ба ӯҳда дошт ва дар ин ҷода М.Турсунзодаро низ ҷалб намуд. Боиси ифтихор аст, ки ду чеҳраи фарҳангии миллати тоҷик Б.Ғафуров ва М.Турсунзода ба амалишавии сиёсати Шарқи хориҷии Давлати Шӯравӣ нақши асосиро иҷро мекарданд. Аз ин рӯ, қадршиноси гардидани М.Турсунзода ба сатҳи баланди давлативу байналмилалӣ ин қадршиносии миллати тоҷик ҳам буд.[277]

Мавриди зикр аст, ки дар мактаби сиёсати фарҳангии Давлати Шӯравӣ даҳҳо чеҳраҳо марбут ба ин ё он ҷумҳуриҳои сотсиалистӣ тарбия ёфта буданд, ки мутаассифона, имрӯзҳо аз ёдҳо фаромӯш шуда истодаанд. Масалан, номҳои Николай Тихонови ленинградӣ, Константин Симоновӣ рус, Мирзо Иброҳиму Самад Вурғуни озарбойҷонӣ, Чингиз Айтматови қирғиз, Ҳамид Гулому Ғафур Ғулами ӯзбекистонӣ, Расул Ғамзатови доғистонӣ, Эдуардас Межелайтеси литвонӣ ва монанди инҳо дар адабиёти шӯравӣ боиси ифтихори умум гардида буданд ва ҳар кадом дар амалӣ сохтани сиёсати Давлати Шӯравӣ мақоми хос доштанд.

Аммо дар ин ҷода мавқеъ, мақом ва манзалати баланде, ки насиби М. Турсунзода гардида буд, дар симои дигарон камтар ба мушоҳида мерасид. Бесабаб нест, ки исми Турсунзода дар ҷаҳони хориҷи кишвари шӯравӣ бештар садо медод ва таваҷҷӯҳи сарварони мактаби сиёсии Шарқи хориҷӣ ҳам гардида буд ва гумон меравад, ки сарварони ин мактаб дар ҳалли масъалаҳои мубрами Шарқи хориҷӣ нақши Турсунзодаро хубтар эҳсос менамуданд ва ҳамеша аз манзалат ва обрӯйи ҷанбаи шарқидоштаи ӯ босамар истифода мебурданд.

Гузашта аз ин, бисёре аз масъалаҳои сарбастаи марбут ба рушду такомули бахши фарҳангии Тоҷикистонро, ки ҳазор-ҳазор маблағро ташкил медод, бе дахолати Ғафуров ва Турсунзода ҳал кардан амри муҳал буд. Далели ин гуфтаҳо бинои кунунии боҳашамати Иттиҳодияи нависандагони Тоҷикистон, ки ҳоло дар хидмати адибони муосири мо қарор дорад, бо ибтикори М. Турсунзода сохтмонаш оғоз гирифта буд.

Бояд хотирнишон кард, ки Мирзо Турсунзода ба мисли устодони забардасти олами адаб С.Айнӣ, А. Лоҳутӣ, Муҳаммад Иқбол, Шаҳриёр ва Ҳалилуллоҳ Халилӣ шоири соҳибмактаб аст. Яке мактаби одамгарӣ, дигаре мактаби назми волои ӯ маҳсуб мешаванд. Ба ин маънӣ ӯ дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон яке фазои мӯътадилу гуворои рӯҳию равоӣ ва кориро эҷод карда буд, ки аз маҳалгароӣ ва худхоҳӣ фарсаҳо дур буда, ҳама чун ёру бародарҳои ҷонӣ дӯстона хизмати халқу Ватан ва адабиёту фарҳангро ба ҷо меоваранд.[278]

Ин мактаби бузурги шоир аз нимаи солҳои чилуми асри XX, пас аз нашри ду силсилаи шеърҳои ҳиндустонияш самараҳои дилхоҳ дод. Аминҷон Шуӯҳӣ ва Ғаффор Мирзо аз ҷумлаи насли аввали шоироне мебошанд, ки мактаби эҷодии Мирзо Турсунзода баҳраҳо бардоштаанд. Агар Ғаффор Мирзо ашъори иҷтимоӣ ва достонҳои Турсунзодаро пайравӣ карда бошад. Аминҷон Шукӯҳӣ аз лирикаи ишқии ӯ самимият, ҳарорат ва назокати изҳори фикри воло ва эҳсосоти латифро омӯхтааст. Ҳар ду шоир ҳам ба рушду камол ва истиқлолияти эҷодӣ расидаанд, ки аз ин комёбии эшон Мирзо Турсунзода бисёр изҳори андеша кардааст.

Устод Турсунзода дар тарбияи ҷавонони боистеъдоду болаёқат саҳмгузор буда маҳалро намешинохт. Солҳои шастуми асри гузашта як зумра адибони воқеӣ дар шахси Мӯъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Кутби Киром, Гулрухсор, Гулназар, А. Ҳаким, Ф. Муҳаммадӣ, Пулод Толис, Саттор Турсун, Абдуҳамид Самад,

---

[277] Асозода Х. Ҳамон ҷо. - С. 158.
[278] *Сайфуллоев А.* Мирзо Турсунзода. Хуҷанд, 2004, - С.22-23.

Сорбон, Кароматуллоҳ Мирзо, Ҷонибек ва амсоли онон тарбия шудаанд, ки нақши бевоситаи М. Турсунзода баръало эҳсос мешавад. Дар тӯли сиву як соли дар садорати ин Иттиҳодия будани устод Турсунзода муттаҳидӣ ва якдигарфаҳмиро дар миёни аъзоёни иттиҳодия таъмин карда тавонист ва нагузошт, ки заррае обрӯву нуфузи он ба садамаи маънавӣ гирифтор шавад.

Мирзо Турсунзода бо шеъри ноб ва баландпарвозаш, ташкилотчигиву ҷамоатчигияш намояндаи парлумон гардид ва ба академикӣ пазируфта шуд ва мақому манзалаташ аз Тоҷикистон ба хориҷӣ кишвари Шӯравӣ бадар рафт ва монанди устодони маънавияш С. Айниву Б. Ғафуров рамзи воқеии Тоҷикистон гардид. Тақрибан устод Турсунзода ба ҳама ҷоизаҳои давлатӣ сазовор гардонида шудааст. Шояд дар муҳити адабии тоҷик устод Турсунзода нахустин шахс бошад, ки Ҷоизаи Сталинӣ, соли 1948 насибаш гардидааст. Дуввумин шахс С. Айнӣ аст, ки барои қисмҳои якуму дувуми «Ёддоштҳо», соли 1949 ба Ҷоизаи Сталинӣ сазовор дониста шудааст. Ба ҳамин монанд, устод Турсунзода аз аввалин адибони тоҷик буд, ки соли 1967 ба унвони баланди Давлати Шӯравӣ - «Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ» ноил гардидааст. Бубинед, ки дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон аз ҷумлаи адибон устод Турсунзода дуввумин адиб аст, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурӣ ба унвони «Қаҳрамони Тоҷикистон» пазируфта шуд. Ҷолиб аст, ки аз ҷумлаи адибони баманазалати даврони шӯравӣ, ки бо М. Турсунзода сазовори «Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ» гардида буданд, устод Турсунзода аввалин аст, ки ба мартабаи Қаҳрамони дуввум пазируфта мешавад.

Ҷойи таассуф аст, ки мо зиёиёни даврони истиқлолият ба Дастгоҳи иҷроияи Сарвари Давлат пешниҳод накардем, ки ба устод Турсунзода унвони Қаҳрамонӣ дода шавад. Аммо ҷойи таҳсин аст, ки ин унвонро барои устод Турсунзода дар арафаи 90-солагии ӯ худи Президенти кишвар кашф намуд. Андеша мекунам, ки ин ифтихори Сардори Давлат саривақтӣ буд, зеро баъд аз ҳодисаи «бозсозии гарбачевӣ» аз ҷониби баъзе фарҳангиёни тангназари худӣ ва гоҳе хориҷӣ ҷониби шахсияти Турсунзода ва шеъри ӯ сангпартоиҳо сурат гирифтанд. Ба андешаи профессор Х. Асозода нодидагири ҳатто ба он дараҷа боло рафт, ки таҳқиқи шеъри ӯро нолозим донистанд. Турсунзодашиносони замони шӯравии тоҷик, тақрибан дигар доир ба шеъри М. Турсунзода изҳор ақида намекардагӣ шуданд ва исми ӯро ба ҷумлаи «ва ғайраҳо» дохил намуданд[279].

Дар адабиёти даврони истиқлолият гоҳе садоҳои дилнишин ба гӯшҳо садо мезананд, вале ин садоҳо шояд дар оянда оҳанги ҷарангосӣ пайдо намоянд. Шояд дар асри XXI адабиёти асилу азалӣ ва шоири навъи Рӯдакиву Ҳофиз ба вуҷуд биёяд, аммо адибе монанди устод Турсунзода, ки дар баробари касби шоирӣ дар ҷаҳони мутамаддин аз миллати тоҷик дифоъ кунад, бузургии онро муаррифӣ намояд, парваришаш хеле сангин хоҳад буд.

Боре устод Айнӣ ба Раҳим Ҳошим дар мавриди шахсияти М. Турсунзода гуфтааст: «… Ин ҷавони миёнқади пуррарӯи ҳисорӣ қобилияти аҷибе дорад. Гап танҳо дар қобилияти шоирии вай нест, балки ӯ одамонро ба гирди худ ҷамъ карда, муборизаи худхоҳӣ ва худписандиро барҳам дода, пеши роҳи зуҳури гурӯҳбандиҳо ва маҳалчигиҳоро гирифта, ҷиҳатҳои қавӣ ва неки ҳар яке аз онҳоро ёфта метавонад ва барои пешрафти адабиёт, аз ранҷиш ва озурдагиҳои шахсӣ чашм мепӯшад»[280].

Р. Ҳошим зимнан худ мегӯяд: «Айнӣ, ки дар изҳори ҳиссиёти худ худдор ва дар таъриф кардани одамон хеле эҳтиёткор аст, дар ин ҷавон қобилияти роҳбар ва падар шудан ба насли ҷавон адибони тоҷикро мебинад…»[281].

Устод Турсунзода шахсияти нотакроре буд, ҷонашро баҳри пойдории миллаташ ва Давлати Шӯравӣ сарф намудааст. Дувоздаҳ соли охир саломатии М. Турсунзода чандон хуб набуд ва ҳамеша таҳти назорати духтурон буд. Аммо масъулияти давла-

---

[279] *Асозода Х.* Ҳамон ҷо. - С. 163.
[280] *Радий Фиш,* Раҳим Ҳошим. Бо амри виждон. Душанбе: «Ирфон», 1979, - С. 209.
[281] Ҳамон маъхаз. - С. 209.

тие, ки ӯ дошт, лозим мешуд, ки соле чор-панҷ маротиба ба хориҷи кишвар сафар намояд, ки бештар ба фаъолияти вай дар Кумитаи Сулҳ иртибот мегирифт. Соли 1977, ду моҳ қабл аз фавташ, ки ҳеҷ мумкин набуд ба Булғория, Боку ва Алмаато сафар кунад, аммо ба машварати табибон гӯш надод ва ин ду сафарро дар вазъияти беморгунагӣ ба анҷом расонид. Аз ин ҷост, ки моҳи августи соли 1977 ба кулли бистарӣ шуда, ба бемориҳои дар тӯли 10-12 сол асаркардааш мубриза бурданӣ мешавад. Устод ҳамеша дар ботин андеша меронд, ки ҷояш холӣ намонад, зеро дар шахси М. Қаноат ва Л. Шералӣ ва амсоли онон шогирдони воқеӣ тарбия кардааст ва акнун метавонад худро ором бубинад.

Воқеан устод Турсунзода М. Қаноатро монанди Лоиқ чун фарзанд дӯст медошт ва ба бемórияш нигоҳ накарда кӯшиш менамуд, ки М. Қаноат вақти дар ҳаёт будани ӯ ба Ҷоизаи Давлатӣ сазовор дониста шавад. Дар ҳамон айём устод вобаста ба мавзӯи мазкур дар шоҳидии М. Қаноат чунин баён доштааст: «Ман ба Н.Тихонов занг задам ва аз ҷумла гуфтам, ки ҳам бемoрам ва ҳам Даҳаи русро дорем ва дар ҷаласаи Кумитаи ҷоизаҳои ленинӣ ва давлатӣ наметавонам ширкат кунам ва изо ваколати ман низ ба ӯҳдаи шумост ва аммо бо ин хоҳиш, ки вақти ҷаласа «Суруши Сталинград»-и Мӯмин Қаноат аз ёд наравад». Бо шунидани ин суханон М.Қаноат мегӯяд: «Устод муҳим саломатии Шумост, на ҷоиза» М. Турсунзода мефармояд: «Бародар, зиндагӣ танҳо ҳамин як роҳро дорад: мубориза барои ҳадафи аслӣ, то охирин нафас…»[282].

М.Турсунзода умуман дар зиндагии шахсӣ ва эҷодӣ манфияти шахсӣ надоштанд. Ҳатто дар охирин лаҳзаҳои ҳаёт ба фарзандон чунин васиятро раво дидааст: «Ҳарчи дорам, ба миллат тааллуқ дорад, талош накунед…» Фарзандон васияти падарро шарафмандона иҷро карданд: ҳар чизе, ки ба устод тааллуқ дошт, гирд овартанд ва дар хона-музейи вай гузоштанд… Рӯзи 24 сентябри соли 1977 барои миллати тоҷик ба рӯзи мотам табдил ёфт. Ин соле ҳам буд, ки се бузурги миллатро – Б. Ғафуров, М. Турсунзода ва М. Воҳидовро марги нобаҳангом аз миён рабуд. Метавон гуфт, ки се қаноати миллат шикаста гардид.

Дар вафоти М. Турсунзода С. Улуғзода мегӯяд «Як болу пари тоҷик шикаст. Ӯ буд, ки тоҷиконро бо ном ва корҳои худаш ба ҷаҳон машҳур мекард, ба туфайли ӯ Тоҷикистонро ҷаҳон мешинохт ва эътироф мекард. Миллат бе фарзанди бузургаш бе болу пар аст».

Ба ин тариқ, ки Сарвари Давлат Эмомалӣ Раҳмон оид ба гиромидошти ҷашни 100 солагии М. Турсунзода ба сохторҳои марбута супориш дод, ки ба ЮНЕСКО пешниҳод ирсол намоянд, ҳамон аст, ки боз як маротибаи дигар манзалати умумибашарии устод ба ҷаҳониён нишон дода шавад, зеро маҳз ӯ буд, ки дар солҳои 50-70-уми асри XX тоҷиконро бо ном ва фаъолияташ ба ҷаҳон машҳур мекард ва ба туфайли ӯ Тоҷикистонро ҷаҳон мешинохт ва эътироф менамуд.

## Индивидуальность и талант творчества Мирзо Турсунзода

В статье рассказывается о жизни и творческом пути талантливого таджикского поэта и писателя Мирзо Турсунзода, который прошел путь от простого журналиста до ярчайшего представителя таджикской интеллигенции.

## Individuality and creativity talent of Mirzo Tursunzoda

The article tells about the life of a talented and creative way of Tajik poet and writer Mirzo Tursunzoda, who passed the clearest way from the simple journalist's to the brightest representative of the Tajik intelligentsia.

[282] Асозода Х. Ҳамон ҷо. - С. 16- 66.

## НАҚШИ ҚУРЬОНУ ҲАДИС ДАР ТАРБИЯ ВА КАМОЛОТИ ИНСОН

**Назаров М.**[*]
**Саидолимов К.С.**[**]

Чун сухан дар мавриди одобу ахлоқ ё худ хулқу атвори ҳасана меравад, хоҳу нохоҳ мо ба ду сарчашмаи муҳим - Қурьон ва ҳадис таваҷҷӯҳ менамоем, зеро Худованд (ҷ) дар хитоб ба Расули гиромӣ (с) мефармояд: «**Ва иннака лаъало хулуқин ъазим**» (Ту соҳиби ахлоқи азимӣ)[283].

Оини муқаддаси Ислом бар пояи илму мантиқ бунёд гардида, асоси он имону эътиқод ба Худованду ҳақ будани рӯзи подош аст. Сураҳои қуръонӣ саршор аз ҳикмату маънӣ буда, инсонро ба роҳи росту дуруст ҳидоят менамоянд.

Масъалаи тарбия дар бисёр оятҳои қурьонӣ ва аҳодиси Пайғомбар (с) муҳим арзёбӣ шуда, ба ҷаҳони имрӯза тавассути тарҷумаҳои Қурьон ва шарҳу тавзеҳи он муаррифӣ гардидааст ва онро ғарбиён ҳамчун илм ба номи «Педагогика» ном мебаранд. Модоме ки Қурьони азимушшаън саросар панду ахлоқ аст, пас, он фарогири улуми иҷтимоиву дунявӣ низ мебошад. Имрӯз муҳаққиқини Шарқу Ғарб ба чунин хулоса омадаанд, ки аксари илмҳои дунявӣ ба Қурьон иртибот доранд.

Пеш аз он ки инсон камол ёбад, бояд саробаш ғизои маънавӣ бошад, то ӯро ба қадамҳои устувор сӯи ҷаҳони андешаю розҳо барад. Рост гуфтан, накӯӣ кардан, андешаи дуруст матраҳ намудан ва инсониятро аз ҷаҳолат раҳонидан мақсад ва рисолати Қурьон аст.

Дар ин замина мо мавзӯъҳоеро мехоҳем матраҳ созем, ки фарогири чунин масоиланд:

**1. <u>Сидқ ва ростӣ</u>**

Худованд мефармояд, **«Эй мӯъминон, аз Худо ва ростон бошед»[284].** Ин ҷо ҳушдор додан аст барои бандагон, ки ҳар чӣ шумо мекунед, аз мадди назари Худо дур намемонад ва Худованд неконро дӯст медорад, чуноне ки бузургон мегӯянд: «Ростиро заволе набувад». Ва низ мефармояд: «**Мардони ростгӯ ва занони ростгӯ тоъаткунандаанд, чунки бовар доранд ба Худованди мутаъол. Бандае, ки ваҳдонияти илоҳиро шиносад, ӯ шикебо аст, хоҳ зан бошад, хоҳ мард»**[285] ва дар **сураи «Муҳаммад»** низ гуфта мешавад: **«Ҳамоно, агар ба Худо ростӣ мекарданд, ҳаққо, ки барои эшон беҳтар мебуд»[286]**. Худованд бо бандагон аз боби ҳидояту ростӣ бо беҳтарин усул сухан мекунад, то ин ки ҳамқарини Иблис нагарданд.

Абдуллоҳ ибни Масъуд ривоят мекунад, ки **Паёмбар (с) фармуданд: «Бидуни шак, ростӣ инсонро ба сӯи накӯкорӣ раҳнамоӣ мекунад ва накӯкорӣ инсонро ба биҳишт роҳнамоӣ менамояд ва ҳамоно шахс рост мегӯяд, то ин ки дар назди Худо бисёр ростгӯ ва сиддиқ навишта шавад»**.

Худованд он касро, ки ростгор аст, дар дунё баракат бидиҳад ва дар охират низ барои коре, ки барои худ ва дигарон кардааст, савоб нависад. Ҳар куҷо инсони ко-

---

[*] *Назаров М.* - устоди кафедраи рабонҳои Донишкадаи исломии Тоҷикистон.

[**] *Саидолимов К.С.* - дотсенти кафедраи рабонҳои Академияи ВКД Тоҷикистон, номзади илмҳои филология.

[283] Қурьон. Сураи Аъроф, ояи 31.

[284] Қурьон. Сураи Тавба, ояи 119.

[285] Қурьон. Сураи Аҳзоб, ояи 35.

[286] Қурьон. Сураи Муҳаммад, ояи 21.

мил бошад, дар муқобили бадӣ некӯӣ кунад, то бадӣ маҳв гардад. Инсони накӯкор дар ду олам азизу мукаррам аст, агар чӣ хурд ё бузург бошад.

**2**. **Тақво ва парҳезгорӣ** ҳам бо ростиву некӣ ҳамқаринанд, ки Худованд мефармояд: **«Эй ононе, имон овардед, аз Худо битарсед ва сухани ҳақро бигӯед»[287].**

Сухани Ҳақ тақвою парҳезкорист, ки на ҳама онро дарёбанд. Ҳар касе аз Худо битарсад, дар кораш баракат ва рӯзиаш зиёдатӣ ато намояд. Аз расули Худо пурсиданд: **«Гиромитарин мардум кист?»**

**- Гуфтанд «Парҳезгортарини ишон».**

Худованд инсонро ҳамчун халифа (ҷойнишин) офарид, то парҳезгор ва бениёз бошад. Тақво роҳи парҳезкорӣ буда, мақбулу писанди Худованд аст ва он инсонро баргузида мегардонад.

**3**. **Ташвиқ ба анҷоми амали хайр** низ яке аз роҳҳои тарбия буда, мevaаш дар ин дунё ва охират ширин аст. Пайғомбари гиромӣ фармудааст: «**Корҳои хубу бади умматам бар ман нишон дода мешавад».** Аз ин фармуда маълум мешавад, ки кори хайр раҳодиҳандаи инсон аз мушкилот ва кори бад сиёҳкунандаву бадномкунандаи шахсият назди Худову халқ аст. Сухани хуб ва ҳамду санои Худованд гуфтан низ кори хайр аст, ки касро ҳатман аз роҳи бад мегардонад. Бо ҷуфти ҳалоли худ, яъне бо ҳамсар будан ҳам кори хайр аст, ки шахсро аз нопокӣ нигоҳ медорад. Расуллалоҳ гӯяд: «**Ҳеҷ кори хуб ва писандидаро ҳақир машморед, ҳарчанд бо бародарат бо чеҳраи кушода рӯ ба рӯ шавӣ».**

Агар инсон ба касе ёрии моддӣ расонида натавонад, вале бо чеҳраи кушод ва суханони хуб дилашро нарм намояд, ин ҳам кори хайр ва некӣ аст. Адолатро дар миёни ду бародар барқарор намудан садақа аст. Барои анҷом додани коре ва ё ҳоҷати бародари муслим кӯшиш намудан низ некӣ ва садақа аст.

Худованд сураи **Наҳл** мефармояд: **«Бихон дар роҳи Парвардигорат ба илм ва мавъизаи нек»[288].** Манзур аз ин оят даъват тавассути илму ҳикмат, суханони нек ва ба роҳи дуруст ҳидоят намудани одамон аст.

Дар ҷои дигар мегӯяд: «**Дар накӯкорӣ ва тақво бо ҳамдигар ҳамкорӣ кунед»[289]**. Ин ҳам як бахши тарбия буда, ба иттифоқу иттиҳод омадани инсониятро далолат менамояд, то нисбати ҳам накӯкор бошем. Ва дар сураи **Оли Имрон** мефармояд: **«Бояд аз шумо гурӯҳе бошад, ки ба корҳои хайр ва инсондӣ даъват кунанд»[290].**

Беҳтарин инсон назди Парвардигори азимушшаън ҳамон аст, ки мардумро ба корҳои хайру писандида даъват намояд. Ҳар касе, ки нафареро ба кори нек даъват намояд, барояш аз ҷониби Худованд аҷри азиме дода мешавад.

Ёрӣ кардан ба ҳамдигар имони комилу тафаккури баландро мехоҳад.

Пайғомбар (с) фармуда: **«Дин иборат аз насиҳат ва хайрандешист»** ва дар ҷои дигар мегӯяд: **«Мӯъмин шинохта намешавад касе аз шумо, то дӯст надошта бошад барои бародараш он чиро, ки барои хеш дӯст медорад»**.

Дар воқеъ, ҳар ки бадиро ба худ раво намебинад, пас, ба дигарон низ набояд раво бинад. Беҳтарини мо - инсонҳо касонеанд, ки ба кори нек даъват мекунанд ва инсонҳоро аз корҳои бад манъ менамоянд. Дар сураи **Тавба** Худованд фармуда**: «Мардони мӯъмин ва занони мӯъмина баъзеашон корсози баъзеанд, мефармоянд ба кори писандида ва манъ мекунанд аз кори нописандида»[291].** Дар ин замина Пайғомбари гиромӣ (с) фармуда: **«Ҳар гоҳ аз шумо касе кори бадеро дид, бояд онро ба дасти хеш тағйир диҳад, агар натавонист, бо забонаш манъ кунад ва агар натавонист, сидқан ӯро бад бинад».** Аз ин гуфтаҳои Пайғомбар (с) маълум мешавад, ки кори бад ва амали бадро инсон бояд бо тамоми вуҷудаш написандад, то аз ҷумлаи некон бошад. Худованд бандаро аз кори бад манъ менамояд ва ба некӯӣ кардан даъват менамояд. Бад-

---

[287] Қуръон. Сураи Аҳзоб, ояи 70.
[288] Қуръон. Сураи Наҳл, ояи 125.
[289] Қуръон. Сураи Моида, ояи 2.
[290] Қуръон. Сураи Оли Имрон, ояи 104.
[291] Қуръон. Сураи Тавба, ояи 71.

тарин нуқсон он бувад, ки вақте шахсеро ба роҳи росту некӣ фаро мехонему худ амал карданро фаромӯш месозем. Худованд дар сураи **Бақара** мефармояд: **«Оё мардумро ба некӯкорӣ амр намуда худро фаромӯш мекунед, дар ҳоле ки шумо китобро мехонед, чаро дар он андеша ва тааммул намекунед»[292]**.

Азоби касе, ки донист амал намекунад, бузургтар аст аз касест, ки намедонад. Ва агар шахсе намедонам гӯяду дар суроғи илм нашавад, пас, ӯ ҳам накӯкору хайрандеш набошад.

**4. <u>Амонат.</u>** Амонат ва амонатдорӣ аз асолату гавҳари инсонӣ бармеояд, ки он одамиро ба хубӣ, некӣ ва хирадмандӣ далолат мекунад. Он ки амонатдор набувад, пас хиёнаткор аст. Боввариро шахсе сазовор мешавад, ки амонатдор бошад. Ҳар ки маҳбуби халқ шуд, Худованд ҳамқаринаш мегирад. Дар сури **Нисо** Худованд мегӯяд: **«Ҳамоно Худованд шуморо амр мекунад, ки амонатҳоро ба соҳибаш биспоред»[293]**. Ин маънӣ дар ҳадиси Расулуллоҳ чунин омадааст, ки аз Абуҳурайра ривоят мешавад: **«Нишонаи мунофиқ се аст: чун ҳарф занад, дурӯғ гӯяд, ваъда диҳад, вафо накунад ва дар амонат хиёнат пеш орад».**

Амонатро Худованд дар решаи дилҳои мардум фуруд овард ва баъд дар Қуръон ҳам инро ҳушдор дод: «Ҳар касе, ки хоҳад имонаш қавӣ гардад ва ба замираш реша давонад, амонатнигаҳдор бошад».

**5. <u>Ислоҳи нафс</u>**.

Худованд (ҷ) дар сураи **Нисо** мефармояд: **«Хубие нест аз машваратҳои пинҳониашон, аммо хубӣ дар машварат касерост, ки ба садақа ё ба кори писандида ва ё ба ислоҳи миёни мардумон амр намояд»[294].**

Хубии мардум дар сулҳоварии онон байни ҳамдигар аст, ин аст, ки мусалмон бародари мусалмон аст ва байни ду бародар сулҳ овардан амали нек бувад. Дар сураи **Анфол** Худованд мегӯяд: **«Аз Худо битарсед ва дар миёни хеш ислоҳ оваред»[295]**. Мурод аз тарсидан он бувад, ки Аллоҳ ҳар амали кардаи бандаро хоҳ бад бошад, хоҳ нек, аз рӯи адл бармекашад ва подоши бадӣ азоб бувaду сазои некӣ савоб. Азобе, ки Худованд барои гунаҳкорон ваъда мекунад, шадид аст. Шарҳаш мушкил аст ва мо бояд аз Холиқи ягона битарсем. Дар миёни ду нафар адолат барпо намудан низ садақа аст. Дар ривояти Муслим аз Пайғомбар (с) дар мавриди се чиз: ислоҳ дар ҷанг, ислоҳ дар миёни ду нафар ва ислоҳ миёни зану шавҳар таъкид шудааст.

Имрӯз дар ҷомеаи мо, мутаассифона, бетерафӣ рӯ ба инкишоф овардааст, ки ин боиси нигаронист. Чун ду нафар ба низоъу ҷидол даст зананд, касе эътибор намедиҳад ва баъзан ҳам мешавад, ки дар оташи нифоқашон аланга низ меангезанд. Ин аз заифи имон аст.

**6. <u>Шафқат ба бенавоён</u>**. Дасти бенавою фақиронро гирифтан панди ҳаррӯзаи гузаштагон ва бузургони миллати тоҷик аст. Аз ин лиҳоз, дар тамоми баромадҳои сарвари давлат - Эмомалӣ Раҳмон раҳму шафқат нисбати камбағалону барҷомондагон ва пирон ҳушдор мешавад, ки сарчашмааш Қуръон аст. Дар сураи **Каҳф** мефармояд: «**Ва худро бо касоне ба шикебоӣ нигоҳ дор, ки Парвардигори худро ба субҳу шом ёд мекунанд ва рӯи ӯро (ризогияшро) мехоҳанд ва бояд ки чашмҳои ту дар талаби ороиши зиндагонии дунё аз онҳо дарнагузарад ва он касро фармон мабар, ки дили ӯро аз ёди хеш ғофил сохтаем, ки хоҳиши худро пайравӣ кардааст ва кори ӯ аз ҳад гузаштааст»[296]**.

Дар боби бенавоён ба мисли Рӯдакӣ, Саноӣ, Аттор, Мавлоно, Саъдиву Ҳофиз, Ҷомӣ, Бедил ва дигарон ашъори беҳтарин сурудаанд, ки ҳар фарди огоҳ онҳоро бояд сармашқи зиндагии худ қарор диҳад. Аз ҷумла, Рӯдакӣ мегӯяд:

***Мардӣ набувад фитодаро пой задан,***

---

[292] Қурьон. Сураи Бақара, ояи 44.
[293] Қурьон. Сураи Нисо, ояи 58.
[294] Қурьон. Сураи Нисо, ояи 14.
[295] Қурьон. Сураи Анфол, ояи 1.
[296] Қурьон. Сураи Каҳф, ояи 29.

***Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.***

Дар ҳадиси дигар омадааст, ки Саҳл ибни Саъди Соид ривоят мекунад: «Ҳазрати Расул (с) бо марде нишаста буд, ки шахсе аз канораш гузашт, пурсон шуд, назарат дар бораи ин чист?

- Гуфт:

Ин мард аз ашрофон аст ва ҳар киро хостгорӣ кунад, барояш никоҳ кунанд ва касеро хоҳад, шафоат намояд.

Паёмбар (с) сукут намуданд, боз марди дигар гузашт, он ҳазрат гуфтанд:

Назарат нисбати ин шахс чист?

- Гуфт:

Ин мард аз фуқарову тангдастони муслимин аст. Хостгорӣ кунад, барояш духтар надиҳанд, шафоат талабад, мақбулаш нанамоянд ва сухан гӯяд, нашнаванд.

Расули Худо (с) фармуд, ин мард беҳтар аз аввал аст, агарчи рӯи замин пур аз амсоли ӯ бошад, қасами жӯлидамӯйҳо, ғуборолудаҳо ва рондашудаҳо аз дарвозаҳо назди Худованд қабул бошад ва оҳашон низ мақбул аст».

**7. <u>Ёрӣ ба ятимону духтарон</u> ва <u>нотавонон</u>**. Пайғомбар (с) фармуда: **«Мискин касе нест, ки як хурмо ва ё як луқма додан натавонад, балки касе бошад, ки кибру ғурур варзида, аз ҳоли ятимон бехабар бошад».**

Ятимон ба меҳрубонӣ ниёз доранд ва мӯҳтоҷи тарбияанд. Ҳар инсоне, ки ба онҳо дасти ёрӣ дароз мекунад, Худованд бар ӯ раҳмати худро арзонӣ менамояд. Дар сураи Каҳф мефармояд: **«Худро боз дор бо онон, ки Парвардигори худро ёд мекунанд дар субҳу шом ва мехоҳанд ризою хушнудии ӯро. Бояд ки чашмони ту аз эшон дарнагузарад, ки ороиши дунёро дунё талаб намояд»**[297]. Мурод аз талаб намудани ороиши дунё ва даргузаштани чашм дар он аст, ки аз ҳолу аҳволи ятимон ва бепарасторон дур набошем. Ин ҳушдор махсусан барои зимомдорон буда, онҳоро ба тақво ва инсондӯстӣ водор месозад. Маҳз ҳамин суханон дар бисёр гуфтаҳои рӯзмарраи раҳбари давлат - Эмомалӣ Раҳмон садо медиҳанд.

Мусаллам аст, ки ҳар нафаре, ки пайрави ҳавову ҳавас гардиду дунёдӯст шуд, аз хайру саховат ҳатман дур мегардад. Дар сураи **Зуҳо** ҳам Худованд боз мефармояд: **«Аммо ятимро дуруштӣ макун ва соилро пас марон»**[298]. Ба ятимон дуруштӣ кардан ва соилонро (гадоён) аз дар рондан бетарбиявию дағалист. Донистани қадри инсон нуқтаи баланди камолот аст. Ва дар ҷоҷи дигар мефармояд: **«Оё дидӣ он шахсро, ки ҷазои аъмолро дурӯғ мешумурд, пас, он шахс касест, ки ятимро ба иҳонат меронад ва бар таъом додани фақир рағбат наменамояд»**[299]**.**

Хулоса, роҷеъ ба мавзӯи баррасишуда силсилатаҳқиқот ва осори зиёде анҷом пазируфтааст, ки андешаҳои иброзшудаи инҷониб қатрае аз баҳр аст. Умедворем, хонандаи закӣ аз ин нигоштаҳо андаке ҳам бошад, баҳравар гардида, ҷаҳони маънавии хешро дар партави оёти Илоҳӣ ва аҳодиси набавӣ ғанӣ месозад.

## Роль Корана и Хадисов в воспитании и совершенствовании личности

Говоря о воспитании личности вольно или невольно обращаешься к религии – Корану и Хадисам, ибо они являются неисчерпаемыми источниками на пути к совершенной личности. О важности правильного воспитания свидетельствуют многочисленные аяты Священного Корана и изречения Пророка Мухаммада (с), в которых на родителей и учителей возлагается большая ответственность.

## The role of the Quran and Hadith in the education and improvement of the individual

---

[297] Қурьон. Сураи Каҳф, ояи 27.
[298] Қурьон. Сураи Зуҳо, оятҳои 9-10.
[299] Қурьон. Сураи Моъун, ояи 1, 3.

Speaking of education the individual consciously or unconsciously turn to religion - the Quran and Hadith, as they are inexhaustible sources in the way of perfect for the individual. The importance of proper education show the numerous verses of the Quran and sayings of the Prophet Muhammad (s). Therefore, parents and teachers have a great responsibility

## МУОШИРАТ ВА ДӮСТЁБӢ ДАР «НОМАИ БОСТОН»

**Хокироев Р.Г.***

«Шоҳнома» дар тамоми давру замон фарогирандаи афкори қавмҳову наслҳои башарият маҳсуб гардида, дар он масоили зиндагиномаи инсонҳо бо ҳама шебу фарозаш бозгӯ гардидааст.

Одоби муоширот аз диди Фирдавсӣ мавриди баҳси мо қарор гирифта, бо таваҷҷӯҳ ба ин ки инсон бидуни дӯст қодир ба зиндагии иҷтимоӣ нест ва ниёз ба муоширот дорад, ки дар ин ҷо арзиш ва зарурати дӯстёбӣ рушан мегардад. Албатта, дӯстие, ки ёру ғамгусор ва дар хушиву роҳат анису мунис бошад то битавон саодати дунё ва охиратро таъмин кунад. Ҳаким Фирдавсӣ дар қарни чоруми ҳиҷрӣ абётеро дар лобалои ашъори ҳамосии худ дар заминаи одоби муошират, дӯстёбӣ ва равиши рафтори афрод бо якдигар матраҳ намудааст, ки баъзе аз нукоти он мавриди зикр аст. Кӯшиш бар он дорем, ки ҳаддал имкон битавонем андешаи шоири тавоноро дар ин ҷода рӯшан бисозем.

Ҳамон навъе, ки медонем аҳли башар аз лаҳзаи пайдоиши ҷомеаи инсонӣ тамоюл ва рафъи норасоиҳои зиндагии худро дар он ёфтааст, ки доштани дӯсти хубу самимӣ ва боақлу дониш мантиқу муҳаббате аст, ки ба шоистагон насиб мегардад. Ин муҳаббат ба осонӣ муяссар намешавад, чӣ ба зоҳир дӯст бисёр ва дар ботин кам. Пас роҳи расидан ба ин ҳадафи олӣ чист ва бузургоне чун Ҳакими Тус дар ин бора чӣ гуфтаанд? Кулли фалсафаи Фирдавсӣ дар ин боб доштани дӯстӣ хуб ва ҳамоҳангӣ байни дӯстон аст. Ӯ аксар дар ашъори худ мафҳуми оёти Қуронӣ ва ахбору аҳодисро дар назар гирифтааст[300].

Ин суханвари бемисл ва анӯша дар таълимоти ахлоқии худ дар боби дӯстӣ, пайвандҳои дӯстона миёнаи ҳамнавъон, шартҳои дӯстӣ, чигунагии дӯст фикру андешаҳои ҷолибро баён доштааст. Аз дӯст, бешак дӯсти ҳақиқӣ, содиқ ва вафодорро дар назар дорад, ҳеҷ чиз, ҳатто дидаву мағзу пӯстро, яъне ҳама ҳастиро дареғ набояд дошт[301]. Ин худ гувоҳи он аст, ки Фирдавсӣ дӯстиро неъмати бузурги зиндагӣ, дастоварди беназири маънавии инсон мешуморад ва ба он арзиш ва қимату аҳамияти зиёд қоил мебошад.

Вобаста ба ин мавзӯъ шоир меафзояд, ки ҳар кас лоиқи дӯстӣ ва ҳар дӯстнамае шоистаи дӯстдорӣ намебошад. Дӯст он аст, ки дар сахтиҳо, душвориҳо ва пешомадҳои ногувори рӯҳӣ ва ҷисмонӣ дар аҳди дӯстӣ устувор, барҷо ва ҳамдӯшу ҳамроҳ, дар зарурат ёрирасон бошад. Бо чунин дӯст бояд вафодор буд, ҳалқаи вафои ӯро дар гӯшаи ҷон бояд дошт.

Ҳамчуноне ки адабиётшиноси марҳум Зоҳид Аҳрори қайд менамояд дӯст бояд ҳунарманд, бошарму ҳаё, орому бурдбор бошад. Ҳар он ки майл ба дӯстӣ кунад ва бо ин азму ният пеш ояд, бояд ҳамин нишонаҳоро дар ӯ ҷустуҷӯ дошт ва дар сурати

* *Хокироев Р.Г.* – сардори Шӯъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашри Академияи ВКД Тоҷикистон, номзади илмҳои филология, дотсент, подполковники милитсия

[300] Дуктур *Аҳмади Ранҷбар*. Ҷозибаҳои фикрии Фирдавсӣ. Теҳрон. 1369, - С.308.

[301] Андарзномаи Фирдавсӣ (Таҳия ва тадвин аз Зоҳир Аҳрорӣ, Камол Айнӣ). Душанбе: «Ирфон», 1992, - С.11.

мавҷудият, дасти дӯстӣ метавон ба сӯяш  дароз кард. Дар акси ҳол ҳар кас ба роҳи худ.[302]

Ба фикри ниёи бузург ҳама чизи дунё пирӣ ва завол дорад, аммо дӯстӣ безавол ва ҷовидонист:

***Ҳама чиз пирӣ пазирад бидон,***
***Магар дӯстӣ к-он бувад ҷовидон.***

Дӯстоне, ки мавриди қабули Фирдавсианд ва муошират бо онон муҷиби хушбахтӣ аст дар сароъ ва зароъ, хушӣ ва нохушӣ, доройӣ ва нодорӣ ёр ва ғамхори якдигаранд ва ҳеҷ гуна тафовуте байни ҳам намебинанд:

***Дигар он, ки пурсид аз марди дӯст,***
***Зи ҳар дӯстӣ ёрмандӣ накӯст.***
***Тавонгар бувад чодари ӯ бипӯш,***
***Чу дарвеш бошад ту бо ӯ бикӯш.***
***Касе к-ӯ фурӯтантару родтар,***
***Дили дӯстонаш бад-ӯ шодтар[303].***

Фирдавсӣ барои дӯстӣ ҳадду марзе дар назар гирфта дар тавоноиву  тавонгарӣ аз бахшиш нисбат ба якдигар дареғ наварзидан ва дар фақру бечорагӣ ҳамёру ҳамгом ва  фурӯтан бошад. Ин гуна дӯстони мутавозеъ ва фурӯтан ҳамеша сарбаланданд ва бо дидани онҳо шодиву ҳуррамӣ ва нишот ҳосил мегардад, ки ин  матлаб дар ривояти зер аз Ҳазрати Содиқ (а) ба таври комил баён гардидааст.

Чунонки мулоҳиза мешавад, Ҳазрати Содиқ (а) мефармояд: «Дӯстӣ аз рӯйи ростӣ ва дурустӣ нест ҷуз бо шароити он, пас ҳар кӣ дар ӯ он шароит ё порае аз онҳо бошад ӯро аҳли чунин дӯст бад-он касе, ки чизе аз он шароит дар ӯ набошад ӯро бад-ин гуна дӯстӣ нисбат мадеҳ:

- ниҳону ошкораш барои ту яксон бошад;
- зиннати туро зиннати худ донад ва зиштии туро зиштии худ шуморад;
- дороияшро нисбат ба ту тағйир надиҳад;
- он чӣ тавоноӣ дорад аз ту боз надорад».

***Надорӣ дарег он чӣ дорӣ зи дӯст,***
***Агар дида хоҳад, агар магзу пӯст[304].***

Дӯсти асил ин хасоилро дар бар дорад, то ин ки ҳангоми бечорагӣ ва пешомадҳои ногувор раҳоят накунад.

***Ҳамон дӯстӣ  бо касе кун баланд,***
***Ки бошад ба сахтӣ туро судманд[305].***

Фирдавсӣ бо таваҷҷӯҳ дар хусуси дӯстӣ ва дӯстёбӣ ба суханпардозӣ нисшаста, дӯсти воқеиро он донад, ки вафо ва вафодорӣ чунон дар тарафайн реша давонад, ки ҷудоӣ ба содагӣ муяссар нагардад, ва ҳар ду яке шаванд ва ба қавле як рӯҳ дар ду бадан бошанд. Барои васл ба ин мақсуд асрор дорад, ки дар интихоби дӯст ба хирад ва дониш таваҷҷӯҳ шавад, ки асари мусбат дар одамӣ дорад. Чи табодили назар ва афкор сабаби пешрафти инсон аст, аммо бо ҳушёрон, на бо нодонон. Агар дӯст бехирад ва нодон бошад, на танҳо аз ҷиҳати маънавӣ ё моддӣ мӯъсар барои пешрафти инсон нест, балки рӯз ба рӯз одамиро коҳидатар карда ва ситаму бедодгарии худро афзун месозад. Аз ин ҷост, ки душманони доно метавонанд муфидтар ва беҳтар аз ин навъ дӯстон бошанд, асари дӯстӣ ва машоварат бо доноён дар ҷойе аз сурудаи Фирдавсӣ чунин омадааст:

***Ба ҳангоми ҳар кор ҷустан накӯст,***
***Задан рой бо марди ҳушёру дӯст[306].***

---

[302] Ҳамон асар. С. 12.
[303] *Фирдавсӣ А.* Шоҳнома. Ҷ.8, - С. 308.
[304]. Шоҳнома. Ҷ 4, - С.45
[305] Шоҳнома. Ҷ 8, - С. 140.

Аз ин рӯ, дӯсти оқилу доно масоилро хуб дарк мекунад ва ҳаллу фасл менамояд ва дар мушкилот мушовири вижаи одамӣ аст, ки Парвардигори олам низ пайғамбараш (с)-ро бад он супориш намудааст ва аз ҳазраташ хоста, ки дар баррасии мушкилот бо дӯстони воқеии худ мушоварат намояд. «Бо онон дар кор машварат намо»-ро дар ҳамин мавзӯъ баён фармудааст ба пайкори вуҷуд, ки беҳбудӣ дар он нест ва бо таваҷҷӯҳ ба ҳамин масъала Фирдавсӣ мефармояд:

***Чу доно туро душмани ҷон бувад,***
***Беҳ аз дӯст марде, ки нодон бувад***[307]**.**

***Ки нохуш бувад дӯстӣ бо касе,***
***Ки моя надорад зи дониш басе***[308]**.**
Ё:
***Зи нодон наёбӣ ҷуз аз батарӣ,***
***Нигар сӯи бедонишон нангарӣ***[309]**.**
***Ки душман, ки доно бувад беҳ зи дӯст,***
***Або душману дӯст дониш накӯст***[310]**.**

Бинобар ин, дӯстон бояд мавриди озмоиши дақиқ қарор гиранд ва пас аз баррасии ҳамаҷониба ба унвони дӯст интихоб шаванд, пас дӯстони кӯҳан ва онон, ки аз озмоиш ба хубӣ бурун омадаанд ва итминони комил аз он ҷо ҳосил аст мавриди таваҷҷӯҳи ин шоири Ҳакиманд ва дар ин маврид зоҳиран ба ин сухан таваҷҷӯҳ мефармояд. «Бар ту бод, ки рафоқат кунӣ бо дӯстони дерин, ки онҳоро хуб озмудаӣ ва бипарҳезӣ аз ҳар рафиқи тозаи паймоншикан, ки паноҳ надиҳад ва аҳду мисоқ нашиносад».

Чун ҷавонмард нестанд ва фақат ба манофеи худ менигаранд, агар бар эшон фоидае бувад самимӣ ва ягонаанд, вагарна раҳоят мекунанд агарчӣ бисёр ҳам мавриди эътимодат будаанд.

Эмоми Содиқ (а) дунболаи матлаби фарқ мефармояд: «Ва аз устувортарин мардум дар пеши худ барҳазар бошӣ, ки мумкин аст рӯзе душманат шавад».

***Бипурсидам аз дӯстони кӯҳан,***
***Ки бошанд ҳамгӯшаву як сухан,***
***Чунин дод посӯх, ки аз марди дӯст,***
***Ҷавонмардиву дод додан накӯст.***
***Нахоҳад ба ту бад, ба озарми кас,***
***Ба сахтӣ бувад ёру фарёдрас.***
***Дигар он касе кӯ навозандатар,***
***Накӯтар ба кирдору созандатар***[311]**.**

Онон, ки дунболи дӯсти накӯ мегарданд ва хоҳони онанд, ки дӯст бештар дошта бошанд, бояд бидонанд, ки бо таваҷҷӯҳ ба абёти фавқ дӯстони дерине мавриди эътимоданд, ки ин сифотро доро бошанд: 1) Ҳамфикру ҳамқадам ва ҳамнишини фард бошанд. 2). Ҷавонмард бошанд. 3) Адолату додгарӣ хамирмояи ҳастии онон бошад. 4) Хоҳони пешрафт ва тараққии дӯстони худ бошанд, ҳозир набошанд, ки кӯчактарин бадӣ ба дӯстонашон расад. 5). Дар сахтиҳо ёр ва ғамгусори ҳам бошанд ва фарёдрас низ ҳам. 6). Амали онҳо мавриди қабул ва созанда бошад ва бештар ба дӯсти худ таваҷҷӯҳ намоянд. Ин сифате аст, ки Фирдавсӣ дар ин бахш аз ашъори худ дӯсти воқеиро бад-он раҳнамун месозад, чун инсон эҳсос кунад, ки дӯсташ фақат барои вуҷуди ӯ дӯст гардида, на бораи молу мақомаш ва на бораи пасту риёсаташ, фақат қалб пайдо мекунад ва ҳангоми гирифторӣ ва мусибат бад-ӯ рӯй меоварад ва мушки-

---

[306] Шоҳнома. Ҷ. 2, - С. 15.
[307] Шоҳнова. Ҷ. 8, - С. 118.
[308] Шоҳнома. Ҷ. 4, - С.78.
[309] Шоҳнома. Ҷ. 7, - С. 203
[310] Шоҳнома. Ҷ. 7, - С. 155.
[311] Шоҳнома. Ҷ. 8, - С. 203

лоташро бо ӯ дар миён мегузорад ва бо ҳамфикрии ӯ онҳоро ҳал менамояд. Агар чунин набуд ва сифоте мазмум дошт ва ҳамонтур ки гуфта шуд барои истифодаи шахсӣ дам аз дӯстӣ зад, барҳазар будан аз чунин фарде лозим ва воҷиб аст, Содиқ Оли Муҳаммад (с) дар ин замина суфориш дорад: Мазмуни сухан он аст, ки «эй шайъа Оли Муҳаммад (с) огоҳ бошед аз мо нест он кас, ки ҳангоми хашм натавонад худдорӣ кунад, ва аз мо нест касе, бо ҳамнишини худ хушрафторӣ накунад ва бо ҳам хӯи худ хушхулқӣ накунад ва бо мо ҳам ғизое худ муороти хӯрок накунад. То битавонед аз Худо битарсед».

Пас шарти асосӣ хушрафторӣ ва хушхулқӣ аст, ки Фирдавсӣ низ бо таваҷҷӯҳ ба он суханро дар ин замина густариш медиҳад.

***Ки тундӣ пушаймонӣ орад-т бор,***
***Ту дар бӯстон тухми тундӣ макор.***
***Ки тундӣ ба кори сипаҳбад бувад,***
***Сипаҳбад, ки тундӣ кунад бад бувад.***
***Ҳунар бехирад дар дили марди тунд,***
***Чу теге, ки гардад зи зангор кунд***[312]***.***

Фирдавсӣ дар порае аз ашъори худ аз дӯстони риёкор ба вижа дӯстони суханчин ба шиддат интиқод намуда ва бештар шикастҳои афродро дар тӯли зиндагӣ аз инон донистааст. Вай таъкид мекунад, ки барои раҳоӣ аз ин гуна мардумон кӯтоҳӣ накунед ва ононро дар иҷрои ҳила ва найрангашон ноком гузоред то чиза нашаванд ва гӯё ин баёни Алӣ бин Ҳусайн (а), ки мефармояд: «Зинҳор мабодо бо дуруғгӯ ҳамнишин шавӣ зеро, ки ба манзалаи саробе аст, ки дурро дар назорати наздик ва наздикро бароят дур ҷилва медиҳад. Аз ҳамнишинӣ бо фосиқ ва гунаҳкор бипарҳез, зеро, ки ӯ ба яклуқма ё камтар аз он туро бифурӯшад»[313] дар назар дорад ва бо таваҷҷӯҳ ба мафоҳими он шоир доди сухан медиҳад:

***Макун дӯстӣ бо дурӯгозмой,***
***Ҳамон низ бо марди нопокрой.***[314]

***Суханчину бедонишу чорагар,***
***Набояд, ки ёбад ба пешат гузар.***[315]

***Нигоҳдор то мардуми айбҷӯй,***
***Наҷӯяд ба наздики ту обрӯй.***[316]

***Бипарҳез з-он марди носудманд,***
***Ки бошад-т зи ӯ дарду ранҷу газанд.***[317]

Аз шароити муҳиме, ки Ҳакими Тӯс дар мавриди дӯстёбӣ ва одоби муошират баён мефармояд ин аст, ки дар муоширати хуш ва нармзабонӣ дорои аҳамият аст. Пояи дӯстии воқеӣ бояд бар асоси ниёзҳои маънавӣ устувор бошад, на ин ки дӯстиро фақат барои рафъи ниёзи моддӣ дар назар гирад. Агар чунин бошад пас аз рафъи ниёз робита суст мегардад ва аз ҳам дур мешавад ва дигар дар сахтӣ ва нороҳатӣ дӯстӣ вуҷуди хориҷӣ нахоҳад дошт. Пас ононро ки дар муваффақият ва пирӯзию шодӣ ва дар сахтиву дардмандӣ ёр ва мададгоранд сазовори дӯстони ҳақиқӣ медонад:

***Ҳамон дӯстӣ бо касе, кун баланд,***
***Ки бошад ба сахтӣ туро судманд.***

---

[312] Шоҳнома. Ҷ.4, - С. 67
[313] Наҳҷулбалоға. Тарҷумаи дуктур Саид Ҷаъфари Шоҳидӣ. Душанбе, 1999, - С. 367.
[314] Шоҳнома. Ҷ. 7, - С. 259
[315] Шоҳнома. Ҷ. 7, - С. 203
[316] Шоҳнома. Ҷ.7, - С. 204
[317] Шоҳнома. Ҷ. 9, - С.. 204

***Агар дӯст ёбад туро, тазарӯй,***
***Биафзояд ин номро рангу бӯй.***[318]

Дар ин маврид ба каломи Расули Худо (с) таваҷҷӯҳ мешавад, ки мефармояд. «Шумо бо амволи худ натавонед ба ҳамаи мардум кушоиш диҳед, пас бо чеҳраи боз ва хушрӯйӣ бо онҳо бархурд кунед», ё «бародаратро бо чеҳраи боз мулоқот кун» ва «Хушрӯйӣ кинаи дилро мебарорад» .

Дар натиҷа бо он хӯи инсонӣ ва табиати нарм ва мулоиме, ки Фирдавсӣ дорад намехоҳад кинаҳо дар дили мардум пойдор монад, то он ҷо ки муътакид аст, агар душман низ аз дари сулҳ ва оштӣ дарояд даъвати ӯро пазируфт ва бо ӯ некӣ кард, ки ин муҷиби афзоиши дӯстон ва коҳиши душманон мегардад:

***В-ар эдунк душман шавад дӯстдор,***
***Ту дар бӯстон тухми некӣ бикор.***[319]

Ин нишонаи тавозӯъ ва фурӯтанӣ дар вуҷуди ин родмарди адаби форсӣ аст, ки хашму тундиро дар афрод нописанд дониста ва барои афзоиши дӯстон хулқи некӯ ва рафтори хубро пеша намудааст. Раҳнамои ӯ дар баёни ин матолиб аст: «Бояд дар дилат эҳтиёҷ ба мардум ва бениёзӣ аз эшон пайдо гардад ва эҳтиёҷ ба онҳо дар нармзабонӣ ва хушрӯйи ту бошад ва бениёзии ту аз онҳо дар ҳифзи обрӯ ва нигоҳдории иззати ту бошад».

Барои муошират кардани хуш бархӯрдӣ ва нармзабонӣ аз шарти аслӣ аст ва дарси муҳим ин аст, ки одамӣ набояд дар муошировати худ масъалаи ниёзро матраҳ созад. Пас бояд ба худ эътимод кунад ва аз Худо кӯмак гирад ва ӯро бароварандаи ниёзҳо донад. Чун чунин шуд тамаллуқ ва чоплусӣ аз вуҷуди инсонӣ зудуда мешавад ва дар айни хушрӯй ва нармгӯфторӣ иззати нафс ва маноати табъ афзун мегардад. Аммо дар байни мардум касоне ҳастанд, ки қудрати ташхис надоранд ва наметавонанд байни дӯстон ва душманон тафовут қоил шаванд. Ҳар касро изҳори дӯстӣ кард, ӯро ба дӯстӣ мепазиранд, зиндагӣ барои инон барабас ва бефоида аст:

***Чунин гуфт к-он кас, ки душман зи дӯст,***
***Надонад мабодо варо магзу пӯст***[320]**.**

Таваҷҷӯҳ ба ин нуқта аст, ки бо афроди фоҷир ва ахмақ ба ҳеҷ ваҷҳ дӯстӣ сазовор нест ва ин гунна афродро бояд ташхис дод ва бо онҳо қатъи робита намуд, ки омадааст «Шоиста нест барои мусулмон, ки бо шахси табоҳкор ва аҳмақ ва дурӯғгӯй рафоқат кунад». Зеро ин гуна афрод дар воқеъ душмани одамӣ ҳастанд, агарчӣ ба ҷиҳати зарур инсонро мавриди эҳтиром ва икром қарор диҳанд, ки он низ маҳдуд аст:

***Зи душман макун дӯстӣ хостор,***
***В-гар чанд хонад туро шаҳриёр***[321]**.**

***Ҳамон низ ёри кӯҳанёр мард,***
***Набошӣ ба бозори нангу набард***[322]**.**

«Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст» ва низ дӯст он бошад, ки айбҳои дӯсташро рӯ ба рӯи ӯ гӯяд, на ин ки пушти сари ӯ мӯ ба мӯ гӯяд. Аз ҷумла шарти дӯстӣ аст ва ҳамчунин дар робита бо дӯстӣ он чиро барои худ написандад ба дигарон написанд ва ин гуфторро ки: «Маҳзубтарин бародаронаи назди ман кас аст, ки айбҳои маро пеши ман ҳадия оварад ва онҳоро ба ман гӯшзад кунад». Ва ҳамчунин гуфтори дигари он

---

[318] Шоҳнома. Ҷ. 7, - С. 205
[319] Шоҳнома. Ҷ. 8, - С. 313.
[320] Шоҳнома. Ҷ. 9 саҳ. 66
[321] Шоҳнома. Ҷ. 7 саҳ. 204
[322] Шоҳнома. Ҷ. 8 саҳ. 290

Ҳазратро «Барои мардум чизеро дӯст доред, ки барои худатон дӯст доред, оё шарм накунед, якеро аз шумо, ки ҳамсояаш ҳаққи ӯро бишиносад, вале ӯ ҳаққи ҳамсояашро нашиносад»

***Бибошед бо якдигар ҳам сарой,***
***Набояд ки бошед аз ҳам ҷудой***[323]**.**

Нукта ин ҷост, ки агар дӯстон самимӣ бошанд ва бо ҳам якдил ва якранг ҳеҷ қудрате наметавонад онҳоро нобуд кунад. Пас супориш мекунад то сарҳади имкон бояд дӯсти воқеӣ ёфт ва яке шуд, ки дар рӯзи мабодо пуштибон бошад:

***Ҳама дӯстдору бародар шавем,***
***Бувад низ гоҳе, ки кеҳтар шавем***[324]**.**

***Ки ҳар кӯ бародар бувад дӯст беҳ,***
***Чу душман бувад, бе паю пӯст беҳ***[325]**.**

Шояд битавон гуфт олитарин марҳилаи дӯстёбӣ, ки назираш дар дунё бекарон аст «Номаи бостон» ба чашм мехӯрад ва Фирдавсиро раҳнамун мешавад, ки дар интихоби дӯст бояд аъмоли нек ва кирдори писандидаро дар назар гирифт:

***Бипурсад то ҷовидон дӯст кист,***
***Зи дарди ҷудоӣ, ки хоҳад гирист.***
***Чунин дод посӯх, ки кирдори нек,***
***Нахоҳад ҷудо будан аз ёри нек***[326]**.**

***Агар дӯст бо дӯст гирад шумор,***
***Набояд, ки бошад миёнҷӣ ба кор***[327]**.**

Фирдавсӣ иттиҳод бо дӯстонро зарурӣ мешуморад ва бар ин бовар аст, ки яке шудани дӯстон монеи шикасти онон намегардад. Дар муқобили афроди ҷоҳталаб ва тундхӯ ва онон, ки ҳамеша табъан бахиланд, салоҳияти дӯстӣ надоранд, суханро бо се байти зер, ки дар ҳамин мавзӯъ аст ба поён мерасонем:

***Бипурсид душман киро бештар,***
***Ки бошад бад-ӯ бар бадандештар.***
***Чунин дод посӯх, ки бартарманиш,***
***Ки бошад фаровон бад-ӯ сарзаниш.***
***Ҳамон низ к-овоз дорад дурушт,***
***Пурожанг рухсораву баста мушт***[328]**.**

Ба умеди он, ки битавон бо илҳом аз суханони бузургон дӯстони якдил ва самимӣ интихоб кард ва дар роҳи расидан ба ҳадаф, ки ҳамон мақоми шарифи одамӣ аст муваффақ гардед, ин аст шаммае аз осори пурғановати Ҳаким Фирдавсӣ, ки барои хонандаи бедорзавқ рӯйи қоғаз омад.

## Этика общения и дружбы в «Произведении Бостон»

На основе глубокого анализа автор пришел к выводу о том, что наряду с философскими, нравственными идеями в произведениях Фирдавси широко пред-

[323] Шоҳнома. Ҷ. 1 саҳ. 254
[324] Шоҳнома. Ҷ. 9 саҳ. 86
[325] Шоҳнома. Ҷ. 9, - С. 116
[326] Шоҳнома. Ҷ. 8, - С. 204.
[327] Шоҳнома. Ҷ. 8, - С. 290
[328] Шоҳнома. Ҷ. 8, - С. 203-204.

ставлены и эстетические идеи. Фирдавси оказал значительное влияние на последующий ход развития общественной мысли. Произведения Фирдавси приобрели мировое значение в первую очередь благодаря именно своему глубокому эстетическому содержанию, суть которого состояла в утверждении самой ценности человека, в культе духовности, разума, знания, красоты, добра, любви, справедливости, гуманизма и других общечеловеческих ценностей. Эти известные истины, нравственные идеалы в нашу эпоху, эпоху кризисов и катастроф приобретают еще большее значение. Пропаганда идей Фирдавси об этике общения и дружбе - это веление времени.


**THE ETHICS OF COMMUNICATION AND FRIENDSHIP IN THE «PRODUCT BOSTON»**

Based on deep analysis of the author came to the conclusion that, along with philosophical and ethical ideas in the works of Firdausi well are presented, and aesthetic ideas. Firdausi had a significant influence on the subsequent course of social thought. The works of Firdausi acquired global significance in the first place precisely because of its deep aesthetic content, the essence of which was in itself approving the value of a person in the cult of spirituality, wisdom, knowledge, beauty, goodness, love, justice, humanity and other human values. These well-known truths, and moral ideals of our epoch, the epoch of crises and disasters are even more important. Promotion of ideas about the ethics of Firdausi communication and friendship - is imperative.


## ШОИРИ ОРИФ

🗁


**Шарифов Б.****


Перомуни ирфони Хоқонӣ то кунун суханони бисёре гуфта шуда бошад ҳам, аксари ин пажӯҳишҳо ба таҳлили баъзе аз қасидаҳо ва ё ғазалҳои шоир нигаронида шудаанд ва таҳқиқи ҷомее, ки ҳамаи осори ӯро дар ин мавзӯъ мавриди баррасии дақиқи илмӣ қарор дода бошад, вуҷуд надорад. Мулоҳизоти муҳаққиқон ҳам дар ин боб мухталифанд, ки ин ихтилофи назарҳо аз зиддияти афкору андешаҳои шоир сарчашма гирифтаанд.

Дар тазкираву сарчашмаҳои адабиётшиносии гузашта танҳо дар "Нафаҳот-ул-унс" ба ҷанбаи ирфонии осори Хоқонӣ ишора шудааст, ки мегӯяд: "Чунин гӯянд, ки вайро вароп таври шеър таври дигар будааст, ки шеър дар ҷанби он гум буда… аз ашъори ӯ бӯйи он меояд, ки вайро аз машраби софии сӯфиён…шарбате тамом будааст"[329].

Дар адабиётшиносии навин, ки таҳлили мундариҷаи осори суханварон бештар ба риштаи таҳлил кашида шуд, ҷаҳонбинӣ ва афкору андешаҳо дар заминаи муносибати шоирон ба оламу одам сурат гирифтанд, муфохираву худситоиҳо, ғурури ботиниву дунёбадбиниҳои Хоқонӣ аксари муҳаққиқонро ба ин хулоса овард, ки ӯ ориф нест.

Фурӯзонфар менависад, ки "Афкори сӯфиёна ва абёти ахлоқии ӯ агарчи баъзе дар зиндагонии иҷтимоӣ судманд аст, валекин бештари онҳо, хоса он чи дар интиқоди авзои аҳди ӯст, бо эҳсосоти шахсӣ омехта ва агарчи барои зиндагии фардӣ нофеъ бошад, дастуру сармашқи зиндагонии иҷтимоӣ нахоҳад буд"[330]. Баъдтар

---

* *Шарифов Б.* - доценти кафедраи адабиёти муосири Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

[329] *Хоқонӣ, Бадил ибни Алӣ.* Девони Афзалиддин Бадил ибни Алӣ Хоқонии Шарвонӣ (Ба кӯшиши Зиёуддини Саҷҷодӣ).- Теҳрон: Заввор, 1357, - С. 26

[330] *Фурӯзонфар, Бадеъуззамон.* Сухан ва суханварон. – Теҳрон: Хоразмӣ, 1369, - С. 617

менависад: “Тасаввуфи ӯ мутавассит аст ва монанди Саноӣ ва Аттор дар олитарин дараҷа намебошад ва бад-ин ҷиҳат монанди сӯфиёни мутавассит ба таъвили завоҳир мегарояд ва бад-он пойбанду суханони сӯфиёнааш бештар баёни аҳволи хешу ба завқиёти ин табақа шабеҳтару камтар мутазамини ҳақоиқ ва матолиби судманди тасаввуф аст”[331].

А.Зарринкӯб дар тадқиқоташ таҳаввули шеъри ирфонӣ ва мухтассоти осори шоирони орифро таҳқиқ карда бошад ҳам, аз Хоқонӣ ном намебарад.[332] Танҳо дар мақолаи “Шоири дурудгар”-аш бархе мазомини борики мавҷуд дар ғазалиёти Хоқонро дар боби фақр ва таҷарруд ранге аз маънавият ва маърифат медонанд, ки “Хоқониро мисли Саноӣ аҳли дарун ва ирфон муаррифӣ мекунад”[333].

Баъзе нигоҳи бадбинонаи вайро ба ҷаҳон на аз сари тафаккуроти фалсафӣ ва биниши ирфонӣ, балки ба хотири “тавакқӯоти бепоён ва барнаёмадани интизоротӣ ва хостаҳои ӯ аз рӯзгор ва аҳли он медонанд”[334].

Бархе дигар баландпарвозиҳои рӯҳи ӯро ворастагӣ медонанд ва мӯътақиданд, ки “ин фурӯғҳои ирфониро набояд бо ворастагиҳои фикрӣ ва сӯзандагии тасаввурот афроде чун Бӯсаид ва Мавлоно иштибоҳ кард”.[335]

Муҳаққиқи дигар миёни афкор ва ақоиди ӯ таззоде бисёр меёбад ва мӯътақид аст, ки ин таззод дар бисёре аз ашъори Хоқонӣ дар шакли қишрӣ будан ва таассуби шадид ва майл ба афкор ва эътиқодоти сӯфия зоҳир мешавад.[336]

Суханшиноси дигар дар ҷо-ҷойи асари худ дар бораи Хоқонӣ аз таъбирҳои латиф ва орифонаи ӯ сухан мегӯяд ва дар мавриди бозтоби достони Искандар дар шеъри Хоқонӣ дар бораи ин байт:

***Сохтам оинаи дил ёфтам оби ҳаёт,***
***Гарчӣ бовар н-оядат ҳам хизру ҳам Искандарам.***[337]

Мегӯяд, ки шоир аз оинаи таъбире латиф ва орифона овардааст ва аз сайри офоқ ба анфос бар мегардад.[338]

Вай бар бардоштаҳои ирфонӣ ва ахлоқӣ аз достони бутшикастанҳои Халил дар девони ӯ таъкид мекунад.[339]

Баъзе тазкиранависон зиндонӣ шудани ӯро натиҷаи завқ ва фақр ва шикасти нафс ва сафои ботини ӯ медонанд.[340]

Зиёуддини Саҷҷодӣ дар китоби худ ҷойе, ки дар бораи шеъри ирфонӣ ва қолабҳои ифодагари он маълумот додааст[341], менависад, ки Саноӣ қасоиди ирфонии бисёр суруд ва нукоти ирфониро ба тафсил дар онҳо овард. Ва дар иловаи ин гуфта ӯ меафзояд, ки дар садаи дувоздаҳум тасаввуф ва ирфон густариш ёфт “ ва истилоҳоти мутасавифа шоеъ ва забонзади ҳамагон шуд ва дар шеъри шоироне чун Хоқонӣ ҳам омада…ва аз қасоиди маъруфи ӯ дар ин бора қасидаи “Миръот-ус-сафо” аст…”.[342] Муҳаққиқ чанд истилоҳи ирфониро аз ин қасида зикр карда, сипас менависад, ки дар

---

[331] Ҳамон ҷо, - С. 624-625

[332] *Зарринкӯб, Абдулҳусайн.* Арзиши мероси сӯфия. – Теҳрон: Амири Кабир, 1378, - С. 139-145; *Зарринкӯб, Абдулҳусайн.* Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон. – Теҳрон: Амири Кабир, 1357, - С. 237-479

[333] *Зарринкӯб, Абулҳусайн.* Бо корвони ҳулла.- Теҳрон: Илмӣ, 1373, - С. 146.

[334] Соғаре дар миёни сангистон.Маҷмӯаи мақолот дар бораи зиндагӣ, андеша ва шеъри Хоқонӣ (Ба эҳтимоми Ҷамшед Ализода). – Теҳрон: Нашри марказ, 1378, - С. 79

[335] *Даштӣ, Алӣ.* Хоқонӣ, шоире дерошно.- Теҳрон: Амири Кабир, 1381, - С. 163

[336] *Хоқонӣ, Бадил ибни Алӣ.* Гузидаи ашъори Хоқонӣ (Интихоб ва шарҳи Аббоси Моҳёр).- Теҳрон: Қатра, 1373, - С. 29

[337] *Ардалони Ҷавон, Алӣ.* Таҷаллии шоиронаи асотир ва ривоёти таърихӣ ва мазҳабӣ дар ашъори Хоқонӣ. – Машҳад: Остони Қудси Разавӣ, 1368, - С. 247

[338] Ҳамон асар, - С. 115

[339] Ҳамон асар, - С. 170-171

[340] *Фурӯзонфар, Бадеъуззамон.* Сухан ва суханварон, - С. 621

[341] *Саҷҷодӣ, Зиёуддин.* Муқаддимае бар мабонии ирфон ва тасаввуф.- Теҳрон: Самт, 1380, - С. 300-308

[342] Ҳамон асар, - С. 202

таърихи адабиёт ин қасидаи Хоқониро шоирони зиёде истиқбол карда, ба он ҷавоб навиштаанд.

Ғаффор Кендлӣ менависад, ки “Хоқонӣ ҳаргиз сӯфӣ набудааст, вале кайфияте аз тасаввуф дар шахсияти ӯ вуҷуд дошта, ки худи вай пеш аз ҳама мутаваҷҷеҳи он шуда буд”.[343] Муҳаққиқи мазкур бо такя ба мулоҳизоти Манучеҳри Муртазавӣ, ки дар таснифи тасаввуф ду мактаби мушаххасро зикр кардааст, тасаввуфи обидона ва ошиқонаро шарҳ дода навиштааст, ки “Хоқонӣ мутасаввиф нест ва шеъри ӯро наметавон дар ҳеҷ як ин тақсимбандиҳо ҷой дод, вале ба унвони як шоир аз Саноӣ ва аз шеъри сӯфиёнаи ошиқонаи ӯ то ҳудуде мутаассир шудааст”.[344] Хулосаи муҳаққиқ ин аст, ки “Хоқонӣ бо тамоми қалб, фикр ва аъмолаш “ахӣ” ба тамоммаъноӣ буд”.[345]

Шореҳи девони шоир Маъсумаи Маъданкан ғазалҳои Хоқониро аз нигоҳи мӯҳтаво ба чор навъ (ошиқона, орифона, нимаирфонӣ ва муғонаву қаландарона) тақсим карда, менависад, ки “Ирфони Хоқонӣ ирфони назарӣ аст ва асосан Хоқонӣ дар амал марди роҳи ирфон нест, дар нимаи роҳ аз идомаи андешаҳои ирфонӣ бозмемонад ва мутаваҷҷеҳи ишқи заминӣ ва масоили марбут ба он мешавад...”.[346]

Мавзӯву мазмунҳои ирфонӣ аз қабили тарҷеҳи ишқ бар тамоми ҳастӣ, тарки ҳастии нафсонӣ, риёзат, таҷрид, ғайрати ишқ, бехудӣ ва сармастӣ, фано аз худ ва бақо дар дӯст, маломатталабӣ, дардталабӣ, таслим дар баробари иродати дӯст, бебокӣ ва таҳаввур дар ишқ ва амсоли ин дар осори шоир кам нестанд, хосса дар ғазалиёташ.

Таъсири ирфони Хоқонӣ дар осори адибони пас аз ӯ то ҷоест, ки бузургтарин шоироне чун Аттор, Мавлавӣ, Амир Хусрав, Ҳофиз, Ҷомӣ, Бедил ва дигарон на танҳо аз шакли ашъор, хосса қолабҳои барҷаставу зебои баёнии ӯ, балки аз мазмуну мӯҳтавои осори ӯ ба таври фаровон истифода кардаанд. То ҷое, ки Ҷалолиддини Румӣ дар баробари ин ки аз ғазалиёти шоир ба таври густурда истиқбол кардааст, боз дар навиштаҳои насрии худ аз қасоидаш ҳам иқтибос меорад. Масалан, дар “Фиҳӣ мо фиҳӣ” ҷое пас овардани ояи 23- и сураи 19- и Қуръони Маҷид менависад: “Ӯро он дард ба дарахт овард ва дарахти хушк мевадор шуд ҳамчун Марям ва ҳар касе Исо дорем. Агар моро дард пайдо шавад Исои мо бизояд ва агар дард набошад, Исо ҳам аз он роҳи ниҳонӣ, ки омада боз ба асли худ пайвандад, илло маҳрум моем ва аз ӯ бебаҳра:

***Ҷон аз дарун ба фоқаву табъ аз бурун ба барг,***
***Дев аз хӯриш ба ҳайзаву Ҷамшед ношито.***
***Акнун бикун даво, ки Масеҳи ту бар замист,***
***Чун шуд Масеҳ сӯйи фалак фавт шуд даво”[347].***

Чаҳор мисраи иқтибоскардаи Мавлавӣ аз қасидаи Хоқонӣ аст, ки “Дар ситоиши пайғамбари акрам (с) ва ҳикмату мавъиза” унвон дорад ва бо ин мисраъҳо оғоз мешавад:

***Тифлӣ ҳанӯз бастаи гаҳвораи фано,***
***Мард он замон шавӣ, ки шавӣ аз ҳама ҷудо.***
***Чаҳде бикун, ки силсилаи сур даррасад,***
***Шоҳи дили ту карда бувад кохро раҳо...[348]***

Яъне ту ҳоло тифле ҳастӣ, ки ба камоли маънавӣ ва ақлӣ нарасидаӣ, вобастаи зиндагии моддӣ мебошӣ. Танҳо он вақт орифу доно мегардӣ, ки ба тарки дунё ноил

---

[343] *Кендли Ҳерисчӣ, Ғаффор*. Хоқонии Шарвонӣ (Ҳаёт, замон ва муҳити ӯ).- Теҳрон: Маркази нашри Донишгоҳӣ, 1374, - С. 31
[344] Ҳамон асар, - С. 32
[345] Ҳамон асар, - С. 33
[346] *Маъданкан, Маъсума*. Бисоти қаландар (Баргузида ва шарҳи ғазалҳои Хоқонӣ). – Табрез: Ойдин, 1384, - С. 23
[347] *Мавлавӣ Ҷалолиддин Муҳаммад ибни Муҳаммад*. Фиҳӣ мо фиҳӣ. /Бо тасҳеҳот ва ҳавошии Бадеъуззамони Фурӯзонфар.- Теҳрон: Амири Кабир, 1385, - С. 20-21
[348] *Хоқонӣ Бадил ибни Алӣ*. Девони Афзалиддин Бадил ибни Алӣ Хоқонии Шарвонӣ (Ба кӯшиши Зиёуддини Саҷҷодӣ).- Теҳрон: Заввор, 1357, - С. 15-17

шавӣ. Кӯшиш бикун, ки то даррасии марг дилат, ки мисли подшоҳ аст, бояд кохи касифи танро раҳо карда бошад. Мавлавӣ аз ин қасида байти чорум ва сездаҳумро барои тақвияти фикри худ овардааст ва чунин ақида дорад, ки дар вуҷуди кулли инсонҳо рӯҳи пок (Исо) нуҳуфта аст ва эҳёи он аз олоишҳо танҳо аз роҳи риёзат ҳосил мешавад, ки дар шеъри Хоқонӣ ҳам Ҷамшед киноя аз Сулаймон (рӯҳ) ва дев (нафс) аст. Яъне агар рӯҳ дар фақру бенавоӣ бошаду нафс мисли дев аз хӯрдан мубталои касалии меъда монанди ин аст, ки Сулаймон дар асорати девон қарор гирифтааст.

Чунин ба назар мерасад, ки истиқболи Мавлавӣ аз Хоқонӣ то шиносоияш бо Шамси Табрезӣ будааст ва дар охири ҷузви дуюми "Маснавӣ" дигар шудани назараш ба Хоқонӣ ва шеъри ӯ мушоҳида мешавад, ки гуфтааст:

***"Мантиқ-ут-тайрони"-и Хоқонӣ садост,***
***Мантиқуттайри Сулаймонӣ куҷост[349].***

Ин ишораи Мавлавӣ ба он аст, ки Хоқонӣ аз сари фахр ва худситоӣ шеъри худро ба мантиқуттайр ташбеҳ мекунад:

***Мурги ту Хоқонияст доъии субҳи висол,***
***Мантиқи мургон шинос шоҳи Сулаймонрикоб.***

Илова ба ишораҳои зиёде бо ин мазмуни фахр, ҳамчунин дар девони Хоқонӣ бо унвони "Мантиқуттайр" қасидае низ ҳаст, ки он дар мадҳи паямбари Ислом (с) суруда шудааст[350].

Тавре аз таърихи тасаввуф ва ирфон маълум аст, ирфони исломии ҳазорсолаи мо аз зӯҳд оғоз мегардад, ки дар садри он Саноии Ғазнавӣ меистад. Дар осори Саноӣ тақрибан тамоми "мафоҳим ва маонии ирфонӣ, гоҳ бо камол ва замоне бо ишора ва гузор сабт шудааст." Агар сайри ин падидаи рӯҳониро дар чунин нақша: зӯҳд, тасаввуф, қаландариёт ба эътибор гирем, "Саноӣ дар ҳар се қаламрав тавонистааст бахше аз беҳтарин намунаҳоро ба вуҷуд оварад" Ҳам аз ишораҳои фаровони Хоқонӣ дар девон ва ҳам ҳамаи муҳаққиқон маълум аст, ки сарчашмаи фикрӣ ва ҷаҳонбинии диниву ирфонии Хоқонӣ осори Саноӣ аст. Дар девони Хоқонӣ шеърҳои зиёдеро метавонем пайдо кунем, ки нишондиҳандаи истиқболи шоири Шарвонӣ аз Саноии Ғазнавӣ мебошад. Қаландариёти вай бахусус дар ғазалиёти аз назари сохтор ва маонӣ беназир аст ва шоирони тавоное чун Ҳофиз ва Атторро дар ин боб мутаассир аз шеъри ӯ бидонем:

***Ассабӯҳ эй дил, ки мо базми қаландар сохтаем,***
***Чун мугон аз қуллаи май қиблае барсохтем.[351]***

***Ёдовари ин шеъри Саноӣ аст:***
***Нахоҳам ман тариқи роҳи томот,***
***Маро май бояду маскан харобот[352].***

Бешубҳа, Хоқонӣ дар ин боб мутаассир аз қаландариёти Саноӣ будааст. Ба ин ғазали Саноӣ:

***Дӯш моро дар хароботе шаби меъроҷ буд,***
***Он ки мустагнӣ буд аз мо ҳам ба мо мӯҳтоҷ буд[353]***

***Бо ин ғазали Хоқонӣ бо матлаъи:***
***Ними шаб пайгумкунон дар кӯйи ҷонон омадам,***

---

[349] Ҳамон асар, - С. 56
[350] Девони Хоқонӣ, - С. 41-45
[351] Девони Хоқонӣ, - С. 630
[352] *Саноӣ Маҷдуд ибни Одам.* Девони Ҳаким Абулмаҷдуд ибни Одам Саноии Ғазнавӣ. /Бо саъй ва эҳтимоми Мударриси Разавӣ.- Теҳрон: Саноӣ, 1362, - С. 75
[353] Девони Саноӣ, - С. 163

***Ҳамчу ҷон бесояву чун соя беҷон омадам.***[354]

Ё ин ғазали Хоқонӣ:

***Бар сари бозори ишқ озод натвон омадан,***
***Банда бояд будану бар байъи ҷонон омадан***[355]***.***

Муқоиса шавад бо ин ғазали Саноӣ:

***Эй Саноӣ з-остон натвон шудан бар осмон,***
***З-он ки рӯҳонӣ равад бар осмон аз остон***[356]***.***

Мазмунҳои орифона ва қаландаронаи бисёре аз ғазалҳои Хоқонӣ ва Саноӣ дорои хусусиятҳои комилан муштарак бо равишҳои сӯфиёна аст. Истеъмоли истилоҳоти қаландарӣ дар шеъри Хоқонӣ аз қабили харобот, дурдхор, хумхона, май ва амсоли инҳо то ҷоест, ки қиёси онҳо бо ҳамин ҷанбаи ашъори Ҳофизу Аттор як умумияти комилро натиҷа медиҳад. Ё ҳамон мафҳуми ирфонии ибодати ҳақ танҳо ба хотири ҳақ, на барои умеди биҳишт ва на аз тарси дӯзах:

***То ҳазрати ишқро надимем,***
***Дар кӯйи қаландарӣ муқимем.***
***Ҳам майкадаро худойгонем,***
***Ҳам дурдпарастро надимем.***
***Кӯшида на аз паи биҳиштем,***
***Ҷӯшида на аз тафи ҷаҳимем.***
***Мо бандаи ихтиёри ёрем,***
***В-озод зи ҷаннати наимем.***

Ва ё ҳамин пораи ошиқонаи ғазали Хоқонӣ, ки аз пуршӯртарин ашъори сӯфиёна аст:

***Ишқбозонро барои сар буридан суннат аст,***
***Бар сари натъи маломат пойкубон омадан.***
***Нимшаб пинҳон ба кӯйи дӯст гумномон шаванд,***
***Шӯҳраномонро мусаллам нест пинҳон омадан***[357]***.***

“Тӯҳфат-ул-Ироқайн»-и Хоқонӣ аз афкор ва истилоҳоти сӯфиёна саршор аст ва инъикоси ин истилоҳот гувоҳи он аст, ки ӯ перомуни тасаввуф маълумоти васеъ дорад. Дар мадҳи Шуюхулшуюх Умари Насоӣ ӯро Шиблии қидам ва Ҷунайди ҳол, Сӯфиёни сухану Фузайли ҳол медонад, ки таскиндеҳи дарди Боязид ва талқиндеҳи илми Бӯсаид аст.[358] Корбурди истилоҳоти сӯфия чун ҳолу мақом, таслиму ризо, хавфу риҷо дар “Тӯҳфат-ул-Ироқайн” моҳирона буда, гувоҳи огоҳии комили ӯ аз ин илм аст. Ин махсусият хос ба дигар анвоъи шеъри шоир ҳам ҳаст. Масалан, дар ин байти қасидааш:

***Ба банди даҳр чӣ мондӣ, бимир то бираҳӣ,***
***Ки тӯтӣ аз паи ин марг шуд зи банд раҳо***[359]***.***

Ишора ба қиссаи бозаргон ва тӯтӣ аст, ки баъдтар Мавлавӣ ҳам дар маснавияш аз он истифода кардааст. Ва дар қасидаи номбурда мазмун ва истилоҳоти аҳли тасаввуфро фаровон истеъмол намудааст, масли ин ки дар бораи талаб ва ваҳдат мегӯяд:

---

[354] Девони Хоқонӣ, - С. 644
[355] Девони Хоқонӣ, - С. 651
[356] Девони Саноӣ, - С. 454
[357] Девони Хоқонӣ, - С. 652
[358] Хоқонии Шарвонӣ. Тӯҳфат-ул-Ироқайн. Бо эҳтимоми дуктур Яҳёи Қариб.- Теҳрон: Амири Кабир, 1333, - С. 196
[359] Девони Хоқонӣ, - С. 12

***Диле талаб кун беморкардаи ваҳдат,***
***Чу чашми дӯст, ки беморияст айни шифо.***

Ва ё яке аз масъалаҳои муҳим дар ирфон муносибати ишқ бо ақл, ки орифон дунболаи ишқро гирифта аз ақл безорӣ мекунанд, дар ин ғазали шоир:

***Дар ду олам кор мо дорем, ки аз гам форигем,***
***Ассабӯҳ, эй дил, ки аз кори ду олам форигем.***
***Ақл агар дар киштзори хоки одам деҳқиёст,***
***Мо чунон, к-аз ақл безорем, аз одам форигем.***
***Ишқ дорем дар ҷаҳон гар ҷон набошад, гӯ мабош,***
***Чун Сулаймон ҳозир аст, аз тахту хотам форигем[360].***

Маъруфтарин қасидаи ирфонии Хоқонӣ “Миръот-ус-сафо” мебошад, ки аксарияти шоирони адабиёти классикӣ аз Амир Хусрав сар карда, то Бедили Деҳлавӣ онро истиқбол карда ҷавоб навиштаанд. Дар ин қасида, ки онро “шиния” меноманд, ҳамаи истилоҳоти ирфонӣ, яъне ҳамаи мақомоти тариқат аз қабили тавба, вараъ, зӯҳд, фақр, сабр, таваккул, ризо ва ҳамаи мақомоти аҳвол чун муроқиба, қурб, муҳаббат, хавф, риҷо, шавқ, унс, итминон, мушоҳида ва яқинро дидан мумкин аст[361].

***Маро дил пири таълим асту ман тифли забондонаш,***
***Дами таслим сари ушру сари зону дабистонаш.***
***Ҳама талқин-ш оёте, ки хомӯшист таъвилаш,***
***Ҳама таълим-ш ашколе, ки нодонист бурҳонаш.***
***Чунон дар буттаи талқин маро бигдохт, к-андар ман,***
***На шайтон монду васвосаш, на одам монду исёнаш[362].***

Таслим ба аҳком ва қазову қадари Илоҳӣ, ки натиҷаи таваккул аст дар тасаввуф нақши муҳим дорад. Итоати ин амр шарти асосии соликон аст ва сӯфиён то дами марг пойбанди он мешаванд. Ва вақте Мирзо Бедил аз ҳамин таълимот мехоҳад чизе бинависад, дар баробари танаввӯъ дар баёни барҷастааш аз қасидаи Хоқонӣ сарфи назар накардааст:

***Ғурурандешаи то чанд, хаёли бандагӣ пухтан,***
***Ту дар ҷайб одаме дорӣ, ки парвардаст шайтонаш[363].***

Ин байти Бедил ёдовари байти чоруми қасидаи Хоқонӣ аст, ки болотар иқтибос шуд. Ғурур ба маънии фиреб аст ва ҳам ба маънии такаббур. Яъне инсоне, ки фирефтаи ҷавонӣ, пулу мол, зебойӣ ва амсоли ин мешавад. Яъне аз гиребони ту инсоне сар кашидааст, ки ӯро шайтон парваридааст ва ин инсон чун устодаш осӣ ва малъун аст. Бедил дар пайравӣ ба ҳамин як қасидаи Хоқонӣ дар баробари чандин ғазали зебо, инчунин қасидаи ғаррое ҳам дорад.Танҳо ҳамин як қасидаи ирфонии Хоқонӣ бо шарҳу тавзеҳ ва муқоисаи он бо ашъори дар пайравӣ сурудаи шоирони баъдӣ метавонад як тадқиқоти комил илмӣ шавад.

Дигар аз сарчашмаҳое, ки муносибати Хоқониро ба ирфон равшан менамояд, “Муншаот”- и ӯст.

Дар номаҳое, ки хитоб ба бузургони асри хеш менигорад, ҳарчанд мисли девони вай саршор аз лафзпардозиҳои шоирона, саҷъҳои зебо ва бесобиқа аст, аммо дарбардорандаи гуфторҳоест, ки оинаи тамоми андешаҳою назариёти сӯфиёнаи ӯст.

---

[360] Девони Хоқонӣ, - С. 630

[361] *Ҳоирӣ Муҳаммад Ҳасан.* Ирфон ва тасаввуф: Куллиёте дар усул ва мабонии ирфон ва тасаввуф бо намунаҳои адабӣ (назм ва наср). – Теҳрон: Алҳудо, 1382, - С. 230

[362] Девони Хоқонӣ, - С. 209

[363] *Бедили Деҳлавӣ Абдулқодир ибни Абдухолиқ.* Девони Бедили Деҳлавӣ. Дар ду ҷилд.- Теҳрон: нашри Симои дониш, 1384, - С. 881.

Хоқонӣ дар номае, ки ба Муҳаммади Муставфӣ менависад, назари аҳли суратро дар бораи худ сароҳатан рад мекунад ва зебойиҳои шигарфи субҳу шомро, ки дар офариниши тасвири онҳо маҳорати фаровон дорад, чун аҳди гул ва ишрати мул маҷозӣ медонад. Вай мегӯяд: "Аҳли сурат гумон баранд, ки магар Хоқониро аз ҷунбиши эълом ва шуҳуру аъвом ё аз таъсири дурангии субҳу шом башорате мутаҷаддад шуда аст, ё башошате зоҳир гашта....валлоҳ. Арна мард он бошад, ки ба чунин захоруф, ки чун аҳди гул ва ишрати мул маҷозе бошад худро чун ғунчаи гул ва панҷаи сарв раъновор барафрӯзад, ё барафрозад.[364]

Дар ҷойи дигар аз савт ва қили зоҳидон дар субҳ табарро меҷӯяд ва чун орифону ошиқони содиқ як "ҳу" гуфтанро бас медонад: "Дар таи муноҷоти саҳаргоҳӣ садамаи савту захмаи ҳарф ба чи корест ва хатм кардан чӣ ҳоҷат, ки ба як нидои ё раб аз сари сидқ муроди абад ёфта гардад.[365]

Хоқони дар ин ҷо аз сабаби доми дили ишқварзон ва насими дастгири ҷони ниёзмандон мегӯяд ва аз карашмаи чашме, ки онро ҷуз ба таъвили ирфонӣ наметавон ҳамл кард. Карашмае, ки орифон илтифоти ҳаққаш хонанд бар солик, ки муҷиби ҷазби дили ӯ тамоман ба ҷониби ҳақ мешавад[366].

Дар ҳамин ҷо аз субҳшиносон ва субҳпарастоне ёд мекунад, ки "онҳоро аз субҳи содиқ ламъае ва аз мусаффои равоқ ҷуръае ҷиҳати нишон бас бошад".[367]

Дар ин ҷумлаҳо калимаҳои субҳ, сабӯҳ, содиқ, ламъа, мусаффои равоқ, ҷуръа аз истилоҳоти хосси тасаввуф аст, ки Хоқонӣ онҳоро бо маҳорат ва устодии фаровон дар бофти каломи хеш оварда аст. Масалан, ҷуръа чунон зарифу мунтабиқ бо таъбири ирфонии он яъне таҷаллии вуҷудии ҳақ дар ҷамеи зот аст  ба кор рафта аст, ки ҷуз ин таъвил, маънии дигаре наметавон аз он истнбот кард.

Хоқонӣ дар "Муншаот" ҳамчун дар девонаш дар мавридҳои фаровоне ба маззамати дунё мепардозад ва лузуми дил набастан ба онро борҳо мутазаккир мешавад ва ин яке аз мавзӯъҳои асосии ирфон аст.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин гуфтаҳо метавон гуфт, ки таъбирҳои мухталифе, ки Хоқонӣ дар боби накӯҳиши дунё овардааст тибқи дидгоҳ ва шеваи баёни ӯ сурат гирифтаанд.

Дар назари Хоқонӣ "дунё домгаҳест, ки инсонро ба деви амал ғарра месозад ва ба боди тамаъ хуррам мекунад, касе аз ҳабси ин чаҳор аркон бигзарад тарабгоҳе ҷуз ҳафт торам нахоҳад дошт".[368]

Ирфони Хоқонӣ дар "Муншаот" танҳо ба маънову мазмун маҳдуд намешавад. Ӯ дар ҷойҳои зиёди ин китоб аз истилоҳоти тасаввуф ва одобу русуми онҳо ишораҳо мекунад, ки алоқамандии ӯро ошкор месозад. Масалан, дар номае, ки ба Иброҳими Бокуӣ менависад, меоварад, ки "...Мурғ аз миёни об саф-саф бармеомад, сӯфиёна чарх мезад ва хирқаи парниёни обро чок мекард.[369] Ва дар ҳамин нома ӯ аз ҳайрате мегӯяд, ки вуҷуди ӯро мусаххар кардааст, ҳайрате, ки ӯро ба олами бехабарӣ мекашонад: "Ман бехабар аз ғояти ҳайрат, ки ин манам, чунонки тӯтӣ дар оина нигарад ва муаллимаш дар паси оина талқин мекунад, ӯ худро мебинад. Пиндорад, ки дигар аст...".[370]

Акнун сари ин масъала, ки муносибати бадбинонаи Хоқонӣ ба олами тираву торро муҳаққиқон шоҳиди орифу сӯфӣ набуданаш медонанд, низ метавонад баҳсталаб бошад. Дар шеърҳои зиёдаш чунин маънӣ метавон пайдо кард, ки ӯ ҳам мисли орифон мазоҳири ҳастиро нек медонад ва ҳамин нуктаро талқин месозад, ки одамон бояд ба чархиши ҷаҳонӣ, ки онҳоро ба сӯи нобудӣ мебарад, дил набананд ва

[364] *Хоқонӣ Бадил ибни Алӣ*. Муншаоти Хоқонӣ. /Аз Афзалиддин Бадил ибни Алӣ Хоқонӣ. Тасҳеҳ ва таҳшияи Муҳаммади Равшан.- Теҳрон: Фарзон, 1362, - С. 27
[365] Муншаот, - С. 46
[366] *Бертелс Е.Э.* Тасаввуф ва адабиёти тасаввуф. Тарҷумаи Сируси Эзадӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1356, - С. 224
[367] Ҳамон асар, - С. 46
[368] Девони Хоқонӣ, - С. 283
[369] Муншаоти Хоқонӣ, - С. 5
[370] Муншаот, - С. 6

гавҳари бақоро ба торочи фано насупоранд. Ва шикоят аз мардуми рӯзгораш ҳам накӯҳиши асли гавҳари инсонӣ нест, зеро дар "Тӯҳфат-ул-Ироқайн" дар фазилати инсон доди суханро додааст.[371]

Матлаб аз ин навишта Хоқониро орифи комил ва аҳли ҳол муаррифӣ кардан нест ва ирфонашро ҳам ирфони амалӣ гуфтанӣ нестем. Ин чиз аён аст, ки ирфони Хоқонӣ аз нигоҳи мазмун ва шӯру валвала ба ирфони Аттору Ҳофиз баробар нест, лекин мақсад ин аст, ки аз рӯйи ишораву хулосаҳои сарсарӣ ва яктарафа ҳам ташхиси ин масъала ғайриимкон аст. Айни ҳамин чизро дар мавриди Саноӣ метавонем бигӯем, зеро аз рӯйи тадқиқоти Шафеъии Кадканӣ, ки се соҳати вуҷуди Саноиро мушаххас кардааст, чунин хулоса шудааст, ки "Саноӣ то охири умр гирифтори ин се ҳолат будааст".[372] Яъне дар баробари ин ки Саноӣ қаландару ошиқ аст, воизу ноқиди иҷтимоӣ аст, ҳамчунин то охири умр ҳамчун маддоҳу ҳиҷогӯй ҳам мондааст. Лекин Хоқонӣ солҳои охири умраш, ки дар Табрез гузаштааст, яқин метавон гуфт, ки аз кулли олоишҳои дунё дурӣ ҷустааст ва шояд беҳтарин ашъори ахлоқию ирфонӣ ва қаландариву зӯҳдиёташ маҳсули ҳамин давраи узлати ӯ бошанд.

Вижагии муҳими ашъори ирфонӣ ва ахлоқии Хоқонӣ ҳамоно дар ҷанбаи лафзии он таҷассум ёфтааст. Яъне агар Саноӣ бунёдгузор ва садри ин ҷода бошад, Хоқонӣ тавонистааст ирфону зӯҳдро дар қолаби шеъри олӣ ғунҷонад ва ба ирфон аз роҳи шеър ворид гардад, ки ин чиз беназир аст. Яъне ӯ шоири ориф аст, на орифи шоир.

Ҷанбаи лафзии каломи ирфонии Хоқонӣ махсусияти дигар дорад, ки дар ҷои худ бесобиқа ва нотакрор аст. Ба ҳамон андоза, ки дар қасидаҳои мадҳӣ ӯ ҳунарварзӣ менамояд дар қасидаҳои ирфонӣ ҳам ин шеваи нигоришро аз даст намедиҳад ва аз асотиру истилоҳоти гуногун, ҳатто пеш аз исломӣ дар ин навъи ашъораш ҳам моя мегирад.

Дар қиёс бо қасоид "Тӯҳфат-ул-Ироқай" бо он ҷиҳат фарқ мекунад, ки ин ҷо Хоқонӣ аз фахру худситоӣ тақрибан дурӣ ҷустааст ва таҷассуми ирфону ахлоқро барҷастатар ҷилвагар кардааст.

Дар ғазалҳои ирфониву қаландарӣ ҳам бо вуҷуди нисбатан шевоию равонӣ асолати сухани шоир нигоҳ дошта шудааст

Хулоса, Хоқонӣ аз олами ирфон дур нест ва ин масъала як тадқиқоти мукаммали илмиро тақозо дорад.

## МУДРОСТЬ ПОЭТА

Мистицизм Хакани не является практическим мистицизмом, однако, он был поэтом, воспевающим мистику с высоким поэтическим мастерством. В статье на основе анализа большого количества источников сделан вывод о том, что Хакани является поэтом-мистиком, а не мистиком-поэтом.

## THE WISDOM OF THE POET

Mysticism Haqqani is not a practical mysticism, however, he was a poet, praising the mystique of high poetic skill. In this paper, based on analysis of a large number of sources, concluded that Haqqani is a poet and mystic bat not a mystic and poet.

---

[371] Тӯҳфат-ул-Ироқайн, - С. 83

[372] Шафеъии Кадканӣ, Муҳаммадризо. Тозиёнаҳои сулук (Нақд ва таҳлили чанд қасида аз Ҳаким Саноӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 1372, саҳ. 25

## Работа со связным текстом на уроках русского языка

**Макеева Н.Е.**[*]

Конечная цель всех занятий по языку – научить учащихся грамотно, связно, последовательно излагать как чужие, так и свои мысли, что практически необходимо каждому человеку. Для того чтобы эту цель осуществить наиболее успешно, развитием связной речи надо заниматься постоянно, в процессе изучения каждой грамматической темы.

Известно, что речь может быть устной и письменной. «Связность речи достигает своего законченного выражения в письменной речи»[373]. При устном общении (обычно узкого круга людей) многое досказывается обстановкой, жестами, интонацией и т.п. Письменная же речь рассчитана на самую широкую аудиторию, и она должна быть понятной для другого человека, не ограничиваясь рамками пространства и времени, присутствием и знакомствами ее автора, в данном случае» построение речи является единственным средством реализовать учет понимания другого человека», поэтому письменная речь «отличается развернутым изложением всех связей мысли».

Чем больше мы работаем над письменной речью, тем успешнее развиваем связную речь учащихся.

Формированию навыков связной речи способствует исследовательская работа над связными текстами; при этом надо иметь ввиду, что связная речь и связный текст – понятия близкие, но не всегда адекватные. Так, для некоторых работ, например изложений, сочинений по аналогии и др., подбираются тексты, представляющие собой образцы повествований, описаний или рассуждений. В данном случае понятия связный текст и связная речь адекватны. Выполняя названные выше работы, учащиеся в той или иной степени подражают классическим образцам, что способствует развитию их связной речи.

Для других же работ, таких, как творческий диктант, творческое списывание, «редактирование», подбираются, а чаще составляются тексты, которые принято называть связными, хотя их надо сначала соответствующим образом обработать, оформить для того чтобы они стали действительно связными (например, текст на вставку союзов). И в этом плане работа над связным текстом как средство развития связной речи приобретает особое значение.

Когда же уместна работа над связным текстом на занятии?

Решение этого вопроса зависит от характера программного материала и от стадии его изучения. Если грамматические категории, а также орфографические или пунктуационные правила, изучение которых предстоит на данном уроке, в какой-то степени уже знакомы учащимся и не затрудняют их, то работа над связным текстом возможна и во время объяснения нового материала. Но, как правило, в это время для наблюдений и выводов используются главным образом отдельные слова и предложения, потому что их можно расположить в таком порядке, который облегчит восприятие и запоминание материала. При первичном закреплении только что объясненного материала, когда внимание учащихся надо сосредоточить на изучаемых грамматических категориях или правилах правописания, тоже уместна работа над отдельными словами и предложениями. Но в том и другом случаях она не должна занимать целый урок, тем более несколько уроков подряд. Составляя тематические и поурочные планы, преподаватель русского языка обязан помнить, что разбор и конструирование отдельных слов и предложений не самоцель; ведь в жизни никто и ни при каких обстоятельствах не говорит, пользуясь, к примеру, только

---

[*] *Макеева Н.Е.* – старший преподаватель кафедры Языков Академии МВД Таджикистана, подполковник милиции.

[373] *Звоницкая А.С.* Психологический анализ связности речи в ее развитии у школьников // «Ученые записки Ленинградского госуд. педагог.института им. А.И.Герцена»,т. XXXV, Л., 1941, - С.79.

одними отрицательными местоимениями или безличными предложениями; работа над отдельными словами и предложениями – это подготовка к тому, чтобы учащиеся «видели» и правильно употребляли изучаемые категории в связной речи. Поэтому на следующих этапах закрепления, а также обобщения изученного материала связный текст не только уместен, но и необходим.

Между тем в абсолютном большинстве методических пособий, разработок и статей в качестве материала для закрепления любой грамматической темы рекомендуются главным образом разрозненные предложения, содержанию и «соседству» которых не придается должного значения. В подтверждение сказанного можно привести бесчисленное множество примеров из самых различных пособий. Вот подобные примеры:

- Гремела атака, и пули звенели. Я пойду в театр, если ты зайдешь за мной.

- Товарищ, верь: взойдет она, заря пленительного счастья. Спите, братья, с честью павшие. Это, щука, тебе наука.

Этот пестрый набор фраз воспринимается как нелепость, которая может только рассмешить учащихся. Почему же он нередко встречается на страницах методической и учебной литературы? Потому что авторы большинства разработок, пособий, подбирая и рекомендуя языковой материал для уроков, проявляют непростительное безразличие к содержанию его, к задачам воспитания учащихся, развития их связной речи и заботятся лишь о том, чтобы в каждом предложении были изучаемые грамматические формы. Так возникает опасность формализма в преподавании языка. Она становится особенно глубокой в тех случаях, когда содержание предложений, над которыми работают учащиеся, не понятно им.

Допустим, преподаватель на уроке русского языка в качестве материала для закрепления пунктуационных правил, связанных с употреблением союза *и* , используют следующие предложения:

- Он рощи полюбил густые, уединенье, тишину, и ночь, и звезды, и луну. (Пушкин) И преступление, и раскаяние в ней презренья достойны. (Фадеев) Минуй нас пуще всех печалей и барский гнев, и барская любовь! (Грибоедов)

Все предложения взяты из произведений, содержания которых учащиеся не знают. И они пишут одно предложение за другим, разбирая только состав их, форму, но не вникая в содержание.

В силу того, что результатом преступления зачастую становится причиненный физическим или юридическим лицам материальный ущерб, который, естественно, необходимо возмещать, в уголовном преследовании могут принимать участие гражданские истцы и их представители, наделенные в этих целях определенными процессуальными полномочиями (ст.44; 45 УПК РТ). Соответственно в силу сложившихся обстоятельств данные субъекты в пределах возможного реализуют функцию уголовного преследования в досудебном производстве.

Частным обвинителем является лицо, подавшее в суд заявление в порядке, определенном УПК РТ и поддерживающее обвинение в суде, а также потерпевший, поддерживающий обвинение в суде в случае отказа государственного обвинителя от обвинения (п.2 ст.6; ч.1 ст.43 УПК РТ). Вопрос о моменте возникновения статуса частного обвинителя в УПК РТ урегулирован противоречиво. Согласно ч.1 ст.354 УПК РТ дела частного обвинения возбуждаются пострадавшим или его законным представителем путем подачи в суд заявления о привлечении лица к уголовной ответ-

ственности. Между тем в ч.5 ст.354 УПК РТ указано, что с момента принятия судом заявления к своему производству лицо, ее подавшее, является частным обвинителем. При этом получение лицом статуса частного обвинителя в связи с подачей им заявления или в связи с принятием его судом к производству - это разные условия (процедуры) наделения лица статусом участника уголовного процесса. Последние внесенные изменения и дополнения в УПК РТ[403]. не смогли решить данную проблему. Хотя эти поправки были направлены на редакционное уточнение вышеназванной статьи. Сущность, механизм реализации и противоречия остались недоработанными. В настоящее время в законодательном корпусе проводится «очистка», «профилактика» ненужных слов и словосочетаний, которые были поспешно и неосознанно вставлены при разработке официального текста УПК РТ.

По нашему мнению, устранение данной правовой коллизии должно быть решено посредством изложения п.2 ст.6; ч.1 ст.43 УПК РТ в новой редакции:

*«Частным обвинителем является лицо, подавшее в суд заявление о возбуждении уголовного дела частного обвинения в отношении определенного лица, которое принято судом, о чем вынесено соответствующее постановление, и которое поддерживает обвинение в суде, в том числе в случаях отказа государственного обвинителя от обвинения».*

Особый интерес привлекает к себе закрепление гражданского истца в качестве самостоятельного субъекта уголовного преследования. Само существование данной процессуальной фигуры в качестве самостоятельного участника уголовного судопроизводства вызывает значительные сомнения. Его наличие было целесообразно ранее, когда потерпевшим признавалось лишь физическое лицо (ст.54 УПК РТ 1961 г.), тогда как гражданский иск мог предъявляться и с целью компенсации вреда, причиненного юридическому лицу. В настоящее же время в соответствии с ч.1 ст. 42 УПК РТ потерпевшим признается и юридическое лицо в случае причинения вреда его деловой репутации. Поэтому статусы потерпевшего и гражданского истца полностью совпадают, как и совпадает реализуемая ими функция уголовного преследования в части, касающейся возмещения гражданского иска.

В юридической литературе также высказывается мнение о невозможности относить гражданского истца к субъектам уголовного судопроизводства, реализующим уголовное преследование, так как гражданский иск лишь связан с существом предъявленного обвинения, а соответствующие права и обязанности в части, касающейся гражданского иска, передать потерпевшему, его законному представителю и представителю[404].

Таким образом, субъекты, реализующие функцию уголовного преследования в досудебном производстве можно классифицировать на две группы. К первой группе относятся те участники уголовного судопроизводства, реализующие уголовное преследование в силу своих служебных полномочий, в свою очередь являющимися должностными лицами специальных правоохранительных органов, уполномоченных возбуждать уголовные дела, задерживать лиц, подозреваемых в совершении преступлений, привлекать их в качестве обвиняемых, избирать необходимые меры уголовно-процессуального принуждения и осуществлять то, что непосредственно входит в содержание функции уголовного преследования. Вторую группу составляют потерпевшие, их *правопреемники* (представители – Р.Ю.), частные обвинители, гражданские истцы, представители потерпевших, частных обвинителей и гражданских истцов (представительство по закону – законные представители; представительство, основанное на специальном соглашении, договоре).

Основным отличием двух вышеуказанных групп субъектов уголовного преследования является осуществление данной функции в силу своих служебных обязанно-

---

[403] См.: Закон Республики Таджикистан «О внесении изменений и дополнений в Уголовно-процессуальный кодекс Республики Таджикистан» от 02.08.2011 №755.

[404] *Жук О.Д.* Уголовное преследование по уголовным делам об организации преступных сообществ (преступных организаций). –М.: ИНФРА-М, 2004. С.58.

стей для первой группы субъектов, а для субъектов второй группы – субъективным правом. Они сами самостоятельно определяют объем функции уголовного преследования, а также используемые в этих целях средства, методы и способы реализации.


**ОИДИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ СУБЪЕКТОНИ ТАЪҚИБИ ҶИНОЯТӢ**

Дар мақолаи мазкур мавқеъ ва нақши ҳар як субъекти таъқиби ҷиноятӣ дар марҳилаи пешбурди тосудӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтааст. Инчунин, як қатор камбудиҳо ва норасоиҳои меъёрҳои қонунгузории мурофиавӣ-ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки вазъи ҳуқуқии субъектони таъқиби ҷиноятиро ба танзим медарорад, муайян карда шудааст. Оиди бартараф сохтани онҳо, мукаммал гардонидани меъёрҳои номбаршуда, як қатор пешниҳодҳо ва хулосаҳо дарҷ гардидаааанд.

**ABOUT THE LEGAL STATUS OF SUBJECTS OF CRIMINAL PROSECUTION**

In the real work the role and a legal status of each subject of criminal prosecution are considered. Shortcomings and gaps of standards of the criminal and procedural legislation of the Republic of Tajikistan which regulate a legal status of subjects of criminal prosecution also come to light. For improvement of the above-named norms conclusions and a number of recommendations are offered.


## ФАРҚИЯТИ ОДАМРАБОӢ АЗ ТАРКИБИ ҶИНОЯТҲОИ БА ОН МОНАНД ДАР КОДЕКСИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Шарифзода В.***
**Алиев А.Ш.****


Аз таҳлил намудани таърихи инкишофи инсоният ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҷинояткорӣ дар ҳолате афзоиш меёбад, ки ҷамъияту давлат дар ҳолати пасти иқтисодӣ қарор дошта бошад. Дар солҳои охир бо сабаби тайғир ёфтани ҳаёти сиёсию иқтисодии кишвар ва ҳамзамон, муносибатҳои одамон бо қонун низ дигаргун гашта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор ҷиноятҳои вазнин ба монанди ғасби гарвгон, одамрабоӣ ва ғайриқонунӣ маҳрум сохтан аз озодӣ авзоиш ёфтааст. Зуҳуроти муайяни ин ҳолатҳои дар боло номбар шуда ба ҷанги шаҳрвандие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1992-1997 шуда гузашт рост меояд, чунки дар ин давра ҳаёти инсон заррае ҳам қадр надошт. Дар ҳоли ҳозир бошад пайдошавии ин ҷиноятҳо муқобили шахсият ва амнияти ҷамъиятӣ, ки яке аз ҷиноятҳои ба ҷамъият хавфнок ба ҳисоб меравад ба дигаргуншавии хаёти нави инсонӣ, ки характери сиёсӣ ва иқтисодӣ дорад вобаста мебошад[405].

Дар Конститутсияи (Сарқонуни ) Ҷумҳурии Тоҷикистон (м.5) гуфта шудааст, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошад. Тоҷикистон дар асоси принсипҳои хуқукии давлат таназзул меёбад, ки он аз Конститутсия сарчашма мегирад

---

* *Шарифзода В.* - муаллими кафедраи ҳукуқи ҷиноятӣ, криминология ва психология Академияи ВКД Тоҷикистон, капитани милитсия.

** *Алиев А.Ш.* – сардори кафедраи ташкили идоракунии фаъолиятӣ ҳифзи ҳуқуқи факултаи № 1 Академияи ВКД Тоҷикистон, номзади илми ҳуқуқ, подполковники милитсия

[405] Баромади Президенти Чумҳурии Тоҷикистон дар вохӯрӣ бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти қудратии ҷумҳурӣ дар Душанбе. 24 декабри с.2004.

нафақат дар он ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳимоя шудааст, (м.14)[406] балки бо воситаи қонунгузории ҷиноятӣ барои вайрон намудани ин муносибатҳо ҷазо таъин карда шудааст.

Дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон[407] ҷавобгарӣ барои таҷовуз ба ҳаёти инсон, чунин таркиби ҷиноят ба монанди, Одамрабоӣ (м.130), Хариду фурӯши одамон (130), Ғайриқонунӣ маҳрум кардан аз озодӣ (м.131), Ҷалби одамон барои истисмор (м.132), Ғайриқонунӣ ҷойгир намудан дар шифохонаҳои бемориҳои руҳӣ (м.133) ва Ғасби гаравгон (м.181), пешбинӣ шудааст, ки вобаста бо объект ва тарафи объекташон ё тарафи субъективиашон аз якдигар фарқ мекунанд. Вобаста бо ин, пешниҳоди қонунгузории ҷиноятӣ зарур аст, ки бояд таҳлили дақиқ гузаронида ҷинояти аз ҳама бештар паҳнгашта ва ба ҷамъият хавфнок, ки ин одамрабоӣ аст онро аз дигар ҷиноятҳо ба монанди ғасби гаравгон ва ғайриқонунӣ маҳрум сохтан аз озодӣ, ки таркиби ҷинояти бо ҳам монанд доранд, ҷудо намуд.

Яке аз меъёрҳои асосии ҷудо намудани ҷиноятҳои мазкур ин объекти ҷиноят мебошад. Объекти бевоситаи одамрабоӣ ин муносибати ҷамъиятие, ки манфиатҳои озодии шахсиятро ба танзим медарорад фаҳмида мешавад.

Ғайриқонунӣ маҳрум сохтан аз озодӣ (м.131) ва одамрабоиро (м.130) аз рӯйи объект ҷудо намудан ғайриимкон аст, чунки ин ҷиноятҳои мазкурро қонунгузор дар як боби 17 КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо муқобили озодӣ, обрӯ ва эътибори шахсият» ҷой додаст. Ғазби гаравгон бошад (м.181) дар боби «Ҷиноятҳо муқобили амнияти ҷамъиятӣ » ҷойгир шуда объекти бевоситааш амнияти ҷамъиятӣ мебошад, ки аз чунин аломатҳо бармеояд:

а) ин ҷиноят пеш аз ҳама ба гурӯҳи номуайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ зарар меорад (бехатарии шахсият, фаъолияти мӯътадили ташкилотҳо ва ғ.);

б) воситаҳои асосии паст намудани қадри иҷтимоии ҷамъият бо роҳҳои зарар овардан ба муносибати тартиби бехатарии шароити зиндагии ҷамъитӣ мебошад.

Содиршавии ғазби гаравгон дар як вақт ҳам ҳаёт ва саломатии шахсро зери хатар мегузорад ва ҳам тартиботи кори ташкилотҳои гуногунро вайрон мекунад. Аз ҳамин лиҳоз, сухан дар бораи ҳар як ҳаракати мустақилонаи ин ҷиноятҳо намеравад, балки дар бораи маҷмӯи ин ҷиноятҳо меравад. Умуман, ҷинояти ғасби гаравгон пеш аз ҳама ба бехатарии ҷамъиятӣ зарар меорад.

Ҷабҳаи дигаре, ки таркиби ҷинояти мазкурро аз дигар таркиби ҷиноят ҷудо менамояд ин тарафи объективии ҷиноят мебошад.

Тарафи объективии одамрабоӣ ҳамеша аз се ҳаракат иборат мебошад- бо роҳи пинҳонӣ ё ошкоро ва ё бо истифодаи бовари ғасби одами зинда, маҳрум сохтани ӯ аз иштирок дар муносибатҳои иҷтимоии мӯътадил, ҷойивазкунии вай аз ҷойи истиқомати доимӣ ё муваққатӣ бо мақсади нигоҳ доштан дар чойи дигар зидди иродаи ӯ.

Тарафи объективии ғайриқонунӣ маҳрум сохтан аз озодӣ бошад аз як ҳаракат иборат мебошад- нигоҳдорӣ. Дар фарқият одамрабоӣ аз ин ҷиноятӣ мазкур дар он аст, ки ғайриқонунӣ маҳрум сохтан аз озодӣ бе ҷойивазкунии одам аз ҷое ба ҷойи дигар амалӣ карда шавад. Ҳамзамон, қайд кардан зарур аст. ки маҳрум сохтан аз озодӣ нафақат бо роҳи ҳаракатӣ содир мешавад, балки аз беҳарактӣ низ содир мешавад, одамрабоӣ бошад, фақат бо роҳи ҳаракат содир мешавад. Ҷабрдидаи ҷинояти маҳрум сохтан аз озодӣ метавонад ҳамагуна шахс, ҳатто хешони наздик низ шуда тавонад, лекин ҷабрдидаи одамрабоӣ хешони наздик шуда наметавонад.

Тарафи объективии ғазби гаравгон аз ду таркиб иборат аст, ин ғасб кардан ва нигоҳ доштани гаравгон мебошад. Чун қоида нигоҳдоштани гаравгон ин давоми раванди ғасби гаравгон ба ҳисоб меравад.

---

[406] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри с.1994. Душанбе: Қонуният, 2004, 84 с.

[407] Кодекси ҷиноятии Ҷумхурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998, № 9, мод. 68,69; №22, мод. 306; соли 1999, №12, мод. 316; соли 2001, № 4, мод. 149, 167; соли 2002, №11, мод. 675, 750; соли 2003, № 8, мод. 456, 468; соли 2004, №5, мод. 346; №7, мод. 453; соли 2005, №3, мод. 126; №7, мод. 399; №12, мод. 640; соли 2007, №7, мод. 665; соли 2008, №1 қисми 1, мод. 3; №6, мод.444, 447; №10, мод.803; №12, қисми 1, мод.986, қисми 2, мод. 992; соли 2009, № 3, мод.80.

Тарафи объективии ғасби гаравгон ва одамрабоӣ бо зӯровар, ё бидуни он сурат гирифта, барои маҳдуд ё маҳрум кардан аз озодӣ равона шудааст.

Ба ақидаи Резепкина О.Ю. ва Журавлева И.А. дар марҳилаи аввал ғазб ва нигаҳдории шахс ба сифати гаравгон дар худ аломатҳои одамрабоӣ ва ғайриқонунӣ маҳрум сохтан аз озодиро доранд.[408] Аз ҳамин сабаб ба тарафи объективӣ ҷудо намудани таркиби ин ҷиноятҳо мушкилтар аст. Ошкоро ва бо зӯроварӣ гирифтан ва нигоҳ доштани шахс танҳо дар ғасби гаравгон дидан мумкин аст. Дар одамрабоӣ нигоҳдории шахс пинҳонӣ сурат мегирад, ки аз ин кор фақат хешовандони ӯ хабардор мешаванду халос.

Инчунин зарур аст, ки ба хотимаёбии ин ҷиноятҳо аҳмият дод. Ғасби гаравгон аз лаҳзаи дар чунин ҳолати ғайриозодӣ нигоҳ доштани гаравгон ва дар баъзе ҳолатҳо аз лаҳзаи изҳор намудани мақсад хотима ёфта ҳисобида мешавад. Итмоми одамрабоӣ бошад аз вақти ба ғасб гирифтан ва ҷойивазкунии ӯ ба ҷойи дигар ҳисоб карда мешавад.

Тарафи субъективии одамрабоӣ , ғайриқонунӣ маҳрум сохтан аз озодӣ ва ғасби гаравгонро гуноҳ дар намуди қасди бевосита ташкил медиҳад. Дар ғайриқонунӣ маҳрум сохтан аз озодӣ гунаҳгор дарк мекунад, ки бидуни иродаи шахси дигар вайро аз озодӣ маҳрум месозад ва инро мехоҳад ва фарқият аз одамрабоӣ ва ғасби гаравгон он аст, ки дар ғайриқонунӣ маҳрум сохтан аз озодӣ на аз давлат ва на аз ягон шахс чизе талаб карда намешавад.

Дар ғасби гарвгон гунаҳгор дарк мекунад, ки ғайриқонунӣ шахси дигарро ба сифати гаравгон ба мақсади маҷбур намудани давлат, ташкилотҳои байналмилалӣ, шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ ё гурӯҳи ашхос ба иҷро ё худдорӣ намудан аз иҷрои ин ё он ҳаракат ҳамчун шарти озод кардани гаравгон ва инро мехохад.

Аломати асосии тарафи субъективии ғазби гаравгон, ки аз одамрабоӣ фарқ мекунад ин мақсади махсус мебошад, яъне маҷбур намудани давлат, ташкилотҳои байналмилалӣ , шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ ё гурӯҳи ашхос ба иҷро ё худдорӣ намудан аз иҷрои ин ё он ҳаракат ҳамчун шарти озод кардани гаравгон. Ангезаи ҷиноятҳои мазкур бошад гуногунанд. Дар ҳолате, ки ангезаи ғасби гаравгон ва одамрабоӣ аз ғараз ва фармоиши содир шуда бошад он гоҳ кирдори гунаҳгоро бо б. «з» қ.2 м.130 ё б «з» қ.2 м.181КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад.

Субъекти одамрабоӣ ва ғасби гаравгон шахси мукаллафи ҷисмонии ба синну соли чордаҳ расида ва субъекти ғайриқонунӣ маҳрум сохтан аз озодӣ бошад, шахси ба синни шонздаҳ расида ҳисобида мешавад (қ.1,қ 2 м.23 КҶ ҶТ).

Хулоса ҳар як ҷиноятҳои нишондодашуда бо аломатҳои фарқунандаи худ аз ҳамдигар ҷудо карда мешавад ва ин аломатҳои фарқкунанда дар вақти баҳодиҳии ҷиноят дар таҷриба зоҳир мегардад.

## Отграничение похищения человека от смежных составов преступления по Уголовному кодексу Республики Таджикистан

В статье рассматриваются некоторые особенности отграничения похищения человека от захвата заложника и незаконного лишения свободы по уголовному законодательству Республики Таджикистан, а также раскрываются их отличительные признаки.

## Delimitation of Abduction from the adjacent elements of crime under the Criminal Code the Republic of Tajikistan

The article discusses some of the features distinguishing the abduction of four-Rightshostage-taking and unlawful detention of the criminal law, lation of Tajikistan, as well asreveal their distinctive properties.

---

[408] *Резепкин О.Ю., Журавлиев И.А.* Захват заложника. Монография. Закон и право. М., 2003., - С.121.

## Ответственность должностных лиц, уполномоченных рассматривать дела об административных правонарушениях в Республике Таджикистан

**Каримов Х.М.***

Одной из причин ненадлежащего исполнения полномочий, должностными лицами государственных органов, уполномоченных рассматривать дела об административных правонарушениях (далее должностные лица), является отсутствие четко установленных требований и правил осуществления профессиональной деятельности и эффективного механизма ответственности за их нарушение или несоблюдение. Об этом свидетельствует судебная практика в Республике Таджикистан, которая указывает, что ответственность за незаконные и необоснованные действия и решения наступает в основном в случаях преступного злоупотребления должностными полномочиями вышеуказанных лиц. На наш взгляд, осуществление профессиональной деятельности, не отвечающей предъявляемым требованиям, должно повлечь за собой и дисциплинарную ответственность. Чем большими властными полномочиями наделяется то или иное должностное лицо, тем выше должен быть уровень требований к его деятельности и ответственность за ее осуществление. На это обращается внимание в Конвенции ООН против коррупции[409], в Кодексе этики государственного служащего Республики Таджикистан,[410] в Постановлении Правительства Республики Таджикистан «О стратегии борьбы с коррупцией в Республике Таджикистан на 2008 – 2012 годы»[411], в Послании Президента Республики Таджикистан[412] и т.д.

В Республике Таджикистан проблема реализации ответственности должностных лиц за ненадлежащее исполнение служебных обязанностей по сей день должным образом не решена. Следует подчеркнуть, что ряд законодательных актов Республики Таджикистан все-таки предусматривают дисциплинарную ответственность должностных лиц за неисполнение или ненадлежащее исполнение служебных обязанностей. Например, статья 36 Закона Республики Таджикистан «О милиции», статья 58 Конституционного закона Республики Таджикистан «Об органах прокуратуры Республики Таджикистан» предусматривают возможность наложения дисциплинарного взыскания за неисполнение или ненадлежащее исполнение служебных обязанностей. При этом нигде четко не определено, что следует понимать под ненадлежащим исполнением служебных обязанностей. Законодатель в данном случае, предусматривает наложение дисциплинарных взысканий за нарушение исключительно служебной дисциплины и совершение дисциплинарного проступка. Такое весьма неопределенное понятие оснований дисциплинарной ответственности приводит к тому, что на практике любое неисполнение приказа вышестоящего руководителя (в том числе и незаконного) приводит к наложению мер дисциплинарного взыскания. Вследствие этого для должностных лиц более важным становится не стремление к первоочередному исполнению закона, а выполнение приказа своего руководства. Данное явле-

---

* *Каримов Х.М.* - адъюнкт кафедры Управления деятельностью служб обеспечения общественного порядка Академии управления МВД России, старший лейтенант милиции.

409 Ратифицировано нижней палатой Парламента (Маджлиси Оли) Республики Таджикистан 16 апреля 2008 г.

410 Утвержден Указом Президента Республики Таджикистан от 15 сентября 2010 г.

411 Утвержден Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 26 января 2008 г. № 34

412 См.: Послание Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли от 25 апреля 2008 г. // Народная газета. 2008. 26 апр.

ние, на наш взгляд, является одним из условий, способствующих развитию правонарушений коррупционного характера. Поэтому должностные лица обязаны не только выполнять законные приказы своего руководства, но и категорически отказываться от выполнения явно незаконных приказов, докладывая о них вышестоящему руководству, не опасаясь при этом каких-либо угроз со стороны своего непосредственного начальника, тем самым они в определенной мере будут препятствовать совершению правонарушений коррупционного характера.

Данное обстоятельство обуславливает необходимость разработки и принятия законодательными органами Республики Таджикистан нормативно-правовых актов, закрепляющих современные стандарты осуществления профессиональной деятельности и эффективный механизм своевременного привлечения должностных лиц к дисциплинарной ответственности за неисполнение или ненадлежащее исполнение ими этих стандартов. Необходимо добиться того, чтобы деятельность должностных лиц, уполномоченных рассматривать дела об административных правонарушениях, осуществлялась на должном уровне и в соответствии с требованиями норм Международного права, ратифицированными Республикой Таджикистан, с Конституцией Республики Таджикистан и иными законами Республики Таджикистан, что будет отвечать интересам наших граждан, государства и общества. Для этого, прежде всего, должна быть закреплена обязанность правоприменителей постоянно повышать уровень своей квалификации, совершенствовать свои знания и навыки правомерного применения законов. Профессиональным долгом должностных лиц должно являться: знание и соблюдение установленного Кодексом Республики Таджикистан об административных правонарушениях (*далее КоАП РТ*) порядка ведения производства по делам об административных правонарушениях (ст. 3 КоАП РТ), охраны прав и свобод человека и гражданина, охраны общественного порядка и общественной безопасности, собственности физических и юридических лиц (ст. 2 КоАП РТ), справедливое применение административного наказания и мер обеспечения производства по делу об административном правонарушении, (ст. 11 КоАП РТ), соблюдение норм профессиональной этики.

Неисполнением или ненадлежащим исполнением служебных обязанностей и осуществлением профессиональной деятельности должно считаться: нарушение установленного КоАП РТ порядка ведения производства по делам об административных правонарушениях; нарушение закрепленных в законе прав и свобод личности; вынесение незаконного, необоснованного и несправедливого постановления или определения по делу об административном правонарушении; иное нарушение или несоблюдение норм КоАП РТ и норм профессиональной этики. Совершение любого из вышеназванных проступков (при отсутствии в них признаков какого-либо состава преступления) должно повлечь применение мер дисциплинарной ответственности вплоть до решения вопроса о несоответствии занимаемой должности, за исключением случаев, когда будет установлено, что данное нарушение имело место по независящим от соответствующего должностного лица причинам.

Именно установление эффективного механизма ответственности должностных лиц за ненадлежащее осуществление ими своей профессиональной деятельности, на наш взгляд, является важнейшей гарантией обеспечения законного и справедливого ведения производства по делам об административных правонарушениях. Невыполнение должностными лицами своих должностных обязанностей или выполнение этих обязанностей неэффективно и ненадлежащим образом должно повлечь применение к ним соразмерных проступку санкций в рамках состязательного процесса и с возможностью обжалования решения в вышестоящую инстанцию. Более того, законом должно быть предусмотрено право государства, возместившего гражданину причиненный незаконными решениями или действиями должностного лица ущерб, потребовать его взыскания с указанного должностного лица в случае грубого нарушения им норм, в рамках которых он осуществлял свою деятельность. Должна быть также предоставлена возможность любому лицу без

особых формальностей обратиться в соответствующие государственные органы за защитой против нарушений в работе должностных лиц по ведению производства по делам об административных правонарушениях. Подобные жалобы и заявления должны подлежать незамедлительному и внимательному рассмотрению с последующим принятием соответствующих мер.

На наш взгляд, рекомендуемое упорядочение законодательства позволит стимулировать должностных лиц на эффективное выполнение своих профессиональных обязанностей, связанных с ведением производства по делам об административных правонарушениях. Они так же обязаны соблюдать нравственные и этические требования Кодекса этики государственного служащего Республики Таджикистан, нарушение которого также должно повлечь применение дисциплинарных санкций.


**ҶАВОБГАРИИ ШАХСОНИ МАНСАБДОРЕ, КИ БАРОИ БАРРАСИИ ПАРВАНДАҲОИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВАКОЛАТДОР ҲАСТАНД**

Мақолаи мазкур ба ҷавобгарии шахсони мансабдоре, ки барои баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ваколатдор мебошанд, бахшида шудааст. Дар мақола масоили бехтар гардонидани сифати истеҳсолоти баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби шахсони мансабдор пешбинӣ шудааст.

**LIABILITY OF OFFICERS WHO MAY BE**
**CONSIDERED CASES OF ADMINISTRATIVE VIOLATIONS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The article says that the problem in Tajikistan, implementation of the accountability of officials for the improper performance of official duties is still not properly resolved. The author believes that the establishment of an effective mechanism for the accountability of officials for improper exercise of their professional activity is an essential safeguard of the legitimate and fair conduct of proceedings on administrative offenses.

## НАҚШИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНӢ ДАР ТАЪМИНИ ВОЛОИЯТИ КОНСТИТУТСИЯ

**Муминов У.К.*** 
**Негматов Б.С.****

Волоияти ҳуқуқ ва қонунҳои ҳуқуқӣ, воқеӣ будани ҳуқуқу озодиҳо, тақсимоти ҳокимият, ки нишонаҳои давлати ҳуқуқбунёд мебошанд бе назорати судии конститутсионӣ аҳамият надоранд. Ин назорат бо мақсади муайян кардани мутобиқати тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсия гузаронида мешавад. Дар натиҷаи назорати конститутсионӣ қонунияти конститутсионӣ ва волоияти Конститутсия таъмин мешавад.

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 аввалин бор ташкили Суди конститутсиониро дар мамлакатамон пешбинӣ намудааст, ки то ин вақт вазифаи назорати конститутсионӣ аз тарафи Кумитаи назорати конститутсионии Тоҷикистон амалӣ гардонида мешуд. Кумитаи назорати конститутсионии Тоҷикистон дар натиҷаи тағйиру иловаҳо даровардан ба Конститутсияи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон соли 1978 ва дар асоси Қонун «Дар бораи назорати конститутсионӣ дар ҶШС Тоҷикистон»[413] аз 27 августи соли 1990 ташкил ёфтааст. Ташкили ин кумита ҳамчун қадами аввал дар роҳи бунёди Суди конститутсионӣ дар Тоҷикистон ва мақоми махсуси судӣ дар роҳи таъмини риояи қатъӣ ва ҳифзӣ Конститутсия мебошад.

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумлаи дастовардҳои даврони истиқлолият ва самараи Конститутсияи амалкунандаи Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ҳамчун мақоми мустақили ҳокимияти судӣ оид ба ҳифзи Конститутсия фаъолият мекунад. Имрӯз барои пешбурди фаъолияти он ҳамаи заминаҳои ташкиливу ҳуқуқӣ фароҳам мебошад. Аз ҷумла, Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон[414], Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[415] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»[416] ва дигар санадҳои зерқонунӣ, ки ба фаъолияти Суди конститутсионӣ бахшида шудаанд[417].

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти мустақили ҳокимияти судӣ бо мақсади ҳифз, таъмини волоият ва амали бевоситаи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъсис гардидааст[418]. Таъсиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷики-

---

* *Муминов У.К.* - муаллими кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Академияи ВКД Тоҷикистон, лейтенанти калони милитсия.

** *Негматов Б.С.* - муаллими кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Академияи ВКД Тоҷикистон, лейтенанти милитсия

[413] Ахбори Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон. 1990. № 17. моддаи 291.

[414] Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: «Ирфон», 2003.

[415] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 ноябри соли 1995. №84 // Ахбори Махлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1995, № 21, мод.223; соли 1997, №9, мод.110; соли 1998, №10, мод. 111, 115; соли 2000, №6, мод.349; соли 2001, №4, мод.200; соли 2004 №2, мод.43; соли 2006, №3, мод. 142; соли 2007, №7, мод. 650; соли 2008, №3, мод.180; №10, мод.794; соли 2009, №7-8, мод. 488.

[416] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 6 августи соли 2001 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2001, №7, мод.490; соли 2003, №12, мод. 685; соли 2004, №5, мод.347; соли 2006, №3, мод.143; соли 2007, №7, мод. 651; соли 2008, № 3, мод. 181; №6, мод. 443; №12, қисми 1, мод. 982; соли 2010, №1, мод.1.

[417] Дастури Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 1995,

[418] Моддаи 1 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 ноябри соли 1995. №84 // Ахбори Махлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷики-

стон ва ба салоҳияти он дода шудани баррасии масъалаҳое, ки ба судҳои умумӣ мансубият надоранд, имконият фароҳам овард, ки ҳуқуқҳои констиутсионии шаҳрвадон ва дигар субъектони ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ таъмин шаванд ва мувозинати байни мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ боз ҳам устувор гардад.

Таъмини волоияти меъёрҳои Конститутсия самти асосӣ ва муҳими фаъолияти Суди конститутсионӣ мебошад. Волоияти Конститутсия маънои онро дорад: 1) дар низоми санадҳои ҳуқуқӣ Конститутсия ҷойи аввалиндараҷаро ишғол менамояд. 2) он қувваи олии ҳуқуқӣ дошта, барои қонунгузории кишвар манбаи ҳуқуқӣ мебошад. 3) тамоми санадҳои ҳуқуқӣ мувофиқи Конститутсия ва дар асоси он бояд қабул карда шаванд. 4) қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ ба Қонуни асосӣ набояд мухолиф бошанд. Бинобар ин, қайд кардан зарур мешуморем, ки ошкор кардани номувофиқатии санадҳои ҳуқуқӣ ба Конститутсия вазифаи бевоситаи Суди конститутсионӣ мебошад.[419]

Амали бевоситаи Конститутсияро таъмин намудан яке аз самтҳои асосии фаъолияти Суди конститутсионӣ ба ҳисоб меравад. Мустақиман амал намудани меъёрҳои Конститутсия маънои онро дорад, ки меъёрҳои Конститутсия нисбат ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқи афзалият доранд. Ин нишондод имконият медиҳад, ки дар ҳолати мувофиқат накардани қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсия ва танҳо бо такя ба Конститутсия, бевосита меъёрҳои он татбиқ карда шаванд.

Яке аз самти асосии фаъолияти Суди конститутсионӣ ин таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Ба ғайр аз Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳои дигар низ ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро пешбинӣ намудааст. Дар ҳолати ба Конститутсия мувофиқат накардани ин қонунҳо ё баъзе меъёрҳои онҳо Суди конститутсионӣ бо муроҷиати субъектҳое, ки Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии ҶТ» пешбинӣ намудааст, парвандаи суди конститутсиониро баррасӣ намуда, дар ин бора қарор мебарорад. Масалан, Суди конститутсионӣ парвандаи конститутсиониро баррасӣ намуда, аз 8 июли соли 2006 қарор кардааст, ки моддаҳои 341 ва 342 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисме, ки ба тарафҳо ва дигар иштирокчиёни мурофиа ҳуқуқи овардани шикояти назоратиро нисбат ба ҳалномаҳо, таъинот ва қарорҳои ба қувваи қонуни даромадаи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон надодааст, ба қисмҳои якуми моддаҳои 17, 19 ва қисми 2 моддаи 88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат намекунанд.

Дар баромади худ Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудааст, ки «Дар татбиқи меъёрҳои Конститутсия, пеш аз ҳама дар самти таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, ки ин арзишҳо меҳвари низоми демократӣ мебошанд, ҳокимияти судӣ, аз ҷумла Суди констиутсионӣ нақши бағоят муҳим дорад».[420] Зеро аксарияти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоси худро ёфтаанд ва Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти ҳимоякунандаи Конститутсия, ҳамзамон ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро аз ҳар гуна санади зиддиконститутсионӣ дифоъ менамояд.

---

стон, соли 1995, № 21, мод.223; соли 1997, №9, мод.110; соли 1998, №10, мод. 111, 115; соли 2000, №6, мод.349; соли 2001, №4, мод.200; соли 2004 №2, мод.43; соли 2006, №3, мод. 142; соли 2007, №7, мод. 650; соли 2008, №3, мод.180; №10, мод.794; соли 2009, №7-8, мод. 488.

[419] Ба ақидаи Имомов А., Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон то ин дам барои бартарафсозии номувофиқии қонунҳои ҷумҳурӣ ба Конститутсия чандон ҷидду ҷаҳди зиёд накардааст, умед ҳаст, ки минбаъд барои иҷро вазифаҳои худ ташаббуси бештаре нишон медиҳад. Ниг.: *Имомов А.* Нақши Конститутсия дар бунёди давлатдории миллии тоҷикон. -Душанбе: 2011.- с.227.

[420] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Конференсияи байналмилалии илмию амалии «Мақомоти назорати конститутсионӣ дар шароити ҳамгироии системаи ҳуқуқӣ: таҷрибаи байналмилалӣ ва амалияи Тоҷикистон» аз 4 ноябри соли 2010. «Ҷумҳурият».

Ҳангоми амалӣ намудани салоҳиятҳои дар боло зикргардида Суди конститутсионӣ қарор қабул мекунад, хулоса пешниҳод менамояд ва ё таъинот мебарорад.[421] Дар иҷрои ин вазифаҳо нақши Суди конститутсионӣ муҳим мебошад, зеро танҳо ин мақоми ҳокимияти судӣ қарори қатъиро дар бораи номувофиқатии қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ ба Конститутсия қабул карда метавонад. Қатьяти санадҳои Суди конститутсионӣ маънои онро дорад, ки:

- аз хусуси онҳо шикоят кардан мумкин нест;
- онҳо бекор ва тағйир дода намешаванд;
- аз вақти қабулашон эътибор пайдо мекунанд (агар дар онҳо тартиби дигаре пешбиниӣ нашуда бошад);
- онҳо бевосита амал намуда, нисбат ба онҳо назорат кардан мумкин нест;
- аз тарафи мақомоти дигари давлатӣ ё шахсони мансабдор тасдиқ карданро талаб намекунад;
- тарафҳоро аз имконияти муроҷиати такрорӣ ба Суди конститутсионӣ бо ҳамин талабот ё асос маҳрум менамояд.[422]

Суди конститутсионӣ дар низоми ҳокимияти судӣ ягона мақоми ҳокимияти судӣ мебошад, ки салоҳияти он бевосита дар меъёрҳои Конститутсия муқаррар гардидаанд. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳияти Суди конститутсиониро чунин муқаррар мекунад:

1) муайян намудани мувофиқати қонунҳо, санадҳои ҳуқуқии якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон, Президент, Ҳукумат, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ, қарордодҳои ба қуввваи қонун надаромадаи Тоҷикистон ба Конститутсия;

2) ҳалли баҳсҳои байни мақомоти давлатӣ доир ба салоҳияти онҳо;

3) иҷрои ваколотҳои дигаре, ки Конститутсия ва қонунҳо муайян кардаанд. [423]

Вобаста ба гурӯҳи аввал ва дуюми ваколатҳои номбар шуда салоҳияти предмети Суди конститутсиониро муқаррар намудан мумкин аст, ки он аз масъалаҳои конститутсиониву ҳуқуқӣ ва баҳсҳо иборат аст; сеюм, меъёри номбаршудаи Конститутсия (қ. 3 м. 89) андозаи салоҳияти Суди конститутсиониро маҳдуд накарда, баръакс иҷрои ваколатҳои дигарро ба ӯҳдаи Суди конститутсионӣ вогузор намудааст.[424] Аз ин сабаб, салоҳиятҳои Суди конститутсионӣ тибқи муқаррароти Конститутсия аз рӯйи мундариҷаашон ваколатҳои кушода (ҷамъбастнашуда) мебошанд. Чунки Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон доираи ваколатҳои суди конститутсиониро қатъиян муқаррар накарда, ғайр аз ваколатҳои номбаршуда боз ваколатҳои дигарро низ мансуби он донистааст.[425]

Суди конститутсионӣ ягона мақоми ҳокимияти судие мебошад, ки шумораи ҳайати он дар сатҳи меъёрҳои Конститутсия муайян шудааст. Суди конститутсионӣ, ки аз 7-нафар судя иборат аст, яке аз онҳо намояндаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошад. Сабабе, ки Конститутсия узвияти намояндаи ВМКБ ро дар ҳайати Суди конститутсионӣ муқаррар кардааст дар он зоҳир мегардад, ки дар қаламрави кишвар воҳиди махсуси марзию маъмурӣ мавҷуд аст ва барои ҳимояи бевоситаи манфиати мардуми ин минтақа чунин меъёр дар Конститутсия пешбини карда шудааст.

Ҳамин тариқ, Суди конститутсионӣ зимни ҳаллу фасли масъалаҳои ҳуқуқӣ бо роҳи муайян намудани мутобиқати қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба

---

[421] *Холиқов К.Н.* Виды актов Конституционного суда Республики Таджикистан и их классификация / Государство и право. № 3, Душанбе, – 2006, - С.70.

[422] Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, Шарқи озод, 2009, - С.478.

[423] Моддаи 89 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: «Ирфон», - 2003.

[424] *Холиқов К.Н.* Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба салоҳияти суди конститутсионӣ / Давлат ва ҳуқуқ, № 2, Душанбе, 2006, - С. 2.

[425] Масалан, меъёри моддаи 72 Конститутсия Суди конститутсиониро салоҳиятдор намудааст, ки барои бекор кардани ҳуқуқи дахлнопазирии Президент дар сурати аз тарафи ӯ содир шудани хиёнат ба давлат оид ба айбдоркунии пешниҳодшуда хулоса диҳад.

Қонуни асосӣ дар таҳкими қонунияти конститутсионӣ, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон саҳми арзанда дорад. Ва илова бар ин, Суди конститутсионӣ барои таъмини волоияти меъёрҳои Конститутсия ва амали бевоситаи онҳо дар қаламрави кишвар масъул буда, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандонро ҳимоя менамояд ва тавассути мурофиаи судӣ адолати конститутсиониро дар мамлакатамон ба амал мебарорад.

**Роль Конституционного суда в обеспечении верховенства Конституции**

В статье рассматривается роль Конституционного суда как судебного органа конституционного контроля. Его высшая и главная задача: обеспечение защиты основ конституционного строя, основных прав и свобод личности, верховенство и прямое действие Конституции как основного закона государства.

**Role of the Constitutional court in provision supremacy Constitutions**

In given article is considered the role of the Constitutional court as judicial structure of the constitutional checking. Its high and main problem: provision of protection constitutional building, the main rights and liberties to personalities, supremacy and direct action to Constitutions as the main law state.

## К вопросу определения потерпевшего при неисполнении обязанностей по воспитанию в законодательстве государств-участников СНГ

**Шарипов С.С.***

***Ты навсегда в ответе за всех, кого приручил...***

**Антуан де Сент-Экзюпери**

Проблема защиты подрастающего поколения от любых видов посягательств являются актуальной для каждого демократического государства. Еще в 1948 г. Организация Объединенных Нации во Всеобщей декларации прав человека провозгласила, что дети имеют право на особую заботу и помощь. В Декларации прав ребенка, принятой Генеральной Ассамблеей ООН 20 ноября 1959г. закрепляется, что ребенок, ввиду его физической и умственной незрелости, нуждается в специальной охране и заботе, включая надлежащую правовую защиту, как до, так и после рождения. Данное положение нашло подтверждение и в международной Конвенции о правах ребенка от 20 ноября 1989г.

Охрана детства всегда было одной из важнейших задач права. В доктрине прав государств – участников СНГ, несовершеннолетним признается человек, не достигший определенного возраста, с достижением которого закон связывает его полную дееспособность, то есть реализацию в полном объеме субъективных прав и юридических обязанностей, провозглашенных Конституцией и другими законами страны.

В соответствие с международным законодательством обеспечение интересов детей – основополагающая задача семейного права.[426] Ребенок является самостоятельной лично-

* *Шарипов С.С.* - адъюнкт кафедры Уголовной политики и организации предупреждении преступления Академии Управления МВД РФ, старший лейтенант милиции.

стью, имеющей с момента рождения определенные права. Одно из самых важных – право жить и воспитываться в семье.

Большинство государств–участников СНГ в своих уголовных законодательствах предусматривают ответственность за неисполнение обязанностей по воспитанию несовершеннолетнего или ребенка (Республики Армения и Украина в своих уголовных законодательствах предусматривают ответственность за неисполнение обязанностей по воспитанию ребенка, а другие государства-участники СНГ предусматривают ответственность за неисполнение обязанностей по воспитанию несовершеннолетнего)[427]со стороны родителей или иных лиц, на которых возложены эти обязанности.

Согласно положению Конституции государств – участников СНГ забота о детях и их воспитание является обязанностью родителей. Если же родители не выполняют эти свои обязанности, то государство (в лице государственных учреждений, органов и должностных лиц) должно требовать их выполнения всеми законными мерами, в том числе, мерами уголовно-правового принуждения.

Сложность рассматриваемой проблематики состоит в том, что уголовные законодательства государств-участников СНГ по разному формулируют нормы об ответственности за неисполнение обязанностей по воспитанию: в Республиках Казахстан, Кыргызстан, России, Таджикистан, Туркменистан речь идет о неисполнении обязанности по воспитанию несовершеннолетнего, а в Республиках Армении и Украине по воспитанию ребенка. Уместно возникает вопрос: кто из них прав, кого можно считать потерпевшим при неисполнении обязанностей по воспитанию несовершеннолетнего, ребенка или малолетнего?

Согласно большинства уголовных законодательств государств-участников СНГ несовершеннолетними признаются лица, которым ко времени совершения преступления исполнилось четырнадцать, но не исполнилось восемнадцати лет.

Есть и другой подход к раскрытию данной дефиниции, то есть в соответствии с ч.8 ст.4 Уголовного кодекса Белоруссии и ст.77 Уголовного кодекса Кыргызской Республики под несовершеннолетним понимается лицо, которое на день (ко времени – УК КР) совершения преступления не достигло восемнадцати лет. По нашему мнению, недостатком данной позиции является то, что она не раскрывает признаки понятия малолетнего и ребенка.

Под понятием «малолетний»Уголовный кодекс Белоруссии (ч.7 ст.4) и Уголовный кодекс Республики Таджикистан (примечание к ст.175) предусматривают «лицо, которое на день совершения преступления не достигло четырнадцатилетнего возраста».

В Армении и Украине свои подходы по решению данной проблемы, то есть они предусмотрели ответственность за неисполнение обязанностей по воспитанию ребенка, но не определили понятия ребенка в своих уголовных законодательствах. Данный подход решения проблем приведет к вопросу о том, охватывается ли ребенок понятием несовершеннолетнего или наоборот?

Уголовное законодательство Республики Таджикистан по решению данной проблемы выбрал вариант, отличающийся от варианта других государств – участников СНГ. Так, в примечание к ст.165 УК РТ, которая находится в главе 20 – «Преступления против семьи и несовершеннолетних», регламентировано, что «Под понятием несовершеннолетний в настоящей главе понимаются малолетние и несовершеннолетние лица», в примечании к ст.175 УК РТ, которая входит в данную главу, дается понятие малолетнего. Можно считать, что данную проблему законодатель Республики Таджикистан в какой-то мере разрешил, но возникает такой вопрос: кто такой ребенок, и в какое из вышеизложенных понятий его можно включать?

---

[426] *Косарева И.А.* Отношения родства, усыновления, свойства, опека и попечительства как обстоятельства, препятствующие заключению брака по законодательству России и зарубежных стран // Нотариус, 2007, №4. – С.10.

[427] Ст.170 УК Республики Армении и ст. 166 УК Республики Украина.

Поскольку нормы, предусматривающие ответственность за неисполнение обязанностей по воспитанию, имеют бланкетный характер, для объективного решения этой проблемы считаем целесообразным проведение сравнительно – правового анализа семейного законодательства государств-участников СНГ.

Семейное законодательство государств-участников СНГ, используя термин «несовершеннолетнего»,не раскрывает его содержание, а под понятием ребенка подразумевает лицо, не достигшее возраста восемнадцати лет (Армения, Азербайджан, Казахстан, Кыргызстан, Молдова, Россия и Таджикистан).

Белоруссия и Украина определили возрастные цензы совсем подругому. В ст.179 Семейного кодекса Белоруссии предусмотрено, что лицо с момента рождения до достижения им восемнадцати лет считается несовершеннолетним. А ребенок до достижения им четырнадцати лет считается малолетним. Несовершеннолетний в возрасте от четырнадцати до восемнадцати лет считается подростком. А ст.6 Семейного кодекса Украины предусматривает, что правовой статус ребенка имеет лицо до достижения им совершеннолетия. Малолетним считается ребенок до достижения им четырнадцати лет. Несовершеннолетним считается ребенок в возрасте от четырнадцати до восемнадцати лет.

По нашему мнению, из вышеупомянутых определений возрастных цензов Семейный кодекс Белоруссии предусматривает наиболее содержательный возрастной ценз по сравнению с другими определениями возрастной границы сформулированных в законодательствах других государств – участников СНГ.

В.Каплунова и В. Широкова, рассматривая данную проблему по уголовному законодательству Российской Федерации, пришли к выводу, что: «Судебная практика показывает, что в большинстве случаев, к уголовной ответственности привлекаются лица, совершившие данное преступление в отношении лиц, моложе четырнадцатилетнего возраста, которые относятся к малолетним детям и не охватываются понятием несовершеннолетнего».[428]

Судебная практика, исходя из того, что подобные посягательства в отношении малолетних не менее (а в ряде случаев и более) общественно опасны, чем такие же посягательства в отношении несовершеннолетних, привлекает виновных к уголовной ответственности по соответствующей статье Уголовного кодекса (речь идет об уголовном законодательстве Российской Федерации).[429]

По существу статус несовершеннолетних лиц распространяется на другую категорию лиц, так называемых малолетних. Случаи распространения схожего закона на деяния, не предусмотренные непосредственно в законе (отождествление малолетнего с несовершеннолетним), называются аналогией, которая, согласно уголовному законодательству всех государств – участников СНГ, запрещена.

Конституции всех государств-участников СНГ провозглашают их демократическими и правовыми государствами, а в правовом государстве подобные явления, по сути, не должны быть. Устранение отмеченных недостатков в конструкциях названных норм уголовного закона некоторых государств-участников СНГ позволит обеспечить соблюдение принципа законности и будет более эффективным средством (механизмом) охраны прав и законных интересов малолетних детей мерами уголовно – правового характера.

В связи с вышеизложенным, предлагаем законодателям государств-участников СНГ предусмотреть в своих Уголовных кодексах возрастные цензы, предусмотренное в Семейном кодексе Республики Беларусь, и для конкретизации потерпевшего при преступлении неисполнение обязанности по воспитании изменить название статьи «Неисполнение обязанности по воспитанию несовершеннолетних» на «Неисполнение обязанности по воспитанию ребенка». А также должен сказать, что изменение названия данной статьи

---

[428] *Каплунова В., Широкова В.* Уголовно-правовая охрана детства / Законность, 2007, № 8 // СПС Консультант Плюс, – 2011.

[429]Там же.

Уголовных кодексов государств-участников СНГ также утстраняет противоречия их к ст.1 Конвенции о правах ребенка.[430]

Муаллиф дар мақола кӯшиш намудааст, ки қонунгузории давлатҳои иштирокчии ИДМ-ро муқоиса карда, ҳангоми иҷро накардани ӯҳдадорӣ оид ба тарбияи ҷабрдидаи ҷиноят, ки ба ҳисоб меравад: ноболиғ, кӯдак ё ашхоси хурдсолро муайян намояд, ошкор созад.

**ON THE FAILURE OF THE DEFINITION OF VICTIM IN REFERENCE TO EDUCATIONIN LAW CIS**

In this paper the author attempts to analyze the laws of the states – participants of CIS, to clarify for nonperformance of duties by upbringing, who is victim: a minor, child or infant.

## РИОЯ ВА ИҶРОИ ПРИНСИПИ ЭҲТИМОЛИЯТИ БЕГУНОҲӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИИ МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ

🗁

**Сӯфиев С.Н.***
**Нуралиев С.Ш.****

Принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ меъёрҳои ҳуқуқии асосии роҳбарикунандае мебошанд, ки хусусияти мурофиаи ҷиноятӣ, мазмуни тамоми институтҳои онро муайян намуда, адолати судиро оид ба парвандаи ҷиноятӣ ва ҳимояи самарабахши шахсият, ҳуқуқу озодиҳои он, манфиати давлату ҷамъиятро аз таҷовузҳои ҷинояткорона таъмин менамоянд. Бисёре аз принсипҳо мавқеи худро дар Конститутсия ёфтаанд ва нисбати даврони Иттиҳоди Шуравӣ ин бо он асоснок карда мешавад, ки дар замони муосир накши ҳокимияти Судӣ яку якбора боло рафта, манфиати инсон нисбати давлат баланд гузошта мешавад. Яке аз принсипҳои муҳими мурофиаи ҷиноятӣ ин «Эҳтимолияти бегуноҳӣ мебошад». Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ба таври дақиқ ва пурра дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст: «Ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад»[431]. Ин муқаррарот аз Эъломияи умумии ҳуқуқи башар сарчашма мегирад, ки мазмун ва моҳияти принсипи зикргашта ба таври зайл дарҷ гардидааст: «Ҳар як инсоне, ки дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста мешавад, ҳақ дорад, то замоне бегуноҳ дониста шавад, ки гуноҳаш дар мурофиаи ошкорои судие, ки дар он барои ҳимояи ӯ тамоми имкониятҳо фароҳам оварда мешаванд, бо тартиби қонунӣ исбот нагардидааст»[432].

---

[430] В ст.1 Конвенции о правах ребенка предусмотрено, что ребенком является каждое человеческое существо до достижения 18 – летнего возраста, если по закону, применимому к данному ребенку, он не достигает совершеннолетия ранее.

* *Сӯфиев С.Н.* - муаллими кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии МКД, лейтенанти калони милитсия.

** *Нуралиев С.Ш.* - муаллими калони кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии МКД, подполковники милитсия.

[431]Ниг. Моддаи 20 Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: «Қонуният», 2004, - С.7.

[432]Ниг. Моддаи 11 Эъломияи Умумии Ҳуқуқи Башар аз 10 декабри соли 1948..

Афғонӣ ба ҳастӣ ва моҳияти фард ҳамчун вуҷуди алоҳида аҳамияти хосаро қоил буда, инсонро аз тобеъияти ирсӣ берун меҳисобад ва ҳуқуқу озодии одамонро новобаста аз рангу пӯст баробар медонад. Ислом мегӯяд он, метавонад, баробарии фард ва ҷомеаро, ки яке аз масъалаҳои умдаи рӯз аст, таъмин созад. Мутаффакир тасдиқ менамояд, ки ислом манфиати ҷомеаро назар ба манфиати фард пештар мегузорад, вале ба ҳеҷ ҳол ҳуқуқ, озодӣ ва шаъну эътибори шахсро маҳдуд намесозад. Аз гуфтаҳои Афғонӣ чунин хулоса бармеояд, ки ӯ кӯшиш дорад, ки дар шуури мардуми замони худ, андешаи нав ва тафаккури тозаро ворид созад. Аз ин ҷост, ки мегӯяд: «Ғазолӣ яке нобиғаҳои Ислом дар осору эҷодаш аз унсури ақлгароӣ ва ирфонӣ кор гирифтааст»[483].

Афғонӣ талош намудааст, аз ҷиҳати фалсафӣ вижагиҳои моҳияти инсонро аз рӯи таълимоти ислом дар асоси Қуръон ва суннат ва инчунин, таълимоти ҳуқуқӣ, динӣ ва фалсафии мактабу ҷараёнҳои гуногун шарҳу эзоҳ диҳад. Дар ин замина қайд месозад, ки масъалаи мазкур хеле печида ва мураккаб аст ва ҳар яке аз бузургони андешаи инсонӣ ба қадри тавон ва ҳавсалаи хеш онро мавриди ҳаллу фасл ва арзёбӣ қарор додаст.

Он чӣ рушан аст, ки дар кишварҳои Шарқ ғояи «шахсият ва миллат» бештар ба номи Афғонӣ нисбат дода шудааст. Ӯ ба хислатҳои таззодӣ дар табиати инсон баҳо дода, менависад: «Инсонҳо ба хотири нафси хеш барои бурдаи нон ҳамеша дар муқовимат ва зиддият қарор доранд. Барои муҳофизати худ ва оилаи худ онҳо ба гурӯҳҳо муттаҳид шуданд, ки асоси муносибатҳои хешу таборӣ, яъне қавмии онҳоро ба миён овард. Ин кор дар охири охирон ба пайдоиши миллат ва эҳсоси бародарию баробарӣ, яъне шинохти асли худ овард. Ҳуввияти миллӣ он давра барҳам мехӯрад, ки сабабҳои ба вуҷудоварандаи он маҳв шаванд. Дар он ҳолат фақат ҳуввияти исломӣ боқӣ мемонад, ки беҳтарин шакли бародариро барои бародарии умум фароҳам месозад. Лекин дар баъзе ҳолатҳо ҳуввияти миллӣ назар ба бародарии исломӣ фоидаовартар аст»[484].

Намояндагони баъзе мактабҳои фалсафӣ, таъкид бар он мекарданд, ки моҳияти зиндагии инсон фақат тарафҳои моддӣ дорад, ки ба хориқияти органикӣ ва физиологӣ асос меёбад. Дар баъзе ҳолатҳо тарафдори ин ақида буданд, ки берун аз ин ҳастии моддӣ як ҳаёти рӯҳии дигар (дар ин бора Арасту андеша баён кардааст.-М.Ғ) низ вуҷуд дорад, ки моҳият ва асли ҳастии инсонро ташкил медиҳад.

Ба ақидаи мутафаккир боварӣ дар хусуси вуҷуддошти рӯҳ ба мисли худи инсоният таърихи кӯҳан дорад. Ӯ барои тавзеҳи ин масъала эътиқод ва эътимоди динии мардумони Шарқи қадимро оиди рӯҳ ва ҳаёти баъдимаргӣ мисол меорад. Дар алоқаманди ба ин мавзӯъ Афғонӣ аз нав баъзе ҷанбаҳои пайдоиши динҳои ҷаҳониро мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

---

483 Ниг: *Массэ А.* Ислам. (Очерк истории). Перевод с французского. М., 1962, - с.164.

484 Ниг. *Алмаҳзуми Муҳаммад*. Хотироти Саид Ҷамолиддин Афғонӣ. Бейрут, 1964,- с.421-426.

Баъдан қайд менамояд, ки Ислом барои он пайдо шуд, ки бо таълимоти хеш инсонро ба тозагии рӯҳӣ ва ҷисмонӣ водор созад, то саодати ҷовидона ва абадиро дарёбад. Дар шарҳи масъалаи мазкур ӯ чун нуқтаи назари ислоҳотшиносони мусулмонро мисол оварда, баҳсҳои онҳоро рӯи ин мавзӯъ муфассал шарҳу эзоҳ медиҳад. Афғонӣ, ба хусус таълимоти схоластикҳои асримиёнагии Шарқ-Абӯсаиди Абулхайр, Шабустарӣ, Ибни Рушд ва дигар намояндагони машҳури тасаввуфро дар посухи ин суол, ҷавоб меорад.

Таъсири таълимоти Арастуро ба ҷаҳонбинии мутафаккирони исломӣ қайд карда, андешаҳои Ибни Рушдро оид ба рӯҳ ҳамчун яке аз унсури асосии ҷисм, ки наметавонад ҷавҳари алоҳида дар бадан бошад, бисёр равшану фаҳмо баён месозад. Ҳангоми баррасии назариёти онҳо қайд месозад, ки ақидаи эшон ҳамагӣ оиди ҳастии рӯҳ якхел аст, вале табиати онро гуногун донистаанд. Он чиро низ арза медорад, ки мутафаккирони исломӣ хосияти ғайримоддӣ будани рӯҳро эътироф карда, хусусиятҳои хоси фарққунандаи онро аз ҷисм нишон додаанд, ки ин андеша аз таълимоти Арасту баргирифта шудааст.

Афғонӣ азалӣ ва абадӣ будани рӯҳро таъкид сохта, кӯшиши ҳар як мусулмони ҳақиқиро дар расидан ба тозагӣ ва ворастагии он қаламдод менамояд. Аз ҷумла мегӯяд, ки ҳар инсон ҳаловату покизагӣ ва ё ҷовидонагии рӯҳро гуногун мефаҳмад. Барои баъзе ҷовидонагии рӯҳ ин фаҳмиши назокату латофат ва  дарки зебогиҳост.

Афғонӣ таълимоти Исломро дар хусуси азалӣ ва абадӣ будани рӯҳ хотирнишон месозад ва ҳамзамон таъкид менамояд, ки ин хусусияти ҷаҳонбинии мусулмонон  боиси риояи ҳатмии ӯҳдадориҳои диниашон мегардад.

Дар шарҳу тавзеҳоти масъалаи рӯҳ ӯ инчунин, назарияи Афлотун ва Ибни Синоро мисол меорад. Афғонӣ кӯшиш кардааст, ки дар чаҳорчӯбаи таълимоти Ислом, мавзӯи саодати инсонро матраҳ созад. Ба андешаи ӯ мардум саодатро ба мисли рӯҳ гуногун мефаҳманд. Расидан ба саодатро яке дар сарвату бойгарӣ, дигаре дар шӯҳрату ном, савумӣ дар ғанӣ гардонидани маънавиёт, чаҳорумӣ дар расидан ба покизагӣ ва ҳаловати рӯҳӣ мебинад. Афғонӣ мӯътақид аст, ки саодат дар дороии моддӣ ва маънавии инсон зоҳир мешавад ва мумкин аст якеро саодат дунё ва дигареро саъодати ухравӣ насиб шавад.

Агар ин масъаларо аз диди Форобӣ маънидод намоем, ин файласуфи машҳури олами Ислом роҳҳои ноил шудани инсонро ба саодат чуноне, ки дар боло зикр кардем, маҳз дар тозагӣ, покизагии ҷисмонӣ  ва камолоти рӯҳӣ медонад. Форобӣ тозагии ҷисму ҷонро манбаи асосии дохил шудани инсон ба ҷаҳони маънӣ, ифшои олами ғайб, ворастагию озодӣ, ҷилои рӯҳ ва дарёфти саодати абад меҳисобад. Муслиҳи бузург- Афғонӣ таълимоти инсонсозии исломро дар хусуси озодии андеша ва ақида баён карда, даъвати ин дини ҳанифро оиди худшиносии комили инсон дар масири зиндагии худ собит месозад. Ислом мегӯяд ӯ, инсонро дар роҳи расидан ба хушбахтӣ ва саодат соҳибихтиёр медонад ва роҳҳои расидан ба ин мақсадро хеле рӯшан ва возеҳ барояш баён медорад. Озодии ирода маънои содир кардани гуноҳро надорад, зеро ислом барои содир намудани гуноҳ ҷазои сахт муқаррар кардааст. Ҳар як инсон аз рӯи амалҳои анҷомдодааш дар шариати исломӣ подошу ҷазо мегирад.

Озодии ақида ва озодии ирода ба гуфти Афғонӣ сабаб шуд, ки мусулмонон ба таҳқиқ, омӯзиш, мушоҳида, баррасӣ, таҷриба, танқид ва баҳсҳои гуногун машғул гардиданд, ки ин заминаи наҳзати мухталифи илмиро ба миён овард. Ба пиндори Афғонӣ маҳз фалсафаи ислом манбаи такмили гуманизми инсонӣ аст, зеро озодие, ки ислом ба инсон медиҳад, барои ӯ озодандешидан ва дар ҷустуҷӯиҳои илмӣ озоду мустақил буданро фароҳам меорад ва  ба замми ин шахс  дар ин ҷода ҳам ба илмҳои заминӣ ва ҳам ба қонуну қавоиди динӣ сару кор мебарад.

Афғонӣ меъёрҳое, ки дар шариати Ислом барои  такмилу инкишофи ҳаматарафаи шахсият арза шудаанд, сармашқи афкори худ намуда, инсонро ба бедории фикрию фитрӣ ва хушахлоқию хушҳолӣ даъват дорад.

Инсон ба гуфти мутафаккир қатрае аз дарёи раҳмати илоҳӣ аст, ки дорои хирад, азамату шукӯҳ ва фаросат аст. Имкониятҳои камолоти инсон бемаҳдуданд. Барои

инсон арзишҳои хосе муқаррар шудаанд, ки ӯ бояд ин сарватҳои бебаҳоро эҳтиром ва гиромӣ дорад, дар ҳолати акс дар рӯи замин бенизомӣ, беадолатӣ ва зулм ҳукмрон мегардад. Афғонӣ таъкид кардааст, ки риояи меъёрҳои динӣ ва ахлоқи динӣ ба покии ҷисму ҷони инсон мусоидат менамоянд ва ӯро ба ҳадафҳои олӣ мерасонад ва ҳамчунин барои инсони комилу ҳаматарафа щудани ӯ замина фароҳам меоваранд.

Мавзӯъ ва моҳияти инсон аз қадим то замони муосир, яке аз масъалаҳои асосии фалсафӣ ба шумор меравад ва омӯзишу таҳқиқоти ҷиддӣ ва амиқро талаб менамояд.

Барои амалӣ шудани таҳаввулоти назарраси иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар ҷомеа ба андешаи Афғонӣ ва шогирдонаш, пеш аз ҳама ислоҳу такмили ахлоқи ҷомеа зарур аст. Ахлоқи солими ҷомеа дар натиҷаи касби маърифату дониши ҳақиқии бошандагони он ба миён меояд. Ҳамчунин, аз байн бурдани ҳама гуна таассуб ва зуроварии қавмӣ, нажодӣ, динӣ ва сиёсӣ омили дигари рушди бемайлони ҷомеа аст, зеро зулму истибдод ҳамеша бойгарии моддӣ, арзишҳои маънавии мардумро хароб месозад ва ба боди фано медиҳад ва ҳуқуқҳои онҳоро зери по менамояд. Барои он ки ин падидаи манфӣ набошад, тарбияи инсони ватандӯст ва шаъну шарафи миллидошта лозим аст. Инсоне, ки манфиатҳои худро дар роҳи саодати ҷомеа қурбон кунад. Халқҳои Шарқ бояд донанд, ки агар илмро дар худ инкишоф надиҳанд, ба он маърифату дониш, ки ислом тарғиб накунад рӯ наоранд, онҳо худро худ ба нодорӣ ва ғуломӣ мерасонанд. Афғонӣ пешрафти ҳамаи кишварҳои бузургро ба комёбиҳои илм ва маърифат вобаста мекунад ва изҳор мекунад, ки «султони олам илм аст ва ба ғайр аз илм подшоҳе нест ва нахоҳад буд»[485].

Аз тавзеҳоти боло ба хубӣ дида мешавад, ки ӯ илмро ҳамчун манбаи асосии пешрафти ҷомеа мешуморад. Мисоли дигар барои тақвияти ин фикр андешаи дигари ӯст: «Султони ҳақиқии олам илм аст, ки сари чанд вақте пойтахти худро тағйир дода, гоҳе аз Машриқ ба Мағриб рафта, гоҳе аз Ғарб ба Шарқ рафтааст»[486].

Ба гуфти мутафаккир бартарафсозии камбудию норасоиҳои ҷомеа танҳо бо воситаи боло бурдани маориф, дар алоқамандӣ ба тарбияи ахлоқӣ самар медиҳад ва ин кор заминаи тарбияи мусулмононро ба фаҳмиши ғояҳои демократӣ низ фароҳам меорад. Амалисозии ин падида бар дӯши зиёиён ҳамчун қувваи асосии пешбарандаи ҷомеа ва ҳамчун пешвоёни маърифат вогузор аст.

Асоси ҷаҳонбинии Афғонӣ дар натиҷаи сафарҳои ӯ ба Аврупо ва шиносоӣ бо адабиётҳои гуногуни китобхонаҳои калонтарини кишварҳои чун Франсия, Англия ва Германия ташаккул ёфт. Аз рӯи афкор ва осори хеш Афғонӣ «инсони илм» бо тамоми масъулияти баланди шаҳрвандӣ нисбат ба тақдири миллати Ватани худ аст. Ватандӯстию ватанпарварии ӯ дар муносибати хосааш ба таъриху сарнавишти гузаштаи он зоҳир мегардад.

Велфред Блант сиёсатмадори маъруфи англис дар китоби худ дар бораи Саид Ҷамолиддин чунин мегӯяд: «Ҷамолиддин яке аз доҳиёне буд, ки таълимоти ӯ як аср нуфуз эҷод кард, ки дар ин сӣ соли охир дар наҳзати ислоҳии олами исломӣ болотар аз он дида нашуда ва ман худро ба дараҷаи олӣ муфтахир ва мушараф медонам аз ин, ки вай се моҳ дар зери сақфи хонаи ман дар Англия зиндагӣ кард, вале ӯ як марди бадавӣ ва заҳматӣ буда, комилан осиёӣ, ки ба осонӣ ба одобу русуму тарбияти урупоӣ маънус намешуд»[487].

Дар қатори яке аз тарғибгарони фаъоли илми Ғарб ва донишҳои навини муосир ва низоми таълми аврупоӣ будан, Афғонӣ таблиғотчии ғаюр ва марди майдони омӯзиши таърихи забон ва фарҳанги хеш аст. Дар ҷаҳонбинии С.Ҷ.Афғонӣ мавзӯи моҳияти инсон мавқеи меҳварӣ дорад. Аз назари мутафаккир инсон ҳамчун мавҷуди олӣ соҳиби нерӯву тавони ақлӣ ва ҷисмонӣ, қобили ҳама гуна тағйироту таҳавуллоти фардӣ ва ҷомеавӣ аст. Ташаккули шахсият фақат бо роҳи тарбияи маънавӣ ва

---

[485] Ниг. *Мударриси М.* Ороъ ва мӯътақидоти С.Ҷ.Афғонӣ. Теҳрон, 1337, - с. 153.
[486] Ҳамон ҷо. - с.158.
[487] Ниг. *Тақизода Ҳ.* Саид Ҷамолиддини Асадободӣ. Табрез, 1947, - с.46.

ахлоқии он сурат мегирад. Таълим ва тарбияти инсон бояд чунон ба роҳ монда шавад, ки заминаҳои худшиносӣ ва худогоҳии ӯ фароҳам ояд ва дар зеҳну тафаккураш ҳамеша бузургӣ ва шаҳомати ин ду омил бичархад.

С.Ҷ.Афғонӣ ҳама назариёти хешро оиди моҳияти инсон аз рӯи таълимоти шариати исломӣ ва фалсафаи ислом баён кардааст.


### СУЩНОСТЬ ЧЕЛОВЕКА В МИРОВОЗЗРЕНИИ С.Д.АФГОНИ

По мнению мыслителя, человек, как высшее существо, имея огромную умственную и физическую силу, способен к любым переменам и изменениями. Личность формируется лишь духовным и нравственным воспитанием. Образование и воспитание человека должно осуществляться так, чтобы у человека возникали предпосылки к сознательности и самопознанию и в конечном итоге эти два фактора, в его разуме и мышлении произведя неизгладимое впечатление, сопутствовали его на протяжении всей жизни.

### ESSENCE OF THE PERSON IN KNOWING BY S.D. AFGANI

In opinion of thinker the person as higher essence having enormous mental and physical power capable to any changes and modification. The individual is formed only spiritual and moral education. Education and upbringing the person must be realized (by person) so beside person appeared the premieres to consciousnesses and finally this two factors in it's reason and producing indelible impression accompanied him for length of the whole life's.


## ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ НАЗАРИЁТИ ИСЛОҲОТХОҲОНАИ САЙИД ҶАМОЛУДДИНИ АФҒОНӢ ВА МУҲАММАД АБДУҲ

🗁


**Амондуллоев Б.***


Ҳаракатҳо ва ҷунбишҳои сиёсиву муслиҳони зиёдеро дар таърихи Ислом метавон мушоҳида намуд, ки аҳамият ва арзишашон рушду нумӯи афкори башарӣ аз дигар мардуми сайёра кам нестанд, вале мушкилӣ дар ин ҷост, ки доир ба он ҷунбишҳо ва ислоҳотхоҳон омӯзиш ва таҳлилу баррасии кофие ба амал наомадааст.Касоне, ки аз фалсафаву фарҳангу тамаддуни исломӣ огоҳии комил надоранд, гумон мекунанд, ки олами Исломро як хомӯшиву якнавохтие фаро гирифтааст. Вале чун ба таърихи он дақиқ муроҷиат шавад, маълум хоҳад шуд, ки ин ақида ҷуз зоҳирбиние чизи дигар нест. Ҳадди ақал ҳазор сол инҷониб ин андеша дар миёни мусулмонон роҳ ёфтааст, ки дар ҳар асре муҷаддиде зуҳур хоҳад кард. Дар аҳодиси Паёмбари Ислом низ ба ин мазмун омадааст, ки Аллоҳи мутаъол дар ҳар садсолае ба уммати мусулмон нафареро мефиристад, ки динашонро аз хурофоту бидъатҳо ислоҳ мекунад. Бинобар ин калимаҳои ислоҳу муслиҳ ва наҳзатҳои ислоҳиву таҷдиди фикри динӣ барои пайравони Ислом бегона нест.

---


* *Амондуллоев Б.* - аспиранти кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Воқеъаҳо ва ҳаводиси иҷтимоиву таърихӣ монанди падидаҳои табиӣ баъзан аз нигоҳи моҳият бо ҳам тафовут доранд. Ҳамаи ҷунбишҳои ислоҳотӣ ва муслиҳони иҷтимоиро, ки таърих ёд дорад,аз нигоҳи мазмуну мӯҳтаво наметавон якранг донист.

Ҷунбишҳои ислоҳотӣ дар таърихи Ислом ҳам баъзе фикрӣ, баъзеи дигар иҷтимоӣ, баъзе ҳам фикриву ҳам иҷтимоӣ буданд. Масалан, наҳзати Ғаззолӣ фикрии маҳз буда, дар доираи тасаввуф низ ӯро "асҳоби маърифат" медонанд. Ӯ ба ин андеша буд, ки улуму афкори исломӣ осеб дидааст, аз ин рӯ, китоби "Эҳё-ул-улум-уд-дин"-ро таълиф намуд.

Наҳзати "Сарбадорон" бошад, комилан тобиши иҷтимоӣ дошт, ки зидди ҳокимони замонашон баромад мекарданд. Онҳо бо истифодаи қувва мехостанд сохтори ҳукуматро тағйир диҳанд ва ба вазъи кунунии ҷомеа беҳбудӣ бахшанд.

Аммо наҳзати пешбиникардаи Афғонӣ ва Абдуҳ ҳам фикрӣ буду ҳам иҷтимоӣ. Ҳамаи ин наҳзатҳо аз нигоҳи илмӣ, сарфи назар аз он ки фикрианд, ё иҷтимоиянд, ё иртиҷоӣ ба таҳқиқу баррасии ҳаматарафа ниёз доранд ва мо низ дар ин мақола ба қадри тавон кӯшидем, то баъзе ҳамбастагиву фарқиятҳои андешаҳои ду ислоҳотхоҳи бузурги сад соли охири кишварҳои исломӣ Саййид Ҷамолуддини Афғонӣ ва Муҳаммад Абдуҳро нишон диҳем.

Дар нимаҳои дуюми асри нуздаҳ ҷунбиши нави ислоҳотхоҳӣ дар ҷаҳони Ислом оғоз гардид, ки Мисру Сурия, Эрону Ироқ, Афғонистону Лубнон, Туркияву Ҳиндустон ва қариб тамоми шимоли Африқоро фаро гирифт. Дар кишварҳои мазкур шахсоне пайдо шуданд, ки вусъати андешаашон фарогиртар буда, нисбати тақдири фарзандони сарзаминашон бепарво буда наметавонистанд ва андешаҳои ислоҳотии хешро бо роҳу васоити гуногун ба мардум иброз медоштанд. Баъди сукуту карахтии тӯлонӣ ин ҷунбишҳо як аксуламале бар зидди ҳуҷуми истеъмории фарҳангиву иқтисодиву иҷтимоии Ғарб буд ва навъе таҳрики худогоҳӣ дар олами Ислом ба ҳисоб мерафт.

Бешак, сарҳалқаи наҳзатҳои садсолаи охири Шарқи мусулмон Саййид Ҷамолиддини Афғонӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз ӯ дар кишварҳои мусулмоннишин бедорсозиро оғоз намуда, мушкилоти рӯзмарраи мардумро бо воқеъбинии хосе бозгӯ менамуд ва роҳҳои бартарафсозиашро нишон медод.

Наҳзати Афғонӣ ҳам фикрӣ буду ҳам иҷтимоӣ, вале ҷанбаи иҷтимоияш бештар буд.Афғонӣ мехост дар андеша ва низоми зиндагии мусулмонон дигаргунии куллие ба вуҷуд орад, то ҳамқадами ҷомеаи муосир бошанд. Фаъолияти ӯ дар ҳудуди муайяне маҳдуд нашуда, ҳар ҷо ки по мениҳод, дар андешаи озодии комили инсоният аз ҳама гуна қайду банду истисмор буд.

Афғонӣ дардноктарин амрози ҷомеаи исломиро аз ду ҷиҳат: яке истибдоди дохилӣ ва дигаре истеъмори хориҷӣмедонист. Аз ин рӯ, то ҷон дар рамақ дошт, бо ин ду падидаи номатлуб бо шиддат мубориза бурд.Ӯ огоҳии сиёсӣ ва ширкати фаъолонаи мусулмононро дар сиёсат муҳим шуморид ва барои ба даст овардани шукӯҳу ҳашамати аздастрафтаи онон, ҳамчунин баҳри дарёфти мақому манзалат дар ҷаҳон, ки шоистаи он ҳастанд, бозгашт ба Исломи ибтидоӣ ва эҳёи рӯҳи Исломро ҳатмӣ донист. Иттиҳоди мусулмононро таблиғ менамуд ва дасисаҳои ошкору пинҳони истеъморгаронро дар тафриқаандозиҳои мазҳабиву ғайримазҳабӣ фош месохт.

Метавон гуфт, ки орзуи ниҳоии ислоҳии Афғонӣ ва ҷомеаи идеологияш дар ҷомеаи исломӣ хулоса мешавад, ки ваҳдат ҳокими мутлақи он буда, ихтилофоти нажодӣ, забонӣ, мазҳабиву минтақавӣ ба бародарии исломӣ, ки яке аз равшантарин аҳдофи Қуръон аст[488], табдил шавад ва ваҳдати маънавиву фарҳангӣ пойдор гардад; мардуми мусулмон аз улуму санъати муосир бохабар ва аз ҳама гуна истеъмору истибдод озод бошанд; тамаддуни ғарбиро бо рӯҳи исломӣ иқтибос кунанд; рӯҳи

---

[488] Ҷалолуддин Муҳаммад ибни Аҳмад ибниМуҳаммад ал-Маҳаллӣ ва Ҷалолуддин Абдурраҳмон ибни Абебар ас-Суютӣ. Тафсир-ул-ҷалолайн. Бейрут. 1994, - с.516.

иҷтиҳодӣ ба онҳо бозгардаду “дари иҷтиҳодро баста напиндоранд”[489] эҳсоси иззату шарофати имониашон боло гирад ва ба зери юғи ғуломиву истибдодиву истеъморӣ нараванду онро барои худ ор донанд.

То ҷое ки мо маълумот дорем, Афғонӣ орзуе дар мавриди низоми ҳукуматдорон бар ҷомеаи исломии онрӯза ва дар мавриди низоми омӯзиши улуми исломӣ, ки ба он муҳаббати зиёд дошт, ибрози андеша накардааст. Маълум нест, ки доир ба ин низомҳо андешаронии ӯ чӣ гуна сурат гирифтааст. Шояд, муборизаҳои пайгиронааш бо истибдод ва истеъмор фурсат надода, ки ба ин масоил машғул гардад, ё мумкин аз он рӯ ба ин масоил таваҷҷӯҳ накарда, ки ба пиндори ӯ, мубориза бо истеъмор ва истибдод қадами нахустин дар роҳи худшиносист ва ба ин бовар буд, ки вақте миллати мусулмон ин қадамро дуруст ва устувор бардошт, дар қадами дуюм худ хоҳад донист, ки чи кор бикунад. Ба андешаи мо, метавон инро камбудие дар фаъолияти Афғонӣ ҳисобид.

Афғонӣ аз истеъдоди хориқулъоддае бархӯрдор буд.Ҳамаи касоне, ки бо ӯ вохӯрдаанду ӯро аз наздик мешинохтанд, бо ин андеша ҳамраъйанд. Дигар, аз санъати суханвариву сеҳри каломаш шунавандагон ангушти таҳайюр мегазиданд. Дар аснои суханрониаш, хусусан дар Миср, он қадар мардум ба ҳаяҷон меомаданд, ки аз гиряву доду фарёд худдорӣ карда наметавонистанд.

Маҳз аз сабаби бо фарҳанги исломӣ сахт қаробат ва ошноӣ доштан, баъди шиносоӣ бо фарҳанги аврупоӣ худбохтаи он нагардид. Ӯ забонҳои гуногуне ба мисли забони арабӣ, англисӣ, франсузӣ, урду ва форсиро хуб медонист ва бо ин забонҳо таълифот низ дорад.Бо сиёсатмадорон ва олимони забардасти ҷаҳон сӯҳбату мунозираҳо карда буд. Сафарҳои мутааддиди Афғонӣ ба кишварҳои мухталифи мусулмоннишин боиси он гардид, ки бо урфу одот, расму таомули онҳо аз наздик шинос гардад. Бинобар ин вақте дар Миср буд, ӯро мисрӣ, дар Ҳиндустон-ҳинду, дар Эрон-эронӣ, дар Туркия-турк, дар Афғонистон-афғонӣ мегуфтанд. Афғонӣмехост мардуми мусулмоназ зери истибдоди истисморгарон озод бошанд. Онҳоро аз наздик мешинохт ва ба аксари кишварҳои мусулмоннишин сафар намудаву аз ҳолати иҷтимоии онҳо бохабар буд. Ба Миср, Ҳиндустон, Ҳиҷоз, Туркия, Эрон, Покистон рафта буду дар ҳар кадоме аз ин давлатҳо муддате истиқомат карда буд, бинобар ин моҳияти ҳаракатҳои аҳзоби сиёсии онҳо ва андешаҳои шахсиятҳои ин минтақаҳоро ба хубӣ омӯхта буд. Аз ин рӯ, аз иштибоҳоте, ки Абдуҳ ва бисёр муслиҳони дигар дар ин ҷода рӯ ба рӯ гаштаанд, эмин монд.Инчунин Афғонӣ дар бораи вазъи сиёсиву иқтисодӣ ва ҷуғрофии кишварҳои мусулмоннишин маълумоти васеъ дошт.

Саййид Ҷамолуддини Афғонӣ бо теғи забон ва нуки қалами худ заминасозӣ кард ва дар рӯҳу ҷони мусулмонон заминаҳои истиқлолхоҳиро бедор сохт. Ӯ мекӯшид мусулмонон бо илму фанни замонавии шарқиву ғарбӣ шинос бошанд, аммо онҳоро аз он барҳазар медошт, ки усули тафаккуру ҷаҳонбиниашон ғарбӣ нагардад. Ӯ даъват мекард, ки мусулмонон улуми ғарбиро омӯзанд , вале қотеона зидди ба мактабҳои онҳо пайвастан буд.Зеро ӯ ба хубӣ дарк карда буд, ки ғарбиён ба Шарқ танҳо ба хотири манфиатҳои шахсии худ чашм дӯхтаанд. Афғонӣ азоби шадиди рӯҳӣ мекашид, ки мусулмонон мавриди тохтутози ғарбиён қарор гирифтаанд. Маҳз ин бегонагон буданд, ки амволи мусулмононро тасарруф намуданд, заминашонро бо зӯрӣ аз худ карда байни ҳамдигар тақсим намуданд, тарсу бим дар дили эшон коштанд ва яъсу ноумедиро дар рӯҳияи онҳо ҷой кунониданд.

Афғонӣ шогирдону пайравони зиёдеро ба камол расонид, аммо ба Абдуҳ таваҷҷӯҳи махсус дошт. Муҳаммад Абдуҳ, бо он ки шогирди Афғонӣ ба ҳисоб мерафт ва ҳар ду дар андешаи ислоҳи дину дунёи мусулмонон буданд, ба қудрату иқтидори дин дар ислоҳи ҷомеа бовар доштанд, динро ба тариқи борзгашт ба асолаташ мехостанд аз хурофоту бидъатҳо пок созанд, аз шукӯҳу ҳашамати аз даст

---

[489] *Степанянц М.Т.* Мусульманские концепции в философии и политике Х1Х-ХХ вв. М.: Наука, Гл.ред.вост.лит., 1982. - с.61.

рафтаи мусулмонон маҳзун буданду роҳи боз пас ба даст оварданашро меҷустанд, аммо дар равиш ва усули фаъолият байнашон як қатор тафовутҳо ҷой дошт.

Абдуҳ барои ислоҳи андешаҳои динӣ вижагиҳои махсус дошт, ки озодандешиву раҳоӣ аз тақлид, бозгашт ба сарчашмаҳои нахустини маърифати динӣ ва дарки дурусти он аз ҷумлаи онҳост.

Афғонӣ аз ҷумлаи мутакаллимини мутааххир асту таъсири мактабҳои фалсафии дигари шарқӣ дар андешиҳои ӯ хеле кам ба мушоҳида мерасад.Абдуҳ ҳарчанд пайрави фалсафаи калом ва яке аз барҷастатарин намояндагони мутакаллимини мутааххирбошад ҳам, дар андешаҳои ислоҳии ӯ таъсири афкори донишмандони бузурги машшоӣ ба мисли Форобӣ, Ибни Сино ва Ибни Рушд назаррас аст. Ӯ ба донишмандони ғарбӣ ба мисли Спенсер ва Толстой низ таваҷӯҳи махсус дошт ва китоби «Тарбият»-и Спенсерро ба арабӣ тарҷума карда, аз таҷрибаи омӯзишии ӯ баҳраманд гардида буд. Ҳамчунин аз андешаҳои ислоҳии динии Толстой ва пеш аз ҳама тарбияти ислоҳии ҷомеаро ба роҳ мондану аз хушунату зӯроварӣ дурӣ ҷустани ӯ илҳом гирифтааст. Читавре ки дар мактубаш ба Толстой иброз медорад, ки ту уфуқи тозае дар зеҳни мо кушодӣ ва ҳиҷоби тақлидро аз мо дур кардӣ[490].

Абдуҳ ва Афғонӣ аз ду ҷиҳат бо ҳам ихтилофи назар доштанд: якум, Афғонӣ инқилоби фикрӣ мекарду Абдуҳ тарафдори ислоҳи тадриҷӣ буд; дуюм, Афғонӣ мубориза бо истибдод ва истиъморро асоси барномаҳои худ қарор дода ба ин бовар буд, ки аввал бояд ин дуро решакан кард, аммо Абдуҳ тарбият ва омӯзиши ҷомеаро муқаддам аз фаъолияти сиёсӣ медонист, ки ин андеша дар рисолаи “Осор-ул-маҳоким-ул-маръият”-аш бо тафсил баён шудааст.

Яке аз муҳимтарин ҳадафҳои худро Абдуҳ ислоҳи дин, озодии фикр аз қайди тақлид ва бо қувваи ақлонӣ, ки афзалтарин қувваи инсонист, такя намудан, муаррифӣ мекунад[491].

Абдуҳ дар фазои андешаҳои динӣ, бахусус дар арсаи калому фиқҳу тафсир, бо масоили ҷумуди афкори динӣ таваҷҷӯҳи хосе дошт. Муҳимтарин даъвои ислоҳии ӯро эҳёи ақл ва истиқлоли он дар маърифати динӣ ташкил медиҳад. Ислоҳи андешаҳои динӣ, аз нигоҳи Абдуҳ, нахустин қадами бедории исломист, ки бо кӯмаки ақли солим ба бор меояд. Доир ба нақши ақл аз нигоҳи Абдуҳ донишманди мисрӣ Муҳаммад Аммора се нуктаро қайд менамояд: якум, дар ҳавзаи тафсири Қуръон, ки муҳимтарин китоби динии мусулмонон аст, бояд суханҳои гуногунҷабҳаи муфассиринро канор гузошт, зеро баёни аҳвол тафсир нест, маънии ақлу фаҳм ва тафсири Қуръон зарур аст, ки ба ҳифзи шароити хосе бо ошноӣ бо забону услуби Қуръон ва он чи ба қуръоншиносӣ алоқаманд аст, пайваста мебошад ва бояд ба қасди ҳидоят ба тафсири Қуръон ҳиммат гузошт, дар ҳоле ки бештари муфассирон худро ба эъробу алфози қуръонӣ машғул доштаанд; дуюм, ақл муҳимтарин қувва аз иқтидорҳои инсонист ва Қуръон барои мутолиаи ақл нозил шудаасту он чи қаламрави ақлро муайян мекунад фитрат аст; сеюм, Абдуҳ байни матни Қуръон ва мутуни дигар чунин фарқ мегузорад: дар ривоёт бо далели ношинос будани ровӣ бояд ин ривоятро бо Қуръон муқоиса кунем ва агар он мувофиқи китоб аст, қабул дорем, агар мухолифи он аст, рад мекунем, аммо ривоёте, ки на мухолифи Қуръон асту на мутобиқи он, бояд ба ақл арза дорем, ки дар ин ҳавза ақл майдони фарохтаре дорад[492].

Бо таваҷҷӯҳ ба таҳлиле, ки Абдуҳ мақому манзалати ақлро баррасӣ намудааст, Муҳаммад Аммора хулосаи ӯро “Салафияти ақлонӣ номидааст”[493].

Дигар аз фарқиятҳое, ки дар фаъолияти ислоҳии Афғонӣ ва Абдуҳ ба мушоҳида мерасад, ин хоҳиши ба адабу забон низ ислоҳ ворид намудани Абдуҳ

---

[490] *Ҳамид Иноят*. Сайре дар андешаи сиёсии араб. Теҳрон, 1977,- с.129.

[491] *Муҳаммад Аммора*. Алаъмол-ул-комилати ли-л-имом Муҳаммад Абдуҳ. Ҷилди аввал. Қоҳира, 1993, - с.81.

[492]*Муҳаммад Аммора*. Алаъмол-ул-комилати ли-л-имом Муҳаммад Абдуҳ. Ҷилди аввал. Қоҳира, 1993, - с.184-185.

[493] Ниг. ҳамон ҷо.

мебошад, ки Муҳаммад Аммора онро “инқилоб”[494] арзёбӣ намудааст. Ӯ саҳми Абдуҳро дар ташаккули забони арабӣ аз Ҷоҳиз, ки яке аз забардасттарин адибони араб аст, кам намешуморад. Абдуҳ тоза нигоҳ доштани забонро яке аз муҳимтарин вазифаҳои олимону адибон ҳисобидааст, аммо андешаи Афғониро аз ҳама бештар озодии иҷтимоиву сиёсӣ банд намуда буд.

Андешаҳои ислоҳии Абдуҳ бо таносуби таҳаввулоти сиёсиву иҷтимоӣ “фарозу нишебе” дошт, аммо Афғонӣ сарфи назар аз вазъияти сиёсиву иҷтимоӣ дар маркази андешаҳои тарғиботиаш як андеша ҷой дошт, ки он бо ҳар роҳе ки бошад, аз сари шарқиён дур кардани истеъморгарони аҷнабӣ буд. Абдуҳ бо ҳамкорӣ бо Афғониву бо наҳзати Аробӣ амалан худро дар арсаҳои гуногуни сиёсиву иҷтимоиву фарҳангӣ қарор дод, аммо ба ҳар ҳол, ӯ мӯътақид буд, ки барои бедории шарқиён инқилоб ҷавобгӯ нест, балки ба онҳо зарур аст, ки рӯ ба ислоҳи комили иҷтимоиву фарҳангӣ ниҳанд, то аз ин тангно якбора набошад ҳам, оҳиста-оҳиста берун оянд[495]. Яъне Абдуҳ мекӯшид бо роҳи маърифатнок намудан ва ҷаҳонбинии фалсафӣ пайдо кунонидан ба тариқи таълиму тарбият мардумро бедору худогоҳ намояд. Ҳатто дар аснои тафсир намудани Қуръон низ ин андешаҳоро иброз дошта, ба шарҳи вазъи иҷтимоиву сиёсии эшон аз нигоҳи илҳоми аз Қуръон гирифтааш мепардохт[496].

Дигаре аз ҷанбаҳои андешаҳои ислоҳии Абдуҳ, ки Афғонӣ ба он таваҷҷӯҳи камтар кардааст, вазъияти занони мусулмон ва бозсозии нигоришҳо дар бораи ҳуқуқи эшон буд. Ӯ мехост занони мусулмон аз ҷамъият гӯшагирӣ накунанд ва дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ мисли занони давраи ибтидои Ислом муассир бошанд. Абдуҳ дар андешаҳои ислоҳиаш фасли наве боз кард, ки таълиму тарбияти занон, иштироки онҳо дар корҳои ҷамъиятӣ ҳамчун мардон, нописанд будани аз як зан бештар доштани мардон дар замони муосир ва талоқу ҳуқуқҳои байни зану шавҳарро фаро гирифтааст. Ин андешаҳо дар китоби “Таҳрир-ул-маръат”-и Қосим Амин, ки бо таъсири бевоситаи Абдуҳ таълиф шуда ва баъзе фаслҳои он, мувофиқи нишондоди бархе аз мӯҳаққиқон, ба қалами Абдуҳ тааллуқ доранд, равшан ба назар мерасанд.

Хуллас, Афғонӣ ва Абдуҳ дар муқобили истеъмори ғарбиён ва истиқлоли сиёсиву иҷтимоӣ доштани шарқиён андешаи муштарак доштанд, вале бо усули мутафовит. Агар муҳимтарин роҳи ислоҳи матлуб, аз назари Афғонӣ, инқилоб ҳисобида шавад, ба андешаи Абдуҳ, ислоҳи фикри динӣ асосӣ ва муқаддам бар ҳар навъ ислоҳоти иҷтимоӣ арзёбӣ мегардид. Муҳимтар аз ҳама, таъсири фаъолияти ислоҳии ин ду мутафакир то имрӯз дар Шарқ эҳсос мегардад.

### СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ РЕФОРМИСТКОЙ ТЕОРИИ САЙИДА ДЖАЛОЛИДДИНА АФГОНИ И МУХАММАДА АБДУХА

Афгони и Абдух в концепции заданного колонизма и социально-политической независимости Востока имеют одинаковый взгляд, но с незначительным различием.

Если по мнению Афгони, революция являлась важнейшим средством преоброзования, то по мнению Абдуха, религиозно-просветительские реформы являются главным критерием социальных перемен в обществе.

Важнейшим является то, что влияние реформы, продленной в душе мыслителями, и по сей день ощущается на Востоке.

### SUPERLATIVE ANALYSIS OF REFORMS TO THEORIES SAUIDA DZHALOLIDDINA AFGONI AND MUHAMMADA ABDUH

Afgoni and Abduh in concepts given colonize and social-political independence of the orient has a glance with small difference.

---

[494]Ҳамон ҷо. - С.191.

[495]Ҳамон ҷо. - С.48.

[496]*Аҳмад Амин*. Зуъамоу-л-ислоҳ фи-л-асри-л-ҳадис. Қоҳира, 2009, - с.308.

If in the opinion of Afgani revolutions being facility of the transformation that in the in the opinion of Abdukha religious of the reform is a main criterion social changes in society.

The most important is that influence of the reform in shower thither and on nowadays is felt in the East.

## ДАСТОВАРДИ МУҲИМ ДАР ИЛМИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮИИ ВАТАНӢ

**Солиев К.Х.***

**Рахимов Р.Ҳ. «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ». Китоби дарсӣ. Душанбе: Эр-Граф, 2012, - 578 с.** Нахустин маротиба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон китоби дарсии «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» (қисми умумӣ) аз ҷониби номзади илмҳои ҳуқуқ, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-лейтенанти милитсия Раҳимов Рамазон Ҳамроевич ба нашр расидааст, ки аз ҷониби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати китоби дарсӣ дар мактабҳои олӣ тавсия гардидааст.

Китоби мазкур ҷабҳаҳои ин намуди фаъолияти ҳуқуқиро фарогир буда, дар он назарияи илмии олимони бузурги ин соҳа истифода шудаанд ва ҳамчунин китоби рӯимизӣ барои таълим додан дар муассисаҳои олии таълимӣ ва миёнаи махсуси мақомоти дахлдор пешкаш гардидааст.

Дар таърихи илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аввалин маротиба аз ҷониби муаллиф тадқиқоти диссертатсионӣ, ки ба самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бахшида шудааст, амалӣ гардонида шуд ва айни замон ӯ тадқиқоти худро вобаста ба назарияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва амалияи он давом дода истодааст.

Вақтҳои охир дар самти номбаршуда аз тарафи олимони беруни кишварамон, махсусан Россия, як қатор корҳои назариявӣ бахшида шудаанд (дар дохили кишвар ин кори илмии аввалин мебошад). Вале омӯзиши ин корҳои илмӣ барои корманди оддии оперативӣ як қатор душвориҳо дорад ва махсусан, ҳангоми пурра гузаштани таълим ба забони давлатӣ ин баръало эҳсос мешавад.

Бинобар ин, муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки ин китоби дарсиро баҳри омӯзонидани донишҷӯён, кормандони амалӣ ва омӯзгорон бо забони оммафаҳм пешкаш намояд, ки он аз нахустин иқдомҳо дар ин самт бо забони тоҷикӣ мебошад.

Курси таълимии «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аҳамияти калони илмӣ-амалӣ дошта, барои беҳтар намудани тайёрии касбии мутахассисони соҳаи ҳуқуқшиносӣ нигаронида шудааст. Диққати махсус дар он ба таъмини меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дода шуда, илова бар ин, на танҳо меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, балки инчунин, меъёрҳои соҳаҳои дигари ҳуқуқ, ки бевосита ба ҳамин мавзӯъ муносибат доранд, таҳлил карад шудаанд.

Дар китоб ҳамаи масъалаҳое, ки бо моҳияти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, батанзимдарории ҳуқуқу манфиатҳои инсон ва муносибатҳои ҷамъиятие, ки вобаста ба содир намудани ҷиноят ва ба таври пинҳонӣ муайян намудан ва кушодани он алоқаманд аст, баррасӣ шудаанд.

Таҷрибаи баамалбарории қонуният дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, тарзу усули ҷамъоварии маълумот ва далел ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва дар рафти он тартиб додани ҳуҷҷатҳои лозимӣ, пешкашнамоии онҳо барои мурофиаи ҷиноятӣ ва шакли истифодабарии онҳо барои исботкунӣ бо

* *Солиев К.Ҳ.* – муовини аввали сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳуқуқшиноси шоистаи Точикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, полковники милитсия.

парвандаи ҷиноятӣ аз муҳимтарин масъалаҳои баррасигардида дар ин китоби дарсӣ мебошад.

Мутахассиси ояндаи самти ҳуқуқ (муфаттишон, прокуророн, судяҳо, адвокатҳо) бояд на танҳо дорои дониш доир ба танзими ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бошад, балки дар бораи асосҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, таъиноти онҳо, тарзҳо ва роҳҳои асосии гузаронидани онҳо, тартиби ҳуҷҷатнокии натиҷаҳои бадастовардашуда, пешниҳод намудани онҳо ба муфаттиш, прокурор, судя, истифода бурдани онҳо дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ва ғайра дониш дошта бошанд.

Ҳангоми надоштани дониши амиқ дар ин самт, имконияти муайян намудани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз нуқтаи назари қонунӣ будани онҳо, дараҷаи эътиборнокии иттилоотии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, муайян намудани перспективаи амалигардонии маводи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ки дар рафти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ вайрон шуданашон мумкин аст, амалӣ гардонидани назорати прокурории мақсаднок ва назоратбарии самараноки судӣ аз болои фаъолияти оперативӣ- ҷустуҷуӣ ва ғайра хеле мушкил мегардад.

Китоби дарсии мазкур барои кормандони оперативӣ, муфаттишон, судяҳо, прокуророн, адвокатон, донишҷӯён, аспирантону адъюнктон, омӯзгорон, инчунин шаҳрвандон, ки ба масъалаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ шавқ доранд, фоиданок мебошад.

Муаллиф ба олимон ва мутахассисони соҳаҳои ҳуқуқ ва филологияи ҷумҳурӣ, ки бо эроду таклифҳои худ мазмуни китоби дарсии мазкурро ғанӣ гардонидаанд, сидқан миннатдории худро изҳор менамояд.

## Важное достижение в отечественной оперативно-розыскной науке

**Солиев К.Х.***

***Рахимов Р.Х.* «Оперативно-розыскная деятельность» (Общая часть). Душанбе: Эр-Граф, 2012, - 596 с. (на государственном языке).** Представляемый вниманию учебник «Оперативно-розыскная деятельность», подготовленный Министром внутренних дел Республики Таджикистан, кандидатом юридических наук, Заслуженным юристом Таджикистана, генерал-лейтенантом милиции Рахимовым Рамазоном Хамроевичем, является одной из первых работ открытого характера по основам оперативно-розыскного законодательства, выполненная на государственном языке. Автор является одним из основоположников научного направления в области современной отечественной сыскной работы - системного исследования законодательного регулирования оперативно-розыскной деятельности в Республике Таджикистан.

В учебнике раскрываются общие, наиболее существенные положения теории оперативно-розыскной деятельности, определяющие ее сущность, значение и место в системе государственно-правовых мер борьбы с преступностью.

В учебнике обобщен огромный по объему материал, включая момент зарождения оперативно-розыскной деятельности на территории исторического Таджикистана до настоящего времени, а также изложение ее по периодам, что способствовало

---

* *Солиев К.Х.* – первый заместитель начальника Академии МВД Республики Таджикистан, Заслуженный юрист Таджикистана, кандидат юридических наук, полковник милиции.

раскрытию развития теории и практики оперативно-розыскной деятельности в республике.

Учебник состоит из 4 разделов и 15 глав (596 страниц). На основе изложения отобранного фактического материала автор показал закономерности становления и развития отечественной науки оперативно-розыскной деятельности, ее теоретическое и практическое значение. Такое рассмотрение вполне соответствует подходу к ее изучению и преподаванию в рамках учебных дисциплин.

Учебник снабжен ценными комментариями, широко используются правовые документы. С учетом того, что при проведении негласных оперативно-розыскных мероприятий затрагиваются права и свободы человека и гражданина, основное внимание в учебнике уделено конституционным принципам, утверждающим приоритет прав человека и их соответствие международным правовым нормам, признанным Республикой Таджикистан. При этом немаловажное значение придается морально-этическим аспектам правоохранительной деятельности.

В контексте соблюдения прав человека в учебнике широко использованы международные правовые акты, посвященные деятельности правоохранительных органов, в частности множественные Конвенции и Соглашения ООН, СНГ и других международных организаций (Совет Европы, Интерпол, Европол и т.п.). Также рассматривается проблема пыток, т.е. запрет применения насилия в деятельности органов, осуществляющих оперативно-розыскную деятельность. Говоря о Конвенции против пыток (Резолюция № 39/46 Генеральной Ассамблеи ООН от 10 декабря 1984 г.), следует отметить, что наша страна ратифицировала этот документ и сделала тем самым значительный вклад в деле защиты основных прав и свобод своих граждан.

Поэтому в учебнике делается важный вывод о том, что успешное решение правоохранительных задач, т.е. борьба с преступностью, обеспечение охраны общественного порядка, надежная охрана прав и законных интересов граждан и, в конечном счете, укрепление доверия населения к правоохранительным органам находится в прямой зависимости от соблюдения законности среди личного состава.

Многолетний практический опыт специалистов свидетельствует, что эффективность противодействия различным проявлениям преступности зависит от знаний в области оперативно-розыскной деятельности, позволяющих правильно ориентироваться в любой обстановке и находить верные решения в самых неожиданных и нестандартных ситуациях. Научные знания о сущности, социальном значении, разведывательной природе, правовых и организационных основах оперативно-розыскной деятельности, вместе с положениями юридической науки, являются одним из необходимых профессиональных качеств сотрудников правоохранительных органов, осуществляющих оперативно-розыскные функции.

Учебник адресуется широкому кругу читателей: студентам, слушателям, курсантам, преподавателям учебных заведений МВД Республики Таджикистан и других юридических вузов, практическим работникам правоохранительных органов Республики Таджикистан и всем, кто интересуется вопросами оперативно-розыскной деятельности.

При написании работы учтен и использован опыт подготовки традиционных учебных и учебно-методических пособий по курсу “Оперативно-розыскная деятельность органов внутренних дел”, а также концепция, обосновывающая возможность и необходимость преподавания основ оперативно-розыскного законодательства даже в неспециализированных юридических вузах.

Этим и обусловлено решение Коллегии Министерства образования Республики Таджикистан, которое своим постановлением № 25/32 от 29 декабря 2011 года «Об издании учебника «Оперативно-розыскная деятельность (Общая часть)» для студентов высших учебных заведений» рекомендовало использовать данную книгу в качестве учебника для всех высших учебных заведений страны, в которых подготавливаются юридические кадры.

Поэтому нельзя не оценить настоящее издание, как новый крупный вклад в изучение теории и практики оперативно-розыскной деятельности нашей страны. Работа позволяет значительно расширить диапазон самостоятельной работы обучающихся в юридических ВУЗах, она с большим интересом будет встречена всеми, кто стремится к пополнению знаний в этой области

Несколько слов об авторе: он, как практик и ученый, долгие годы посвящал свою трудовую и творческую работу изучению теории и практики оперативно-розыскной деятельности, внеся весомый вклад в становление научных представлений об оперативно-розыскной деятельности. Известен не только в республике, но и далеко за ее пределами, постоянно публикует свои научные труды в различных изданиях. В частности, он системно публикует свои работы в одном из влиятельных в пределах СНГ всероссийском вневедомственном научно-практическом и информационном журнале «Сыщик» (Москва), входящим в перечень ведущих рецензируемых изданий, рекомендованных ВАК России. Одновременно, Рамазон Хамроевич с 2010 года является членом редколлегии данного издания.

Он является непосредственным автором и участником разработки проекта первых и последующих законов Республики Таджикистан об оперативно-розыскной деятельности. Автор является разработчиком нескольких законопроектов, в частности, Уголовного кодекса, законов «О милиции», «О государственной тайне», «О противодействии легализации (отмыванию) доходов, полученных преступным путем, и финансированию терроризма» и т.д.

Автором опубликовано свыше 60 научных и учебно-методических работ по вопросам правового регулирования организации и деятельности органов, осуществляющих оперативно-розыскную деятельность, уголовному праву и основам нового оперативно-розыскного законодательства.

## *ТАРТИБИ*

## *ҚАБУЛ ВА НАШРИ МАҚОЛАҲО ДАР МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВИИ «ОСОРИ АКАДЕМИЯ»*

Маҷалла тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» интишор мешавад.

Маҷаллаи илмӣ-назариявии «Осори Академия» нашрияи Академияи ВКД Ҷумҳурии Точикистон буда, фарогирандаи бахшҳои ҳуқуқ, таърих, фалсафа, филология, иқтисод, информатика ва фанҳои дақиқ мебошад.

Дар мачалла натичаи корҳои илмӣ-тадқиқотии ҳайати профессорону олимон, омӯзгорони Академияи ВКД ва олимони ватаниву хориҷӣ нашр карда мешаванд.

Маблағи нашр аз ҳисоби Академия пардохт мешавад.

Ҳайати таҳририя, ки ба он мутахассисосни соҳаҳои гуногуни илм шомил мегарданд, бо фармони сардори Академия тасдиқ карда мешаванд.

Маҷалла мақолаҳои илмию назариявӣ ва методиро бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва аглисӣ дар бар гирифта, соле 3-4 маротиба нашр мешавад.

Идораи мачалла мақолаҳои илмии устодонро тибқи қарори кафедра ва тақризи мутахассис қабул менамояд.

Мақолаҳое, ки ба суроғаи «Осори Академия» ирсол мешаванд, бояд бо талаботи зерин ҷавобгӯй бошанд:

1. дар мақолаҳои илмӣ ҳалли масъалаҳо аниқ ва равшан истифода гарданд;
2. ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, ҷадвал, диаграмма, графика ва матни аннотатсия (0,5) набояд аз 10 саҳифаи чопӣ (А-4) зиёд бошад;
3. мақолаҳо бояд дар компютер тибқи барномаи MicrosoftWord хуруфчинӣ ва шакли электронӣ бо гарнитураҳои Times NewRoman ё Times NewRomanTj сабт карда шаванд;
4. фосила банйни сатрҳо 1,5 см., ҳошия аз тарафи чап 3 см., аз тарафи рост 1,5 см., аз боло 2 см. ва аз поении саҳифа 2 см.-ро ташкил намуда, матни мақола аз тарафи рост саҳифабандӣ карда шавад;
5. дар саҳифаи аввали мақола ному насаби муаллиф, унвон ва муассисаи корӣ зикр мешавад;
6. дар охири мақола суроға, рақами телефон ва e-mail муаллиф (муаллифон) ҷой дошта мешавад;
7. сарчашмаҳои иқтибосшаванда дар шакли поварак (сноски) дода мешавад. Шуморагузории поваракҳо пайҳам буда, дар низоми «дар ҳар як саҳифа» («на каждой странице») дастӣ гузошта мешавад. Ҳангоми таҳияи поваракҳо мебояд ному насаби муаллиф, номи пурраи асар, шумораи ҷилд, макони нашр, нашриёт, соли нашр ва саҳифаи истифодашуда зикр гардад. Ҳангоми иқтибоси такрорӣ адабиёти иқтибосшуда дар шакли мухтасар оварда мешавад;
8. фишурдаи мақола бо забони англисӣ ва тоҷикӣ (русӣ) дар охири мақола навишта шавад.

Ҳайати таҳририия ҳуқуқ дорад, ки мақолаҳои илмиро ихтисор ва ислоҳ намояд.

Дастхатҳои мақола баргардонда намешаванд.

*П о р я д о к*

***ПРИНЯТИЯ И ОПУБЛИКОВАНИЯ СТАТЕЙ В НАУЧНО-ТЕОРЕТИЧЕСКОМ ЖУРНАЛЕ «ТРУДЫ АКАДЕМИИ»***

Журнал издается на основании требований Закона Республики Таджикистан «О печати и других средствах массовой информации».

В научно-теоретическом журнале «Труды Академии» печатаются статьи, содержащие результаты научных исследований по юриспруденции, истории, философии, филологии, информатике и естественным наукам.

В журнале издаются результаты научно-исследовательских работ профессорско-преподавательского состава Академии МВД, а также работы отечественных и зарубежных ученых.

Оплата издания производится за счет Академии МВД.

Журнал издается на русском и таджикском языках с периодичностью в 3-4 раза в год.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

1. статья должна быть понятной и доходчивой;
2. размер статьи не должен превышать 10 страниц (А-4) компьютерного текста, включая текст, таблицы, диаграммы, графику и рисунки;
3. статья должна быть подготовлена в системе MicrosoftWord . рукопись должна быть отпечатана на компьютере гарнитурой TimesNewRoman или TimesNewRomanTj;
4. шрифт 14, формат А-4, интервал полуторный, поля: верхнее – 2 см., нижнее – 2 см., левое – 3 см.. правое – 1,5 см, листы – пронумерованы;
5. на первой странице справа указывается автор (авторы) статьи, место работы, должность, звание, ниже через один интервал по центру – название статьи;
6. в конце статьи указывается адрес, номера телефонов, а также e-mailавтора (авторов);
7. цитируемая в статье литература дается в виде подстрочных сносок. Нумерация сносок сквозная, от руки, в режиме «на каждой странице». При оформлении сносок следует указывать фамилию и инициалы автора (*курсивом)*, полное название книги, номер тома, место издания, издательство, год издания, страницу. При повторной ссылке цитируемая литература приводится в сокращенной форме;
8. в конце статьи приводится аннотация на английском и таджикском (русском) языках.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи.

Рукописи статей авторам не возвращаются.

*734024, ш.Душанбе, кӯчаи Восеъ 123*
*Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*734024, г.Душанбе, улица Восе 123*
*Академия МВД Республики Таджикистан*

***Тел.: + (992 37) 226-60-48***
***Факс: + (992 37) 226-60-43***

Ба чоп 20.04.2012 с., таҳвил шуд. 60x84, 1/16, 15 п/л
Гарнитура «Times New Roman», «Times New Roman Tj»
Теъдод 300 д., Супориш №
Нархаш – шартномавӣ

**Маҷалла дар ҶДММ «Шаҳпар» ба табъ расидааст**
**734036, ш.Душанбе, хиёбони «Дӯстии халқҳо», 47**